**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**“ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ”**

***Ба ҳуқуқи дастнавис***

**ТДУ 373:891.550**
**ТКБ 74.00+83, З. Тоҷ**
**Қ – 93**

**ХОЛБОЙЗОДА ФАТҲИДДИН ХОЛБОЙ**

# АҚИДАҲОИ ПЕДАГОГИИ МИРЗО АБДУЛҚОДИРИ БЕДИЛ ВА ТАТБИҚИ ОНҲО ДАР СИНФҲОИ БОЛОИИ МАКТАБҲОИ МУОСИРИ ТОҶИК

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301 –Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

**Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ, профессор**
**Лутфуллозода Маҳмадулло**

**БОХТАР – 2024**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА....................................................................... 3**

**БОБИ I. ОМИЛҲОИ АСОСИИ ОБЪЕКТИВИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ АФКОРИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚӢ ВА ҶАҲОНБИНИИ МИРЗО АБДУЛҚОДИРИ БЕДИЛ....................................... 17**

1.1. Вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии нимаи дуюми асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII дар Ҳиндустон......................................... 17

1.2. Муҳити илмӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ-ахлоқии замони Мирзо Абдулқодири Бедил ва таъсири он ба ҷаҳонбинӣ ва афкори педагогии мутафаккир........................................................................................ 32

1.3. Дараҷаи омӯзиши ҳаёт, эҷодиёт ва афкори педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил дар сарчашмаҳои илмӣ ва таърихӣ.................... 45

Хулосаи боби аввал....................................................................... 58

**БОБИ II. МАСЪАЛАИ ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ИНСОН ДАР ОСОРИ АДАБӢ-ПЕДАГОГИИ МИРЗО АБДУЛҚОДИРИ БЕДИЛ........................................................................... 62**

2.1. Мирзо Абдулқодири Бедил дар боби мақому манзалати инсон ва фазилатҳои некиву накукории ӯ..................................... 68

2.2. Масъалаи адабу ахлоқ, саховатмандиву ҳимматбаландӣ ва хоксориву фурутанӣ дар осори Мирзо Абдулқодири Бедил............... 89

2.3. Мирзо Абдулқодири Бедил дар боби дӯстиву рафоқат, сидқу вафо, сабру таҳаммул ва ваҳдату якдилӣ............................................... 110

2.4. Масъалаи ростию росткорӣ ва ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ аз нигоҳи Мирзо Абдулқодири Бедил....................................................... 125

2.5. Корҳои озмоишвӣ- санҷишӣ ва таҳқиқотӣ оид ба андешаҳои маънавӣ-ахлоқии Мирзо Абдулқодири Бедил дар шароити ҷомеаи муосир......................................................................................... 137

Хулосаи боби дуввум................................................................... 176

**ХУЛОСА........................................................................... 181**

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА............................................. 198**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Қобили зикр аст, ки бо дарназардошти соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ислоҳоти куллии соҳаи илму маориф дар шароити ҷомеаи навини тоҷикон арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ, ба вижа осори илмӣ, адабӣ, педагогӣ ва психологии халқ ва мутафаккирони алоҳидаи бузурги он, аҳамият ва муҳимияти махсусро касб кардааст.

Омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи афкори педагогии халқи тоҷик ва андешаҳои гаронбаҳои таълиму тарбиявии мутафаккирони алоҳидаи бузурги он шароит ва имконият фароҳам меорад, то ин ки, агар аз як тараф, дар раванди таълиму тарбияи насли наврас хусусиятҳои сирф миллӣ ба эътибор гирифта мешавад, аз дигар, дар ин замина барои беҳтар намудани сатҳу сифат ва самаранокии ин раванд ва дар амал татбиқ намудани онҳо дар рушди ҷомеаи муосир аҳамияти бениҳоят назаррасро доро мебошад.

Имрӯз ба тамоми ҷаҳониён аён аст, ки халқи тоҷик соҳиби фарҳанги бою қадима буда, бо мероси илмӣ, адабӣ, фалсафӣ ва фарҳангии хеш ба хазинаи илму фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми назаррас гузоштааст. Вале то имрӯз, таърихи афкори педагогии халқи тоҷик ба таври бояду шояд мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст.

Дар шароити кунунии ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи афкори сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, адабӣ, фалсафӣ ва педагогии ниёгони бузурги халқи тоҷик дар таълиму тарбия ва пешрафти ҷомеаи муосир метавонад нақши басо арзишмандеро бозад. Мероси бойи илмӣ, адабӣ ва фарҳангии онҳо, муҳим аз ҳама, метавонад дар таълиму тарбияи наслҳои оянда ваҳдату ягонагии халқ, пойдории сулҳу салоҳ, оромии кишвар, устуворию мустаҳкамии давлату давлатдории ҷомеаи навини тоҷикон арзиши беҳамто дошта бошад.

Дар ташаккул ва такомули ҷаҳонбинии илмӣ, такмили одобу рафтор, рушди сифатҳои ахлоқӣ, бой гардонидани ҷаҳони маънавӣ ва таълиму тарбияи наслҳоиояндаи халқи тоҷик осори мутафаккири бузурги халқи тоҷику форси

нимаи дуюми асри XVII ва ибтидои асри XVIII Мирзо Абдулқодири Бедил аҳамияти арзишмандеро доро буда, нақши босазое бозида метавонад.

Афкори педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил бо зарурати азхудкунии эҷодии дастовардҳои ғояҳои динӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ, иҷтимоии тамаддуни асрҳои XVII-XVIII дар Ҳиндустон асоснок карда шудааст. Он ба ташаккули ҳисси мазҳабпарастӣ, бунёди якҷоя ва барпокунии олам, боварии тарафайни байни халқҳои гуногун таъсир расонидааст.

Мирзо Абдулқодири Бедил, дар таълимоти хеш қудрати ақлу хиради инсон, мақому манзалат ва ахлоқи ҳамидаи инсонро васф карда, ғояҳои пешқадами замонашро тарғибу ташвиқ намудааст. Мутафаккир инсонро васф карда, роҳҳо ва тарзу усули ташаккул ва такомули ба камолот расидани ӯро ҷустуҷӯ кардааст.

Андешаҳои педагогии Мирзо Бедил дар доираи ҳамкории одамон, таъсиррасонӣ ва бою ғанӣ гардонидани ҳамдигар, пеш аз ҳама, бо мақсади муайянсозии ҳамкориҳои маданиятҳои ҳиндуия ва мусулмонӣ аҳамияти калон дорад. Ҳамзамон консепсияи тарбиявии Мирзо Бедил дар масъалаи нақш, мақом ва мавқеи инсон дар олам хеле муҳим аст. Ба қавли шоири ширинкалом, барпо сохтан ва пойдор нигоҳ доштани сулҳ дар ҷомеа яке аз шартҳои муҳимми ташаккули инсони комил ба ҳисоб меравад.

Афкори Мирзо Бедил, на танҳо афкори педагогии халқи тоҷик, балки фарҳанг ва маданияти тамоми мардуми Шарқро дар бар мегирад. Осори мутафаккири бузург ба синтези маданияти зеҳнии мусулмонӣ ва ҳиндӣ то дараҷае таъсир расонидааст, ки он дар адабиёт, фалсафа, фарҳанги халқҳои мусулмонии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла халқҳои тоҷик, ӯзбек, афғон, ҳиндӣ, покистон решаи чуқур давонд. Ҳамин нуктаро бояд махсус зикр намоем, ки эҷодиёти Мирзо Бедил бо синтези маданиятҳои мухталиф тавсиф меёбад.

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти мазкур боз дар он аён мегардад, ки дар раванди муносибатҳои нави сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳаёти ҷомеаи муосири Тоҷикистон дар асоси арзишҳои ахлоқӣ-маънавие, ки бо анъанаҳои таърихӣ асос ёфтаанд, сурат мегиранд ва ин масъала дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013), «Консепсияи миллии тарбия дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2006) ва дар дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи соҳаи маорифи ҷумҳурӣ инъикоси худро ёфтаанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Омӯзиш ва таҳқиқи аҳвол ва осори Мирзо Бедилро ҳанӯз ҳамасрони ӯ оғоз бахшида буданд. Дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти шоири бузург Шерхони Лунди дар асараш «Миръот-ул-хаём» ва Мир Азаматулло Бехабар дар асараш зери унвони «Сафинаи бехабар» маълумот додаанд. Баъдан, Ғуломалӣ Озод Балғиромӣ бо номи «Сарфи озод» дар бораи Мирзо Абдулқодири Бедил маълумот иншо намудааст.

Зикр бояд намуд, ки оид ба масъалаи аҳвол ва осори Мирзо Бедил олимони тоҷик низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалинҳо шуда, дар асоси навиштаҳои тазкиранависону таърихнигорони Ҳиндустон устод Садриддин Айни дар монографияи худ таҳти унвони «Мирзо Абдулқодири Бедил» дар бораи аҳвол ва осори шоири машҳур ва аҳамияти он дар рушди адабиёти халқи тоҷик андешаҳои худро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар ин ҷо, бояд таъкид намуд, ки дар мавзуи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Мирзо Абдулқодири Бедил баъд аз устод С. Айнӣ боз олимони тоҷик, ба монанди Мирзоев А., Ҳусейнзода Ш., Айнӣ Х.С., Шукуров Ш., Олимов К., Содиқова Н.Н., Ғуломов М., Ҳамидов Б., Раҳимӣ Б., Афсаҳзод А., Тағоймуродов Р.Ҳ., Нуров Н. ва дигарон асарҳо офарида, пешкаши ҳаводорони эҷодиёти шоири бузург гардонидаанд.

Масъалаи омӯзиш ва таҳлили аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил дар Тоҷикистон нафақат дар шакли асарҳои алоҳида ба чоп расонида шудаанд, балки дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ низ ба монанди маҷаллаҳои «Маърифат», «Садои Шарқ» (с. 2017(№2,9); (с. 2019 №5) ва ғайра ба чоп расонида шудаанд.

Ба масъалаи ҳаёт, фаъолият ва ақидаҳои фалсафии Мирзо Абдулқодири Бедил олимони даврони Шӯравӣ ҳам таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардаанд. Ақидаҳои фалсафии Мирзо Абдулқодири Бедил бори аввал аз тарафи олими Ӯзбекистон, академик Муъминов И. мавриди пажӯҳиши махсус қарор

гирифтааст. Ӯ дар асари худ ба мавҷудияти нуктаҳои диалектикии афкори Мирзо Абдулқодири Бедил низ ишора намудааст.

Шарқшиноси шинохтаи Шуравӣ академик Бертелс Э. дар мақолаҳои худ «Бедил ва таълимоти ӯ дар бораи таҳаввулот» ва «Баъзе қайдҳо дар бораи Бедил» ба баъзе масъалаҳои баҳснок дар осори шоир, аз ҷумла ба муносибати ӯ ба назарияи таҳаввулот ва дар мақолаи дигар бошад Мирзо Бедилро ҳамчун олими пешқадами замони худ баҳои баланд додааст.

Ба мавзуи аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил олимони мамлакатҳои хориҷи дуру наздик, ба монанди Осиёи Марказӣ, Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон ва ғайра диққати махсус додаанд. Дар ин кишварҳо, баҳри омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи аҳвол ва осори Абдулқодири Бедил мактабҳои махсуси «Бедилхонӣ», «Бедилшиносӣ» ва дигар доираҳои адабию фалсафӣ дар Афғонистон, Эрон, Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Истаравшан, Кобул, Ҳирот, Балх ва дигар марказҳои илмӣ, адабӣ ва фарҳангӣ амал менамоянд.

Набӣ Ҳодӣ дар асараш «Мирзо Бедил» дар баробари аҳвол ва осори Мирзо Бедил ба як қатор ғазалу истилоҳоти суфиёнаи ӯ низ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Китоби Мир Муҳаммад Осаф Ансорӣ, ки асари А. Мирзоевро тарҷума карда, соли 1351 (1972) дар шаҳри Кобул ба чоп расонида буд, дорои аҳамияти илмиву адабии хеле арзанда мебошад. Дар асари мазкур, сухан дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Абдулқодири Бедил рафта, тамоми жанрҳои назму насри шоири бузург мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Яке аз олимони шинохтаи Афғонистон Салоҳиддини Салҷуқӣ китоби худро, ки таҳти унвони «Накди Бедил» ба табъ расонидааст, ба омӯзиш ва таҳқиқи аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил бахшидааст. Асари номбурда, ба мавзуъҳои алоҳида қисмат гашта, дар он ғояҳои мутафаккир оид ба масъалаи ҳастӣ, идрок, этика ва дигар масоил мухтасар шарҳ дода шудаанд. Салоҳиддини Салҷуқӣ шеър ва ғазалҳои шоирро дар сатҳи баланд ва хеле хуб, бапуррагӣ ва ба таври саҳеҳ шарҳ додааст.

Дар пажуҳиши аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил хизмати назарраси олимони афғон аз он иборат буд, ки «Куллиёт»-и шоир дар чор ҷилд зери роҳбарии Халилуллоҳи Халилӣ дар шаҳри Кобул ба чоп расонида шуд.

Бояд қайд кард, ки солҳои охир нисбат ба фаъолияти эҷодии Мирзо Бедил дар Эрон низ таваҷҷуҳ карда шуда истодааст. Дар шаҳри Теҳрон дар заминаи «Куллиёт»-и Мирзо Бедил, ки дар шаҳри Кобул нашр шуда буд, бо баъзе ислоҳот Куллиёти шоир бо номи (Мирзо Абдулқодири Бедил. Куллиёт. Ҷилди аввал, 1341, ҷилди дуввум ва савум - 1342) дар се ҷилд бо пешгуфтори Парвоз Аббоси Даконӣ ба чоп расонида шуд.

Ба масъалаи услуби ҳиндӣ ва назми Мирзо Бедил китоби шоири эронӣ Муҳаммад Ризо Шафеи Кадканӣ зери унвони «Шоири оинаҳо» ба чоп расонида шудааст. Дар китоби мазкур, шоири эронӣ масъалаи ҳаёт ва услуби Мирзо Бедилро ба риштаи таҳлил кашида, моҳияти эҷодиёти ӯро кушода додааст.

Дар китобе, ки Убайди Софӣ дар он ғазалҳои Мирзо Абдулқодири Бедилро гирд овардааст, пешгуфторе навишта, дар он тарҷумаи холи шоирро низ мавриди таҳлил қарор додааст. Дар ин асар мақолаҳои Абдулазиз Поиз ва Латиф Пидром низ пешкаш шудаанд, ки масъалаҳои мазмун ва жанри эҷодиёти Мирзо Бедилро дар бар гирифтаанд.

Зикр бояд кард, ки олими итолиявӣ Александр Баузани дар мақолаи худ «Бедил ба Ғолиб» «услуби ҳиндӣ»-ро муайян сохта, таъкид менамояд, ки Мирзо Бедил дар рушди назми форсӣ нақши хеле калон бозидааст. Чи тавре, ки аз таҳқиқоти Александр Баузани маълум мегардад, ӯ дар назми шоир масъалаҳои иҷтимоии ӯро ба назар нагирифтааст, ки ин яке аз масъалаҳои муҳимми эҷодиёти мутафаккири бузург ба шумор меравад.

Зикр бояд кард, ки рисолаву мақолаҳое, ки ба аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил бахшида шудаанд, хусусияти адабӣ ва илмӣ-омавӣ дошта, дар тарғибу ташвиқ ва шинос намудани ҷаҳонбинӣ ва афкори шоир нақши назаррас бозидаанд.

Андешаҳои пурқимати Мирзо Бедил оид ба диншиносӣ ва фиқҳ дар тарбияи наврасону ҷавонон ва ташаккули ҳисси мазҳабпарастӣ, эҳтиром ва

боварӣ байни намояндагони мазҳабҳои гуногун дар ҷомеа, мубориза бар зидди зӯроварӣ ва фисқу фуҷур дар замони муосир хеле муҳим аст.

Ақидаҳои педагогӣ ва умуман тарбиявӣ, иҷтимоии Мирзо Бедил на танҳо фарҳанг ва маданияти халқи тоҷикро дар бар мегирад, балки ба тамоми мардуми Шарқ низ тааллуқ дорад. Шоири ширинкалом бо эҷодиёти хеш ба синтези фарҳанг ва маданияти ақливу зеҳнӣ ва ҷаҳонбинии мусулмонӣ ва ҳиндӣ таъсири хеле калон расонид, ки он дар фалсафа, адабиёт, тарбия ва рӯҳу равони (психологияи) халқҳои мусулмони Осиёи Марказӣ решаи чуқур давонд.

Сарчашмаҳои илмӣ, адабӣ ва таърихӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки афкори педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил то имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳо ҳамчун мавзуи пажӯҳиш мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Бинобар ин, таҳлил ва таҳқиқи афкори педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ва татбиқи он дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон бениҳоят муҳим буда, дорои қимати баланди илмӣ-таҳқиқотӣ мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогикаи МДТ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар мавзуи «Таҳқиқи таърихи афкори педагогии халқи тоҷик ва татбиқи он дар ҷараёни таълиму тарбия барои солҳои 2020-2025» ба роҳ монда шудааст. Зимни кор карда баромадани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ мо ба «Консепсияи мактаби миллии тоҷик» (1994), «Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»(2001), «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2006) такя намудем.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил, мақом ва нақши онҳо дар ташаккул ва рушди инсони комил ва роҳу равиши татбиқи онҳо дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосири ҷумҳурӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот:** Барои расидан ба мақсад ҳалли вазифаҳои зерин пешбинӣ гардида буданд:

- ҷустуҷӯ, дарёфт ва таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва илмию фарҳангии ташаккул ва рушди андешаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил, таъсири онҳо ба раванди таълиму тарбия, парвариши сифатҳои маънавӣ-ахлоқии насли наврас ва нишон додани рушди афкори педагогии халқҳои Ҳиндустон дар нимаи дуюми асри XVII ва ибтидои асри XVIII;

- омӯзиш, таҳлил ва баррасии ҷанбаҳои педагогӣ ва психологии асарҳои Мирзо Абдулқодири Бедил, ки раванди ташаккул ва рушди сифатҳои ахлоқи ҳамидаи инсони комилро дар шароити рушди ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад;

- муайян ва ошкор намудани алоқамандии ақидаҳои таълиму тарбиявии Мирзо Абдулқодири Бедил бо таҷрибаи муосири илми педагогикаю психология ва коркарди роҳу равиши рушди такомули фазилатҳои беҳтарин ва сифатҳои неки ахлоқи инсонии насли наврас;

- асоснок намудани шаклҳо, роҳҳо, тарзу усул ва воситаҳои тарбияи ахлоқии инсони комил дар асоси осори педагогӣ ва психологии Мирзо Абдулқодири Бедил дар шароити рушди ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- коркарди пешниҳод ва тавсияҳои методӣ оид ба истифодаи андешаҳои тарбиявии Мирзо Абдулқодири Бедил дар раванди тарбияи инсони комил, ба вежа ташаккул ва рушди сифатҳои маънавӣ-ахлоқии инсонии насли наврас.

**Объекти таҳқиқот:** Осори илмию адабӣ ва ақидаҳои маънавӣ-ахлоқии Мирзо Абдулқодири Бедил оид ба масъалаҳои таълиму тарбияи инсони комил.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот:** Ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ва татбиқи онҳо дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосири тоҷик.

**Фарзияи таҳқиқот**. Ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил дар раванди таълиму тарбия дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври самаранок амалӣ мешаванд, агар:

- омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи мақсадноки ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ва истифодаи он дар раванди таълиму тарбия дуруст ба роҳ монда шуда, самаранокии натиҷаҳои тарбияи маънавӣ таъмин карда шаванд.

- дар асоси таъмини ягонагӣ, мақсаднокӣ, системанокӣ дар фаъолияти талиму тарбиявии омӯзгорони мактабҳои муосири тоҷик амалӣ карда шаванд;

- дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таъсири вижагиҳои педагогикаи миллии халқи тоҷик ва аҳамияти он таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир карда шавад.

**Марҳала, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти мазкур дар се марҳалаи бо ҳамдигар алоқаманд гузаронида шуд:

**Марҳалаи аввал (солҳои 2017-2018).** Дар ин марҳала мақсад, объект, предмет ва вазифаҳои асосии таҳқиқот дар заминаи омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи андешаҳои фалсафӣ, адабӣ, педагогӣ ва иҷтимоии Мирзо Абдулқодири Бедил муайян карда шуданд.

**Марҳалаи дуюм (солҳои 2018-2020)**-ро дар бар гирифта, дар ин давра дар асоси ақидаҳои педагогӣ, психологӣ ва иҷтимоии Мирзо Абдулқодири Бедил байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 9, 10, 12-и ш. Бохтар, № 18, 26, 35-и н. Кӯшониёни вилояти Хатлон ва шунавандагони филиали Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар вилояти Хатлон машғулиятҳои таълимӣ ва чорабиниҳои тарбиявӣ ташкил карда гузаронида шуданд. Ҳамзамон, дар асоси афкори педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил шаклҳо, роҳҳо, тарзу усул ва воситаҳои фаъолияти ташкил карда гузаронидани машғулиятҳо ва чорабиниҳои таълиму тадрис муайян карда шуданд. Инчунин дар марҳалаи мазкур, таҳқиқоти муқарраркунӣ, озмоишӣ ва назоратӣ ташкил карда гузаронида шуд, ки натиҷаҳои бадастомада мавриди таҳлил қарор дода шуда, тибқи камбудиҳои ҷойдошта технология ва роҳу усулҳо аз нав дида баромада шуданд.

**Марҳалаи сеюм (солҳои 2020-2023).** Дар ин марҳала дар асоси таҳқиқот ва коркарди натиҷаҳои он диссертатсия дар шакли мукаммал тайёр карда шуд. Натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷамъбаст ва ба низоми муайян даровардa шуданд, хулоса, пешниҳодҳо ва тавсияҳои методӣ асоснок карда шуданд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот:** Асосҳои назариявии таҳқиқотро муқаррароти фалсафӣ, педагогӣ, психологӣ, антропологӣ, асарҳои ходимони давлатию ҷамъиятӣ, адабиётшиносӣ ва таърихшиносӣ дар бораи зарурати

омӯзиш ва истифодаи мероси фарҳангию педагогии намояндагони бузурги илму маданияти гузашта, аз ҷумла мутафаккирони машҳури халқи тоҷик ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот:** Асосҳои методологии таҳқиқотро назария ва муқаррароти фалсафӣ, педагогӣ, психологӣ, афкору андешаҳои ходимони давлатӣ ва ҷамъиятӣ, адабиётшиносон, фарҳангшиносон ва муаррихон, ки дар асоси зарурати ташкили раванди таълиму тарбия зимни омӯзиш ва истифодаи мероси педагогӣ ва фарҳангии намояндагони бузурги илм, адабиёт ва фарҳанги халқи тоҷик, ба вежа мероси педагогию адабии Мирзо Абдулқодири Бедил, ҳамзамон санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯзиши осори мутафаккирони бузурги гузаштаи халқи тоҷику форс, консепсияҳое, ба азнавсозӣ ва ислоҳоти раванди таълиму тарбия равона шудаанд, ташкил кардаанд.

**Сарчашмаҳои маълумот:**

- асарҳо, рисолаҳо, ғазалҳо, маснавиҳо, рубоиҳо, маҷмӯаҳо аз осори Мирзо Абдулқодири Бедил дар забони асл ва дар шакли тарҷума;

- таҳқиқоти монографӣ ва рисолаҳои илмии бунёдии олимони соҳаи педагогика ва таърихи педагогика: Орифӣ М., Обидов И., Раҳимов Б., Лутфуллоев М., Афзалов Х., Қодиров М., Каримова И.Х., Паҳлавонов А., Абдураҳимзода Қ.С. ва дигарон, ки ба масъалаи афкори педагогии мутафаккирони бузурги халқи тоҷику форс бахшида шудаанд;

- таҳқиқоти файласуфон, шарқшиносон, адабиётшиносон, бостоншиносон, муаррихони тоҷик, рус ва дигар кишварҳои хориҷӣ: С. Айнӣ, А. Мирзоев, Х.С. Айнӣ, Ш. Ҳусейнзода, М. Шукуров, К. Олимов, Н.Н. Содиқова, М. Ғуломов, Б. Ҳамидов, Б. Раҳимӣ, А. Афсаҳзод, Е. Бертелс, Набӣ Ҳодӣ, Мир Муҳаммад Осаф Ансорӣ, Салоҳиддин Салҷуқӣ, Парвоз Аббоси Даконӣ, Ризо Шафеи Кадканӣ, А. Баузанӣ ва дигарон:

- «Дурдонаҳои назми тоҷик», «Ахтарони адаб», «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик», «Энсиклопедияи насри форсу тоҷик», «Энсиклопедияи шӯравии тоҷик», «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Чеҳраҳои мондагор», «Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ» ва ғайра.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар асоси мақсад ва вазифаҳои муайяншуда, дар раванди амалӣ намудани кори таҳқиқотӣ **муқаррароти зерин** заминаҳои зерини эмпирикии таҳқиқотро ташкил карданд:

- омӯзиш ва таҳлили назариявии асарҳои Мирзо Абдулқодири Бедил, ки масъалаҳои педагогика ва психологияро дар бар гирифтаанд, ҳамзамон диссертатсияҳои илмии олимони мамлакатҳои гуногун, ки ба таҳлил ва таҳқиқи андешаҳои адабӣ, педагогию психологии Мирзо Абдулқодири Бедил бахшида шудаанд;

- интихоб ва ба низоми муайян даровардан ва хулоса кардани ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил;

- омӯзиш, таҳлил ва муқоисаи таҷрибаи пешқадами кафедраҳои педагогика ва психологияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиш ва истифодаи мероси илмию педагогии мутафаккирони бузурги гузаштагони халқи тоҷику форс дар ҷараёни ташкили таълим ва тарбия;

- омӯзиш ва таҳлили маводи бойгонӣ, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ аз фанни педагогика ва маҷаллаю рӯзномаҳои даврӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда;

- мушоҳидаҳои педагогӣ, суҳбатҳо, анкетаронӣ, муколамаҳо, тестҳо, эссе бо хонандагон, омӯзгорон, падару модарон ва ҳ.к.

- ташкил карда гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ-озмоишӣ бо хонандагони синфҳои болои дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Пойгоҳи таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии  рақамҳои 9, 10, 12-и шаҳри Бохтар ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақамҳои 26, 18, 35-и ноҳияи Кушониён мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот:** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки:

- бори аввал барои ба низоми муайян даровардани ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил дар тарбияи ба камол расидани шахс, муайян намудани фазилатҳои ахлоқи неки шахсият, ки ба ташаккул ва такомули

маънавӣ-ахлоқии инсони комил таъсири мусбат мерасонанд, кӯшиш ба харҷ дода шудааст;

- муҳити сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмию фарҳангӣ дар эҷодиёти шоири нимаи дуюми асри XVII ва ибтидои асри XVIII-и тоҷику форс Мирзо Абдулқодири Бедил инъикос ва ақидаҳои педагогии ӯ дар асоси далелҳои таърихӣ ба таври мушаххас ва муфассал баён карда шудаанд;

- зарурати таҳлил ва таҳқиқи осори илмию адабӣ ва педагогию иҷтимоии шоири ширинкалом ва олиму мутафаккири нимаи дуюми асри XVII ва ибтидои асри XVIII дар ин боб бо далелҳои боэътимод собит карда шудааст, ки омӯзонидан, таълим додан ва мавриди таҳлил қарор додани он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ташаккул, такомул ва рушди илму фарҳанги миллӣ, бою ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавии шахс ва ба солимгардонии ахлоқи ҷомеа мусоидат менамояд;

- дар заминаи таҳлил ва таҳқиқи осори педагогию иҷтимоии Мирзо Абдулқодири Бедил, аҳамияти амалӣ гардонидани андешаҳои маънавӣ-ахлоқии ӯ дар шароити ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби тарбияи маънавӣ-ахлоқии инсони комил, ки нақши бузург мебозад, исбот карда шудааст;

- бо дарназардошти талаботи рушди ҷомеаи муосир ва тағйирёбии афкори маънавӣ, ахлоқӣ ва динии ҷаҳони кунунӣ воқеияти андешаҳои таълиму тарбиявии Мирзо Абдулқодири Бедил, истифодаи таълимоти педагогии шоир дар раванди татбиқи нишондодҳои «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва баланд бардоштани сифати тарбияи ахлоқии насли ҷавон нишон дода шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- риштаҳои асосӣ ва муҳимми тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли ҷавон дар шароити рушди ҷомеаи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил;

- ташкил ва муайян намудани шаклҳо, роҳҳо ва тарзу усули дурусти тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврас дар мисоли намунаи муносибат, рафтор ва шахсияти Мирзо Абдулқодири Бедил;

- муайян намудани сабабҳо ва монеаҳои асосӣ дар коркарди методикаи истифодабарии ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил дар раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврас;

- коркарди тавсияҳо доир ба шаклҳо, роҳҳо ва тарзу усулҳои пурсамар ва сифатнок истифода намудани таълимоти педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил дар раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврас.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:** Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аён мегардад, ки ба омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи минбаъдаи раванди рушди афкори педагогии мутафаккирони бузурги тоҷику форс мусоидат менамояд. Таҳқиқи афкори педагогӣ Мирзо Абдулқодири Бедил ба пурра сохтани норасоиҳое, ки дар омӯзиши мероси педагогии мутафаккирони гузаштаи тоҷику форси ин давраи таърихӣ мавҷуд аст, барои равшанӣ андохтан ба аксар масоили тарбия, ки то ҳол ҳаматарафа ва амиқ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор наёфтаанд, мусоидат менамояд. Натиҷаҳои илмии бадастомада, хулосаҳо ва тавсияҳои методии диссертатсия дар таълими фанни таърихи педагогика, аз тарафи кормандони соҳаи маориф, инчунин дар рафти хондани курсҳо ва семинарҳои махсус аз рӯи масъалаи мазкур метавонанд самаранок истифода карда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода ёфтаанд, ки тавассути методологияи муқаррароти назария, такя ба истифодаи маҷмӯи усулҳои таҳқиқот, ки ба мақсад ва вазифаҳои он мувофиқанд анҷом ёфтаанд. Муҳимияти мавзуи таҳқиқот ба ҳадаф ва вазифаҳои дар диссертатсия ироашуда мутобиқат дорад. Муқаррароти назариявии таҳқиқот бо далелҳои кофӣ аз корҳои ҳам муҳаққиқони хориҷӣ ва ҳам аз дидгоҳи олимону пажуҳишгарони варзидаи ватанӣ асоснок карда шудаанд, ки онҳо ҳаматарафа омӯхта, таҳлил ва коркард гардида, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомшуда дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод карда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Соҳаи таҳқиқоти диссертатсия ба мундариҷаи бандҳои зерини шиносномаи илмии 6D010301-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот доир ба таҳқиқи

масъалаҳои методологияи педагогика, назарияи педагогика, таърихи педагогика ва таҳсилот, антропологияи педагогӣ, этнопедагогика, педагогикаи муқоисавӣ ва пешгӯии педагогӣ мувофиқат мекунад:

Банди 2. Таърихи рушди илми педагогика ва амалияи таълим (рушди таърихии амалияи таҳсилот; ташаккул ва рушди афкор; консепсияҳо, назарияҳо; омӯзиши монографияи мероси педагогии омӯзгорони маъруфи замони гузашта); таърихи этнопедагогика;

Банди 5. Назария ва консепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низомҳои педагогии тарбия; консепсияҳои этнопедагогии тарбия);

Банди 9.Таҳқиқоти байнифаннии ҷанбаҳои педагогии таълим (таҳқиқоти соҳаҳои гуногуни рушди маориф дар асоси ҳамгиройии соҳаҳои мухталифи илмии дониш; таҳқиқи фаъолияти педагогӣ дар қаринаи антропологияи иҷтимоӣ-фалсафӣ; мубрамсозии ҷузъи педагогии равандҳои иҷтимоӣ).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот .** Муаллифи кори таҳқиқотӣ дар ҳама марҳалаҳои таҳқиқоти озмоишӣ: асосноккунии назариявӣ ва амалии кор, коркарди натиҷаҳои бадастомада, шарҳ, омӯзиш ва таҳлили андешаҳои фалсафӣ, педагогӣ ва иҷтимоии мутафаккир, ҷамъбасти хулосаҳо ва пешниҳоди тавсияҳои методӣ инчунин дар суҳбатҳо, гирифтани анкетаҳо, вохӯриҳо, иштироки бевосита дошт ва навиштани иншо, эссе ва ғайра, таҳти роҳбарии муаллиф иҷро карда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Пешниҳод, хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ дар раванди фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми вилояти Хатлон, ташкил карда гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ-озмоишӣ бо хонандагони синфҳои болои дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ татбиқ гардиданд, дар курсҳо ва семинарҳои донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ байналмилалӣ дар Шурои илмию методии факултети педагогика ва варзиш, ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима гардиданд, ки саҳеҳият ва асоснокии масъалаи мазкур,

қоидаҳо ва талаботи методологии таҳқиқотро исбот сохтанд ва ғояҳои асосӣ ва муҳимми онро тасдиқ намуданд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Ғояҳои асосӣ ва муҳимми илмии таҳқиқот ва натиҷаҳои он дар 10 номгӯи мақолаҳо дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд ва 2 мақолаи дигар дар дигар маводи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, амалӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашрияҳо ба чоп расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия дар 198 саҳифаи чопи компютерӣ манзур гардида, адабиёти истифодашуда аз 145 номгӯй иборат буда, 7 ҷадвал ва 2 диаграммаро дар бар гирифтааст.

# БОБИ I. ОМИЛҲОИ АСОСИИ ОБЪЕКТИВИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ АФКОРИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚӢ ВА ҶАҲОНБИНИИ МИРЗО АБДУЛҚОДИРИ БЕДИЛ

## 1.1. Вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии нимаи дуюми асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII дар Ҳиндустон

Дар асоси маълумоти сарчашмаҳои илмию таърихии саддаи XVII ва аввали садаи XVIII дар Ҳиндустон вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ пур аз муборизаҳои дохилӣ буда, ба қатлу ғорати мамлакат ва халқи бечора сабаб гардидааст.

Бояд зикр кард, ки ҳарчанд дар бораи Ҳиндустони тоисломӣ сарчашмаҳои ками дар кам то ба замони муосир омада расидааст, аммо онҳо ба мушаххас будани афкори худ, гуногунии ғояву ақидаҳояшон моро ба ҳайрат ва тааҷҷуб меоранд. Албатта, ҳамаи ин дар ташаккул ва рушди афкори педагогӣ нақши боризи худро боқӣ мондааст. Ҳиндустон яке аз он давлатҳои қадимтарини Шарқ мебошад, ки маданият ва фарҳанги қадимаи худро дар ҳамбастагӣ ба тамоюлҳои муосир нигоҳ доштааст.

Ба Ҳиндустон таъсири истилои мусулмонӣ дар ибтидои асри XI дугуна ва пурихтилоф буд. Дар ин давра, агар мардум, аз як тараф, аз зулму золимии истилогарон рӯ ба гурез ниҳода буданд, аз тарафи дигар, мутобиқшавии пайдарпай ва бемаънию бешуурона ба тарзи ҳаёт ва афкори нави аҷнабиён ба мушоҳида мерасид. Дар ин замон, як навъ якҷояшавии маданиятҳо ба миён омад: услубҳои нави меъморӣ, пайдо шудани сару либос ва намуди хӯрокҳои дигар, яъне, дар маҷмуъ ҳаёт ба куллӣ тағйир ёфт. Ин якҷошавӣ, хусусан дар мусиқӣ баръало зоҳир гашт, ки он анъанаҳои қадимаи классикии ҳиндиро нигоҳ дошта, ҳамаҷониба ривоҷу равнақ ёфт. Забони форсӣ ба ҳайси забони расмии дарбор қабул гашта, аксар вожаҳои форсӣ ба таври васеъ паҳн гаштанд, ки инро мо дар замони муосир низ ба хубӣ пай мебарем. Дар баробари ин, забонҳои халқӣ низ бою ғанӣ гашта, рӯ ба рушд ва такомул ниҳоданд.

Дар Ҳиндустони асримиёнагӣ таъсири ислом ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавию фарҳангии халқ хеле баръало намоён буд, ки дар натиҷаи

юришҳои ғосибона дар Осиёи Миёна ва Марказӣ ва шимолу ғарбии Ҳиндустон истилогарони мусулмон ҳукмрон мегарданд.

Бо мақсади равшану возеъ гаштани замоне, ки Абдулқодири Бедил ба сар бурда буд, ба мо лозим меояд, ки дар навбати аввал баъзе воқеаҳо ва ҳодисаҳои таърихиро дар Ҳиндустон ба таври мухтасар ҳам бошад шарҳ диҳем.

Дар давраи ҷорӣ шудани дини ислом ҳарчанде, ки арабҳо мехостанд, ки дини мусулмониро дар Ҳиндустон ҷорӣ намоянд, аммо онҳо дар ин ҷода ба ягон кори назаррас мувафақ нашуданд. Дини исломро дар Ҳиндустон дар аввалҳои асри XI гуфтан мумкин аст, ки Маҳмуди Ғазнавӣ ҷорӣ кардааст.

Зикр бояд намуд, ки дар охирҳои асри XV дар Ҳиндустон бо сабаби зиддиятҳои дохилӣ вазъият хеле бад гашта буд. Дар ин давра зиддиятҳо ва муборизаҳои дохилии феодалӣ бисёр шиддат гирифта, дар байни хукмронони он кишвар пай дар пай ҷангу хунрезӣ давом мекард, хоҷагии қишлоқ хароб мегардид ва зулму золимии феодалӣ қувват мегирифт. Ҳолате, ки дар ин давра ба миён омада буд, муборизаи синфиро дар Ҳиндустон аз пешина дида боз ҳам шиддат ва авҷ мебахшид. Агар дар он вазъияте, ки дар он давр ба вуқуъ пайваста буд боз зиддиятҳои динӣ, хусусан зиддияти байни мусулмонон ва ҳиндуёнро ба назар гирем, аз мавқеи сиёсӣ ва иқтисодӣ то чи андоза бад будани вазъияти ҳамонвақтаи Ҳиндустон хеле равшан мегардад.

Дар ин ҷо бояд ҳаминро махсус зикр намоем, ки набераи Темур Бобурмирзо аз ҳамин вазъияти баамаломада истифода карда, аз Кобул ба Ҳиндустон роҳ ёфта, ба сари аҳолии ҷабрдида кулфатҳои бештарро овард.

Нуктаи дигарро бояд қайд намуд, ки подшоҳони исломӣ, ки берун аз Ҳиндустон мерафтанду ҳукмронӣ мекарданд, пушту паноҳ ва такягоҳи асосии онҳо, пеш аз ҳама, ҳамқабилаҳояшон ва мусулмонон, аз ҷумла мусулмонони муҳоҷир буданд.

Дар давраи ҳукмронии Темуриён дар Ҳиндустон дар раванди шадид гаштани низоъ дар байни мазҳабҳои шиаву сунниҳо ва равияҳои зиёд пайдо кардани тариқатҳои машоих дар Осиёи Марказӣ ва Эрон мувофиқ омад, дар қатори муҳоҷирон, ин зиддиятҳои мазҳабӣ ва маслакӣ ба Ҳиндустон низ роҳ ёфта, дар як муддати кутоҳ сар то сари ин кишвар ривоҷ ёфтанд.

Дар давоми ин низоъҳо, муҳоҷирони осиёимиёнагӣ, ки роҳбари ҳукумат Темуриён буданд, ҳукуматро аз худашон дониста, худро аз муҳоҷирони дигар боло медонистанд. Аз ин хотир, онҳо аз паи несту нобуд сохтани мазҳаби шиа ва дигар мухолифони худашон мубориза мебурданд.

Чунин вазъи ногувор дар давраи аввалҳои ҳукумати Акбар, ки дар он вақт ҳоло бачаи хурдсол буду ҳукуматро мустақилона идора карда наметавонист, ба амал омада, ин ҳолат як фоҷиаро ташкил карда буд.

Дар ин хусус, устод С. Айнӣ дар асараш «Мирзо Абдулқодири Бедил» чунин овардааст: «Ин таассуб ва низоҳои мазҳабӣ дар байни авоми гузашта боз ҳам фоҷианоктар  шуд. Авоми муҳоҷирони Осиёи Миёна бо иғвои ягон мулло ягон касро «бадмазҳаб» гумон кунанд, дарав зада мекуштанд ва хонаашро тороҷ менамуданд ва ҷавобгар ҳам намешуданд» [22, 12].

Вазъи ба миёномада танҳо баъд аз он ки Акбар ба балоғат расида дар корҳои давлатӣ шахсан иштирок намуд, оҳиста-оҳиста рӯ ба беҳбудӣ ниҳодан гирифт. Акбар дар кишвар ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва динӣ ҷорӣ намуд. Барои дар амал ҷорӣ намудани ислоҳот аз ҷониби ҳукумат як қатор чораҳоро роҳандозӣ намуданд.

Масалан, аз тарафи давлат фармон ба тавсиб расид, ки дар кишвари Ҳиндустон ҳамаи динҳо баробар буда, касе ба дини касе бояд коре нагирад ва таъкиб нанамояд, мусулмон, ҳинду, маҷусӣ, яҳудӣ ва насоро бо ҳам баробар ва дӯстонаву аҳлона зиндагонӣ намоянд.

Масъалаи дигаре, ки ҳаллу фасл карда шуд, оид ба масъалаи ғуломдорӣ буд. Ҳамаи ғуломон озод карда шуданд.

Тадбири дигаре, ки ба  ин раванд таъсири хеле калон расонид ин таъмини дӯстии байни мусулмонҳо ва ҳиндуҳо буд.

Дар давраи зиндагии Абдулқодири Бедил дар Ҳиндустон воқеаи таърихие ба вуқуъ пайваст, ки ин ҳам бошад ба ин кишвар омадани европоиҳо буд. Аввалин шуда ба Ҳиндустон португалиҳо, сипас франсузҳо ва баъдан англисҳо ба ҳайси тоҷир омаданд ва баъдан баъзе ҷазираҳои ин кишварро мустамлика карда, якчанд бандарҳои баҳриро ба дасти худ гирифтанд. Ҳарчанд, ки европоиҳо ба Ҳиндустон роҳ ёфта буданд, аммо дар давраи ҳукмронии Акбар онҳо ба даруни Ҳиндустон даромада натавонистанд.

Бояд зикр кард, ки европоиҳо, дар аввал барои обрӯ, боварӣ ва нуфуз пайдо кардан дар байни мардуми Ҳиндустон дутарафа кор карда, бо яроқ ва пул ҷангҳои дохилиро ташкил мекарданд. Онҳо дар Ҳиндустон бо номи ширкат кор мебурданд ва баъд аз он ки пойтахти Ҳиндустон – Деҳлиро ба даст даровcovered, ҳукуматро аз номи генерал идора мекарданд.

Дар ин ҷо ба чунин нукта таваҷҷуҳ зоҳир кардан бамаврид аст, ки то вақте ки дар Ҳиндустон дӯстии халқҳо, баробарӣ, бародарӣ ва аз ҷумла иттифоқи мусулмонҳо ва ҳиндуҳо мустаҳкаму пойдор буд, давлат низ мустаҳкам ва кишвар аз ҳуҷумҳои хориҷиён дар амон буд.

Ҳамин ки ин якдиливу муттаҳидӣ шикаста шуда, вайрон гашт, кишвар сар то сар ба оташ гирифтор шуда, мардум аз озодӣ ва истиқлолияти хеш маҳрум гардид.

Дар Ҳиндустон ба сари ҳокимият омадани мусулмонон на танҳо ба истисмори мардуми деҳот, балки шаҳр низ оварда расонид ва ҳамзамон, ба муҳити маънавӣ бетаъсир намонд. Маданият ва фарҳанги синтетикӣ, ки аксари анъанаҳои Шарқро нигоҳ медошт, аз маданият ва фарҳанги арабҳо хеле фарқ мекард. Дар Ҳиндустон, ки дини ислом мавқеи ҳукмрониро ба даст дошта буд, маданият ва фарҳанги ӯ хеле бою ғанӣ гашта, рушд ёфт. Ин андешаро Ҷавоҳирлол Неру чунин изҳор кардааст: «Маданияте, ки арабҳо дар мамлакатҳои дур доштанд, мунтазам тағйир ва рушд меёфт. Дар он ғояҳои нави ислом пурзӯр буд, аммо онро маданияти ислом номидан нодуруст аст ва он иштибоҳи зиёдеро ба бор меорад» [82, 384].

Раванди таърихӣ-адабӣ ва маданӣ-маънавии халқҳои Ҳиндустонро дар асрҳои миёна ҳамчун марҳалаҳои мустақил ба давраҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

Якум – асрҳои VII-XIII; дуюм – асрҳои XIV-XV; сеюм – асрҳои XVI-XVIII. Ин тақсимотро ҳатто муҳаққиқони худи Ҳиндустон ҳам эътироф намудаанд. Давраи аҳвол, осор ва эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил ба давраи сеюм рост меояд.

Ин давраҳо раванди таърихӣ-адабӣ ва маданӣ-маънавии халқҳои Ҳиндустон мероси умумии классикиро барои тамоми мамлакат ба вуҷуд овард.

Ин ғояи муштараки сиёсӣ-иҷтимоии тамоми халқҳои гуногуни Ҳиндустон мебошад.

Дар мақолаи хеш «Суръат ва тартиби тамаддуни Ҳинд» Алаев Л.Б. қадим будани Ҳиндро ба давраҳои ведӣ, ведии дур ва классикӣ ҷудо кардааст. Ба андешаи Алаев Л.Б., ҳарчанде, ки ба рушди маданияти Ҳиндустон таъсири ориё дида мешавад, аммо махсусият ва нотакрории тамаддуни ҳиндии низ баръало намоён аст. Ҳамин тариқ, то давраи баррасишаванда ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоии Ҳиндустон серпаҳлу буд.

Ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил охири асри XVII – ибтидои асри XVIII-ро дар бар мегирад. Дар ин давра дар Ҳиндустон рӯйдодҳои зиёди таърихӣ ба вуқуъ пайвастанд. Бояд зикр кард, ки шароити сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ин давра ба ташаккул ва рушди афкори педагогӣ, иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинии Мирзо Абдулқодири Бедил таъсири хеле калон расонидааст. Ҳамин нуктаро бояд қайд кард, ки ҷараён ва ҳаракатҳои гуногун, ки дар Ҳиндустон амал мекарданд ба баланд рафтани мақом ва нақши ҷамъиятӣ-сиёсии дини ислом бавосита ё бевосита алоқамандӣ доштанд.

Дини ислом дар Ҳиндустон асосан баъд аз тохтутозҳои қушунҳои Маҳмуди Ғазнавӣ ҷорӣ шуд ва он натанҳо низоъҳо ва ҷангу ҷидоли диниро байни мусулмонону ҳиндувон ба миён овард, балки ба таназзули иқтисодиёт ва муносибатҳои муташаниҷи иҷтимоӣ-маданӣ оварда расонид.

Бояд зикр намуд, ки дар миёнаи асри XVII дар ҳудуди Ҳиндустон якчанд мамлакати феодалии ҳиндуӣ ва мусулмонӣ мавҷуд буд ва аз байни онҳо бо мутамарказияти нисбии худ Империяи Муғулҳои Бузург, ки дар давраи ҳукумронии Акбар (1556-1605) – подшоҳи бузургтарини муғулҳо тамоми Ҳиндустон ва як қисми Доконро дар бар мегирифт, фарқ мекард. Аммо империяи Муғулҳои Бузург дар давраи зиндагии Абдулқодири Бедил аллакай, салтанати аз сар гузаронида, рӯ ба таназзул ниҳода буд. Давраи мазкур, дар таърих ҳамчун давраи тезутундшавии вазъи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии дохилии сохти феодалӣ (ба ин давра дохил мешаванд давраҳои подшоҳии Шоҳиҷаҳон (1628-1658) ва Аврангзеб (1658-1707) ва ҷангҳою зиддиятҳои дохилӣ маълум аст.

Дар Ҳиндустон то давраи подшоҳии Акбар (охири ҳукмронии ӯ – с. 1606) ҳама гуна фикру ақидаҳои пешқадаме, ки аз тарафи намояндагони ҳаракату равияҳои гуногун гуфта мешуданд, зери таъқиби сахт қарор дода мешуд. Таъсири дини ислом то андозае пурзӯр шуда буд, ки на фақат ғайримазҳабон, балки шиамазҳабон таъқиб мешуданд. Кор то ба ҷое расида буд, ки феодалони воломақоми мусулмон дар давлати Муғулҳои Бузург мавқеи болотару афзалтар дошта, бойигарии мамлакатро ғорат карда, ба дину мазҳаб ва оини мардуми таҳҷоӣ бо тамасхур менигаристанд. Феодалҳои мусулмон маъбадҳоро вайрон карда, дар ҷои онҳо масҷид месохтанд. Онҳо аҳолии маҳаллиро маҷбур месохтанд, ки дини исломро қабул намоянд. Онҳоеро, ки дини ислом қабул кардан намехостанд, ба ғуломӣ табдил менамуданд ё аз онҳо барои дар дини худ мондан андоз меситонданд. Танҳо баъди он ки Акбар ҳокимиятро ба дасти худ гирифт, дар Ҳиндустон ислоҳоти иқтисодӣ, сиёсӣ ва динӣ гузаронида шуд. Ислоҳоти мазкур, дар асоси талаботи илмӣ-фалсафӣ ва динӣ ба роҳ монда, амалӣ карда мешуд. Шоҳ Акбар ба он мекӯшид, ки бо василаи ислоҳоти динӣ тамоми фуқарои давлати бузургро новобаста ба эътиқоди динӣ муттаҳид сохта, мамлакатро пурқувват карда, пойдор нигоҳ дорад.

Шоҳ Акбар ба хубӣ дарк мекард, ки аз байн бурдани анъанаҳое, ки асрҳо мардуми Ҳиндустон қабул карда, риоя менамояд, хеле кори сангин аст ва ҳатто дини ислом низ аз уҳдаи ин кор баромада наметавонад. Чунончи, ҳиндуия, ки аксари вижагиҳои психология ва фарҳангу маданияти миллии ҳиндувонро бо тарзи зиндагии онҳо, хусусияти тафаккур, самтҳои арзишнок, аз ҷумла озодиро инъикос мекард, бе муқовимат аз саҳнаи таърих рафта наметавонист. Қувваи дохилӣ ва ягонагии дини ислом дар якҷоягӣ бо ислоҳоти ҳарбӣ-сиёсӣ ва сиёсати иқтисодии пешгирифтаи Акбар, ки ба дастгирии ҳамаи дину мазҳабҳо дар Ҳиндустон равона карда шудаанд, на танҳо дар пойдорӣ ва мустаҳкамсозии пояҳои ҳукумат ва обрӯи ӯ, балки обрӯи худи дини ислом нақши бениҳоят бузургро бозиданд. Ғояи дини ислом, ки баробарии муъминонро дар назди Худо эътироф карда, парастиш мекард барои он қишрҳои ҷомеа, ки ягон хел ҳуқуқ надоштанд, хеле ҷолиб ва мақбули дили онҳо ба ҳисоб рафт. Дар баробари ин, сабаби дигаре, ки барои мардум қобили қабул афтод ин қарорҳои муҳимми Акбар ба ҳисоб мерафт, ки тибқи қарори мазкур, ғуломдорӣ бекор

карда шуда буд. Дар ҳамин давра, бо мақсади пойдории сулҳу субот дар байни мусулмонону ҳиндувони кишвар аз ҳиндувон ситонидани андози махсус бекор карда шуд. Устод Садриддин Айнӣ дар китоби худ «Мирзо Абдулқодири Бедил» дар ин хусус сухан карда, навиштааст, ки «Баъд аз эълон карда шудани «сулҳи кул» ба ҳамаи аҳли динҳо аз тарафи давлат ба як чашм нигоҳ карданд. Дар низоъҳои мазҳабӣ ба ҳамин асос ҳукм баровarда шудан гирифт. Ба аристократия ва роҷаҳои ҳинду ҳам мартабаҳои калони давлатӣ дода шуд. Худи Акбар барои пурқувват шудани иҷрои «сулҳи кул» аз ҳиндуҳо зан гирифт ва ба писаронаш ҳам аз онҳо зан гирифта дода, алоқаи хеширо ҳам мустаҳкам кард» [22, 12].

Агар аз тарафи нафароне, ки зиддиятӣ ва оштинопазирӣ нисбат ба динҳои дигар нишон дода мешуд, аз тарафи ҳукумати вақт таъқиб карда шуда, ба ҷавобгарӣ кашида мешуд. Ислоҳоте, ки аз тарафи ҳукумати кишвар гузаронида мешуд, пеш аз ҳама, ба якдигарфаҳмии шаҳрвандон, наздикшавии илм, адабиёт, фарҳанг ва умуман, ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маданияти нави ҳамаи қишрҳои ҷомеа таъсири бениҳоят калон расониданд.

Ислоҳоте, ки дар ин давра гузаронида мешуд ба наздикшавии адабиёт ва умуман ба рушд ва ташаккули қабати нави маданӣ таъсири калон расониданд. Масалан, ба забони форсӣ-тоҷикӣ якчанд китоби ҳиндии қадима, аз ҷумла эпоси ҳиндии қадимаи «Маҳабҳарата» тарҷума карда шуданд. Китобҳое, ки аз забони ҳиндӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷума шудаанд байни мусулмонон паҳн гаштаанд ва дар навбати худ, баъзе китобҳое, ки ба фалсафа, дин, таърих ва адабиёт бахшида шудаанд, мавриди тарҷума қарор гирифтанд. Кор то ба ҷое расид, ки мусулмонон дар тӯй ва маросимҳои худ баъзе урфу одатҳои ҳиндуёнро қабул карда, риоя мекарданд. Гарсен де Тасей – олими англис ин ҳолатро чунин тавсиф додааст: «Мусулмонҳо дар маросимҳои динии худ урфу одатҳои ҳиндиро қабул кардаанд…, ки мусулмонон ба ашхоси муқаддас пешкаш менамоянд, ба эҳдаи ҳиндувон монанд, чунки асосан аз биринҷ, равғани зард ва гул иборатанд…» [25, 23].

Давраи ҳукмронии Акбар ҳамчунин бо бунёди иншоотҳо, шабакаҳои калони обёрӣ, бунёди қасрҳое, ки бо меъмори ҷолиби худ фарқ мекунанд, маълуму машҳур аст. Маҳз дар ҳамин давра пойтахти давлати Муғулҳои Бузург

ба шаҳри калону обод мубаддал гашт. Забонҳои мардумони маҳаллӣ хеле рушду равнақ ёфта, ба ин забонҳо асарҳои адабӣ пайдо шудан гирифтанд.

Аз сарчашмаҳои илмӣ-адабӣ ва таърихӣ маълум аст, ки Абдулқодири Бедил ғояи навро, ки зери шиори «дини умумӣ» қабул шуда буд, ҳамаҷониба пазируфтааст. Асоси «дини умумӣ»-ро, ки барои ҳиндувон ва мусулмонон буд (дини Худо) ташкил медод. Ҳамин тавр, Акбар тамоми кӯшиши худро ба он равона месозад, ки ҷиҳатҳои мусбати динҳои ислом, зардуштия ва ҳиндуияро, ки дар сар то сари Ҳиндустон парастиш мекарданд, зери шиори баробарии ҳамаи одамон дар назди Худо ба ҳам пайваст намояд. Барои мисол гирем, ҳиндуён, манъи «сатӣ», яъне расми дар гулхани дафни шавҳар сӯзонидани бевазанро (зани марди фавтидаро) хеле ба хушӣ қабул намуданд. Абдулқодири Бедил низ ин расми беадолатонаи ҳиндуёнро дар достони «Ирфон»-и худ зери тозиёнаи танқид қарор додааст.

Бояд зикр намуд, ки зери чунин сиёсат ба Шоҳ Акбар муяссар шуд, ки чандин вилояту кишварҳои дигарро ба давлати худ ҳамроҳ намуда, сарҳади кишварашро васеъ намояд. Дар ин хусус Ҷавоҳирлол Неру чунин қайд кардааст: «Акбар дар ташаккули ҳисси ягонагӣ байни унсурҳои гуногуни Ҳиндустони Шимолӣ ва Марказӣ муваффақияти калонро ба даст оварад» [82, 328].

Баъд аз подшоҳии Акбар дар Ҳиндустон ба сари ҳокимият Ҷаҳонгир омад. Дар давраи ҳукмронии ӯ дар Ҳиндустон ягон ҳодиса ва дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайра ба амал наомад. Чунки шоҳ Ҷаҳонгир асоси сиёсию иҷтимоии ҳукуматро бетағйир монд. Соли 1627 дар Ҳиндустон ба тахт Шоҳиҷаҳон нишаст. Дар давраи аввали ҳукмронии худ Шоҳиҷаҳон ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоиро дар Ҳиндустон қариб, ки бетағйир гузошт. Аммо дасисаҳое, ки дар худи дарбори ӯ ба мушоҳида мерасиданд, пояҳои империяи мавҷударо оҳиста-оҳиста суст мекарданд. Ба он нигоҳ накарда, ки Шоҳиҷаҳон подшоҳи ифроткор ба ҳисоб мерафт, аммо дар давраи ҳукмронии ӯ якчанд ёдгориҳои таърихӣ ва дигар иншоотҳо ба монанди масҷидҳо, мадрасаҳо ва мактабҳои динӣ сохта шуданд.

Бояд зикр намоем, ки баъд аз он ки соли 1658 Аврангзеб ба сари ҳокимият омад тамомиислоҳоти Акбар бекор ё ба тағйирот дучор шуданд. Ӯ мехост, ки

ҳамаи одамонро ба як дин тобеъ гардонад. Вақте, ки Аврангзеб ба таъқиби намояндагони динҳои дигар гузашт ин тарзи кори ӯ ба таназзули иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг, маданият ва ҳаёти маънавӣ оварда расонид. Сарфи назар аз кӯшишҳои зиёди ӯ, дини ислом дар Ҳиндустон мавқеи махсусро ба даст оварда натавонист. Дар давраи ҳукмронии ӯ зулму ситами иқтисодию иҷтимоӣ зиёд шуда, аз ҳиндуён андози махсус, яъне иловагӣ меситонид, ноибонаш бошанд ҳар кореро, ки мехостанд, мекарданд. Ҳарчанд, ки Аврангзеб дар тартибу низоми ҳокимият диққати ҷиддӣ медод, аммо дар замони ҳукмронии ӯ шӯришҳои беохири меҳнаткашон, ҷангҳои дурударози қабилавӣ, ғорату дуздӣ мушоҳида мегардид. Абдулқодири Бедил оид ба ин масъала дар асараш «Чаҳор унсур» хабар додааст.

Алҳазар з-он фитнае к-аз табъи мардум гул кунад,
Иттифоқи ин ғубор аз барқ ҳам сӯзонтар аст.
Аз ҳуҷуми оҷизон ғофил набояд зистан,
Мури мискин ҳар куҷо ҷӯшад бо ҳам андар аст.
Имтиёзи неку бад маҳв аст дар ҷӯши авом,
Чун баланд афтод оташ, хушку тар хокистар аст [22, 314].

Дар давраи ҳокимияти Аврангзеб кор то ба дараҷае расид, ки хазинаи давлат рафта-рафта холӣ шудан гирифт, ҳокимони маҳаллӣ ба ҳукумат итоат намекарданд, мутафаккирони равшанфикр таъқиб мешуданд, намояндагони илму маърифат дар изҳор намудани фикру ақидаи худ эҳтиёткорона амал мекарданд. Ҳамаи ин муносибатҳо нисбати ҳукмронӣ ва давлатдории Аврангзеб ба он оварда расонид, ки империяи аз тарафи Темуриён таъсисдода, завол ёфт.

Дар ин бора Ҷ. Неру қайд кардааст: «Аврангзеби мутаассиб, суфимизоҷ ва порсо қадрдонии салоҷат ва илму адабиёт набуд. Ӯ вақтро ба қафо гардониданӣ шуда, соатро шикаст. Дар шимоли ӯ шӯриши сикҳҳоро, ки аз табақаи осудаҳол ва синтези ғояҳои ҳиндӣ ва мусулмонӣ буду ва дар натиҷаи таъқиботи беохир ба ҷомеаи ҷанговар табдил ёфт, ба вуҷуд овард. Дар тамоми фазои васеи империяи Муғулҳои Бузург афзоиши ғояҳои эҳё, ки якҷоясозии дину миллатро дар бар мегирифт, рӯй медод» [82, 448].

Дар ин давра, истисмори сахти деҳқонону ҳунармандон аз тарафи ашрофиёни ҳарбӣ-феодалӣ ба бенавошавии миллионҳо одамон ва тезутундшавии муборизаи синфӣ оварда расонид. Ба андешаи Абдулқодири Бедил, деҳқонон дар давоми сол пурра кор мекарданд, аммо ҳосиле, ки ба даст меоварданд туъма ва фоидаи ашрофону мансабдорон мегашт. Чунин муносибат бо деҳқонону меҳнаткашон норозигии на фақат ҳиндувон, балки мусулмонҳоро низ ба вуҷуд меовард. Ба хусус, пайравони суфия дар ин давра хеле фаъол гашта буданд. Суфиён ҷонибдори чунин ақида буданд, ки ба онҳо афкори суфиёна дар бораи гузарандагӣ, номунтазамии ҳаёти заминӣ, дар бораи воқеият ва адабиёти ҳаёти дорулбақо писанд буд. Ҷонибдорон ва пайравони суфиён ин ғояро мутлақ донистa, ҳаёти моддиро эътироф намекарданд. Мирзо Абдулқодири Бедил баъди омӯхтан ва аз наздик ба фалсафаи суфиён шинос шудан суфиёнро барои канораҷӯӣ ва бекориашон мавриди танқиди сахт қарор додааст.

Ҷангҳои динию мазҳабӣ ва тохтутозҳои дохилӣ, талош ва муборизаҳои ҳокимони вилоятҳо сабабгори он гаштанд, ки кишварҳои Аврупо Ҳиндустонро ба мустамлика табдил диҳанд. Онҳо ҷангҳои дохилӣ ва байнидинию байнимазҳабиро барангехта, тарафҳо ва қувваҳои муқобилро бо аслиҳаи нав таъмин менамуданд.

Ашрофони феодалҳо ва зулму истибдоди онҳо нисбат ба деҳқонону меҳнаткашон дар мамлакат ба он оварда расониданд, ки ҷараёнҳо, равияҳо ва гурӯҳҳои оппозитсионӣ пайдо мешуданд. Ҳаракатҳои сектавӣ, ки бо махсусияти идеологияи худ фарқ мекарданд, рушд меёфт. Дар ин давра ҳаракатҳо ва равияҳои зиёд ба вуқуъ пайваста, ба ин ҳаракатҳо муттаҳидсозии мавқеи зиддифеодалӣ ва дасткашӣ аз муборизаҳои фаъолона алайҳи феодалҳо хос буд.

Яке аз чунин ҳаракатҳо бо номи «бхакти» амал мекард. Ҳаракати дигаре, ки байни ҳунармандону тоҷирони Ҳиндустон бо номи «Сикҳизм» ба вуҷуд омад, ба он мекӯшиданд, ки динҳои ислом ва ҳиндуяро бо ҳам омехта созад. Намояндагони ҳаракати «Сикҳизм» ҳам ба муқобили мусулмонон ва ҳам муқобили бараҳманҳо мубориза мебурданд.

Абдулқодири Бедил «дини умумӣ»-ро, ки Акбар – сиёсатмадори оқилтарин аз сулолаи муғулҳои бузург эълон карда буд, пазируфтааст. Дар давоми ҳукмронии Акбар ба бунёди дини умумӣ барои ҳиндувон ва мусулмонон асос гузошта шуд. Акбар кӯшиш мекард, ки тарафҳои мусбати динҳои ҳиндуия, ислом ва зардуштияро, ки дар Ҳиндустон паҳн гаштаанд, зери шиори баробарии ҳамаи одамон дар назди Худо ба ҳам пайваст намояд.

Баъд аз марги Акбар дар Ҳиндустон ҳокимият аввал ба дасти Ҷаҳонгир ва сипас ба дасти Аврангзеб гузашт. Аврангзеб ҳокими золим буд. Дар давраи ҳукмронии ӯ тамоми ислоҳоти Акбар бекор ё ба тағйирот дучор шуданд. Аврангзеб мехост, ки ҳамаи одамони кишварро ба як дин тобеъ гардонад. Ӯ боз ба таъқиби пайравони динҳои дигар гузашт ва ин ба таназзули иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг ва ҳаёти маънавӣ дар умум оварда расонид. Ба ҳама кӯшиш ва талошҳои зиёди ӯ нигоҳ накарда, дини ислом дар кишвар мавқеи хосаро ба даст оварда натавонист.

Дар Ҳиндустон ҷамъиятҳои суфиёна низ ба таври васеъ паҳн гашта, фаъолияти хеле фаъол доштанд. «Дар Ҳиндустон ҳаракатҳо ва ҷамъиятҳои аз ҳама шинохта ва машҳур инҳо буданд: чиштия, сухравардия, қодирия, шатория, нақшбандия, қубравия, мадория, қаландария, айдарусия. Дар ҷараёни рушди худ аз онҳо шохаҳои сершумори фаръӣ ба вуҷуд омаданд» [82, 13]. Зери таъсири ҷараёнҳои ҳиндуия аксари сектаву ҷамъиятҳои суфиёна ба тағйирот дучор мешуданд. Ин давра ба пайдоиши тариқатҳои ҳиндӣ бештар мусоидат намуд. «Сарчашмаҳои он замон аз мавҷудияти қариб ду ҳазор работу хонақоҳҳои суфиёна, ки танҳо дар Деҳли ва гирду атрофи он дар асри XVI амал мекарданд, хабар додаанд. Дар онҳо, инчунин рӯйхати дарози суфиёни машҳур ва барҷастаи Ҳиндустон, ки ба «занҷираҳо»-и гуногуни идомати маънавӣ ва оилаҳои валиҳои ирсӣ мансуб буданд, оварда шудааст» [82, 16-17]. Ақидаҳои суфиёна, бинобар сабаби он ки ба таълимоти дини ҳиндӣ наздикӣ дошт дар байни аҳолӣ назар ба ақидаҳои дини ислом зиёдтар ва васеътар паҳн гашта буданд, ҳол он ки дар Ҳиндустон охирин дини ҳоким ба ҳисоб мерафт.

Мусаллам аст, ки Ҳиндустон мамлакате ба шумор меравад, ки соҳиби фарҳангу маданияти қадима буда, гаҳвораи низомҳои қадимаи динӣ мебошад ва дар он аз замонҳои хеле дури таърихӣ илмҳои асил ва ҳунарҳои писандида

рушд ёфтаанд. Ҳиндуён низоми даҳрақамаро кашф кардаанд, ки онро аврупоиҳо ҳоло арабӣ меҳисобанд» [26, 12]. Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки мусиқии ҳиндӣ васеъ паҳн шуда буд ва он аз давраҳои хеле қадим бо гуногунии фавқулодаи худ аз мусиқии дигар халқҳо тафовут дошт. Абдулқодири Бедил бо мутрибони замони худ алоқа ва ҳамкориҳои зич дошт. Ва ин алоқамандӣ ва ҳамкории Бедил бо мусиқишиносон ва мусиқинавозон дар ташаккул ва рушди ҷаҳонбинии ӯ бе таъсир намонд.

Дар ин замон, шароите ба миён омад, ки шоирону олимони форсизабон ва ҳиндузабон ба забонҳои гуногуни Ҳиндустон асарҳо меофариданд. Масалан, шоир Абдураҳимхон Раҳим ба забонҳои форсӣ, чиғатойӣ, арабӣ, санскрит ва ҳиндӣ асарҳо офаридааст» [25, 23].

Дар бораи рушди адабиёт ба забони форсӣ ва паҳншавии «сабки ҳиндӣ» худи Абдулқодири Бедил, хусусан дар «Руқаот» ва «Чаҳор унсур» хабар медиҳад. Робита ва ҳамкории дӯстонаи ӯ бо ҳиндуёну мусулмонҳо, ба монанди Шокирхон, Шукуруллохон, Изид Бахш Расо, Каромуллохон, Миен Лаъл Муҳаммад ва масъалаҳое, ки дар мактубҳои ба инҳо ирсолшуда баён мегарданд, на танҳо ба муносибатҳои шахсии Абдулқодири Бедил бо ходимони машҳури он замон дахл мекунанд, балки масоили рушди адабиёти ин давраро дар умум инъикос менамоянд. Намояндагони машҳуртарини адабиёти асри XVII дар Ҳиндустон Носир Алӣ, Қосимбек Девона ва Зебонисо ба ҳисоб мерафтанд.

Зикр бояд намуд, ки тоқатпазирии динӣ ба паҳншавии нисбатан васеи озодфикрӣ дар Ҳиндустон аз миёнаи асри XVI то миёнаи асри XVII шароите фароҳам овард, ки мутафаккироне ба саҳнаи илму фарҳанг биоянд, ки бо ғояҳои (идеяҳои) пешқадами худ аз дигарон фарқ мекарданд. Абдулқодири Бедил дар осори худ номи ин мутафаккиронро махсус қайд намуда, нақши онҳоро дар ташаккул ва рушди ҷаҳонбиниаш таъкид кардааст. Ба онҳо мутафаккирони давр, ба монанди Мирзо Зариф, Мирзо Қаландар, Шайх Камол, Мирзо Абдулқосим, Шайх Фозил ва дигарон мансуб мебошанд.

Бояд таъкид намуд, ки аз тарафи шоирон ва олимони давр маҳфилҳо ва маҷлисҳои илмию адабӣ ташкил карда мешуданд. Дар чунин маҷлисҳо баҳсу мубоисаҳо ва шеърхонӣ мекарданд. Абдулқодири Бедил дар давраи ҷавониаш

дар ин маҳфилу маҷлисҳо иштирок варзида, мубоҳисаҳоро гӯш мекард. Ва маҳз иштирок дар чунин маҷлис ва баҳсу мубоҳисаҳо дар рушду нумуи ҷаҳонбинии Абдулқодири Бедил таъсири бениҳоят калон гузоштааст. Маҳз дар ҳамин ҷо Абдулқодири Бедил бо Мавлоно Камол, ки аз давраи кӯдакӣ медонист, боз наздиктар шинос мешавад. Шайх Камол яке аз мутафаккирони донандаи суфия ва пайрави фаъоли ҷамъияти суфиёнаи қодирия буд. Чи тавре ки худи Абдулқодири Бедил дар «Чаҳор унсур» қайд кардааст, Мавлоно Шайх Камол дар пешравӣ, рушд ва тарғибу ташвиқи ғояҳои ҷамъияти қодирия хизмати назаррасе карда, дар суфия мавқеъ ва мақому манзалати баландеро соҳиб буд [32, 384].

Дар давраи зиндагии Абдулқодири Бедил, дар Ҳиндустон мактабҳо, ҷараёнҳо ва гурӯҳҳои махсуси маҷзубон ба вуҷуд омаданд. Маҷзубон пайравони суфия буда, ба маросимҳои динии берунӣ итоат намекарданд ва ҷонибдори чунин андеша буданд, ки бо роҳи худмаҳдудсозӣ ҷабру ситам, худазобдиҳӣ инсон ба Худо наздик мешавад. Зоҳиран онҳо чунон рафтор мекарданд, ки ба девонагон монанд буданд. Дар байни маҷзубон донандагони ҳақиқии назм, дин, таърих ва фарҳанг хеле зиёд буд ва қисме аз онҳо мутафаккирони машҳури он давра ҳисоб меёфтанд.

Бояд ҳамин нуктаро зикр намоем, ки чунин муҳити баамаломада ба ҷаҳонбинии Абдулқодири Бедил бетаъсир намонд. Дар баъзан ҳолатҳо ӯ худро ба мисли маҷзубон азобу шиканҷа медод.

Барои исботи ин фикри боло бояд зикр кард, ки Абдулқодири Бедил дар асари худ «Чаҳор унсур» дар бораи 6 маҷзубе нақл мекунад, ки бо онҳо шиносоии наздик дошт. Дар нақл дар бораи ҳар яке аз онҳо нақши бузурги онҳоро дар рушд ва нумуи ҷаҳонбинияш махсус қайд кардааст.

Дар рафти сафарҳои зиёди худ Абдулқодири Бедил ҳаёти воқеии мардуми Ҳиндустонро ҳаматарафа мушоҳида карда, ба пуррагӣ меомӯзад. Дар ин сафарҳо, ӯ бо олимон, шоирон ва рассомони давр, аз ҷумла бо рассоми ҳиндӣ Атуп Чатр шиносоии наздик пайдо мекунад. Ҳамаи ин, дар маҷмуъ, дар таҳаввулоти афкори Мирзо Бедил аз маҷзубия ба «ваҳдати вуҷуд» нақши бениҳоят назаррасеро бозидааст.

Ҳамин тавр, дар охири асри XVII ва ибтидои асри XVIII ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоии Ҳиндустон зери таъсири ислоҳотӣ, ки дар ҷомеа гузаронида мешуданд, рӯ ба рушду такомул ниҳод. Маҳз дар ҳамин давра Темуриён қаламрави худро дар Ҳиндустон васеъ карда буданд. Дар қаламрави давлати темуриён қабилаву халқҳои сершуморе ба сар мебурданд, ки аз назари этникиву забонӣ, мазҳабӣ ва сатҳи рушди маданӣ аз ҳамдигар фарқ мекарданд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Ҳиндустон охири асри XVII ва оғози асри XVIII синтези тартиботи кухна ва нав ба вуҷуд омад, ҳарчанде, ки қисми бештари тағйирот байни табақаҳои болоии иҷтимоӣ ба вуқуъ пайвастанд. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳокимони мусулмон, атрофиёну сулолаҳои онҳо пурра ҳиндустонӣ гашта, ба хоки Ҳиндустон реша давониданд ва Ҳиндустонро ватани худ меҳисобиданд, дар навбати худ ҳокимони ҳиндӣ низ онҳоро худӣ меҳисобиданд. Ҳатто, байни оилаҳои мусулмону ҳиндӣ ақди никоҳ баста мешуд.

Дар Ҳиндустон кор то ба ҷое расида буд, ки байни ашрофони мусулмон илми санскрит мақом ва нуфузи махсусро ишғол мекард. Дар давоми ҷорӣ намудани ислоҳот Шоҳ Акбар дар дарбор расму одат ва маросимҳои алоҳидаи ғайриисломиро ҷорӣ намуда, худаш низ онҳоро риоя мекард.

Аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум мегардад, ки ҳарчанде, ки системаи каставӣ дар Ҳиндустон арзи вуҷуд мекард, дар баробари ин, низоми каставӣ дар баъзе ҳолатҳо инкор мегардид. Низоми мазкур, чи дар байни мусулмонон ва чи дар байни худи ҳиндувон мавриди интиқоди шадид қарор мегирифт. Тамоюлҳо ва мактабҳои наве пайдо мешуданд, ки дар онҳо ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии Ҳиндустон мавриди муҳокима ва баҳсу мунозираҳо қарор мегирифт.

Ҳиндустон аз назари иқтисодӣ ҳамчун давлати аграрӣ боқӣ монда буд, бинобар ин, ба рушди ҷомеа садрнишинони ҷомеаи деҳотӣ ва заминдорон таъсири калон мерасониданд. Заминдорон бошанд дар навбати худ, фарқияти байни пардохти иҷора ва андозро мегирифтанд. Бо омадани мусулмонон ба Ҳиндустон низоми доштани ҳуқуқ ба ҷамъоварии андоз ба фоидаи худ барои уҳдадории хизмати ҳарбӣ ва нигаҳдории отрядҳои махсус паҳн гашта буд.

Сартосари империяи Муғули Бузург туғён ва рушди ғояҳои эҳё, ки омехташавии дину миллатро дар бар мегирифт, рӯй медод. Ислом ба рушди

маданӣ-маънавии мамлакат такони муайяне дод. Ба Ҳиндустон илме омад, ки дар кишварҳои мусулмонӣ рушд меёфт. Яккахудоии ислом ва муттафиқии мусулмонон ба Ҳиндустон таъсири бениҳоят арзишманд расониданд ва ба эҳёи ҷараёнҳои тасаввуфӣ мусоидат намуданд. Маҳз дар ҳамин давра, ҳаракати «сикҳизм» таъсис дода шуд, ки дар замони ӯ баъдтар ҳаракати дигар зери унвони «бҳанти» ба вуҷуд омад. Оид ба масъалаи мазкур, андешаи Алаев Л.Б. хеле бамаврид ва қобили қабул мебошад, ки чунин андешаронӣ кардааст: «…тағйиротҳои воридсохтаи мусулмонҳоро набояд муболиға намуд. Ба ҳиндуия ва маданияти ҳиндӣ муяссар нагашт, ки исломро ба худ омехта кунад. Аммо ислом низ натавонист Ҳиндустонро ба як қисми олами ислом табдил диҳад. Ҳиндуия бетағйир монд. Умуман на дар бораи исломсозии ҳиндуия, балки дар бораи ҳиндусозии ислом бояд гуфт» [25, 48].

Дар хусуси замони зиндагонии Мирзо Бедил ҳаминро бояд зикр намуд, ки ақида ба ҷараёни баҳамдигар таъсиррасонии ду маданият начандон дуруст тавсиф менамояд.

Бояд зикр намуд, ки дар рушди маданият ва фарҳанг таъсири байниҳамдигарии ҳиндуия ва ислом омили хеле муҳим ба ҳисоб меравад. Ҳиндуия таъсири ғояҳои навро эҳсос намуд, ислом дар Ҳиндустон, дар навбати худ, аз мавқеи дар дигар кишварҳо доштааш фарқ мекард.

Хулоса, ҳиндуия зери таъсири яккахудоии ислом қарор гирифту тасаввуроти норавшани пантеистии ҳиндувон ба мусулмонҳои ҳиндустон таъсири худро расониданд. Дар амали якҷоя ва синтези маданияти ҳиндӣ-мусулмонӣ «Ибодатхона» ва «Мактабхона»-и мусулмонӣ нақши боризе доштанд. Муассисаҳои мазкур дар оштидиҳии пайравони динҳои гуногун, аз ҷумла ҳиндуия ва ислом, дар рушди таъсири байниҳамдигарии афкори ҷомеа, илму маданияти халқҳое, ки дар замони зиндагии Мирзо Бедил дар Ҳиндустон маскун буданд, нақши хеле муҳим бозидаанд.

## 1.2. Муҳити илмӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ-ахлоқии замони Мирзо Абдулқодири Бедил ва таъсири он ба ҷаҳонбинӣ ва афкори педагогии мутафаккир

Бо мақсади он ки ба масъалаи муҳити илмӣ, фарҳангӣ ва маънавиву ахлоқии замони умр ба сар бурдани Мирзо Абдулқодири Бедил ҳарчӣ бештар равшанӣ андозем ба мо лозим меояд, ки дар навбати аввал, дар бораи баъзе воқеаҳои таърихии Ҳиндустонро пеши назар биорем.

Чи тавре маълум аст, дар бораи Ҳиндустони то давраи исломӣ маълумоти хеле ками дар кам то ба замони муосир омада расидааст, аммо онҳо бо амиқ ва дақиқ будани худ, гуногунии ғоя, андеша, равия ва афкор ҳар як хонандаро ба тааҷҷуб меоварад. Ҳамаи ин, баъд аз худ дар таърихи рушди илм, фарҳанг, маънавиёт ва ахлоқи халқи Ҳиндустон нақши назаррасеро боқӣ монд.

Чи тавре аз сарчашмаҳои илмиву таърихӣ аён аст, арабҳо баъд аз он ки дини исломро дар Осиёи Миёна ва Осиёи Хурд ҷорӣ намуданд, мехостанд, ки Ҳиндустонро низ забт карда, дини исломро дар ин кишвар ҷорӣ намоянд. Аммо тамоми кӯшиш ва талошҳои онҳо ягон натиҷае надод.

Ин кор дар асри XI ба Маҳмуди ғазнавӣ муяссар гашт. Дар ин хусус, устод С. Айнӣ дар асараш «Мирзо Абдулқодири Бедил» чунин овардааст: «Маҳмуд аз муқобилиятҳои дохилии синфӣ ва феодалӣ истифода бурда, дар сафарҳои гуногуни худ дар Ҳиндустон бисёр будхонаҳоро вайрон ва ба ҷои онҳо масҷидҳо бино кард, муҳоҷирони мусулмон бурд ва аз аҳолии маҳаллӣ хеле касро ба исломият даровард» [22, 9].

Бояд ҳамин нуктаро зикр кард, ки дар асрҳои миёна барои мардуми Ҳиндустон хеле давраи тезу тунд ва мураккаб буд. Чунки таъсири дини ислом баъди юришҳои ғосибона дар Осиёи Миёна ва Марказӣ ва шимолу ғарбии Ҳиндустон мусулмонон ҳукмрон мешаванд, ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ, фарҳангӣ ва ғайра хеле пурзӯр мегардад. Ҳукумати мусулмонон, ки аз хориҷ рафта дар Ҳиндустон ҳукмронӣ мекарданд, пеш аз ҳама, бо мақсади пойдор ва устувор будани ҳокимияти худ ба муҳоҷирони мусулмон такя мекарданд.

Нуктаи муҳимми дигареро бояд зикр кард, ки то давраи ба сари ҳокимият омадани Акбар (1556-1605) дар Ҳиндустон ҳама гуна афкори пешқадам зери

таъқиб қарор мегирифт. На фақат ғайримазҳабон, балки шиамазҳабон ҳам зери таъқиб қарор дода мешуданд. Феодалҳои мусулмон дар давлати Муғулҳои Бузург мавқеи афзалиятнок дошта, мамлакатро ғорат карда, нисбат ба сокинони маҳаллӣ (таҳҷоӣ) муносибати тамасхурона доштанд. Танҳо баъди ба сари ҳокимият омадани Акбар, ҳукумат дар назди дини Худо сулҳи умумиро эълон намуд. Шоҳ Акбар кӯшиш ба харҷ медод, ки ба воситаи ислоҳоти динӣ ҳамаи фуқарои империяи бузурги худро новобаста аз дину мазҳаб ва эътиқодашон муттаҳид карда, бо ҳамин роҳ пояҳои давлатро пурқуввату мустаҳкам созад.

Баъди марги Шоҳ Акбар дар Ҳиндустон ҳокимият ба дасти Ҷаҳонгир гузашт. Дар давраи ҳукмронии Ҷаҳонгир дар Ҳиндустон ягон ҳодиса ва дигаргуниҳои муҳим ва назаррас рӯй надод. Дар ин давра, асоси сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳукумат бетағйир мононда шуд. Баъд аз марги Ҷаҳонгир ба сари давлат Шоҳиҷаҳон омада, 30 сол ҳукмронӣ кард. Дар давраи ҳукмронии Шоҳиҷаҳон ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоӣ қариб, ки бетағйир монд. Ба ҳамаи дасисаҳои дарборӣ нигоҳ накарда, дар давраи ҳукмронии ӯ якчанд ёдгориҳои таърихӣ, қариб, ки дар ҳама ҷо масҷид, мадрасаҳо ва мактабҳои динӣ ва ғайра сохта мешуданд.

Бояд тазаккур дод, ки дар давоми ташаккул ва рушди таърихии худ дар кишвари Ҳиндустон давлату империяҳои зиёде ташкил шуда, боз барҳам хӯрданд. Ин империяҳо ва давлатҳое, ки ба вуқуъ пайвастанд, имконият фароҳам оварданд, ки халқҳои ин кишвар бо ҳам наздик шаванд ва барои дар байни онҳо паҳн шудани қонуну санад ва меъёрҳои умумӣ, дину мазҳаб, фалсафа, ахлоқ, фарҳанг, адабиёт ва санъат мусоидат намуданд. Дар ин раванд хазинаи (фонди) арзишҳои маданию фарҳангии халқҳое, ки дар ин сарзамин ба сар мебурданд бою ғанӣ гашт ва дар баробари ин, маданият ва фарҳанги умумиҳиндӣ ташаккул ёфта, рушд кард. Ин дигаргунӣ ва дигаршаклӣ на фақат хоси фарҳанг ва маданияти бумӣ, балки аз тарафи аҳолии таҳҷоӣ қабул гардидани арзишҳои фарҳангу маданияти халқҳои азберуномада, зоҳир мегардид. Ин таъсири байниҳамдигарӣ аз замони хеле дури таърихӣ, яъне аз давраи аввалин маротиба ба ин сарзамин омадани ориёиҳо оғоз мешавад. Дар ин росто, зикр кардан мумкин аст, ки аввалин омезиши калони маданию фарҳангӣ байни ориёиҳо, ки ба ин сарзамин маҷбуран зада даромаданд ва

даравидҳое, ки намояндагони тамаддуни водии Ҳинд буданд, ба амал омад. Ҳамин тавр, фалсафа, фарҳанг, маданият ва ахлоқи мардуми Ҳиндустон дар зери таъсири мардуми азберуномада ташаккул меёфт. Ин таъсирҳо ба фарҳангу маданияти халқи Ҳинд махсусияти худро дохил карда, бо ҳам омезиш ёфтанд. Дар ин хусус, Додуэлл гуфтааст, ки «Ҳиндустон мисли укёнус, қобилияти беохири ҷабиданро дошт. Аҷиб менамояд, ки Ҳиндустон бо низоми тариқати худ ва маҳдудияти ҷамъиятӣ, бо ин қобилияти ҳайратовари хеш метавонист халқияту маданияти аҷнабиёнро фурӯ барад» [80, 46].

Бояд зикр намуд, ки ислоҳоте, ки Акбар дар кишвар мегузаронд то дараҷае бо таъсири маданияти исломӣ ба ҳиндӣ ҳавасманд мегардид. Ин ба ривоҷу равнақ ва нашъунамои назми ҳиндӣ дар Банғола – яке аз марказҳои калонтарини адабиёти ҳиндӣ таъсири назаррас расонид. Қасрҳои бузурги дар Деҳлии куҳна буда ва марказҳои дигари исломию ҳиндӣ аз дастовардҳои меъморӣ дарак медиҳанд. Ганҷинаи меъмории ҳиндӣ ва ҳатто тамоми ҷаҳон «Тоҷмаҳал», ки онро Ҷаҳонгир сохтааст, интиҳои мантиқӣ ва рамзи фаъолияти ислоҳотчигии Акбар мебошад. Ҳаминро бояд зикр кард, ки маданияти асримиёнагии Ҳиндустон аллакай пурра ҳиндӣ набуд, ин маданияти омезиши пурмаҳсул ба ҳисоб мерафт, ки дар доираи он маданияти ҳиндӣ ва исломӣ бо ҳам пайваст шуда, ҳамдигарро бою ғанӣ мегардонанд.

Дар ин давра, забони форсӣ ба як омили пурзӯри муттаҳидсозандаи маданияти халқҳои гуногуни кишвари бузурги Ҳиндустон табдил ёфт. Дар ин замон шоироне пайдо шуданд, ки дар худи Ҳиндустон ба дунё омадаанд, аммо дар руҳияи анъанаҳое, ки гузаштагони онҳо аз Осиёи Марказӣ оварда буданд, таълиму тарбия гирифтаанд. Ин назм ба таъсири ҳаёту адабиёти ҳиндӣ дучор гашта, ба анъанаҳои ҳиндӣ мутобиқ шуданд ва унсурҳои маданияти маҳаллиро ба худ гирифтанд. Ба ин асарҳои ба забони форсӣ навиштаи шоирони ҳиндӣ, ки ба назм унсурҳои маҳаллиро ворид сохта буданд, инчунин осори шоироне, ки ба иттиҳодияҳои суфиёна мансубият доштанд, хизмат мерасониданд. Шоирони маҷзубия низ роҳнамоёни маданияти маҳаллии ҳиндӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Аммо омезиши маданиятҳо, ки ба рушди тамоми тамаддуни ҳиндӣ такони калон дода буд, аз ҳам дуршавии анъанаҳои ҳиндӣ ва мусулмониро бартараф сохта натавонист. Аз тарафи дигар, он боиси пайдошавии услуби нави адабӣ ва

шаклҳои нави шеърнависӣ, ки дар онҳо «Шукӯҳи зоҳирӣ бояд аҷзи дохилиро пӯшонида тавонад» гардид. [22, 199-201].

Дар рушди «Сабки ҳиндӣ» ва аҳамияти он доираи адабие, ки дар дарбори Акбар ташаккул ёфта буд, хеле калон аст. Шоирон-намояндагони «Сабки ҳиндӣ» услуби рангоранг, шартӣ будани забон, истифодаи ташбеҳҳои мураккабшуда ва истиораҳои ғайритабииро муттаҳид месохт.

Олими тоҷик, академик Мирзоев А. ба мавзуи паҳншавии «Сабки ҳиндӣ» таваҷҷуҳи махсус дода, ақидаи хешро чунин изҳор менамояд, ки сабабҳои пайдоиш онро «дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, дар навбати аввал дар вазъияти таърихӣ ва ҷамъиятӣ ва шароити табии натанҳо Мовароуннаҳр, балки Ҳиндустон низ бояд ҷустуҷӯ кард. «Сабки ҳиндӣ» дар ҳамкориҳои зичи намояндагони осиёимиёнагии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ бо муаллифони тоҷикзабону форсизабони Ҳиндустон рушд ва такмил ёфт» [76, 38-39].

Сабки ҳиндӣ дар асри XVI ҳам дар Осиёи Марказӣ ва ҳам дар Ҳиндустон ба таври хеле васеъ паҳн гашта буд. Шоирон барои он ба ин сабк рӯ меоварданд, ки ақидаҳои зидиддавлатии худро рупӯш намоянд. Дар адабиёт таъсири суфия, истилоҳот, ки онҳоро шоирон дар баробари сабки ҳиндӣ истифода мебурданд, боз ҳам пурзӯр гашт. Яке аз намояндагони сабки ҳиндӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил мебошад. Ба шарофати он, бо мурури замон, симои Мирзо Абдулқодири Бедил яке аз рамзҳои «мазмунсозанда», «мураккабнависанда», шоиру носири пурмуаммо дар таърихи жанри адабӣ-фалсафии форсу тоҷик шуд.

Эҷоди асарҳо аз тарафи шоирону олимони форсзабону ҳиндузабон ба забонҳои гуногун падидаи намоёне дар соҳаи маданият буд.

«Мактабхона» чун муассисаи махсусе, ки онро Акбар дар нимаи дуюми асри XVI сохтааст, маҳз ба тарҷумаи асарҳо ба забони форсӣ ва ё забони форсӣ ба забонҳои маҳаллӣ машғул мешуд. Аз санскрит китобҳои мазмуни фалсафидошта мавриди тарҷума қарор мегирифт. Асарҳо ҳаёти нав гирифта, дар навбати худ ба ҷаҳонбинии мутафаккирони пешқадам таъсири калон мерасониданд. Ба қатори ин китобҳо «Панҷаниёна», «Роҷатарангинӣ», «Катхасаритсагара» ва ғ. дохил мешуданд. Дар ин ҷо ба анъанаи тарҷума ба

забони форсӣ ёдгориҳои арзишноку муҳимми адабӣ ва илмие, ки ба санскрит ва забонҳои дигари халқҳои Ҳиндустон навишта шуда буд, асос гузошта шуд ва дар асрҳои баъдина рушд ёфт. Қуллаи ин анъана тарҷумаи форсии «Унанишод» мебошад, ки онро Дорошукӯҳ дар асри XVII иҷро кардааст. Дар Ҳиндустон Дорошукӯҳ асосгузори тарҷумаи илмӣ ҳисоб меёбад. Баъдан сужети ин асарҳо дар осори шоирону нависандагони тоҷик истифода гардиданд.

Мирзо Абдулқодири Бедил зимни сафарҳои ҳарбӣ-хизматии худ бо ҳокимони маҳаллӣ ва маданияти маҳаллӣ шинос шуд ва ин ба ҷаҳонбинии ӯ таъсири калон расонд. Ва баъд аз рафтани хизмати ҳарбӣ низ сафарҳои худро давом медод. Бедил чун маҷзуб аз Деҳлӣ ба Лоҳур сафар кард. Зимни чунин сайёҳатҳо ӯ бо маҷзубону бараҳминон, ки онҳоро ҳамфикрони худ меҳисобид, вохӯрд. Баъд аз сайёҳатҳо ӯ боз ба ҳаёти оромона баргашт, омӯзиши суфияро идома дод, бо фалсафаи юнонӣ, бо асарҳои Носири Хусрав, Абуалӣ ибни Сино, Аттор, Саъдӣ, Хайём ва дигарон шинос шуд. Бедил қайд мекунад, ки ӯ нуктаҳои муҳимми фалсафии ҳиндиро навишта гирифт, аммо онҳоро дар «Чаҳор унсур» ҷойгир карда натавонист, зеро ки онҳо ба забони ҳиндӣ навишта шудаанду китоби «Чаҳор унсур» ба забони тоҷикӣ таълиф ёфтааст.

Мирзо Абдулқодири Бедил ҳамеша тарафдори ягонагии халқҳои Ҳиндустон буд ва бо мусулмонону ҳиндуён муносибати якхела мекард. Аврангзеб на танҳо пайравони динҳои дигар, балки онҳоро низ таъқиб мекард, ки ба тариқатҳо ё ҷараёнҳое мансуб буданд, ки муқобили динҳои ғайримусулмонӣ дар Ҳиндустон набуданд. Ин истилоҳот якҷоя бо сабки ҳиндӣ забонро боз ҳам мураккабу фикрҳоро норавшан карда буданд, аммо барои нависандагони пешқадаму рӯшанфикр чун пардае хизмат мекарданд, ки аз паси он фикрҳои хеш баён менамуданд [22, 40].

Дар ин замон таълимоти муътадили суфия, яъне ҷараёни нақшбандия аз ҳама бештар паҳн гашта буд. Ин ҷараён аз он ҷараёне, ки дар Осиёи Марказӣ фаъолият дошт, фарқ мекард. Дар ин ҷо он ба тағйироте, ки пайравони маҳаллӣ дохил намуда буданд, дучор шуд. Онҳо ба муқобили гӯшанишинии пурра, дастпокӣ аз корҳои дунявӣ баромад карда, истифодабарӣ аз неъматҳои ҳаёти воқеиро маслиҳат медоданд, ба якҷоясозии ҳаёти фаъолонаи меҳнатӣ бо талаботи шариат ва суфия даъват менамуданд, эҳтироми динҳои дигарро низ

талаб мекарданд. Фаъолияти мутафаккирон, олимон ва шоирони озодидӯст дар шароити пурзӯршавии иртиҷои динӣ маҳдуд мегардид. Бинобар ин, осори онҳо шакли нозуке ва сабки мураккаберо мегирифт, ки маънои онро танҳо ашхоси бештар омодашуда, фозил, маҳорати баланди шоирдошта фаҳмида метавонистанд.

Чунин мутафаккирон ба муқобили таассуб, махсусияти динӣ ва нажодӣ, зулму фишор баромад мекарданд. Ба онҳо шоирони ин давра, чунин ходимони намоён, амсоли Муҳаммад Эзот, шогирд ва дӯсти Бедил-Онандром, ки ба забони форсӣ бо тахаллуси Мухлис эҷод мекард, Ғулом Алихон Озод – муаллифи «Хизонаи Омирӣ» ва гурӯҳи шоироне, ки онҳоро дар ин тазкира Озод зикр намудааст – Мирзо Мазҳар, Ҷони Ҷопон, Ҳаким Лоҳурӣ, Сироҷиддини Алихон Орзу, Мирзо Муҳаммад Афзал Собит, Мирзо Абдулғанӣ Кобули Кашмирӣ ва дигарон мансубанд.

Буддоия ва ҷойния чун ҷараёнҳои фалсафӣ дар Ҳиндустон дар ташаккули ҷаҳонбинии мутафаккирони замони Мирзо Абдулқодири Бедил нақши калон бозиданд. Дар Ҳиндустон дар асрҳои XVI-XVII ҷараёнҳои дигари мустақили адабӣ, ки зинаҳо ва қоидаҳои махсуси худро доштанд, рушд ва дар навбати худ ҷудову пароканда мешуданд.

Дар асри XVII ҷараёни бҳакти қариб тамоми қаламрави Ҳиндустонро фаро гирифт. Ғояҳои динӣ-ислоҳотчигиро тарғиб намуда, дар замони Аврангзеб шакли ҳаракати умумихалқии маратҳоро қабул карда, бо ҳунармандону деҳқонон ва заминдорони хурд муттаҳид гашта, ба муқобили Муғулҳои Бузург мубориза мебурданд. Дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бҳакти (садоқат, муҳаббат ба Худо) – ҷараёни динӣ дар ҳиндуия мавқеи хосса дошт. Бҳакти баробарии одамонро дар назди Худо эълон ва ба табақаҳо ҷудо намудани одамонро инкор мекард [2, 48]. Ҳаракати «бҳакти» дар қабатҳои осудаҳоли савдогарони шаҳрӣ, косибон, судхӯрон ба вуҷуд омад. Ин ҳаракат, ки ба муқобили ҳиндуияи расмӣ равона буд, дар асрҳои XV-XVI ташаккул ёфт. Баъдан ҳаракати «сикҳизм» тариқат дар ҳиндуия, ки дар асрҳои XVI-XVII ба дини мустақил мубаддал гашта буд, асосан дар Панҷоб пайдо шуд. Асоси сикҳизмро яккахудоӣ, инкори бутпарастӣ, гӯшанишинӣ, таълимоти баробарии

сикҳо дар назди Худо ва ҷанги муқаддас бо пайравони динҳои дигар ташкил медод.

Бинобар наздик будан ба таълимоти динии ҳиндӣ ақидаҳои сӯфиёнаи оппозитсионӣ, ки дар Ҳиндустон ба вуҷуд омадаанд, дар байни аҳолӣ назар ба ислом бештар паҳн шуда буд, ҳарчанде ки ислом дар Ҳиндустон дини ҳоким ҳисоб меёфт ва онро аҳолӣ иҷборан қабул карда буд. Дар тафовут аз дини расмии мусулмонӣ, ки аз пайравони хеш тоқатнопазирии диниро талаб менамуд, таълимоти суфия дар аксари ҳолатҳо мавҷудияти озод ва эҳтироми дигар динҳоро мепазируфтанд. Аз нуқтаи назари онҳо, динҳо бо роҳҳои гуногун одамонро ба назди Худо мебаранд. Дар байни гурӯҳҳои суфиёна иттиҳодияҳои «сухравардия» ва «чиштия» шуҳрати бештаре доштанд» [83, 18-19].

Дар мисоли Мирзо Абдулқодири Бедил амали якҷояи анъанаҳои маънавии ҳиндуия ва ислом, ҳиндӣ ва эронизабонӣ, ки тарафҳои мусбати онҳо ба ташаккули ҳисси мазҳабпарастӣ, созандагии якҷоя, барпо кардани сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ байни халқҳои гуногун таъсири худро расонидаанд, бештар аён мегардад.

Тамоюл ба синтези ҳиндӣ-мусулмонӣ дар тамоми қаламрави Ҳиндустон, ҳам дар Банғола, ҳам дар Авадҳа, ҳам дар Ассома вомехӯрад.

Бедил – намояндаи тоҷикзабони маданияти Ҳиндустон дар эҷодиёти худ аз синтези маданияти зеҳнии мусулмонӣ ва ҳиндӣ баҳрабардорӣ кардааст, ҳамзамон бо эҷодиёти ӯ рушди як самти калони афкори ҷамъиятӣ-фалсафии як қатор халқҳои Осиёи Марказӣ алоқаманд аст.

Ғояи мусулмонии баробарии умумии одамон дар назди Худо барои тариқатҳои беҳуқуқ ҷолиб буд. Ин ислоҳотҳо ба наздикшавии адабиёт ва ба ташаккули маданиятҳо дар умум таъсири калон расониданд. Ба забони форсӣ-тоҷикӣ якчанд китобҳои қадимаи ҳиндӣ, аз ҷумла эпоси «Маҳабҳарата» тарҷума ва байни мусулмонҳо паҳн карда шуданд. Дар навбати худ, баъзе асарҳои Абӯалӣ ибни Сино, Фирдавсӣ, Ғаззолӣ, Насириддини Тӯсӣ, Ҷалолуддини Румӣ ва дигарон, ки ба фалсафа, дин, таърих ва адабиёт бахшида шудаанд, ба забони ҳиндӣ тарҷума ва байни ҳиндуён паҳн гаштанд.

Ҳамин тариқ, гуногуншаклии маданияти Ҳиндустон дар тӯли якчанд асрҳо ба таъсири беруна дучор шудааст. Ҳар як воридоти нави унсурҳои бегона ба ин маданият мушкилотеро ба бор меовард, вале ба он синтези нав ва ҷараёни таббиӣ муқобил меистод. Ин як навъ ҷавоншавии маданият буд.

Натиҷаи омезиши ду маданият дар адабиёт идеали мусбати маънавӣ мебошад, ки дар симои шоҳи одил ва бомаърифат таҷассум ёфтааст. Идеали дигар – меҳнаткаши пешқадам, ки поквиҷдонона муваффақиятро ба даст меорад. Пайдоиши ҷаҳонбинии синкретикӣ, ки дар он ҳиндуия зери таъсири якхудоии ислом монду ислом таъсири пантеизми ҳиндиро аз сар гузаронд, натиҷаи таъсири байниҳамдигарии ин ду маданият гашт.

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки ҷаҳонбинии Бедил зери таъсири ин синтез монд ва дар навбати худ, мероси фалсафии ӯ саҳми муайяне мебошад, ки маданияти маънавии халқи мо ва халқҳои минтақаро ғанӣ гардонд. Бедил таълимоти пантеистӣ ва гуманистии худро дар асоси синтези маданияти мусулмонӣ ва ҳиндӣ ба роҳ монд.

Бояд ҳамин нуктаро дарҷ намоем, ки ҷаҳонбинии Мирзо Абдулқодири Бедил дар асоси дини ислом, ки дар ин кишвар асримиёнагӣ дини ҳоким буд, ташаккул ёфтааст. Аммо дар баробари ислом, дар замони Бедил дар Ҳиндустон динҳои қадимаи дар Ҳиндустон эътирофшуда, амсоли ҳиндуия, буддоия, ҷойния, веданта, суфия ва тариқату ҷараёнҳои дигари хусусияти фалсафӣ-динидошта ба таври васеъ паҳн шуда буданд. Бинобар ин, таълимоти фалсафии ӯ чунон серпаҳлуст, ки онро чун синтези олии ҷараёнҳои динӣ-фалсафии эрони қадима, фалсафаи антиқӣ, мусулмонӣ ва ҳиндӣ тавсиф намудан мумкин аст. Аломати фарққунандаи ақидаҳои ӯ донишмандӣ мебошад. Албатта, ҷаҳонбинии Мирзо Абдулқодири Бедил шароити пурихтилофи замони ӯро инъикос менамояд.

Бояд қайд кард, ки зимни муайянсозии сарчашмаҳои ташаккули ҷаҳонбинии Мирзо Абдулқодири Бедил ба ақидаи мо, таъсири бавоситаи зардуштия калон буд. Дар бораи таъсири ба воситаи зардуштия ба ҷаҳонбинии ӯ расида дар он асос хулоса баровардан мумкин аст, ки низоми фалсафаи ҳиндӣ дар доираи таълимоти ориёиҳо ба вуҷуд омад. Агар исрор намоем, ки ҷаҳонбинии Мирзо Абдулқодири Бедил дар асоси фалсафаи ҳиндӣ низ

ташаккул ёфта буд, пас маълум аст, ки фалсафаи ҳиндӣ асосан дар пойгоҳи ведаҳо рушд ёфтааст [105, 227].

Зимни омӯзиши эҷодиёти Бедил таъсири ин тарафҳои ведаҳо баръало ифода ёфтаанд. Достони «Тӯри маърифат» ба сифати намунаи назми ҷолиб дар бораи табиат хизмат расонида метавонад. Дар он асосан манзараи кӯҳҳои Байрот тасвир мегардад. Ин маснавӣ ба Шукуруллохон, ки шоҳ ва шогирди Мирзо Абдулқодири Бедил буд, бахшида шудааст. Дар «Тӯри маърифат» ӯ руҳро чун аъзои замин пешкаш намуда, даъват мекунад, ки хонанда аз афсонаву ривоятҳо даст кашида, ба омӯхтани олами мавҷуда шуғл варзад. Дар ин ҷо ӯ мекӯшад, ки фалсафаи суфияро бо ақидаҳои фалсафӣ-метафизикии Юнони Қадим ва Ҳиндустон якҷоя созад.

Мирзо Абдулқодири Бедил дар асарҳои худ ба он лаҳзаҳое ишора менамояд, ки ӯ зери таъсири таълимоти ҳиндӣ қарор дошт. Дар «Руқъаот» қисми бештари мактубҳо, асосан ҷавобӣ, ки онҳоро худи ӯ дар давоми ҳаёти хеш навиштааст, ҷамъоварӣ шудааст. Ин асар дар омӯзиши муносибати ӯ бо ҳамасрон, ҳокимон, адибон, файласуфону олимони бузург аҳамияти калон дорад. Дар аксари мактубҳо ақоиди ӯ ошкор мегарданд. Худи Мирзо Абдулқодири Бедил масъалаҳои онтология, гносеология, кайҳоншиносии суфиёна, ахлоқ, илми баён, муносибати дутарафаро мефаҳмонд. Баъзан ӯ ба масъалаи эманатсияи олами моддӣ ва Руҳи мутлақ дахл мекунад. Аз рӯи ин мактубҳо ба дараҷаи муайян таҳаввули ғояҳои ӯ ва мулоҳизаҳояшро дар бораи он сарчашмаҳое, ки ба ташаккули ҷаҳонбинии ӯ таъсир расонидаанд, пайгирӣ кардан мумкин аст.

Таъсири фалсафаи ҳиндӣ ба Мирзо Абдулқодири Бедил, пеш аз ҳама, бо рағбати ӯ ба гузашта, суҳбатҳо бо мутафаккирони ҳамасри хеш, бо донандагони фалсафаи қадимаи ҳиндӣ, ки дар байни онҳо Шайх Камол низ буд, ки ӯро ба назар афкандан ба роҳи тайкардаи мутафаккирони ҳинд ва гузоштани масъалаҳои абадии ҳастии бо ёрии нақшаҳои куҳна ҳалшаванда водор намуд, асоснок гаштааст.

Ин синтези фалсафаи Мирзо Абдулқодири Бедил хусусан ба суфия хос аст. Дар суфия баъзан консепсияҳои мухталифи ҷаҳонбинӣ вомехӯранд. Масалан, Муъминов И.М. дар китоби худ «Ақидаҳои фалсафии Мирзо Бедил»

ба ғояҳои материалистии Бедил ишора менамояд. Дар ин ҷо бояд зикр кард, ки мактабҳои фалсафаи ҳиндӣ таълимоти материалистӣ низ доштанд ва онҳо, албатта ба суфия ва ташаккули ҷаҳонбинии Мирзо Абдулқодири Бедил таъсири худро расониданд.

Омӯзиш ва таҳлили асарҳои ӯ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар онҳо таълимоти гуногуни фалсафӣ ҳамбастагӣ доранд. Мирзо Абдулқодири Бедил ба таври механикӣ ғояҳои таълимоти гуногунро азхуд накардааст. Баръакс, ӯ хеле моҳирона ақидаҳои динӣ-фалсафии аз рӯи аломатҳои таърихӣ ва ҷӯғрофӣ гуногунро дар асоси зеҳни исломӣ якҷоя мекунад.

Ҳамин тариқ, мероси фалсафии Бедил дар ғанигардонии маданияти халқи мо ва халқҳои минтақа саҳми калон гузоштааст. Бедил таълимоти пантеистӣ ва гуманистиро ба вуҷуд овард, ки баъдан дар Осиёи Миёна паҳн гашта, пайравони зиёдеро пайдо кард.

Ба ин бештар он чиз мусоидат намуд, ки маҷмуи шеърҳои Бедил дар қатори девонҳои Саъдӣ, Ҳофиз дар мадраса омӯхта мешуданд ва чун китобҳои дарсӣ ба барномаи ҳатмӣ ворид гардида буданд. Дар хусуси он ки асарҳои Бедил дар мадрасаҳои Осиёи Марказӣ омӯхта мешуданд, мо баъд аз омӯхтани осори пайравони ӯ, масалан, Зуфархон Ҷавҳарӣ ва Тӯғрал боварӣ ҳосил кардем.

Ҳарчанде ки эҷодиёти Бедил синтези маданияти мусулмонӣ ва ҳиндӣ мебошад, аммо ғояҳои ӯ асосан зери таъсири осори Румӣ ва Аттор рушд ёфтаанд. Мутафаккир дар асари худ «Муҳити аъзам» ба ин бевосита ишора мекунад:

Зи ҷоми Мавлавӣ гар ҷуръат бахшанд, дарёбӣ
К-аз ин майхона бӯи таблаи Аттор меояд [77, 4].

Ба ақидаҳои ахлоқии Бедил таълимоти буддоия, иттиҳодияҳои суфиёна, ки дар Ҳиндустон фаъолият мекарданд, инчунин ҷойния таъсири калон расонидаанд. Ба ақидаҳои эстетикии ӯ системаҳои мактабҳои динӣ-фалсафии ҳиндӣ ва суфия бештар таъсир мерасониданд.

Бояд зикр кард, ки таваҷҷуҳи мутафаккирони бузурги асри XVII ба масъалаи таълиму тарбияи инсон на фақат дар асарҳои фалсафӣ, илмӣ ва адабӣ, балки дар асарҳои махсуси педагогӣ низ мавриди муҳокима қарор гирифтаанд.

Аз ҳамин нуқтаи назар, муайян намудани муҳити илмӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ-ахлоқие, ки ба рушд ва такомули ҷаҳонбинии шоирон, нависандагон ва олимони асри XVII таъсир расонидаанд, яке аз вазифаҳои муҳим ва асосӣ ба ҳисоб меравад.

Раванди ташаккул, рушди ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳони маънавӣ-ахлоқии ин замон аз якчанд хусусияти хос иборат буд, ки онҳоро дар вақти арзёбии ин давр бояд ба эътибор гирифт. Яке аз хусусиятҳои давраи мазкур дар он аён мегардад, ки омилҳои асосии рушди ғояи илмӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ-ахлоқӣ таъсири (пояи) динӣ доштанд. Дар ин давра, дин (ислом, будоия ва ғайра) дар Ҳиндустон ҳамчун воситаи (яроқи) асосии идеологии табақаи ҳукмрони ҷомеаи ҳамонвақта ба ҳисоб мерафт ва ахлоқи динӣ дар ҷомеа ҳамчун ахлоқи асосӣ дониста мешуд.

Хусусияти дигари ташаккул ва рушди афкори замон ба он вобастагӣ дошт, ки шаҳрҳо на фақат маркази ҳунармандӣ, тиҷорат ва савдо, балки дар баробари ин, маркази илму маърифат ва фарҳангу маданият ҳам ба ҳисоб мерафтанд. Дар шаҳрҳо мактабу мадрасаҳо, китобхонаҳо, масҷидҳо ва дигар ниҳодҳои фарҳангию маданӣ таъсис ёфта, шоирон, нависандагон, олимон, санъаткорон ва дигарон ҷамъ меомаданд.

Хусусияти хоси дигари ташаккул ва рушди илму фарҳанг ва маънавиёту ахлоқи асри XVII дар Ҳиндустон дар он муайян мегардад, ки аз тарафи олимон, шоирон, нависандагон ва дигар намояндагони илму фарҳанги замон давом додани анъанаҳои илмию фарҳангӣ ва адабиву маънавии ниёгони хеш василаи инсондӯстӣ ва башардӯстӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар нимаи дуюми асри XVII ва ибтидои асри XVIII дар самти адабиёт равияи пешоҳангро адабиёти доираҳои шаҳр, ки берун аз дарбор рушд дошт, ташкил менамуд. Хосияти адабиёти берун аз шаҳр дар он ифода меёфт, ки доираи мазкур табақаҳои гуногуни ҷомеаро дар бар мегирифт.

Аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, ки дар нимаи дуюми асри XVII ва ибтидои асри XVIII дар Ҳиндустон давраҳое буданд, ки муборизаҳои байни дину мазҳабҳо тезу тунд гашта, то ба дараҷаи куштор ва хунрезиҳо омада мерасиданд. Шаклҳои муборизаи байни намояндагони дину мазҳабҳо гуногун буданд. Масалан, онҳо дар ҳарчи бошукуҳ сохтани масҷиду мадарасаҳо, вайрон

ва хароб сохтани ин иморатҳо аз тарафи пайравони динҳои мухолифин, задухўрд дар кўчаҳо, ки оқибат то ба дараҷаи куштору рехтани хуни якдигар оварда мерасониданд ва ғайраҳо сурат мегирифт.

Устод С. Айнӣ дар асари худ «Мирзо Абдулқодири Бедил» дар қисмате, ки дар бораи замони Бедил маълумот медиҳад, доир ба ин мавзўъ мисоле оварда, чунин менависад: «Чунончи, дар Лоҳур Фўлодбарлос ном касе Муллоаҳмад ном касеро ки шиамазҳаб буд, аз хонааш ҷеғ зада кушт. Вақто ки ин хабар маълум шуд, аз тарафи давлат фармон дода шуд, ки Фўлодбарлосро дастгир карда, ба пойи фил баста, дар шаҳри Лоҳур гардонда куштанд. Ин фармон ба амал омад ва аҳли таассуб аз тарс ором гашанд» [22, 13].

Чи тавре аён гашт, аз оқибати чунин зиддиятҳо шаҳру деҳот харобу валангор, одамон кушта ва арзишҳои илмиву фарҳангӣ, маданиву маънавӣ талаф мешуданд. Дар ин хусус, устод С. Айнӣ хеле амиқу дақиқ дар китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил» овардааст: «Ба болои эълони исён ва «истиқлоли ҳукуматдорони маҳаллӣ», табдили подшоҳон, ҷанги байнихудии мансабдорон ва дигарон-ҷангҳои байни ҳиндую мусулмон, низоъҳои шиаву суннӣ, дар ҳар тараф пайдо шудани динҳои нав ва мазҳабҳои тоза барои моҷароҷўёна ба даст даровардани ҳокимияти ягон вилоят-сарборӣ буд. Дар натиҷаи ҳамаи инҳо мамлакат хароб, биноҳои маданӣ вайрон, шаҳр ва деҳаҳо зеру забар, аҳолӣ кушта ва хонавайрон мешуданд» [22, 22].

Муҳити илмӣ, фарҳангӣ ва маънавие, ки дар ин замон дар Ҳиндустон ба вуқуъ пайваста буд ба ташаккул ва рушди ҷаҳонбинӣ ва ақидаҳои илмию фарҳангӣ ва адабиву маънавии Мирзо Абдулқодири Бедил, албатта, бетаъсир намонд. Аз ин рў, гуфтан мумкин аст, ки асоси ҷаҳонбинии Мирзо Абдулқодири Бедилро ақидаҳои динӣ, ирфонӣ ва маърифатпарварӣ ташкил мекарданд.

Бояд тазаккур дод, ки он вохўриҳо, суҳбатҳо ва мулоқотҳое, ки Мирзо Абдулқодири Бедил бо намояндагон ва пайравони дину мазҳаб ва равияҳои гуногуни шаҳрҳои Ҳиндустон ба анҷом расонида буд, ҳамчун усул ва воситаи пурмаҳсули тадқиқу таҳқиқ ва омўзиши анъана, урфу одат, расму оин ва тарзи зиндагии мардумон аз наздик шиносоӣ пайдо кардааст, ки боиси бою ғанӣ гардидани ҷаҳони маънавию фарҳангии ў гаштааст. Ҳамаи ин муттафаккири

бузургро ба он водор сохт, ки ӯ дар асарҳои иншокардааш масъалаҳои инсонгариву инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, дӯстиву рафоқат, ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ, покиву поктинатӣ, ростиву ростқавлӣ, меҳнатдӯстиву касбомӯзӣ, ҳурмату эҳтироми устодону калонсолон, дасти ҳиммат дароз кардан ба бечорагону бенавоён ва дигар хислатҳои неки инсониро асоси афкори ҷаҳонбинии хеш қарор диҳад.

Зикр бояд кард, ки он мубориза ва ҷангҳое, ки дар байни ҳукуматдорон ва мансабхоҳон дар кишвари Ҳиндустон дар ин давра ба амал омада буд, ба суръати пешравӣ ва рушди илму маърифат ва фарҳангу маданияти халқи ин сарзамин монеаи сахт мешуд. Аммо, чи тавре, ки сарчашмаҳои таърихии давр шаҳодат медиҳанд, дар баробари ин, дар ин замон дар ҳолати муттаҳид шудани мардуми ин сарзамин (дар давраи подшоҳии Акбар, Ҷаҳонгир, Аврангзеб) то як дараҷа имконият пайдо шуд, ки муносибатҳои ақлию фикрӣ ривоҷ ёбанд, марказҳои илмию адабӣ, фарҳангиву маданӣ таъсис дода шаванд ва дар ин марказҳо намояндагони илму адаб бахри рушду нумуи илму маориф ва фарҳангу маънавиёти мардуми кишвари бузурги Ҳиндустон муттаҳид гарданд.

Чи тавре маълум гашт, муҳити илмӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ-ахлоқии нимаи дуюми асри XVII ва ибтидои асри XVIII дар Ҳиндустон, дар умум ба ҳаёти реалии мардум таъсири калон расонида, дар баробари ба вуҷуд овардани монеаҳою мушкилиҳо, ҳамзамон дар ривоҷу равнақ ва рушду нумуи илм, фарҳанг ва маънавиёту ахлоқи ҷомеа шароитҳои муайянеро низ фароҳам овардааст.

Ҳамин тариқ, зикр кардан ҷоиз аст, ки ин муҳити илмӣ, фарҳангӣ ва маънавие, ки дар давраи нимаи дуюми асри XVII ва ибтидои асри XVIII дар Ҳиндустон ба вуқуъ пайваста буд, бечунучаро, ба ҷаҳонибинӣ ва фикру андешаи Мирзо Абдулқодири Бедил таъсири хоси худро расонида буд.

## 1.3. Дарачаи омӯзиши ҳаёт, эҷодиёт ва афкори педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил дар сарчашмаҳои илмӣ ва таърихӣ

Дар раванди ташаккул ва рушди муносибатҳои нави сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии ҷомеаи имрӯзаи мо масъалаи таълиму тарбияи инсони комил мақоми хосеро ба худ касб кардааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки имрӯз роҳи сохтмони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоиро ҳамчун мақсади асосӣ ва ягонаи худ қарор додааст, таълиму тарбияи насли наврас дар руҳияи анъанаҳои миллии маданӣ ва фарҳангии халқи хеш бо дарназардошти ягонагии решаҳои тамаддуни умумибашарӣ сиёсати асосии давлати тоҷикон гардидааст: «Муҳимтарин вазифаи мактаб ва ҷомеа, - таъкид кардааст Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, - дар шароити нави таърихӣ аз он иборат аст, ки шогирдонамонро дар руҳияи хештаншиносӣ, ифтихори миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд» [113, 16].

Мавриди зикр аст, ки дар асоси озмоиши ҳаётӣ мутафаккирони гузаштаи бузурги халқи тоҷик бо мақсади ҳалли масъалаи тарбияи Инсони комил низом ва консепсияи таълиму тарбияи ба худ хосеро пешниҳод кардаанд, ки ҳазорсолаҳо боз наслҳои инсон дар асоси он парвариш ёфта, ба камол расида истодаанд.

Дар мероси илмию адабӣ, маданию фарҳангӣ, аз ҷумла педагогии мутафаккирони гузаштаи бузурги форс-тоҷик оид ба масъалаи таълиму тарбияи насли оянда ақидаҳои пурқиматеро мебинем, ки то замони мо аҳамияти таълиму тарбиявии худро аз даст надодаанд. Бо ҳамин мақсад, як гурӯҳ олимони шинохтаи тоҷик аз миёнаҳои асри XX сар карда, ба таҳқиқ ва тадқиқи афкори илмию адабӣ, фалсафию фарҳангӣ, маданию ҷамъиятӣ, педагогию психологии А. Рӯдакӣ, Ибни Сино, А. Фирдавсӣ, Носири Хусрав, А. Берунӣ, А. Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, С. Айнӣ ва ҳамфикрону ҳамзамонони онҳо шуруъ карданд.

Дар хусуси омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил, истифодаи ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва педагогии ӯ барои наслҳои оянда асрҳо боз олимони соҳаҳои гуногун пажуҳиш карда истодаанд. Ба ифтихори ин мутафаккири бузург дар кишварҳои дуру наздик симпозиумҳою

конференсияҳои байналмиллалӣ ва семинарҳою ҳамоишҳо ташкил карда гузаронида мешаванд.

Агар сухан дар бораи таҳқиқу тадқиқи ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил равад, пас оғози таҳқиқи аҳвол ва осори мутафаккири бузург аз замони дар қайди ҳаёт буданаш аз тарафи ҳамзамононаш шуруъ гардидааст. Сипас аз ҷониби олимони тоҷик ва мамлакатҳои Шарқу Ғарб низ ба риштаи таҳқиқ кашида, кӯшиш ба харҷ додаанд, ки оид ба масъалаи ҳолнома ва як қатор асарҳои ӯ ҳақиқати воқеиро барқарор намоянд.

Омӯзиш, таҳлил ва пажуҳиши осори Мирзо Абдулқодири Бедил дар шароити ҷомеаи муосири мо хеле муҳим ва зарур ба ҳисоб меравад, зеро он узван бо арзишҳои умумиинсонӣ, бо умумияти тақдири бештари мардуми олам, ки ҳоло дар шароити душвор ва дар баъзе ҳолатҳо фоҷиавӣ ояндаи таърих ва тақдири хешро месозанд, алоқамандии зич дорад.

Аз таълимоти Мирзо Абдулқодири Бедил маълум мегардад, ки ӯ Ведаҳоро дар сатҳи баланд аз бар кардааст, чунки ғояҳои фалсафа ва ахлоқи ҳиндиро бо фалсафа ва ахлоқи исломӣ ҳамоҳанг сохтааст. Чи тавре ки аз аҳвол ва осораш аён мегардад, худи ӯ шоҳид ё иштирокчии бештари маросиму анъанаҳои мазҳабу самтҳои гуногуни замони худ будааст.

Дар бораи дараҷаи омӯзиш ва коркарди мероси Мирзо Абдулқодири Бедил ҳамин нуктаро бояд зикр намоем, ки дар доираи иттилоот ҳанӯз ҳамасрони ӯ дар асарҳои хеш оғоз бахшида буданд. Масалан, дар бораи Мирзо Абдулқодири Бедил Шерхони Лудӣ дар асараш «Миръот-ул-хаёл» ва Мир Азаматулло Бехабар дар «Сафинаи бехабар» ном асараш дар бораи мутафаккири бузург маълумот додаанд. Баъдан, дар асари Ғуломалӣ Озод Балғиромӣ, ки зери унвони «Сарфи озод» маълуму машҳур аст, дар бораи Мирзо Абдулқодири Бедил маълумот иншо гардидааст.

Дар як қатор тазкираҳои ҳамзамонони Абдулқодири Бедил, хусусан дар солномаҳое, ки баъд ба чоп расиданд, асосан сухан дар бораи осор ва андешаҳои шоир меравад. Ҳамзамонони Абдулқодири Бедил ӯро ҳамчун шоир ва мутафаккири бузург баҳо додаанд. Ба андешаи онҳо мутафаккири бузург ҳамеша дар ҷустуҷӯи ҳақиқат буда, эҷодиёти ӯ бошад ҳамчун як «баҳри бесоҳил»-ро монандӣ дошт.

Ҳамин нуктаро бояд таъкид намуд, ки дар асари «Қомуси иша» муаллифи мақола дар бораи Мирзо Бедил Алиакбари Атрофӣ (Доират-ул-маорифи ташаъюъ. 1371, - Теҳрон, Ҷ.3. – С. 567) дар бораи аҳвол ва осори шоир дар шакли мухтасар нақл мекунад.

Шахсият ва эҷодиёти Мирзо Бедил дер боз дар маркази таваҷҷуҳи адибону олимони Осиёи Марказӣ, Ҳиндустон, Афғонистон ва дар замони муосир Ҷумҳурии Исломии Эрон қарор дорад. Бо мақсади омӯзиш ва пажуҳиши мероси Мирзо Бедил мактабҳои махсуси «Бедилхонӣ» ва «Бедилшиносӣ» дар Афғонистон ва Осиёи Миёна, пеш аз ҳама, дар доираҳои адабии Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Истаравшан, Кобул, Ҳирот, Балх ва дар марказҳои дигари фарҳангӣ ба вуҷуд омаданд.

Китоби Набӣ Ҳодӣ «Мирзо Бедил» ба таҳқиқоти эҷодиёти мутафаккир бахшида шудааст. Дар асари мазкур, дар баробари ҳолнома ва эҷодиёти Мирзо Бедил баъзе ғазалу истилоҳоти суфиёнаи ӯ ба забони урду шарҳ дода шудааст. Дар омӯзиш ва таҳқиқи аҳвол ва осори Мирзо Бедил монографияи М. Абдулғанӣ дар бораи Мирзо Бедил, ки аз тарафи Мир Муҳаммад Осаф Ансорӣ тарҷума шуда, соли 1351 (1972) дар ш. Кобул ба нашр расидааст, саҳми хеле босазоеро доро мебошад. Китоби номбурда аз 8 боб иборат буда, дар он сухан дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти шоир меравад ва дар ин ҷо тамоми жанрҳои назму насри ӯ шарҳи худро ёфтаанд.

Дар ин ҷо, мо метавонем номи яке аз олимони итолиёвиро, ки оид ба осори Мирзо Бедил ақидаҳои хешро мавриди баррасӣ қарор додааст, Александр Баузиниро дар қатори дигар олимон-пажуҳишгарони шоир номбар намоем. Олими итолиёвӣ оид ба мавзуи муайянсозии «услуби ҳиндӣ» асари хешро бахшидааст. Ба қавли ӯ, Мирзо Бедил ба рушди назми форсӣ таъсири калон расонд. Александр Баузини дар мақолаи «Бедил ва Ғолиб» ба ин мавзуъ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Мақолаҳои Баузини А., ки ба забони форсӣ тарҷума ва ба маҷмуаи «Бедилшиносӣ» дохил карда шудаанд, барои омӯзиши эҷодиёти Мирзо Бедил аҳамияти назаррас доранд. Фикру андешаҳои ӯ дар бораи ҷанбаҳои гнесологии таълимоти Мирзо Бедил барои илми адабиётшиносӣ хеле арзиши калон доранд. Дар таҳқиқоти ақидаҳои реалистии шоири бузург, яъне «реализм»-и ӯ профессор Баузини дар назми Мирзо Бедил ҷанбаҳои иҷтимоиро сарфи назар кардааст. Ақидаҳои Баузини дар хусуси он ки

Мирзо Бедил яке аз классикони адабиёти форс ба ҳисоб меравад, ки ба ҷаҳонбинии аврупоӣ наздиктар меистад, ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад.

Бояд тазаккур диҳем, ки ба пажуҳиши аҳвол ва осори Мирзо Бедил олимони Афғонистон низ диққати хоса додаанд. Масалан, маҷмуаи мақолаҳое, ки дар Афғонистон нашр гардидааст, андешаҳои муҳаққиқони ин кишвар дар бораи Мирзо Бедил гирд овардашуда, ба нашр расонида шудааст.

Дар омӯзиш ва таҳқиқи эҷодиёти Мирзо Бедил асари муҳаққиқи шинохтаи афғон Салоҳиддин Салҷуқӣ «Нақди Бедил» як кӯшиши арзишнок ба ҳисоб меравад. Китоби мазкур ба мавзуъҳои алоҳида ҷудо шуда, дар он фикру андешаҳои Мирзо Бедил дар бораи ҳастӣ, идрок, этика ва масъалаҳои мухтасар шарҳ дода шудаанд. Салоҳиддини Салҷуқӣ, ҳамчун яке аз олимони донандаи нозуки назм ва суфия, шеърҳои Мирзо Бедилро дуруст ва нозукбинона шарҳ додааст. Аммо таҳқиқоти ӯ пароканда ба назар мерасад, ашъори Мирзо Бедилро асосан аз рӯи мафҳумҳои калидӣ, ки дар эҷодиёти шоири машҳур мавқеи махсус доранд, шарҳ медиҳад. Аз ин сабаб таҳлили пардарпайии осори Мирзо Бедил дар асари С. Салҷуқӣ ба назар намерасад.

«Куллиёт»-и Мирзо Бедил, ки дар ҳаҷми чор ҷилд дар шаҳри Кобули Афғонистон зери роҳбарии шоир ва олими шинохта Халилуллоҳи Халилӣ ба нашр расид, хизмати назаррас ва калони олимони афғон мебошад.

Бояд зикр кард, ки дар давоми солҳои охир дар Ҷумҳурии Исломии Эрон низ ба эҷодиёти Мирзо Бедил, ки пештар шуҳрати зиёд надошт, майлу рағбат ва эҳтироми ӯ рӯз то рӯз афзун гашта истодааст. Дар асоси «Куллиёт»-и Мирзо Бедил, ки дар шаҳри Кобули Афғонистон нашр шуда буд, бо баъзе ислоҳот, дар шаҳри Теҳрон «Куллиёт»-и Мирзо Бедил дар се ҷилд бо пешгуфтори Парвоз Аббоси Доконӣ интишор ёфт.

Дигар олими эроние, ки дар осори ӯ мо дар бораи тавсифномаи мухтасари Мирзо Бедил метавонем шинос гардем ин адабиётшиноси Эронӣ Ризозода Шафақ мебошад, ки яке аз аввалинҳо шуда, ба мероси шоир таваҷҷуҳ зоҳир намуда, фикру андешаҳои хешро баррасӣ кардааст.

Дар асари «Сафина» ё «Сафинат-уш-шуаро»-и муаллифи ҳиндӣ Биндрабон Дал (ба тахаллуси Хушгӯ) дар бораи Абдулқодири Бедил маълумоти муҳим омадааст. Биндрабон Дал ба масъалаҳои гуногуни ҳаёти Абдулқодири Бедил рӯшанӣ андохта, дар хусуси муносибати ҳокимони Ҳиндустон бо ӯ ва рақибони

ғоявии ӯ маълумот медиҳад. Абдулқодири Бедилро ҳамчун олим ва мутафаккири бузурги замони худ, ҳамчун донандаи илмҳои физика, математика, табиатшиносӣ, фиқҳ, таърих, тиб, мусиқӣ баҳои баланд медиҳад. Ӯ ба хотира ва ҳофизаи хуби шоир баҳои баланд дода, таъкид мекунад, ки Бедил «Муҳабҳарата»-ро ба пуррагӣ азёд медонист.

Ҳамин нуктаро зикр бояд намуд, ки олимони тоҷик низ доир ба масъалаи аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд. Яке аз аввалин шуда дар Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ дар монографияи худ, ки таҳти унвони «Мирзо Абдулқодири Бедил» машҳур аст, дар борaи аҳвол ва осори шоири бузург ва аҳамияти он дар рушди адабиёти халқи тоҷик андешаҳои хешро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дигар ин ки асари устод С. Айнӣ барои рушд ва такомули илми адабиётшиносии тоҷик қимати хеле калони назариявӣ ва амалӣ дорад.

Тазаккур бояд дод, ки Садриддин Айнӣ ба ҳайси яке аз муҳаққиқони аввалини аҳвол ва осори Абдулқодири Бедил дар асараш дар асоси маълумоти тазкиранависону таърихнигорони Ҳиндустон таъкид кардааст, ки аҳли исломи ин мамлакатро ба се гурӯҳ тақсим кардан лозим аст: ба гурӯҳи якум мусулмононе дохил мешаванд, ки аз аҳолии аслии Ҳиндустон мебошанд; ба гурӯҳи дувум, ҳиндустонзодаҳо, яъне касоне дохил мешаванд, ки падару бобоҳояшон аз Осиёи Миёна ва Эрон ба Ҳиндустон муҳоҷир шуда рафтаанд, аммо худашон дар он ҷо таваллуд ёфтаанд; ба гурӯҳи савум, вилоятҳо, онҳо касонеанд, ки дар Осиёи Миёна ё Эрон зоида шуда, худашон муҳоҷир шуда, ба Ҳиндустон рафтаанд.

Аз андешаи устод С. Айнӣ маълум мегардад, ки аз ин се гурӯҳ забони модарии ду гурӯҳи аввал ҳиндӣ буда, забони тоҷикиро ҳамчун забони адабӣ аз мактаб сар карда мехонданд. Абдулқодири Бедил бошад, ба гурӯҳе мансуб аст, ки ҳарчанд гузаштагонаш аз мардуми Осиёи Миёна бошанд ҳам, ин забонро фаромӯш карда, бо забони ҳиндӣ сухан мегуфт.

Масъалаи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Абдулқодири Бедил дар илми таърихи фалсафии шӯравӣ ба вижа мақолаҳои Е.Э. Бертелс ва К. Олимов, ҳамзамон таҳлили мухтасари ҷаҳонбинии Абдулқодири Бедил аз тарафи Баҳоваддинов мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» мақолаи С. Амирқулов ба ҳаёт ва эҷодиёти шоир бахшида шудааст.

Ақидаҳои фалсафии Абдулқодири Бедил дар собиқ давлати шӯравӣ бори аввал аз тарафи олими Ӯзбекистон, академик И. Муъминов мавриди таҳқиқоти махсус қарор гирифтааст. И. Муъминов дар асари худ таълимоти файласуфи бузургро дар бораи рӯҳ, материя ва шакл, назарияи идрок ва афкори сиёсӣ-иҷтимоии ӯро мавриди таҳлил қарор додааст. Баъди таҳлили осори Бедил, ӯ ба андешае тавaққуф мекунад, ки шоири бузург то ба сатҳи мутафаккирони пешқадами Ғарб расида, ба дарки ҳодисаҳое, ки дар табиат ба вуқуъ мепайванданд, бо роҳи омӯзиши худи табиат расидан мумкин аст. Муъминов С.И. дар асари худ, ба мавҷудияти нуктаҳои диалектикӣ низ дар афкори Бедил ишора кардааст.

Шарқшиноси машҳури шӯравӣ Е.Э. Бертелс дар мақолаҳои худ «Бедил ва таълимоти ӯ дар бораи таҳаввулот» ва «Баъзе қайдҳо дар бораи Бедил» ба баъзе масъалаҳои баҳснок дар осори шоир, ба вижа ба муносибати ӯ ба назарияи таҳаввулот ва дар мақолаи дигар бошад Бедилро ҳамчун олими пешқадами замони худ баҳои баланд додааст.

Дар монографияи академик А. Мирзоев зери унвони «Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик», ки ба Сайидои Насафӣ бахшида шудааст, ишораҳо оид ба масъалаҳои методологӣ, тавсифномаи «сабки ҳиндӣ» ва эҷодиёти Абдулқодири Бедил ҷой доранд.

Масалан, А. Мирзоев дар боби III ҳамин китоб, ки «Таъсири сабки ҳиндӣ» ном гирифтааст овардааст: «Дар муқаддимаи ин боб, пеш аз мақсади асосӣ, инро бояд қайд кард, ки дар солҳои охир эҷодиёти охирин намояндаи бузурги сабки ҳиндии адабиёти тоҷик-форс Мирзо Абдулқодири Бедил (1641-1721) беш аз беш диққати аҳли адабиётро ба худ ҷалб кард. Ҳатто адабиётшиносони Эрон, ки то вақтҳои охир ба маҳсули адабии Бедил аҳамият намедоданд, нафақат ӯро ба таърихи адабиёт дохил карданд, балки ба воситаи матбуот низ мақоми ӯро хеле баланд бардоштанд» [76, 29].

А. Мирзоев Бедилро яке аз охирин шоирони машҳури Ҳинд, ки сабки ҳиндиро такмил додааст ҳисобида, ӯро ҳамчун чароғи адабиёт ва забони форсӣ дар сарзамини Ҳинд донистааст. Ӯ зикр кардааст, ки сабки мазкур, ки дар Мовароуннаҳр тарафдорони зиёд дошт, ин сабкро бо номи шоири бузург пайваст намуда, бо унвони «бедилизм» машҳур ва маълум гардонида буданд.

Устод Мирзоев А. ба ақидаи профессор Бертелс ҳамроҳ шуда, оид ба услуби Абдулқодири Бедил чунин таъкид кардааст, ки барои дуруст фаҳмидани моҳияти эҷодиёт ва услуби шоир танҳо баъди омӯхтани муҳити таърихии ҳамон давр мумкин ва имконпазир мешавад. Мирзоев А. низ ҷонибдори ҳамон андеша мебошад, ки услуби Бедил чизе нест, ки бе надонистани муҳите, ки шоир ба сар бурдааст фаҳмида шавад. Ин услуби Бедил марҳалаи охирини рушди ҳамон сабки ҳиндӣ мебошад, ки аз Амир Хусрави Деҳлавӣ оғоз карда, то Абдулқодири Бедил ва боз якчанд шоирони бузурги дигар соҳиб буданд.

Мирзоев А. оид ба сабки ҳиндӣ фикри дигареро, ки дар матбуот ба нашр расида буд, иқтибос оварда: «Услуби ҳиндӣ ва шакли такомулёфтаи он, ки услуби Бедил мегӯянд, - менависад рафиқ Ш. Ҳусейнзода, - баъд аз асри XIV дар замони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ рӯида буд. Азбаски намояндагони ба назар намоёни ин услуб дар Ҳиндустон ҷой гирифта буданд ва бо он ҷо робитаи мустаҳкам доштанд, ба сабки ҳиндӣ (услуби ҳиндӣ) маъруф шуд» [76, 29], таъкид кардааст, ки муаллифи мақола фикрҳои дар мақола овардаи худро бо далелҳои муътақид асоснок накардааст. Бинобар ин, фикрҳои муаллифи мақола қувватнок ва боварибахш нестанд.

Дар ин маврид, бояд зикр кард, ки устод А. Мирзоев дар асари худ «Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик» дар бобе, ки сухан дар бораи сабки ҳиндӣ меравад, бо мақсади ҳарчи васеъ ва ҳаматарафа баррасӣ намудани мавзуъ дар бораи Абдулқодири Бедил ва нақши ӯ дар ташаккул ва рушди сабки ҳиндиро мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар китоби «Ақидаҳои зиддидинӣ дар адабиёти классикии тоҷику форс» олими шинохтаи тоҷик Мирзоев Х. андешаҳои фалсафӣ ва иҷтимоии Абдулқодири Бедилро баррасӣ карда, дар асоси ақидаҳои фалсафиаш ӯро материалист донистааст.

Дар масъалаи омӯзиш ва таҳлили ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил Шукуров Ш.  кори хеле назаррасеро ба анҷом расонидааст. Асаре, ки ӯ ба чоп расонидааст, пеш аз ҳама, ба эҷодиёти Абдулқодири Бедил ва мақому нақши ӯ дар рушди адабиёти Ҳиндустон, инчунин ба ошкор намудани дараҷаи омӯзиш ва сарчашмаҳои лирикии мутафаккири бузург, анъанаҳои назми ӯ бахшида шудааст.

Бояд зикр кард, ки академик Баҳовиддинов дар «Очеркҳо доир ба таърихи фалсафаи тоҷик» оид ба масъалаи хусусиятҳои пантеистии камбудию норасоиҳои иҷтимоии ҷамъияти замонро баррасӣ кардааст.

Олимов К. дар мақолаҳои худ ва сипас Содиқова Н.Н. дар монографияи худ «Антропологияи фалсафии Мирзо Абдулқодири Бедил» достони «Тилисми ҳайрат» ва «Муҳити аъзам»-ро бори аввал ҳамчун объекти омӯзиш ва таҳлили фалсафӣ қарор додаанд.

Олимов К. кӯшидааст, ки дар доираи мақолаҳои худ «Баррасиҳо дар тасаввуфи Бедил» ва «Асрори ҳастии инсон дар фалсафаи Бедил» дар асоси достони «Муҳити аъзам» ва «Тилисми ҳайрат»-и мутафаккир фикру андешаҳои асосии ӯро ҳарчӣ объективона, реалӣ ва дуруст кушода диҳад. Ва бояд таъкид намоем, ки ҳалли дурусти ин масъалаи мазкур ба Олимов К. даст додааст.

Ҳамин нуктаро бояд таъкид намуд, ки ба Олимов К. муяссар шудааст, ки аввалин бор ин ду достонро аз нуктаи назари антология ва гнесология таҳлил намуда, ҳамзамон ба зарурати андешаҳои эстетикии Абдулқодири Бедил ва масъалаи инсон, ки ҷавҳари осори шоири бузургро ташкил менамояд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир намояд.

Масъалаи омӯзиши таълимоти Шанкара, Бедил ва Шопенгауэр дар мақолаи М. Ғуломов «Шанкара-Бедил-Шопенгауэр» баррасӣ гаштааст. Ба он нигоҳ накарда, ки мақола дар шакли тезис баррасии шудааст, аммо дар он тарзи гузориши масъалаҳо диққатҷалбкунанда мебошад. Ғуломов М. дар асари худ бо номи «Муқаддимаи антропология» масъалаҳои антропологияро дар достони «Тилисми ҳайрат»-и Бедил махсус баррасӣ намудааст.

Бояд афзуд, ки масъалаи таҳқиқоти эҷодиёти Абдулқодир Бедил ба таври васеъ, дақиқ ва ҳамаҷониба дар рисолаи доктории Шукуров Шавкат мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Асарҳои мунтахаби Абдулқодири Бедил дар панҷ ҷилд дар ш. Душанбеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шуданд, ки асосан ғазалу достонҳои мутафаккирро дар бар мегирад. Чаҳор ҷилди аввал ғазалҳо ва ҷилди панҷум достонҳои шоир «Тилисми ҳайрат», «Тӯри маърифат» ва ғайраро дар бар гирифтааст.

Ҳамдамов Б. дар рисолаи номзадии худ ба мавзӯи мазмуни суфиёна ва хусусиятҳои бадеии Мирзо Абдулқодири Бедил диққат дода, дар ҳалли

масъалаҳои алоқамандии идрок ва тафсири як қатор образу мотивҳои достони мутафаккир саҳми хешро гузоштааст. Ҳамдамов Б. ба мавзуи мазкур дар монографияи худ «Совмааи маърифат» аз нав таваҷҷуҳ пайдо карда, ба мавзуи мазкур идома мебахшад.

Бо мақсади тарғибу ташвиқ, оммавигардонӣ ва ба мардум фаҳмонида додани маънии ғазалҳои Абдулқодири Бедил шарҳи баъзеи ғазалҳои шоир дар якчанд саҳифаҳои маҷаллаи «Маърифат», солҳои 1994 (№№9-10); 1996 (№№7-8); 1997 (№№1-8) ба нашр расидаанд.

Даҳ ғазали Абдулқодири Бедил аз тарафи Б. Раҳимӣ ва А. Афсаҳзод, шаст ғазал аз тарафи Бобобек Раҳимӣ шарҳ дода шудаанд. Шарҳи ин ғазалҳо барои омӯзиш, таҳлил ва истифода намудан дар корҳои пажуҳиши илмӣ аз тарафи муҳаққиқон аҳамияти арзанда дорад. Бояд гуфт, ки шарҳи истилоҳоте, ки ба анҷом расонида шудааст на фақат барои муҳаққиқони аҳвол ва осори Абдулқодири Бедил зарур аст, балки барои муҳаққиқони ҷараёни суфия низ хеле муҳим мебошад. Дар мақолаи Бобобек Раҳимӣ «Бедил ва сабабҳои дар Эрон шуҳрат наёфтани ӯ» мекӯшад, ки сабабҳои ба эҷодиёти Бедил кам диққат додани олимони Эрониро муайян намояд. Ва Бобобек Раҳимӣ масъалаи мазкурро мавриди таҳлил қарор дода, ба чунин хулоса меояд, ки чунин тарзи муносибат нисбат ба Бедил муваққатӣ мебошад. Худи вақт нишон дод, ки дар давоми панҷ соли охир эҷодиёти Абдулқодири Бедил аз тарафи олимони Эрон дар доираи васеъ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Ақидаи дар боло ишорашударо ба чоп расидани осори мунтахаби Бедил исбот менамояд.

Ҳамин нуктаро бояд зикр намоем, ки масъалаи омӯзиш ва таҳлили рӯзгор ва осори Абдулқодири Бедил на танҳо дар маҷаллаи «Маърифат», ҳамзамон дар саҳифаҳои маҷаллаи «Садои Шарқ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, дар солҳои 2017 (№№2, 9); 2019 (№№5) ва ғайра ба чоп расидаанд.

Бояд зикр кард, ки Бобобек Раҳимӣ соли 2002 аввалин шуда «Нукоти Бедил»-ро ба ҳуруфоти кириллӣ омода карда, пешкаши ҳаводорони эҷодиёти шоир гардонидааст.

Тазаккур бояд дод, ки ба аҳвол ва осори Абдулқодири Бедил дер боз олимони мамлакатҳои хориҷи дуру наздик, ба монанди кишварҳои Осиёи Миёна, Афғонистон, Ҳиндустон, Эрон ва ғайра таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Дар ин кишварҳо, бо мақсади омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи эҷодиёти

Абдулқодири Бедил мактабҳои махсуси «Бедилхонӣ», «Бедилшиносӣ» ва доираҳои адабӣ, фалсафӣ дар Осиёи Миёна, Афғонистон, Эрон, аз ҷумла дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Истаравшан, Кобул, Ҳирот, Балх ва дигар марказҳои фарҳангӣ фаъолият мекунанд.

Дар китоби «Мирзо Бедил»-и Набӣ Ҳодӣ дар баробари аҳвол ва осори Бедил ба як қатор ғазалу истилоҳоти суфиёнаи ӯ низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. Дар масъалаи омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти мутафаккири бузург асари Мирзоев Абдулғанӣ дар бораи Бедил, ки аз ҷониби Мир Муҳаммад Осаф Ансорӣ тарҷума шуда, соли 1351 (1972) дар ш. Кобул ба чоп расида буд, аҳамияти хеле арзандаро соҳиб аст. Дар китоби мазкур сухан дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Абдулқодири Бедил рафта, тамоми шарҳи жанрҳои назму насри файласуфи бузург мавриди таҳлили пурра қарор гирифтааст.

Олими итолиёвӣ Александр Баузини дар мақолаи худ «Бедил ба Ғолиб» «услуби ҳиндӣ»-ро муайян сохта, таъкид менамояд, ки Абдулқодири Бедил дар рушди назми форсӣ нақши хеле калон бозидааст. Андешаҳои Александр Баузини хусусан дар кушода додани таълимоти гнесологии Бедил хеле арзиши зиёдро соҳиб мебошанд. Чи тавре ки аз таҳқиқоти Александр Баузини маълум мегардад, ӯ дар назми шоир нуқтаҳои иҷтимоии ӯро ба назар нагирифтааст, ки ин яке аз масъалаҳои муҳимми эҷодиёти мутафаккири бузург ба ҳисоб меравад.

Ба ақидаи олими итолиёвӣ, Абдулқодири Бедил яке аз намояндагони адабиёти классикии форс мебошад, ки ба ҷаҳонбинии аврупоӣ наздиктар меистад.

Чи тавре ки дар боло ишора рафт, ба масъалаи таҳқиқи аҳвол ва осори Абдулқодири Бедил пажуҳишгарони Афғонистон ҳам диққати ҷиддӣ додаанд. Дар маҷмуаи мақолаҳое, ки дар Афғонистон ба чоп расидааст, дар бораи рӯзгор ва осори шоир андешаҳои хеле ҷолиб ҷамъоварӣ карда шудааст.

Илова бар ин, яке аз пажуҳишгарони шинохтаи Афғонистон Салоҳиддин Салчуқӣ китоби хешро, ки зери унвони «Нақди Бедил» ба нашр расонидааст ба омӯзиш ва таҳқиқи аҳвол ва осори Абдулқодири Бедил бахшидааст. Асари мазкур ба мавзуъҳои алоҳида тақсим гашта, дар он ғояҳои мутафаккири машҳури Шарқ оид ба масъалаи ҳастӣ, идрок, этика ва масъалаҳои дигар мухтасар шарҳи худро ёфтаанд. Салоҳиддин Салҷуқӣ ҳамчун донандаи назм ва

бохабар аз равияи суфия, шеър ва ғазалҳои шоирро хеле хуб, пурра ва дуруст шарҳ додааст. Вале, бояд ҳаминро низ таъкид кард, ки таҳқиқоти гузаронидаи ӯ аз рӯи мантиқ пароканда ба назар мерасад. Ӯ ашъори шоирро асосан аз рӯи мафҳумҳои асосӣ, ки дар осори мутафаккир мавқеи махсус доранд, шарҳ додааст, дар раванду рушди назмшиносӣ қимати арзандаро дорост. Бинобар ин, дар китоби С. Салчуқӣ таҳлили пайдарпайи осори Абдулқодири Бедил дида намешавад.

Дар омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил хизмати шоистаи олимон ва пажуҳишгарони афғон аз он иборат буд, ки «Куллиёт»-и шоири ширинкалом дар чор ҷилд зери назари Халилуллоҳи Халилӣ дар Кобул ба нашр расонида шуд.

Бояд зикр намуд, ки чанд соли охир нисбат ба эҷодиёти Абдулқодири Бедил дар Эрон низ таваҷҷуҳ зоҳир шуда истодааст. Дар асоси «Куллиёт»-и Бедил, ки дар Кобул ба нашр расида буд, бо баъзе ислоҳот, дар ш. Теҳрон бо унвони (Мирзо Абдулқодири Бедил. Куллиёт. Ҷилди аввал. 1341, ҷилди дувум ва савум. – 1342) дар се ҷилд бо пешгуфтори Парвоз Аббоси Доконӣ ба табъ расонида шуд.

Китобе, ки таҳти унвони «Шоири оинаҳо» аз тарафи олими эронӣ Муҳаммадризо Шафеи Кадканӣ ба чоп расонида шудааст, ба масъалаи услуби ҳиндӣ ва назми Бедил бахшида шудааст. Дар китоби мазкур, олими Эронӣ мавзуи ҳаёт ва услуби Бедилро ба риштаи таҳлил кашида, кӯшиш ба харҷ додааст, ки моҳияти эҷодиёти шоирро то андозае баҳри хонанда кушода диҳад. Дар баробари ин, метавонем китоби олими дигари Эронӣ Ҳасани Ҳасинро таҳти унвони «Сипеҳрӣ ва сабки ҳиндӣ» зикр намоем, ки дар он муаллиф ба он кӯшидааст, ки ғояҳои мураккаби назми шоирро дарк намояд.

Дар китобе, ки Убайди Софӣ ғазалҳои Абдулқодири Бедилро ҷамъ овардааст, ӯ худ пешгуфторе навишта дар он тарҷумаи ҳоли шоирро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар китоби мазкур, мақолаҳои Абдулазиз Поиз ва Латиф Пидром оварда шудаанд, ки масъалаи мазмун ва жанри эҷодиёти Абдулқодири Бедилро дарбар мегирад.

Чи тавре, ки аз андешаҳои боло маълум гашт, дар атрофи аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил фикру ақидаҳои зиёди олимон ва пажуҳишгарони кишварамон ва берун аз он арзи вуҷуд доранд. Аммо ба андешаи мо, афкори

илмӣ, фалсафӣ, адабӣ ва педагогии Абдулқодири Бедил, ки дар осори гаронбаҳои ӯ мавриди инъикос қарор гирифтааст, дар шароити замони муосир низ яке аз беҳтарин намунаи ақоиди илмӣ, фалсафӣ, адабӣ, динӣ, фарҳангӣ, педагогӣ, маърифатӣ, инсондӯстиву башардӯстӣ барои мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, ба андешаи мо, бо мақсади шинос намудани чеҳраи ин мутафаккири бузург хеле муҳим ва зарур мебошад, ки ба омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи аҳвол ва осори Абдулқодири Бедил ҷиддӣ машғул шавем. Дар ин ҷода, як нуктаи муҳимми дигар он аст, ки на ҳар кас ба таҳлилу таҳқиқи эҷодиёти Абдулқодири Бедил даст мезанад. Зеро, ки эҷодиёти ин мутафаккири бузург аз пажуҳишгар масъулияти хеле баландро тақозо менамояд.

Омӯзиш ва таҳлили осори Абдулқодири Бедил аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ба он нигоҳ накарда, ки эҷодиёти ӯ андешаҳои хеле мусбатро доро бошанд ҳам, аммо мо наметавонем зикр намоем, ки масъалаи таҳқиқ ва тадқиқи ҳаёт ва эҷодиёти шоирро ба сомон расида ҳисобем, зеро то имрӯз бештари паҳлуҳои афкори фалсафӣ, адабӣ, аз ҷумла педагогии ӯ ҳануз зери омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи ҷидди қарор нагирифтааст.

Аз сарчашмаҳои илмӣ, адабӣ ва таърихӣ маълум аст, ки на ҳамаи паҳлуҳои афкори педагогии Абдулқодири Бедил аз тарафи олимони илми педагогика ва психология дар шакли мукаммал ва дақиқ ба риштаи таҳлил ва таҳқиқ кашида шудаанд. Барои исботи ин фикр, то имрӯз ақидаҳои таълимию тарбиявии мутафаккир қариб, ки аз доираи таҳлил ва таҳқиқи махусуси илмӣ, педагогӣ ва психологӣ берун мондааст.

Имрӯз, ки Тоҷикистони азизи мо соҳиби истиқлолият гашта, роҳи сохтмони ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоиро пеша кардааст, зарурат ба миён омадааст, ки осори мутафаккирони бузурги гузаштаамон, аз ҷумла Мирзо Абдулқодири Бедилро омӯзем, конференсияҳо, симпозиумҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ ташкил бидиҳем ва ба ин восита ҳарчи бештару беҳтар ҷаҳони маънавии бою ғании шоири бузургро шинохта, дарк намуда, дар зиндагӣ пурсамар истифода барем.

Маҳз дар шароити ҷомеаи муосир таҳқиқи эҷодиёти Абдулқодири Бедил бениҳоят муҳим ва зарур аст, зеро он сар то пой бо арзишҳои умумибашарӣ, яъне бо тақдири умумии бештари халқҳои олам, ки имрӯз дар шароити душвор

ва баъзан фоҷиавӣ ояндаи таърихи хешро месозанд, алоқамандӣ дорад. Вале ин алоқамандӣ ва ҳолати шароити имрӯзаро бе омӯзиш ва азбар намудани эҷодии мероси ҷаҳонӣ ва гуманистӣ дар амал татбиқ намудан ғайриимкон аст.

Абдулқодири Бедил дар эҷодиёти хеш қудрати ақливу зеҳнии инсонро васф карда, ғояҳои пешрафтаро тарғибу ташвиқ намудааст. Ба андешаи шоир, барои ба даст овардан ва азхуд кардани ин ғояҳо рушди илмҳои табиӣ ва фалсафа хеле зарур аст. Мутафаккир инсонро васф карда, ҳамзамон, роҳу равиш ва тарзу усули такмили сифатҳои ахлоқии ӯро ҷустуҷӯ намудааст.

Эҷодиёти Абдулқодири Бедил дар доираи ҳамкорӣ ба ҳамдигар таъсиррасонӣ, бой гардонидани ғояҳои маънавӣ-ахлоқии ҳамдигар, пеш аз ҳама, барои муайянсозии муносибатҳои нек ва ҳамкориҳои маданият ва фарҳангҳои ҳиндуия ва мусулмонӣ аҳамияти бузург дорад. Ҳамзамон консепсияи Абдулқодири Бедил дар бораи нақш ва мақому манзалати инсон дар олам, чун шохае, ки раванди эмотсияро дар доираи умумикайҳонӣ ба охир мерасонад, хеле муҳим аст. Ба андешаи Абдулқодири Бедил барпо кардан ва пойдор нигоҳ доштани сулҳ дар ҷомеа яке аз шартҳои муҳимми ташаккул ва рушди инсони комил ба ҳисоб меравад. Ин фикру андешаҳои Мирзо Абдулқодири Бедил то замони мо аҳамияти иҷтимоиву тарбиявии худро гум накардааст.

Андешаҳои пурқимати Абдулқодири Бедил оид ба диншиносӣ ва фиқҳ дар тарбияи динӣ ва ташаккули ҳисси мазҳабпарастӣ, эҳтиром ва боварӣ байни намояндагони мазҳабҳои гуногун дар ҷомеа, мубориза зидди зӯроварӣ ва фисқу фуҷур дар замони муосир хеле муҳим аст.

Ақидаҳои панду ахлоқӣ ва умуман педагогӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ ва фалсафии Абдулқодири Бедил на танҳо фарҳанг ва маданияти халқи тоҷикро дар бар мегирад, балки ба тамоми мардуми Шарқ низ тааллуқ дорад. Мутафаккири бузург бо осори хеш ба синтези фарҳанг ва маданияти фикриву зеҳнӣ ва ҷаҳонбинии мусулмонӣ ва ҳиндӣ таъсири ниҳоят калон расонид, ки он дар фалсафа, адабиёт тарбия ва руҳу равони халқҳои мусулмони Осиёи Миёна решаи чуқур давонд. Эҷодиёти Абдулқодири Бедил аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ намояндаи он фарҳанг ва маданиятест, ки ба он гуногунпаҳлуӣ хос аст.

Аз гуфтаҳои боло мо ба чунин хулоса омадем:

– афкори педагогии Абдулқодири Бедил дар замони раванди ҷаҳонишавии олами муосир дар давраи ҳамкориҳо, ба ҳамдигар таъсиррасониҳо, ҳамдигарбойгардонӣ ва синтези фарҳангу маданиятҳои гуногун, пеш аз ҳама, барои муайянсозии раванди таълиму тарбияи насли ҷавон дар руҳи эҳтиром ва ҳамкориҳои фарҳанг ва маданияти ҳиндуия ва мусулмонӣ аҳамияти калон дорад;
– ақидаҳои педагогӣ ва психологии Абдулқодири Бедил дар бораи нақш ва мавқеи инсон ва тарбияи ахлоқии он дар ҷомеаи муосир мусоидат карда метавонад;
– таълимоти Абдулқодири Бедил дар бораи барқарорсозӣ ва пойдории сулҳ дар ҷомеа ҳамчун муҳаё кардани шароити мусоид дар тарбияи инсони комил дар замони мо низ аҳамияти бузургро соҳиб аст;
– фикру андешаҳои Абдулқодири Бедил дар руҳияи тарбияи ахлоқӣ, меҳнатӣ, интихоби дурусти касбу ҳунар, инсондӯстӣ, ҳамкорӣ, таҳаммулпазирӣ, сулҳдӯстӣ, зебоипарастӣ ва ғайра дар тарбияи инсони комил яке аз роҳу равиши муҳим ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, таҳлил ва таҳқиқи асарҳои илмию таърихии мавҷуда, таваҷҷуҳи моро ба он нукта водор намуд, ки муҳиммияти идома додани таҳқиқи афкори педагогии Абдулқодири Бедил кори хайр ва арзандаву судманде хоҳад буд. Ба он нигоҳ накарда, ки то замони мо ба баъзе паҳлуҳои андешаҳои педагогии Абдулқодири Бедил равшанӣ андохта шудааст, вале онҳо аз диди фалсафӣ ё ҳамчун панду андарз барои хонандагон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанду халос.

## Хулосаи боби аввал

Омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи масъалаҳое, ки дар боби якуми рисола мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, моро водор сохт, ки ба хулосаи зерин розӣ шавем:

– аз сарчашмаҳои илмӣ, таърихӣ ва адабӣ маълум шуд, ки Мирзо Абдулқодири Бедил яке аз шоирон ва мутафаккирони бузурги нимаи дуюми асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII-и тоҷикзабони Ҳиндустон ба оламиён маълум ва машҳур аст;

– вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар нимаи дуюми асри XVII нимаи аввали асри XVIII дар Ҳиндустон хеле муташанниҷ гашта, фишор ва таъсири феодалӣ пурқувват шуд ва ба фалаҷ шудани ҳокимияти сиёсӣ ва ҷангҳои дохилӣ оварда расонида, дар натиҷа мардуми шаҳру деҳотро ба қашоқиву хонавайронӣ гирифтор намуд;

– дар нимаи дуюми асри XVII ва ибтидои асри XVIII дар Ҳиндустон давраҳое буданд, ки муборизаҳои байни дину мазҳабҳо тезу тунд гашта, то ба дараҷаи куштор ва хунрезиҳо омада мерасиданд. Шаклҳои муборизаҳо гуногун буданд. Вайрон ва хароб сохтани масҷиду мадрасаҳо аз тарафи пайравони дину мазҳабҳои мухолифин, задухӯрд дар кучаҳо, ки дар натиҷа то ба дараҷаи куштору рехтани хуни якдигар оварда мерасонид;

– ба ҳама тезу тунд будани вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нигоҳ накарда, илму фарҳанг ва шеъру адаб дар Ҳиндустон то дараҷае рушд ёфта, аҳли адаб анъанаҳои гузаштагони бузурги хешро давом медоданд;

– асарҳо ва дигар корҳои илмие, ки дар бораи аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил аз тарафи олимон ва пажуҳишгарон анҷом ёфтаанд, оид ба масъалаи андешаҳои маънавӣ-ахлоқии мутафаккири бузург маълумоти пурра дода наметавонанд;

– аз тарафи олимон ва пажуҳишгарони педагогика ва психология то замони муосир оид ба афкори маънавӣ-ахлоқии Мирзо Абдулқодири Бедил таҳқиқоти ҷиддие ба сомон расонида нашудааст;

– таҳқиқот ва пажуҳишҳое, ки оид ба аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил то имрӯз гузаронида шудааст, ҳамаи паҳлуҳои андешаҳои маънавӣ-ахлоқии ӯро дар бар гирифта наметавонад. Аз ин рӯ, масъалаи аҳвол ва осор, хосатан маънавӣ-ахлоқии Мирзо Абдулқодири Бедил дар шароити муосир тадқиқ ва таҳқиқи нав, ҳаматарафа ва чуқури илмиро аз ҷониби олимон ва пажуҳишгарони илмҳои педагогика ва психология тақозо менамояд;

– дар давоми ташаккул ва рушди таърихӣ дар кишвари Ҳиндустон давлату империяҳои зиёде ташкил шуда, барҳам хӯрдаанд. Ин империяҳо ва давлатҳо имконият фароҳам овարданд, ки халқҳои ин кишварро бо ҳам наздик намоянд,

дар байни онҳо паҳн шудани қонуну санад ва меъёрҳои умумӣ, дину мазҳаб, фалсафа, фарҳанг, ахлоқ, адабиёт ва санъат муосидат намуданд. Дар ин раванд хазина махзани (фонди) арзишҳои фарҳангию мадании халқҳои ин кишвар бою ғанӣ гашт ва дар баробари ин фарҳанг ва маданияти умумиҳиндӣ ташаккул ёфта, рушд кард;

– дар ин давра, эҷоди асарҳо аз тарафи шоирону олимони форсзабону ҳиндузабон ба забонҳои гуногун падидаи ҷиддие дар соҳаи фарҳанг, илм ва адабиёт ба ҳисоб мерафт. Мутафаккирони пешқадами давр, ба муқобили таассуб, махсусияти динӣ ва нажодӣ, зулму фишор баромад мекарданд. Ба онҳо шоирон ва ходимони намоёни давр, ба монанди Муҳаммад Эзот, Ғулом Алихон Озод, Мирзо Мазҳар, Ҷони Ҷопон, Ҳаким Лоҳурӣ, Сироҷиддини Алихон Орзу, Мирзо Муҳаммад Афзал Собит, Мирзо Абдулғанӣ Кобули Кашмирӣ мансуб мебошанд;

– ҷаҳонбинии Мирзо Абдулқодири Бедил зери таъсири синтези маданият ва фарҳанги мусулмонӣ ва ҳиндӣ монд ва дар навбати худ, мероси илмӣ-адабии ӯ саҳми муайяне мебошад, ки фарҳанг ва маданияти маънавии халқи мо ва халқҳои минтақаро ғанӣ гардонд. Ҳамин тавр, зикр кардан ҷоиз аст, ки Мирзо Абдулқодири Бедил таълимоти тарбиявӣ ва гуманистии худро дар асоси синтези маданияти мусулмонӣ ва ҳиндӣ ба роҳ монд;

– ахлоқ аз назари Мирзо Абдулқодири Бедил ин аст, ки инсон бояд ба дараҷаи камолот бирасад. Дар сиришти инсон арзишҳои маънавӣ-ахлоқие арзи вуҷуд доранд, ки ба василаи онҳо ӯ бояд дар зиндагӣ некиву накукориро бунёд созад. Аз диди Мирзо Абдулқодири Бедил фаҳму дарк ва ташаккули хислатҳои неки маънавӣ-ахлоқӣ ин роҳи асосии расидан ба камолот мебошад;

– эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил барои омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи ақоиди маънавӣ-ахлоқии классикони мо дар таълиму тарбияи насли ҷавон аҳамияти хеле назаррас дорад. Худи эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил дорои намунаи ахлоқи арзишманд мебошад;

– муҳити илмӣ, фарҳангӣ ва маънавие, ки дар нимаи дуюми асри XVII ва ибтидои асри XVIII дар Ҳиндустон ба вуқуъ пайваста буд ба ташаккул ва

рушди ҷаҳонбинӣ ва ақидаҳои илмию фарҳангӣ, адабиву маънавӣ ва педагогиву психологии Мирзо Абдулқодири Бедил, бешубҳа бетаъсир намонд. Бинобар ин, ҷоиз ба зикр аст, ки асоси ҷаҳонбинии Мирзо Абдулқодири Бедилро ақидаҳои динӣ, ирфонӣ ва маърифатпарварӣ ташкил медод;

– ҳамин тариқ, муҳити илмӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ-ахлоқии нимаи дуюми асри XVII ва ибтидои асри XVIII дар Ҳиндустон, дар маҷмуъ ба ҳаёти реалии мардум таъсири калон расонида, дар баробари ба вуҷуд овардани монеаҳову мушкилиҳо, ҳамзамон дар ривоҷу равнақ ва рушду нумуи илм, фарҳанг ва маънавиёту ахлоқи ҷомеа шароитҳои муайянеро низ фароҳам овардааст.

# БОБИ II. МАСЪАЛАИ ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ИНСОН ДАР ОСОРИ АДАБӢ-ПЕДАГОГИИ МИРЗО АБДУЛҚОДИРИ БЕДИЛ

## 2.1. Мирзо Абдулқодири Бедил дар боби мақому манзалати инсон ва фазилатҳои некиву накукорӣ ӯ

Чи тавре аз осори Мирзо Абдулқодири Бедил бармеояд, дар он консепсияи махсуси ахлоқие, ки дар он таълимоти ахлоқияш дар як низом, тартиб ва пайдарпай пешниҳод шуда бошад, дида намешавад. Ӯ ҳамчунин ба таъриф ва тавсифи категорияҳои ахлоқӣ таваҷҷуҳи махсус надодааст ва маълум мегардад, ки чунин мақсадро дар назди худ ҳатто нагузоштааст. Чунки самти афкор ва сохтори асарҳои ӯ, пеш аз ҳама, ба мавриди баррасӣ қарор додани мавзуи инсон ҳамчун давраи хотимавии эмонатсияи илоҳӣ равона шудаанд. Аммо тафсири мафҳумҳо ва мазмуни онҳо ба мутафаккири бузург маълум аст. Аз ин ҷост, ки Мирзо Абдулқодири Бедил дар мавриди зарурӣ масъалаҳои ахлоқиро низ дар осори хеш мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар асл гирем, мутафаккирони тоҷику форс дар мавриди таҳлил ва баррасии афкори хеш оид ба масъалаҳои оламу одам, рушди ҷомеа, таълиму тарбияи инсон ва ғайра аҳамияти ҷиддӣ дода, дар ин мавзуъ дар осори хеш андешаҳо ва фикру ақидаҳояшонро иброз намудаанд. Масъалаи мақом, манзалат ва тарбияи инсон аз замонҳои хеле дури таърихӣ яке аз мавзуъҳои хеле муҳимми давру замон ба ҳисоб рафта, аввалин афкори муфиди хаттии дастрас оид ба ин масъала дар «Авесто» дида мешавад. Мирзо Абдулқодири Бедил бошад, дар ин мавзуъ дар осораш фикру ақидаҳоеро баррасӣ намудааст, ки дар таълиму тарбияи насли ҷавон, хусусан дар раванди парвариши инсони комил, нақши беназирро доро мебошанд.

Ақидаҳои ахлоқии Мирзо Абдулқодири Бедил бо дарназардошти таъсири принсипҳои ахлоқии суфиёна ва Юнони Қадим чунин мазмунро дар бар мегирад. Асоси таълимоти мутафаккирро муносибатҳои байниҳамдигарии одамон дар ҷомеа яке аз омили муҳим ба ҳисоб меравад, ташкил медиҳад. Масъалаи мазкурро ӯ кӯшиш намудааст, ки ба василаи шахси бомаърифат, бохирад ва дарккунанда, ки дар ҷомеа бояд дорои мавқеи шоиста бошад, ошкор созад.

Мусаллам аст, ки аз даврањои ќадим адабиёти форс-тоҷик шакли дидактикии (омўзишии) рафтор, гуфтор ва муносибатро дошт ва дар он ҳамзамон консепсияи (тарбияи) ахлоқӣ низ инъикос меёфт. Масъалаи панду ахлоқ дар Осиёи Марказӣ дар шакли шеър ба амал баровардa мешуд. Мирзо Абдулқодири Бедил низ таълимот ва фикру ақидаҳои ахлоқии хешро дар шакли шеър мавриди таҳлил қарор додааст.

Бояд зикр кард, ки осори илмиву адабии Мирзо Абдулқодири Бедил ҳамчун махзани маърифат ва рукни ҷудонашавандаи халқу миллати мо ба ҳисоб рафта, дар раванди бунёд ва сохтмони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, тарбияи шахси баркамол, рушди илму фарҳанг ва покизагии ахлоқу маънавиёти ҷомеа нақши ба худ хос ва бениҳоят боризеро мебозад. Зеро осори ӯ дорои маърифату маданият, илму фарҳанг ва равшанидиҳандаи руҳу равони инсонӣ буда, ҳар як шахсро ба пиндор, гуфтор ва рафтори нек ҳидоят карда, дар замири ӯ сифатҳои бунёдкорӣ, созандагӣ ва эҷодкориро парвариш менамояд. Аз ҷумла, ашъори шоири бузург пур аз арзишҳо ва сифатҳои ахлоқи неки инсонӣ, ба монанди озодию озодагӣ, инсондӯстиву башардӯстӣ, некию накукорӣ, одаму одамгарӣ, дӯстиву рафоқат худогоҳиву худшиносӣ ва ғайра мебошад, ки дар сиришти ҳар як инсон ҳисси худогоҳии ӯро рушд дода, инсон буданашро бедор менамояд. Мутафаккир аз ибтидо то интиҳои осори хеш инсон ва мақому манзалати ӯро дар зиндагӣ ситоиш карда, дар дили ӯ меҳру муҳаббатро нисбат ба зиндагӣ бедор намуда, хонандаро ба шинохти вуҷуди дунёи маънавии хеш роҳнамоӣ кардааст.

Панду андарзҳо ва андешаҳои инсонпарваронаи Мирзо Абдулқодири Бедил маҳз дар шароити рушди ҷомеаи муосири мо, ки мардуми куҳанбунёди Тоҷикистон баъди ҳазор сол соҳиби давлати мустақилу соҳибихтиёр гаштааст, арзиши бештарро касб кардааст. Хусусан, ҳамон паҳлуҳои осори мутафаккири бузург, ки масъалаҳои мақому манзалати инсон, инсондӯстиву башардӯстии он ки дар ҳаллу фасл ва амалӣ кардани тарбияи насли наврас, покию покизагӣ ва солимию тозагии ахлоқи ҷомеа ҳамчун қутби роҳнамо роҳи мардумро ба нури фазлу ҳикмат равшан менамояд. Ҳамин тариқ, ба қавли Мирзо Абдулқодири Бедил, барои он ки ҳар як шахс соҳиби ҳисси инсонпарвариву башардӯстӣ шуда, қадру қимат ва эҳтироми инсонро дар зиндагӣ ба ҷо орад, дар навбати аввал, ӯ бояд худро шиносад, танҳо дар ҳамин ҳолат, ба қавли мутафаккир, ба

ҳар як инсон дар давоми ҳаёт муяссар мешавад, ки дарди дили дигаронро ба хубӣ дарк намуда, ба мардум хизмати содиқона намояд. Ба андешаи Мирзо Абдулқодири Бедил, чунин аст вазифаи умдатарин ва муҳимтарини инсондӯстиву инсонгароии ҳар як фарди соҳибхираду соҳибмаърифат ва ватандӯсту ватанпарвари ҷомеа.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани андешаҳои файласуфи беҳамто дар шароити кунунии Тоҷикистон мо бояд дар асоси таъкидҳои ӯ роҳу равиш, тарзу усул ва воситаҳои нав ва фаъоли тарбияи насли наврасро ҷустуҷӯ намуда, дар ин замина шахсеро бипарварем, ки ӯ бо хислатҳои ахлоқи ҳамидаи худ, аз ҷумла инсонпарвариву башардӯстӣ шоистаи ҷомеаи муосир бошад. Баҳри амалӣ намудани вазифаи мазкур дар «Консепсияи мактаби миллии тоҷик» чунин омадааст: «Яке аз вазифаҳои пурифтихори мактаб он аст, ки тарбияи инсондӯстонаи насли наврас, ташвиқу тарғиби пайванди наслҳоро ба роҳ монад, ҳисси шаҳрвандии шогирдонро бедор намояд [60, 5].

Имрӯзҳо, дар шароити рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ мо шоҳиди он гашта истодаем, ки дар баъзе ҳолатҳои дар давлатҳои пешрафтаи дунё ҳодисаҳоеро мебинем, ки дар онҳо муносибатҳои байни давлатҳо, ҳукуматдорону шаҳрвандон чунон ба амал баромада истодааст, ки ягонтаи он ба принсипҳои ахлоқӣ мувофиқат намекунанд. Ҳамаи ин аз он далолат медиҳад, ки кори тарбияи даҳсолаҳо кардашуда ягон хел натиҷа надода истодааст. Ин, пеш аз ҳама, гувоҳи он аст, ки ин халқу миллатҳо аз реша ва ахлоқи аслии хеш канда шудаанд. Барои мисол, муносибати байни давлатҳои иттиҳоди Аврупо дар ҳолати паҳн шудани бемории COVID-19-ро мегирем. Ё ин ки муносибати байни ҳукумати ШМА ва шаҳрвандони сиёҳпӯсти онро. Ё худ, шаҳрвандони дигар давлатҳои Аврупо, Азия, Осиё ва ғайра.

Мирзо Абдулқодири Бедил чун мутафаккирони бузурги гузашта масъалаи мақому манзалат ва тарбияи маънавӣ-ахлоқии инсонро дар осораш мавриди таҳлил қарор дода, ақидаҳои хешро баҳри наслҳои оянда баррасӣ кардааст. Таҳлили осори мутафаккири бузург шаҳодат аз он медиҳад, ки ӯ кӯшиш ба харҷ додааст, ки ба қадри имкон роҳу равиш, тарзу усул ва воситаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии инсонро баҳриояндагон мавриди баррасӣ қарор диҳад, то ин киояндагонпро бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати раванди тарбияи инсони комил пурсамар истифода намоянд.

Бояд зикр кард, ки Мирзо Абдулқодири Бедил мафҳум, моҳият ва то чи андоза дар ҷомеа муҳим будани масъалаи мазкурро ба хубӣ дарк намуда, аз озмоиш ва мушоҳидаҳои рӯзгори шахсӣ фикру ақидаҳои хешро дар эҷодиёташ пешкаши хонанда карда, бо ҳамин тарз, мардумро ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврас ҳидоят намудааст.

Аз осори Абдулқодири Бедил маълум мегардад, ки некиву накукорӣ, дасти ёрӣ дароз кардан ба дармондагону бечорагон, умуман дар хизмати мардум будан, яке аз мақсаду мароми асосии ҳаёт ва фаъолияти эҷодии ӯ ба ҳисоб мерафтааст. Бинобар ин, файласуфи бузург дар асоси ғояи мазкур ба наслҳои оянда панд додааст, ки ҳамеша некхоҳ ва дастгиру мададгори мардум буда, то ҳадди имкон хизмати дигаронро карда, дар рафтор ва муносибат бо дигарон некхоҳ бошанд.

Бояд зикр кард, ки ҷавҳари системаи таълимоти ахлоқӣ-маънавии Абдулқодири Бедил аз некиву накукорӣ иборат буда, инсонро ба гуфтор, рафтор ва муносибат ва умуман корҳои хайр ҳидоят менамояд. Ҳамзамон дар баробари ин, мутафаккир хислатҳои аҳриманӣ, яъне бадӣ ва бадкирдориро маҳкум карда, мардумро ба дурӣ ҷустан аз зулму ситам, беадолатӣ ва мардумозорӣ даъват намудааст. Ба қавли Абдулқодири Бедил, барои ба дараҷаи инсони комил расидан ва дар давоми зиндагӣ дар сирати инсонӣ мондани ҳар як шахс бояд, ки то ҳадди имкон хешро аз хулқу атвор ва хислату рафтори шарри инсонӣ дур гирад. Чунки феъли бад, хислатҳои аҳриманӣ инсонро аз олами одаму одамгарӣ дур карда, ба сирати ҳайвон баробар ва монанд менамояд. Тибқи андешаи шоир, инсон дар байни ҳамҷинсони худ танҳо бо хулқ ва феъли хуб, рафтор ва муносибати нек метавонад соҳиби обрӯ ва эътибори баланд гардида, соҳиби зиндагии ором осуда ва осоиштаи инсонӣ шавад. Мутафаккир таъкид менамояд, ки ҳар нафаре, ки ба умқи моҳияти некиву накукорӣ сарфаҳм нарафта, ба тамоми ҳастии хеш ин мафҳумро дар амал ба пуррагӣ ҳазм накардааст, ӯ ҳеҷ гоҳ ба мақсаду маром ва моҳияти зиндагии инсон дар олам сарфаҳм рафта наметавонад.

Абдулқодири Бедил муътақид ба он буд, ки некиву накукорӣ яке аз роҳҳое ба шумор меравад, ки инсон метавонад ба дараҷаи худшиносӣ ва худогоҳӣ бирасад. Некиву накукорӣ, ба қавли Абдулқодири Бедил, инсонро ба арши

баланди ахлоқӣ бардошта, ба гавҳари меҳру муҳаббат ноил шудан наздик оварда, ӯро то ба дараҷаи инсони комил мерасонад.

Қобил ба зикр аст, ки дар асарҳои Абдулқодири Бедил ҳарчанд сухан бештар такя ба дину фалсафа бошад ҳам, аммо асоси ақидаҳои ӯро масъалаи некиву накукорӣ ва покиву покизагии қалб ва сиришти аз ҳама гуна фисқу фасод тозаву покиза ифода менамояд. Файласуфи бузург ба хубӣ дарк мекард, ки ин ягона роҳ, тарз ва усуле мебошад, ки ба ин васила ба шуури ҳамзамонони худ таъсир расонида, маданияти муносибат, рафтор ва маърифатнокии онҳоро ба як дараҷа баланд бардорад.

Аз таҳлили осори мутафаккир аён мегардад, ки ӯ покизагӣ ва зебоии ахлоқи инсонро дар некиву накукорӣ דониста, ба он кӯшидааст, ки дар ҳамоҳанг сохтани ахлоқ, маънавиёт ба зебоӣ дар раванди худшиносӣ ва худогоҳӣ, яъне тарбияи инсони комил самаранок истифода барад.

Ин ақидаҳои ахлоқӣ-маънавии шоир дар шароити замони имрӯзаи мо на фақат моҳияти таълиму тарбиявии худро гум накардаанд, балки, беш аз пеш, аҳамияти маърифатии худро бештар афзун намудаанд. Хусусан, имрӯз дар ҷумҳурии мо шароите ба вуқуъ пайвастааст, яъне давраи иқтисоди бозоргонӣ, ки мардум бояд баҳри солимии ахлоқи ҷомеа рӯ ба ахлоқи пок ва панду андарзҳои ниёгон оварда, дасти ёрӣ ва тараҳҳум ба ятимон, барҷомондагон, бенавоён ва амсоли онҳо дароз карда, кандани ҷӯю чоҳҳо, таъмиру тармими роҳҳою пулҳо ва дигар корҳои нек ва хайру босаховатро амалӣ намоянд. Маҳз имрӯз, тамоми табақаҳои ҷомеа бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки чунин вазъи бамиёномадаро бо ахлоқи пок, ақлу хиради расо ва маданияту фарҳанги баланди инсонӣ паси сар намоянд.

Ҳамин тавр, Абдулқодири Бедил аз оғоз то анҷом дар осори хеш, танҳо масъалаи некиву накукориро ситоиш карда, ҳамеша зидди бадиву зиштӣ баромад мекунад. Аз ин ҷо, чунин бармеояд, ки мутафаккир яке аз роҳҳои беҳтарини ба дараҷаи камолот расидани инсонро дар некиву накукорӣ, яъне муносибат, рафтор ва муоширати нек ба дигарон мебинад. Ба ақидаи шоири ширинкалом андешаи нек, хислати нек дар қалбу вуҷуди инсон рафтору муносибати нек ва сифатҳои ахлоқи некро парварида, ӯро аз кибру ғурур, ғараз, тамаъ ва дигар хислатҳои шарри одамӣ дур месозад ва ӯро ба хулқу атвори нек, феъли хуб ва зиндагии орому осуда ҳидоят менамояд.

Омӯзиш ва таҳлили осори Мирзо Абдулқодири Бедил аз он далолат медиҳад, ки ақидаҳои тарбиявии ӯ мазмуни иҷтимоӣ дошта, аз сарчашмаи ғояи инсонпарварӣ ва башардӯстӣ ғизои маънавӣ мегирад. Бинобар ин, ӯ ҷонибдори чунин ақида мебошад, ки инсон дар олам ягона мавҷудоти зинда аст, ки соҳиби ақлу хирад, фаҳму фаросат ва шуур мебошад. Аз ҳамин нуқтаи назар, дар ҷомеа инсон бояд мақому манзалати аввалӣ ва олиро доро бошад. Мутафаккир бо мақсади нишон додани мақому манзалат ва қадру қимати инсон муносибати ӯро ба табиат махсус зикр намудааст. Ба қавли файласуфи бузург, маҳз инсон ба василa ва ёрии илму дониш, ақлу хирад ва шуур имкон дорад ба табиат таъсир расонида, ба он обу ранги дигар дода, онро тағйир диҳад.

Маҳз инсон қудрати онро дорад, ки тамоми ҳодисаҳои табиатро омӯхта, таҳқиқ карда, бо мақсади пешрафт ва пешбурди зиндагии худ ва манфиати хеш истифода намояд. Ва маҳз инсон метавонад, ки тамоми захираҳои табиатро баҳри ободу зебо ва бунёди ҷомеаи инсонӣ пурмаҳсул истифода намояд.

Мирзо Абдулқодири Бедил, аз назари фалсафӣ масъалаи мақом, манзалат, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва озодии инсонро дар осори хеш мавриди таҳлил ва муҳокима қарор додааст. Вале бояд тазаккур дод, ки яке аз паҳлуҳои асосии осори мутафаккирро мавзуи некиву накукорӣ ташкил додааст.

Бояд таъкид кард, ки дар вазъияти мураккабу пурихтилофи ҷомеаи ҷаҳонии муосир мақом ва нақши инсон дар мадди аввал меистад. Раванди мураккаби идрок ва ақлу фаросати инсон на танҳо ченаки такомули эҷодии ӯ, сабабгори тағйирёбии табиат, балки асбоби таҷдиди олами моддӣ мегардад.

Ба ибораи дигар, қадру қимати инсон бевосита ба озмоиш, дарки олам алоқаманд аст [3, 166]. Ба ақидаи мутафаккир, шакли асосии ахлоқ маҷмуи меъёрҳои ҷамъият бо дарназардошти хусусиятҳои шахсиятро ташкил менамояд.

Инсон, ба ақидаи ӯ, ҳамчун мавҷудоти оқилу бошуур бояд дорои мақсади дақиқ ва мушаххас бошад. Ва ин мақсад бояд рушд ва такмили маънавии ӯро таъмин намояд. Такмили маънавӣ бошад роҳу равиши худро дорад. Тибқи таълимоти Мирзо Бедил, роҳи асосӣ ин идрок мебошад. Ӯ вазифаи асосии идрокро дар муайянсозии сабабҳои ҳодисоти муҳити атроф медид. Шахси бомаърифату бофарҳанг аз хурофот озод аст. Идрок ин роҳ ба сӯи ҳақиқат мебошад.

Ба андешаи Мирзо Бедил, дар ин раванд яке аз ҷанбаҳои асосӣ ва муҳим дар ахлоқ ин илм ба ҳисоб меравад. Вазифаи идрокро дар баёни ҳодисоти табиат илм иҷро мекунад. Дар достони «Ирфон» Мирзо Бедил бо мақсади исбот намудани он ки илм натанҳо бойигарӣ медиҳад, балки он роҳ ба сӯи ҷовидон аст, илмро ҳамчун ҳастии мутлақ чунин муайян мекунад:

Илм акс асту ҳикматаш миръот,

Илм парвозу асли сибот [6, 604].

Аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки мутафаккир ба алоқаи илм бо муҳити атроф бовар дорад, ҳарчанде ки ӯ зимни тафсири вожаҳои «илм» ва «ирфон» такя ба суфия менамояд.

Мирзо Бедил ба чунин ақида буд, ки вақте инсон «Ман»-и худро бартараф месозад, он гоҳ ҳисси худпарастӣ ва худнамоии ӯ боло мегирад, яъне аз «Ман»-и эгоистии инсон рӯй медиҳад. Дар ин ҳолат «Ман»-и умумӣ, ки онро нӯри илоҳӣ ҷабида мегирад, ташаккул меёбад. Чунончӣ, шоир овардааст:

Ҳамин нақши туӣ гар бартарошӣ,

Ту бошиву, ту бошиву, ту бошӣ [3, 221].

Чи тавре ки шоири бузург таъкид менамояд, ҳар як инсон бояд ба хубӣ дарк намояд, ки эътиқоди ҳақиқӣ на дар риоя ва иҷрои маросимҳои динӣ муайян мегардад, балки эътиқоди ҳақиқӣ дар покиву покизагии ботин ва некиву накукорӣ мебошад. Кори хайр ва неке, ки инсон ба амал мебарорад ва ба мардум ва ҷомеа нафъ меоварад, ин худ мақбул ба Худованд аст. Ва худованд подоши ин некиҳоро ба ӯ медиҳад.

Мирзо Абдулқодири Бедил ба ақидаи худ, ки инсон дар ин олам аз ҳама мавҷудоти дигар дида қадру қимат ва арзиши баланд дорад, содиқ монда, бо мақсади расидани инсон ба дараҷаи бародарӣ, баробарӣ, хушбахтӣ ва зебоию покизагии ботин, бою ғанӣ гардидани ҷаҳони маънавӣ ӯро ба он даъват мекунад, ки аз ниятҳои ғаразнок, қабеҳ, фасоди иҷтимоӣ ва маънавиву ахлоқӣ ва амсоли ин даст кашад.

Ҳамин нуктаро зикр бояд кард, ки андешаҳои маънавӣ-ахлоқии Абдулқодири Бедил маҳз дар шароити ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ, арзиши бештарро касб кардааст. Ба вижа, ҳамон паҳлуҳои афкори файласуфи бузург, ки масъалаҳои ахлоқиро дар бар мегиранд, дар ҳалли бисёр масъалаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли ҷавони имрӯза ва покизагиву солимии муҳити ахлоқии

ҷомеа ҳамчун қутби роҳнамо хизмат мекунад. Ба андешаи Абдулқодири Бедил, барои он ки ҳар як фарди ҷомеа соҳиби маънавиёти бою ахлоқи ҳамида гардад, дар мадди аввал, ӯ бояд ҷаҳони маънавии худро бой гардонида, хислатҳои ахлоқи неки инсониро дар сиришти худ ташаккул дода, то ин ки худро шиносад ва танҳо дар ҳамин маврид, ҳар як инсон дар давоми зиндагӣ метавонад, ки ба халқу миллат ва ватани хеш хизмати содиқона намояд.

Имрӯз дар ҷомеаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон, бо мақсади амалӣ намудани ақидаҳои мутафаккирони бузурги гузаштаи халқи тоҷик, аз ҷумла Абдулқодири Бедил дар шароити мавҷудаи ҷомеаи хеш моро лозим аст, ки дар асоси ақидаҳои шоири бузург роҳу равиш, тарзу усул ва воситаҳои нави ба талаботи замона ҷавобгӯ, тарбияи насли ҷавонро ҷустуҷӯ намуда, дар ин асос шахсеро ба воя расонем, ки ӯ бо сифатҳои ахлоқи ҳамидаи худ арзанда ва шоистаи ҷомеаи кунунӣ бошад.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани масъалаи мазкур дар ҷумҳурӣ як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардидаанд, ки масъалаи таълиму тарбияро ба низоми муайян роҳандозӣ менамояд. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2010), «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2006) ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба тавсиб расонида шуданд, ки дар амалӣ гардонидани масъалаи мазкур мусоидат мекунанд.

Оид ба масъалаи тарбияи дурусти насли ҷавон дар руҳияи некиву накукорӣ ва инсондӯстиву ватанпарастӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон оид ба қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» махсус таъкид карда, чунин изҳори ақида намудаанд: «Ҳарчанд, ки дар суханрониҳои худ оид ба масъалаи таълиму тарбияи дурусти фарзандон ва дар руҳияи инсондӯстиву ватанпарастӣ ба воя расонидани онҳо такрор ба такрор ибрози ақида менамоем, вале ҳоло низ падару модароне ҳастанд, ки ба ин масъалаи муҳим муносибати ҷиддӣ ва сахтгиранда надоранд.

Вале дар айни ҳол бо дарназардошти талаботи ҷомеа ва аҳамияти бузурги таълиму тарбияи насли наврас зарурате ба миён омадааст, ки доир ба ин

масъала қонуни махсус қабул карда шавад. Зеро имрӯз, яъне дар замони ҷаҳонишавии босуръати проблемаҳои башарӣ ва омезиши арзишҳо, ки нақш ва нуфузи таълиму тарбия ҳамчун меъёри иҷтимоӣ ба хотири рушди инсон ва таҳкими сармояи зеҳнӣ асоси бунёди ҷомеаи навро ташкил менамояд» [119, 10-12].

Чи тавре, ки маълум аст Абдулқодири Бедил дар замоне умр ба сар бурдааст, ки зулму золимӣ, ҷангҳои дохилӣ, фисқу фасод ва бедодгариҳо ривоҷ ёфта буд, ӯ ҳамчун фарзанди озодандеш, хирадманду донишманди замони худ, ҳамчун шоири озодафикру инсондӯст дар эҷодиёти хеш масъалаи мақому манзалати инсонро ба хубӣ дарк карда, одаму одамгариро ситоиш намуда, қадру қимати инсонро аз ҳама арзишҳои дунёӣ болотару волотар ҳисобидааст.

Бояд зикр кард, ки Абдулқодири Бедил масъалаи некиву накукорӣ, беозориву бекинагӣ, раҳму шафқат, ҳурмату эҳтиром бо дигар одамон новобаста аз дину мазҳаб, на барои мукофоту мусово, балки холисона зери фармони қалами худ додааст.

Чи тавре ки С. Айнӣ дар китобаш «Мирзо Абдулқодири Бедил» дар қисмати «Эҷодиёти Бедил» овардааст: «Дар табиати арбоби давлат, аҳли ҳукумат ва сипоҳ сифати одамият ҳеҷ намонда ва ҷои он ваҳшонияти даррандагӣ, кина, ҳасад, адоват, ҳилагарӣ, зулм, толон-тороҷ, номардӣ ва пастӣ авҷ гирифта буд.

Ҳамаи ин аҳвол дар шеърҳои ин шоири донишманд акс кардааст. Ӯ дар ин бора дар як рубоии худ мегӯяд:

Имрӯз ки ҷуши инқилоби замон аст,
Ҳар ҷо афвоҷи хеш «лашкаршикан» аст.
Оғӯш кушуда захм бар захми дигар,
Ин арса пур аз наёми шамшерзан аст» [22, 70].

Мирзо Абдулқодири Бедил чунин ҳаёти сахту сангини мардумро дида, ҳамчун шоири инсондӯст мардумро ба он даъват менамояд, ки дар кадом ҳолат ва ё мансабе набошад, ҳар як инсон новобаста аз эътиқоди динию мазҳабӣ, миллату нажод бояд бо дигарон аз рӯи адолат, ҳақиқат, виҷдон ва инсофи одамӣ муносибат карда, дар пайи озор додани дигарон набошад, бо ҳама як хел муросову муносибат намояду ҳамеша хайрхоҳи мардумон бошад.

Аз аҳвол ва осори Абдулқодири Бедил чунин бармеояд, ки мутафаккир дар вақти дар ҳаёт буданаш дӯстдор ва пуштибони мардуми камбизоат, бечораву бенаво ва мискинон будааст. Чаро ки ӯ ба хубӣ дарк мекард, ки маҳз ҳамин табақаи мардум бештар ба меҳрубониву дӯстдорӣ, раҳму шафқат ва дастгириву хайрхоҳӣ ниёзманд мебошанд.

Андешаҳои Абдулқодири Бедил дар ҳалли масъалаҳои тарбияи насли наврас дар шароити ҳаёти кунунии ҷомеаи навини Тоҷикистон низ аз аҳамият холӣ намебошад. Чунки дар шароити имрӯза ҳам мо шоҳиди он мегардем, ки як қабил аз роҳбарон, кормандони муассисаҳои давлатӣ, ширкатҳои шахсӣ, кормандони ҳукуматҳои маҳаллӣ (ҷамоатҳо) ва дигар сохторҳо дар муносибат бо мардуми оддӣ, бечорагону бенавоён, ятимону камбизоатон муомилаи хунукназарона карда, на дар ҳама ҳолат ба онҳо дасти тараҳҳум ва ёрӣ дароз карда, муносибат ва муомилаи меҳрубонона ва хайрхоҳонаро раво мебинанд. Чунин рафтор ва муносибати ин гуна шаҳрвандон ба одамони гирду атроф ва корафтодагон, аз ҷумла насли наврас таъсири бад расонида, дар маҷмуъ ба хароб ва косташавии маънавиёт ва ахлоқи аҳли ҷомеа оварда мерасонад.

Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки шоир ҳамчун шахси пешқадам ва донишманду хирадпешаи замони худ мардумро ба раҳму шафқат, парҳезгориву поктинатӣ ва хайру саховат даъват карда, аз аҳли доро ва сарватманд тақозои онро дорад, ки эшон аз зулму ситам, фиску фасод ва мардумозорӣ даст кашанд.

Омӯзиш ва таҳлили осори Абдулқодири Бедил моро водор месозад ба хулосае биоем, ки ақидаҳои маънавӣ-ахлоқии ӯ мазмуни иҷтимоӣ дошта, аз ғояи инсонпарварӣ ва башардӯстӣ ғизо гирифтааст. Аз ин рӯ, ӯ ҷонибдори чунин ақида мебошад, ки инсон дар рӯи кураи замин ягона мавҷудоте ба ҳисоб меравад, ки соҳиби ақлу хирад ва шуур мебошад. Аз ин хотир, дар ҷомеа ӯ бояд мақому манзалати олиро доро бошад.

Қобил ба ишора аст, ки имрӯз халқи тоҷик ба бунёд ва сохтмони давлати соҳибистиқлол шуруъ кардааст. Ин роҳи нав, соҳибистиқлолие, ки мардуми Тоҷикистон пешаи худ кардааст, барои ба ин маром ноил гаштан, ба халқи тоҷик лозим меояд, ки вазифаҳои нисбатан бузурги илмиву фарҳангӣ, маънавиву ахлоқиро дар сатҳу сифати баланд бояд ҳаллу фасл намояд. Бо мақсади ҳалли ин масъалаҳои бузурги иҷтимоиву педагогӣ, пеш аз ҳама, лозим меояд, насли наврасро дар руҳияи некиву накукорӣ, инсондӯстиву башардӯстӣ

тарбия намуда, дар сиришти ӯ ҳисси худшиносиву худогоҳиро бедор кардан зарур аст. Дар ин росто, мактаб метавонад, ки ҳамчун муассисаи пешсафу пешбар бо оила ва аҳли ҷомеа нақши асосӣ ва ҳалкунандаро бозад.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз вохӯриҳояш бо фаъолони аҳли зиёи ҷумҳурӣ оид ба масъалаи мазкур таъкид карда, чунин изҳори ақида карда буд: «Яке аз вазифаҳои пурифтихори мактаб он аст, ки тарбияи инсондӯстонаи насли наврас, ташвиқу тарғиби пайванди наслҳоро ба роҳ монад, ҳисси шаҳрвандии шогирдонро бедор намояд…» [104, 7].

Бояд зикр кард, ки таълимоти Мирзо Абдулқодири Бедил аз мафҳумҳое ба монанди озодӣ, баробарӣ, бародарӣ, дӯстӣ, инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ ҳамчун асоси ҳастӣ ва вуҷуд доштани инсон иборат мебошад. Ба қавли мутафаккир, меҳнат асоси камолоти инсон ба ҳисоб рафта, асоси ташаккул ва рушди хислатҳои беҳтарини инсон, ба монанди илму дониш, ақлу хирад, фаҳму фаросат ва ахлоқро ташкил медиҳад.

Мусаллам аст, ки таълимоти ахлоқии Мирзо Абдулқодири Бедил ба консепсияи пантеистии суфия асос меёбад, аммо ӯ аз доираи худи суфия берун баромада, принсипҳои асосии ахлоқи умумибашариро дар бар мегирад. Аз диди Мирзо Абдулқодири Бедил дар таълимоти ин равия баъзе камбудиву норасоиҳое ба назар мерасанд, ки ба раванди ташаккули инсони комил метавонад таъсири манфӣ расонад. Бинобар ин, Мирзо Абдулқодири Бедил ин норасоӣ ва камбудиҳоро ошкор карда, зери тозиёнаи танқид қарор додааст.

Омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи осори мутафаккири бузург аз он шаҳодат медиҳад, ки асоси осори ӯ аз гуманизм иборат буда, маҳз дар замони рушди ҷомеаи муосири мо аҳамияти хеле калони таълиму тарбиявиро пайдо мекунад. Эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил дар худ анъанаҳои гуманистии фалсафаи ҳиндӣ ва равияҳои динӣ – фалсафии мардуми форсу тоҷикро дар худ таҷассум кардааст.

Тибқи андешаҳои фалсафии Мирзо Абдулқодири Бедил, инсон аз табиат дида бойтар аст, Худо дар инсон ва табиат татбиқи худро ёфтааст. Гуманизм ва боварӣ ба адолат ба бахту саодати заминӣ, ба мардум таъсири эмотсионалӣ-ахлоқӣ расонида, дар назди ҳукм ва ҳокими заминӣ дар ӯ ҳисси шарафи инсонӣ ва эътирофи мақоми инсон буданро бедор кардаанд.

Мирзо Абдулқодири Бедил ба чунин ақида буд, ки инсон дар давоми зиндагӣ бояд такмил ёбад, аммо дар ин раванд монеаҳое мавҷуданд, ба монанди, қавмӣ, миллатчигӣ, нажодпарастӣ ва ғайра, ки ба ин ҷараён халал мерасонанд. Барои мутафаккир гуманизм меъёре ба ҳисоб меравад, ки инсонро ба рушд ва нумуъ ҳидоят менамояд, яъне ҳамеша ва дар ҳама ҳолат ӯро ба пеш мебарад. Чунончи, инсон барои шоири ширинкалом, дар олам мавҷудоти аз ҳама комил ба ҳисоб рафта, дар рӯи замин ӯ рисолати худро дорад. Аз ин нуқтаи назар гуманизм барои файласуфи бузург ҳамчун категорияи ахлоқии ҷамъиятӣ хеле муҳим ва зарур ба ҳисоб меравад. Меҳвари маркази таълимоти гуманистии ӯро инсон ташкил медиҳад.

Чи тавре аз таълимоти Мирзо Абдулқодири Бедил бармеояд, ӯ дар осори хеш ба тафсири тасаввуфи таъиноти мақоми инсон гузошта, ӯро талқин ба он мекунад, ки мақоми худро дар худшиносӣ дида, рӯ ба дарк намудани Худо биорад. Яъне, ӯ тамоми кӯшишу ғайрат ва ҳастии худро барои шинохти Худо равона созад. Тибқи таълимоти Мирзо Абдулқодири Бедил барои он ки инсон ба камолот расад, пеш аз ҳама, ӯ бояд мақсад ва моҳияти мавҷудияти хешро фаҳмида, зебоии табиат ва зиндагиро то андозае дарк намояд, ки мафҳуми он гардида, дар он инъикоси омезиш ва ҳамоҳангӣ бо Худоро ҳис кунад ва бубинад.

Бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани мақом ва манзалати инсон дар роҳи ба камолот расидани ӯ, мутафаккир дар шинохти зебоии ҳақиқии табиат ва мавҷудияти аслии худи инсон таъкид менамояд, ки инсон бояд, дар навбати аввал, зебоии сирату суратро фарқ карда тавонад. Ӯ ҳар як фардро даъват кардааст, ки дар зиндагӣ ба парвариши зебоии сирати хеш кӯшиш ба харҷ диҳад:

Зи ҳарири атласи карру фар ба қабо руҷӯи ҳавас мабар,
Ки ба хеш то фиканӣ назар, зи ду суст захми ҳамоилот [1, 45].

Мирзо Абдулқодири Бедил бар он андеша буд, ки ҳар як инсон ҳуқуқ дорад, ки озодӣ ва ҳифзи қадру қимати худро талаб намояд. Ӯ муътақид ба он буд, ки инсон метавонад ҳамеша дар раванди озодшавӣ, ба вижа иҷтимоӣ ва маънавӣ ширкати фаъол варзад. Аз баъзе мисраъҳои ашъори ӯ чунин бармеояд, ки шоири ширинкалом падидаҳои иҷтимоии ҷомеаро дар сатҳи баланд ва хуб дарк мекунад.

Ба андешаи Мирзо Абдулқодири Бедил, ҷамъият ба ҳукмронӣ ва итоаткорӣ ниёз дорад, аммо он бояд аз рӯи адлу инсоф, ки бахту саодати мардумро дар зиндагӣ таъмин менамояд, асос ёфта бошад. Аз тарафи дигар, шоир барои он дар ташвиш аст, ки тобеият на бояд, ки то дараҷаи зуроварӣ оварда расонад, зеро зуроварӣ, дар натиҷа, ба душманӣ оварда мерасонад. Аз ин ҷо, чунин бармеояд, ки файласуфи бузургро масъалаи мақом ва қадру қимати инсон дар ҷомеа ба ташвиш оварда, ӯ ба он кӯшидааст, ки қадру қимат ва мақому манзалати инсон дар ҷомеа аз мадди назар дур намонда, бояд то ба сатҳи олӣ бардошта шавад.

Мирзо Абдулқодири Бедил ба мавзуи инсон ва ҷойгоҳу мақоми ӯ дар достони «Тилисми ҳайрат» фасли махсусро зери унвони «Чароғи орзӯ» бахшидааст. Мутафаккир бо мақсади шифо ва муолиҷа бахшидани ғаму андуҳ ва азобу машаққатҳои зиндагӣ кӯшидааст, ки дар дили ҳар як инсон умеду орзу ва меҳру муҳаббатро нисбат ба зиндагӣ, боварӣ ба ояндаи дурахшонро ҷой кунад. Ғояи асосии достон, ки гуманизмро дар бар мегирад, мутафаккир ба он андеша аст, ки инсон дар мубориза барои озодӣ ва ҳақиқат, баҳри ғояи (идеяи) баланд тамоми нуқсонҳои ҷисмонӣ ва ахлоқиро бартараф месозад, соҳиби ҳамоҳангии ҷисму руҳ мешавад.

Мирзо Абдулқодири Бедил дар асарҳояш масъалаи озодӣ ва камолоти ахлоқии инсониро ба роҳу воститаи илму маориф ба даст овардан мавриди баррасӣ қарор дода, таъкид кардааст, ки ҳар як шахс ҳама вақт метавонад дар зиндагӣ ба муваффақиятҳое ноил гардад, ки дар омӯзиши касбу ҳунар меҳнат карда, бар зидди хислатҳои шарри инсонӣ мубориза барад. Ҳамин тариқ, Мирзо Бедил барои он, ки инсонро дар зиндагӣ, пеш аз ҳама, озод ва дорои ахлоқи волои инсонӣ бинад, ӯ даъват ба амал овардааст, ки барои ба ин мақсад расидан ҳар як нафар бояд қадру қимат ва рисолати худро дониста, сипас ҳамеша дар саъю кӯшиш бошад. Мақсади ниҳоии файласуфи бузург дар он ниҳон гаштааст, ки ӯ ҳидоят намудааст, ки ҳар як инсон новобаста аз мақом ва мавқеи ҷамъиятӣ ва вазъи иҷтимоии худ, бояд ба он бикӯшад, ки ҳамеша барои ба даст овардани озодӣ, мустақилият ва мақому манзалати хеш дар ҷомеа мубориза барад.

Ба қавли шоири бузург, яке аз роҳҳои ба қуллаи баланди инсонӣ расидану мақому манзалати худро дар рафти ҳаёт ба таври асл дарк кардан ҳар як шахс бояд дар вуҷуди хеш хислат ва фазилатҳои неки инсониро парвариш карда, ба

василаи илму дониш ҷаҳони маънавии худро бою ғанӣ гардонида, дар зиндагӣ аз рӯи онҳо амал карда тавонад.

Бояд зикр кард, ки мақсади асосии Абдулқодири Бедил аз ситоиши меҳру муҳаббат ба инсон ва аҳли башар, аз покиву беолоиш ва бою ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавӣ-ахлоқии ҳар як шахс иборат мебошад. Бинобар ин, мутафаккир яке аз воситаи ба ин ҳадаф расиданро дар маърифат дониста, ба мақому манзалати инсон низ аз ҳамин мавқеъ баҳо медиҳад. Мутафаккир ба чунин ақида буд, ки ҳар як инсон ба дараҷа ва сатҳи баланди одаму одамгарӣ ва инсону инсонгароӣ ҳамон вақт метавонад расад, ки ӯ соҳиби илму маърифат ва фазлу адолати волои маънавӣ-ахлоқӣ бошад.

Файласуфи бузург ҷонибдори он аст, ки яке аз сабабҳои харобу коста шудани маънавиёт ва ахлоқи ҷомеа ин паст рафтани ҳисси инсондӯстии мардум ва обрӯю эҳтироми худи инсон мебошад. Аз ин лиҳоз, ӯ дар таълимоти ахлоқии худ барои баланд бардоштани мақому манзалати инсон ҳар як фарди ҷомеаро ба роҳи неки инсонӣ ҳидоят кардааст. Чунин муносибат ба тарзу усули ҳалли масъалаи мазкур арзиши таълиму тарбиявӣ ва фазилатҳои маънавӣ-ахлоқии ақидаҳои Абдулқодири Бедилро боз ҳам афзунтару қиматар мегардонад.

Аз кӯшиш ва талошҳои мутафаккири бузург чунин бармеояд, ки ӯ беҳтарин роҳу равиш, тарзу усул ва воситаҳоро тавсия дода, мехоҳад, ки ҳар як фард на фақат дорои чунин хислатҳои волои ахлоқии инсонӣ бошад, балки дар гуфтор, рафтор ва муносибати ҳаррӯза неру ва одаму одамгарӣ эҳсос шавад. Яъне, амалу рафтор ва муносибату муоширати ҳар як фарди ҷомеа дорои мазмуни некиву накукорӣ ва инсонгароӣ бошад.

Асарҳои назмиву насрии Абдулқодири Бедил саршори ақидаҳои панду ахлоқӣ буда, дар қалби ҳар як фард меҳру муҳаббат нисбат ба инсон, некиву накукорӣ, ватандӯстӣ, худогоҳиву худшиносӣ ва дигар хислатҳои неки инсониро бедор намуда, ахлоқ ва маънавиёти ӯро рушд медиҳад. Аз таълимоти ахлоқӣ-маънавии мутафаккир чунин бармеояд, ки ӯ масъалаи некиву накукорӣ, инсондӯстиву меҳанпарастӣ, меҳру муҳаббат ва дигар арзишоти маънавии инсонро мавриди баррасӣ қарор дода, ҳар як шахсро ба он ҳидоят намудааст, ки дар зиндагӣ ҳарчӣ бештар ба мардум некӣ бикунад, яъне ҳамеша некхоҳи дигарон бошад.

Ҳамин тавр, мо метавонем таъкид намоем, ки масъалаи инсондӯстӣ, мақому манзалати инсон, яъне консепсияи гуманистии Мирзо Абдулқодири Бедил дар осори ӯ ҳамчун меҳвари андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Ба қавли ӯ инсон ҳамеша дар маркази олам меистад. Шоири ширинкалом ба он ақида устувор ва муътақид буд, ки ҳар як шахсро дар зиндагӣ тақдир ва рафтору муносибат ба дигарон дар дасти худаш аст. Аз ин рӯ, новобаста аз вазъи иҷтимоии худ масъул аст, ки тамоми имкониятҳоро истифода барад то ин ки ҳаёти худро ба хушбахтӣ гузаронад.

Дар консепсияи гуманистии Мирзо Абдулқодири Бедил, масъалаи тараннуми инсон, мақому манзалат, қадру қимат, инсони комил, меҳнатдӯст, боадолат, муносибати нек бо дигарон ва ғайра, асоси афкори педагогии мутафаккирро ташкил медиҳанд.

Мирзо Абдулқодири Бедил ба монанди олимон, шоирон ва адибони замони худ нишон додааст, ки нисбати ҳар як инсон таълиму тарбияи муваффақ ба худи шахсияти ӯ амалӣ карда шавад ва истифода намудани чунин тарзу усул ва роҳу равишро дар хусусият, хислат ба қобилиятнокии ҳар як фард медонад.

Чи тавре, ки аён аст, Мирзо Бедил мавзуи мақом ва мавқеи инсон, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва озодии ӯро аз нуқтаи назари фалсафӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Аммо яке аз паҳлуҳои асосии ақидаҳои мутафаккирро, ки нисбат ба масъалаи мазкур баррасӣ намудааст, некиву накукорӣ ва хайру саховат ташкил медиҳад.

Ба андешаи Мирзо Абдулқодири Бедил, дар раванди ба дараҷаи ба камолот расидани инсон яке аз омилҳои асосӣ хислати волои ахлоқи инсонӣ, некиву накукорӣ нақши назаррасеро мебозад.

Мирзо Абдулқодири Бедил дар осори хеш масъалаи таълиму тарбияи инсон ва ба камол расидани онро мавриди таҳлил қарор дода, аз нуқтаи назари илмӣ нисбат кардааст, ки дар раванди ташаккул ва рушди ҳар як шахс се омили асосӣ ирсият, тарбия ва муҳит таъсир мерасонад. Ва дар раванди ба камол расидани шахс ба эътибор нагирифтани ин омилҳо ҳатман ва бечунучаро таъсири манфии худро мерасонад.

Зикр бояд кард, ки Абдулқодири Бедил ҳамчун шоир ва файласуф хислатҳои ахлоқӣ ва хулқи инсониро муассир меҳисобад. Аз ин лиҳоз, мутафаккири бузург дар осори худ ташаккул ва рушд додани ҷаҳони маънавии

ҳар як шахсро гаштаю баргашта таъкид кардааст. Аз ҷумла, андешаҳои ӯ дар хусуси парвариш ва ташаккулу рушд додани фазилатҳои ахлоқи ҳамидаи инсон, тарбияи инсони комил мақоми махсусро касб кардааст. Дар таълимоти ахлоқии шоир масъалаи тарбияи ахлоқӣ нақш ва мақоми марказиро ишғол карда, ин мавзуъ ба мушоҳидаҳои шахсӣ ва озмоиши ҳаётии ӯ алоқаманд буда, ҳолатҳои равонӣ ва руҳии инсонро ҳамоҳанг месозад. Абдулқодири Белил ба монанди дигар ҳамзамононаш ақидаҳои ахлоқии хешро дар асоси низому талаботи динӣ ва фалсафаи замона мавриди таҳлил қарор додааст.

Мусаллам аст, ки дар давраи гузариш аз як сохти ҷамъиятӣ ба сохти дигар ахлоқ, маънавиёт ва фарҳанги сохти ҷамъиятии пешин аз доираи муқаррарии худ берун баромада, ба доираи нави сохти ҷамъиятӣ мувофиқ мегардад, дар натиҷа муносибатҳои байни аҳли ҷомеа низ дар ҳолати тағйирёбӣ қарор мегирад, ки ин яке аз омилҳои асосии масъалаи солим гардонидани ахлоқ ва маънавиёти ҷомеа дар руҳи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ тарбия намудани аҳли ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар ҳалли масъалаи мазкур ақидаҳои ахлоқӣ-маънавӣ ва панду андарзҳои Абдулқодири Бедил мақом ва нақши бебаҳоро доро мебошанд.

Омӯзиш ва таҳлили осори Мирзо Абдулқодири Бедил аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ моро ба василаи тарбияи ахлоқӣ ба парвариши то ба дараҷаи камолот расидани насли ҷавон ҳидоят ва роҳнамоӣ менамояд. Ӯ камолоти инсонро дар мизони ақли муаддаб санҷида, рафтору кирдор, муносибат ва обутоб додани ҳар як шахсро дар муҳити ахлоқи ҳамидаи инсонӣ кори хеле пурмасъули ҷамъиятӣ медонад. Тарғиб ва ташвиқи фазилатҳои ахлоқи неки инсониро ӯ кушидааст, ки ба тарзу усул ва воситаи панду андарз баррасӣ намояд. Бинобар ин, шоир, дар ашъори худ, ки ба ташаккул ва рушди сифатҳои ахлоқии инсон ихтисос дорад, суханҳо ва панду андарзҳои баландпояи ибратбахш гуфтааст. Дар мавриди тарбияи ахлоқи ҳамида ба хислатҳои ахлоқи волою неки инсонӣ, ба монанди некиву накукорӣ, инсондӯстиву ватанпарварӣ, покиву парҳезкорӣ, сахигиву саховатмандӣ, ҳимматбаландӣ ва ғайраро афзалият дода, тамаъкорӣ, кибру ғурур, ғайбату шиквадорӣ, булҳавасиву хасисӣ ва умуман шаррпарастиро сахт танқид менамояд.

Мутафаккир тарғиб менамояд, ки дар зиндагӣ шахсони накукор бояд ҳамеша аз одамони сифлатабъ дурӣ ҷуста, аз онҳо ҳазар намоянд ва ба ин тоифа

ҳеҷ вақт ҳасад набаранд. Чунки он давлате, ки онҳо доранд дурӯза беш умр надорад, ҳарчанд, ки то як вақти муайян онҳо давлат ронанд ҳам, аммо дороии молӣ дар назди дороии маънавию ахлоқӣ ҳеҷ аст.

Авҷи давлат сифлатабъонро ду рӯзе беш нест,

Хок агар имрӯз ба чарх аст, фардо зери пост [2, 87].

Мирзо Абдулқодири Бедил, ба масъалаи боодобию некиву некхоҳии инсон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, дар асоси таълимоти тасаввуфӣ, ки инсонро ба некӣ, покӣ, зебогию ғанигии маънавӣ - яке аз рукнҳои асосии ахлоқи ҳамида ва одоби нек маҳсуб меёбад, ҳидоят менамояд. Дар осори мутафаккири бузург, ҳамчун пайрави тасаввуф, нисбат ба одобу ахлоқи роҳи тариқат андешаҳои зиёд мушоҳида мегардад. Ахлоқ ва одоби баланд доштани соликро таъкид дошта, ба мақсад расиданашро нек арзёбӣ намудааст, вагарна беахлоқ, беодоб аз «базми висол», аз покизагии маърифат, бою ғанӣ гаштани маънавиёт ва зебоии сиришт маҳрум мегардад:

То тавонӣ аз адаб сар бар хатти таслим бош,

Хома чандоне, ки бар лағзиш хиромад мистарист [2, 80].

Ба қавли шоир, соҳиби сифати боодобу накӯкор будан, чун яке аз сифатҳои ахлоқи инсонӣ ба ҳисоб рафта, дар мадди аввал хислати хоксорӣ меистад, зеро аз ин хислат ҳамаи дигар хислатҳои неки инсон об мехӯранд ва он на ба воситаи ибодати зиёд ба даст меояд, балки дар натиҷаи парвариш дар ниҳод, танҳо бо дарки моҳияти ҳар як афкори падидоянда, ҳар як сухани гуфташаванда, ҳар як қадами гузошташаванда беш мегардад:

Адаб касби ибодат аст на сайъи ҳақталабист,

Ба ғайр аз ин хок шудан ҳарчӣ ҳаст, беадабист [6, 160].

Ё худ:

Қадамат ба кунҷи адаб шикан, дари нози хирасарӣ мазан,

Ситам аст ҷуръати мову ман, чу нафас кунад бадар аз дилат [9, 160].

Шоири ширинкалом бомаърифатӣ, сарбаландӣ, боэҳтиромӣ, бомаданиятиву бофарҳангии инсонро дар одобу рафтори неки ӯ дида, гаштаю баргашта таъкид менамояд, ки инсон дар рафти зиндагӣ ҳеҷ гоҳ набояд аз муносибати нек, рафтори нек ва корҳои нек кардан ба дигаронро фаромӯш созад. Ӯ бояд ҳамеша дар ёд дошта бошад, ки дар ҷомеа ҳар як шахсро маҳз

корҳо ва рафтори неки ӯ метавонад соҳиби ҳурмату эҳтироми баланд гардонад. Ҳамаи фазилатҳои ахлоқи инсон маҳз аз пиндор, гуфтор ва рафтори неки ӯ сарачашма гирифта, худи инсонро соҳиби обрӯю бахту саодат ва сарбаланд менамоянд:

Сарбаландӣ хоҳӣ аз вазъи адаб ғофил мабош,
Нашъа бармехезад аз ҷӯше, ки бар саҳбо нишаст [6, 161].

Ё ин ки:

Магзор аз вазъи адаб то обрӯ ҳосил кунӣ,
Чун ба худ печид гавҳар, дар дили дарё нишаст [6, 161].

Ба қавли мутафаккир ҳар як инсон маҳз аз ахлоқ ва одобу рафтори нек метавонад на танҳо аз ҷиҳати маънавӣ, балки аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим, обрӯманд ва соҳиби эҳтироми баланд шуда, ба инсон оромӣ ва осудагии руҳу равонӣ мебахшад:

Амали нек ҳар қадар корӣ,
Ҳама фирдавс бар меорӣ [6, 161].

Омӯзиш ва таҳлили осори Мирзо Бедил аз он шаҳодат медиҳад, ки некиву накукорӣ, дасти ёрӣ дароз кардан ба дармондагону бечорагон, умуман хизмати мардумро ба ҷо овардан, яке аз ҳадафҳои асосӣ ва ниҳоии ҳаёт ва фаъолияти эҷодии шоир ба ҳисоб мерафтааст. Бинобар ин, мутафаккир дар пояи ғояи мазкур ба ояндагон панду андарз додааст, ки ҳамеша некхоҳу мададгор ва дастгири мардум бошанд ва то қадри имкон хизмати дигаронро карда, ҳоҷатбарори бечорагону камбизоатон бошанд.

Ҳамин нуктаро бояд таъкид намоем, ки ҷавҳари асосии консепсияи таълимоти ахлоқии Мирзо Бедил аз некиву накукорӣ иборат буда, инсонро аз оғоз то анҷом ба пиндор, рафтор ва муносибати нек ҳидоят менамояд. Аммо дар баробари ин, файласуфи бузург хислатҳои аҳриманӣ, яъне баду шарро маҳкум намуда, мардумро ба дурӣ ҷустан аз зулму ситам, беадолатӣ ва мардумозорӣ даъват кардааст. Ба андешаи Мирзо Бедил хислат, хулқу атвор ва муносибату рафтор ва гуфтори баду бадсириштӣ аз сиришти ҳайвонӣ бармеояд. Ва барои ба дараҷаи инсони комил расидан ва дар давоми ҳаёт дар сирати инсонӣ мондани ҳар як шахс бояд, ки то ҳадди имкон хешро аз хулқу атвор ва хислату рафтор ва муносибати шарри инсонӣ дар канор гирад. Чунки феъли бад, хислатҳои аҳриманӣ инсонро аз олами одаму одамгарӣ дур карда, ба

сирати ҳайвон баробар ва монанд мекунад. Аз ин нуқтаи назар, инсон дар байни ҳамҷинсони худ танҳо бо феъл ва хулқи хуб, рафтор ва муносибати нек метавонад соҳиби обрӯ ва ҳурмату эҳтироми баланд гардад. Шоир таъкид месозад, ки дар навбати аввал ҳар як инсон бояд сарфаҳми мафҳуми некиву накукорӣ рафта, моҳияти аслии онро бо тамоми ҳастии худ дарк намояд. Зеро, ки шахс агар то мафҳум ва моҳияти некиву накукориро нафаҳмад, ҳеҷ вақт онро дар амал ба пуррагӣ татбиқ карда наметавонад.

Аз осори Мирзо Бедил чунин бармеояд, ки ӯ дар ҳалли масъалаҳои некиву накукорӣ, пеш аз ҳама, нишондодҳои Қуръони Маҷид, ҳадисҳои Расули Худо ва осори гузаштагони бузурги халқи тоҷикро ба асос гирифта, фикру андешаҳои хешро мавриди баррасӣ қарор додааст. Масалан, дар Қуръони Маҷид, Сураи Нисо, ояти 36 дар ин хусус чунин омадааст: «Худойро бипарастед ва ҳеҷ шарики вай масозед ва ба падару модар ва хешованду ятимон ва бенавоёну ҳамсояи хешованд ва ҳамсояи бегона ва ёри мусоҳибу мусофири раҳгузар ва бандагони худ некӣ кунед».

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳама давру замон мутафаккирони бузурги мардуми форсу тоҷик аз назари шароити сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давр роҳу равиш ва тарзу усули ҳалли масъалаи мазкурро дар осори хеш мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, фикру ақидаҳои худро баррасӣ кардааст. Масалан, агар барои қиёс гирем, Саъдии Шерозӣ дар ҳалли масъалаи мазкур ҷонибдори чунин ақида буд:

Бо бадон бад бошу, бо некон накӯ!
Ҷойи гул бошу ҷойи хор, хор [12, 30].

Дар ин ҷо месазад андешаи мутафаккири бузурги дигари халқи тоҷик Носири Хусravро биорем. Носири Хусрави Қубодиёнӣ низ ҷонибдори чунин андеша буд, ки агар касе ба ту бадӣ кунад, ту низ ба ӯ бо бадӣ ҷавоб гардон, танҳо бо нафароне некхоҳ бош, ки бо ту некӣ мекунанд. Дар ин бора, ӯ дар асораш «Хон-ул-ихвон» чунин овардааст: «Гӯем, ба раҳмати Худованди ҳақ, ки ӯ бар мо фурӯ боридааст, ки подош муайян аст мар ҷазои коре, ки касе бикунад, агар бад бад. Ва чун имрӯз андар ин олам подоши он чи мардум бикунад аз неку бад ҳаме бад ӯ бирасад». Дар ҷои дигар, дар ҳамин рисола аз номи Худованд чунин овардааст «…Ҳар ки биорад некӯ, яке мар ӯрост даҳчандон.

Мо ҷазо диҳем музди некукорӣ, ки эшон карда бошанд то ин ки: «Мукофоти бадӣ бадӣ аст» [15, 61].

Агар мо масъалаи мазкурро дар осори мутафаккири бузурги Шарқ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таҳқиқ намоем, маълум мегардад, ки ӯ ба мавзуи мазкур нисбатан васеътар ва мантиқан чуқуртар муносибат намуда, ба арши хеле болову воло бардоштааст. Дар ин хусус, Алии Ҳамадонӣ дар рисолаи «Минҳоҷ-ул-орифин» андешаҳои худро ба таври зерин изҳор кардааст: «Он ки ба ту бадӣ кунад, ба ӯ некӣ кун-то қадри ту афзояд», «Озори кас махоҳ, то озурда нашавӣ», «Қатраро хор манигар, агар дарёӣ» [13, 62].

Бояд зикр кард, ки Мирзо Бедил дар бораи подоши некию накукорӣ изҳори андеша карда, таъкид кардааст, ки агар ҳар киро пешаи зиндагӣ некӣ бошад, пас ӯ дар ду дунё сазовори роҳату беозорӣ мегардад. Аз ин рӯ, ҳар як шахс дар зиндагӣ бояд фақат ба некӣ кардан кӯшиш намояд.

Ба қавли Мирзо Бедил, дар давоми ҳаёт ба дигарон некӣ кардан, муносибат ва рафтори некро ба атрофиён раво донистан, аз худ аъмоли нек ва номи нек мондан ин он фазилати ахлоқи инсонест, ки ӯро ҳама мақбулаш медонанду парастишаш мекунанд. Мутафаккир дар ҳалли масъалаи мазкур ҷонибдори чунин ақида буд, ки некию накукорӣ яке аз роҳҳо ва тарзу усуле ба ҳисоб меравад, ки инсон меавонад ба дараҷаи худшиносӣ ва худогоҳӣ бирасад. Некию накукорӣ инсонро ба арши баланди ахлоқӣ бардошта, ба ҷавҳари ишқи Иллоҳӣ расидан наздик менамояд, яъне ӯро ба дараҷаи инсони комил мерасонад. Бояд зикр кард, ки он ақидае, ки инсон баъд аз худ бояд номи нек боқӣ мемонад, мутафаккирони бузурги тоҷик ки то замони Мирзо Бедил ба сар бурда буданд, дар осори хеш масъалаи мазкурро гаштаю баргашта таъкид намудаанд. Масалан, мутафаккирони бузурги гузаштаи халқи тоҷик, ба монанди Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон дар эҷодиёти худ масъалаи мазкурро мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор додаанд.

Масалан, Рӯдакии бузург чунин овардааст:

Ин ҷаҳонро нигар бо чашми хирад,
На бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ.
Ҳамчун дарёст в-аз накукорӣ,
Киштие соз, то бад-он гузарӣ [17, 16].

Ё Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар ин хусус чунин овардааст:

Бипазир зи ман панде, эй бародар,
Панде, ки аз он хубтар набошад…
Бо нек ба некӣ бикуш, аз ӯро
Бад ҷуз, ки сазовори шарр набошад [84, 141].

Ё мутафаккири бузурги дигари халқи тоҷик Абуалӣ ибни Сино дар рисолаи «Пирӯзнома»-и худ дар ин мавзуъ чунин овардааст:

«Гуфтам: - Некӯӣ беҳтар ё аз бадӣ дур будан?
Гуфт: - Аз бадӣ дур будан сари ҳамаи некӯиҳост.
Гуфтанд: - Кадом пироҳан аст, ки ҳаргиз куҳна нагардад?
Гуфт: - Номи нек» [18, 18].

Ҳаминро бояд таъкид намоем, ки Мирзо Бедил дар пайравии мутафаккирони бузурги халқи худ, ба он кӯшидааст, ки зебоӣ ва поку беолоиш будани сирати инсониро ба хонанда муаррифӣ намояд. Ӯ талош ба он кардааст, ки ба мардум ҳамон ақидаро фаҳмонад, ки сарчашмаи покизагӣ ва покиву зебоии қалб, сират ва умуман ҷаҳони маънавии инсон ин муносибат, рафтор ва кори неку хайр кардан аст. Ин андешаи Мирзо Бедил, ба таълимоти «Қуръон», ки дар Сураи Нисо, ояти 86 омадааст: «Чун Шуморо ба дуруде навохтанд, ба дуруде беҳтар аз он ё ҳаммонанди он посух гӯед», бениҳоят мувофиқ ва ҳамоҳанг мебошад. Аз ҳамааш ин, чунин бармеояд, ки тибқи андешаҳои ахлоқии Мирзо Бедил ва арзишҳои дини Ислом ва нишондодҳои «Қуръон» покиву покизагӣ ва зебоии ботин аз андешаҳо ва рафтору кирдори инсон ҷудонашаванда аст.

Ҳамин тавр, аз таълимоти ахлоқии Мирзо Бедил мо ба хулосае меоем, ки ҷавҳари ҳастӣ ва покӣ ва зебоии ботин ва ҷаҳони маънавии инсонро дар некиву накукорӣ дида, яке аз роҳҳои беҳтарин ба сӯи худшиносӣ, худогоҳӣ ва ба ишқи илоҳӣ расиданро дар пиндор, гуфтор ва рафтори нек мебинад.

Омӯзиш ва таҳлили осори Мирзо Бедил аз он шаҳодат медиҳад, ки файласуфи бузург покӣ ва зебоии ахлоқи инсонро дар некиву накукорӣ дониста, ба он кӯшидааст, ки дар ҳамоҳангӣ ахлоқ ва зебоиро дар раванди худшиносӣ ва худогоҳӣ, яъне тарбияи инсони комил ҳарчӣ пурсамар истифода намояд.

Ин ақидаҳои пурқимати Мирзо Бедил, дар замони ҳозираи мо на фақат моҳияти тарбиявии худро гум накардаанд, балки маҳз дар шароити рушди ҷомеаи муосир аҳамияти тарбиявию маърифатии беш аз пеш афзун намудааст. Хусусан, имрӯз дар ҷумҳурии мо шароите ба амал омадааст, ки баҳри солимии ахлоқи ҷомеа месазад, ки мардум бояд рӯ ба ахлоқи пок ва панду андарзҳои ниёгон оварда, дасти ёрӣ ва тараҳҳум ба ятимон, маъюбон, дармондагон, камбизоатон ва дигарон корҳои нек ва хайру босаховатро амалӣ намоянд.

Имрӯз, дар асоси маълумоти расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвар 527 ҳазор нафар нафақахӯрон, 500 ҳазор оилаҳои камбизоат, 68 ҳазор оилаҳои бесаробон, 118 ҳазор кӯдакони то 16 - солаи оилаҳои бесаробон ва 9 ҳазор нафар пиронсолони яккаву танҳо зиндагӣ мекунанд.

Маҳз дар чунин вазъияти иҷтимоӣ тамоми табақаҳои ҷомеа бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки чунин ҳолати бамиёномадаро бо ахлоқи пок, ақлу хиради расо, рафтору муносибати хуби инсонӣ паси сар намоянд. Дар шароити имрӯза, яке аз роҳҳои аз чунин вазъи иҷтимоӣ раҳоӣ ёфтан ин аст, ки бояд ҳар як шахси бомаърифату бофарҳанг кори ҳаррӯзаи худро аз некиву накукорӣ ба дигарон оғоз намояд. Чунки дар бораи некӣ кардан ба дигарон Худованд низ дар Қуръони Маҷид, дар сураи Бақара фармудааст: «…накӯкор касест, ки ба Худо ва рӯзи охираш ва фариштагон ва китобҳои осмонӣ ва пайғамбарон имон биоварад ва моли худро, бо вуҷуди он ки дӯст медорад, ба наздикону хешовандон ва ятимону мискинон ва мусофирону дар роҳ мондагон ва соилон ва барои озод кардани бандагон садақа кунад».

Чи тавре маълум мегардад, Мирзо Бедил аз аввал то ба охир дар эҷодиёти хеш, некиву накукориро ситоиш карда, ҳамеша зидди бадиву зиштӣ баромад мекунад. Аз ин андешаҳои мутафаккир чунин бармеояд, ки ӯ яке аз роҳҳои беҳтарини ба камолот расидани инсонро дар некиву накукорӣ мебинад. Яъне, ба қавли Мирзо Бедил, барои он ки инсон ба дараҷаи камолот расад, ӯ бояд ҳатман дорои сифати некиву накукорӣ ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ бошад.

Мирзо Бедил дар системаи тарбиявии худ чун пешомадагон ва олимону орифони замонаш, ҳамеша ба ахлоқи ҳамидаи инсонӣ муътақид буд, аммо қабул ва таъсири онро ихтиёрӣ гузошта, онро дар истифодаи дурусти шакл, тарзу усул ва воситаи тарбия медонад. Гарчанде Мирзо Бедил, дар инсон ташаккул ва рушд додани хислатҳои неки инсониро талаб намуда, парвариши

онро ҳатмӣ меҳисобад, таъсири тарбияро ба ҳама касон якхела баробар намедонад. Ба қавли Мирзо Бедил, барои тарбияи инсон омилҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки ба раванди тарбия таъсири худро мерасонад. Дар ин раванд, пеш аз ҳама, мақом ва маҳорати тарбиядиҳанда метавонад нақши муҳим ва ҳалкунанда бозида, то чи андоза ӯ метавонад ҳаёт ва фаъолияти тарбиягирандаро ташкил карда, барои ин кор шароити мусоидро фароҳам оварад. Зеро на ҳама нафарон ба шароити мавҷуда мувофиқ буда, тарбия на ба ҳама якхела таъсир мерасонад. Мирзо Бедил, дар ин хусус, андешаи худро чунин баён кардааст:

Истилоҳоти комилон дарёб,
Гӯш пайдо куну забон дарёб.
Ҳарфи комил зи нуқсон кам пурс,
Як дам одам шаву зи одам пурс.
Назди одам дил аст, олам нест,
Гар нафаҳмид гову хар, ғам нест [6, 455].

Дар баробари талқин намудани хислатҳои неки ахлоқи инсонӣ Мирзо Бедил масъалаи хислатҳои шарри инсониро низ мазаммат карда, мавриди танқид қарор додааст. Ба андешаи шоир, хислатҳои бад ва шарр дар сиришт ва ботини инсон вуҷуд доранд ва онҳоро мумкин аст ба воситаи тарбия аз вуҷуди инсон бароранд ва ё ислоҳ намоянд. Аз диди Мирзо Бедил, барои он ки дар ниҳоди инсон чунин хислатҳои бад ва шарр роҳ наёбанд, ӯ аз ҳар як нафар даъват ба амал овардааст, ки дар давоми ҳаёти худ побанд ва додаи ҳавову ҳавас ва дигар сифатҳои ғайриахлоқӣ нагашта, боақлона, бошуурона ва боодобона рафтор, муносибат ва зиндагии хешро ба роҳ монад:

Бипарҳез аз иқболи дунфитратон,
Тунукрӯст санге, ки мино шавад.
Сабукмағз шоёни асрор нест,
Хас аз дурии шуъла расво шавад [2, 207].

Ё худ чунин таъкид менамояд, ки

…. Хиффати аблаҳ дубало мезанад дар муфлисӣ,
Мешавад аз хушк гардидан сабуксор чӯби тар [4, 121].

Чи тавре аз таъкидҳои шоир бармеояд, агар ҳар як шахс дар зиндагӣ имкон диҳад, ки дар ниҳоди ӯ сифатҳои бади инсонӣ роҳ ёфта, рушд ёфтан

гирад, он гоҳ дар ботини ӯ сифатҳои ба монанди дуруғгӯӣ, фитнагарӣ, ҳилаю найранг ва дигар хислатҳои шарри одамӣ пайдо шуда, баъзе нафарон ҳамчун шайтон аз доираи инсониву инсонгарӣ пурра дур мегарданд. Яъне, ҳамаи ин сифатҳои бад дар сиришти ӯ хислатҳои неки ӯро маҳв карда, ҳастии ӯро пурра ба ихтиёри хислатҳои шарри одамӣ дода, ба ҳилаю найранг ва фитнаву фиребгарӣ мегузарад. Бинобар ин, мутафаккир аз мардум даъват ба амал овардааст, ки то ҳадде имкон доранд, дар давоми зиндагӣ бар зидди нафси бади инсонӣ мубориза баранд ва ба он бикӯшанд, ки нафси бадро ҳамеша зери фармоиши ақли расою солими худ дароранд.

Ҳамин нуқтаро бояд тазаккур дод, ки Мирзо Бедил дар осори хеш, бештар аз ҳама, ба ташвиқу тарғиби фазилатҳои ахлоқи ҳамидаи инсон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст то ки мардум мутеи нафси баду саркаш, кибру ғурур, худпарастӣ ва дигар хислатҳои шарри инсонӣ нагашта, балки дар давоми ҳаёти хеш роҳи некиву накукориро пешаи асосии худ карда, соҳиби зиндагии орому осоишта ва бахту саодати инсонӣ гардад.

Мирзо Бедил дар таълимоти ахлоқии хеш оид ба паҳлуҳои гуногуни ахлоқи инсон изҳори андеша намуда, маҳз ҳамон нуқтаҳоро баррасӣ намудааст, ки ҳар як шахсро ба сӯйи худшиносӣ ва худогоҳӣ ҳидоят карда, то ба дараҷа ва сатҳи инсони комил мерасонад. Ба андешаи мо, мақсади ниҳоии шоир он мебошад, ки мардум ба пуррагӣ ва осонӣ ба моҳияти ахлоқи ҳамида ва неки инсонӣ сарфаҳм рафта, мақом ва манзалати инсонии худро қадр карда, дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ аз рӯи меъёрҳои он рафтор ва муносибати худро амалӣ гардонад.

Аз таҳлили осори шоир бармеояд, ки барои он ки ҳар як фард дорои ҳисси инсонпарвариву башардӯстӣ шавад, пеш аз ҳама, ӯ бояд хештанро шиносад ва фақат дар ҳамин ҳолат, ҳар як шахс дар давоми ҳаёташ метавонад аз дарди дили дигарон бохабар бошад, ба онҳо сидқан, яъне беягон тамаъ дасти ёрӣ дароз намояд. Ба андешаи Абдулқодири Бедил чунин аст яке аз вазифаҳои муҳимми инсонпарвариву инсонгароии ҳар як шаҳрванди соҳибхираду соҳибмаърифати ҷомеа.

Абдулқодири Бедил дар асари худ «Чорунсур» оид ба масъалаи ахлоқ андешаҳои хешро мавриди таҳлил қарор додааст. Ӯ маънӣ ва моҳияти зиндагии инсони бакамолрасидаро футувват, яъне дар ҷавонмардӣ дидааст. Шоир

нуқсони асосии ахлоқро дар хасисӣ дониста, таъкид кардааст, ки ҳар як инсони комилахлоқ бояд аз нафси худ гузашта, дар ҳолатҳои зарурӣ ба дигарон дасти тараҳҳум дароз намояд.

Мутафаккир овардааст, ки дар зиндагӣ аҳли соҳибмаърифатон бояд ҳама дорои ахлоқи нек бошанд, аммо дар зиндагӣ (амал) ин чунин нест. Ин андешаро ӯ ҳамчун андешаи хато меҳисобад. Зеро шоир мегӯяд, ки маърифат ин касбист, яъне ҳар шахсе, ки кӯшиш ва меҳнат кунад ӯ метавонад соҳиби маърифат шавад. Аммо футувват, қайд мекунад шоир, ин хислати ахлоқи зотист, аз насл ба насл ба хун мегузарад, яъне худодод аст. Ба қавли Мирзо Бедил, гурӯҳи одамоне ҳастанд, ки ба дигарон дарси маорифу маърифат мегӯянд, дар бораи ахлоқ китобҳо иншо кардаанд, аммо худашон бӯе аз шафқат набурдаанду фарсаххо аз одаму одамгарӣ дуранд. Дар ин мавзуъ мутафаккири бузург чунин овардааст: «Шеваи ахлоқ ҳарчанд шоистаи аҳволи урафо (соҳибмаърифатан) аст, аммо ин, ки ҷамии урафо соҳибфутувват бошанд андешаи хатост. Зеро ки маърифат касбист ва футувват зотӣ… Ҷамъе дарси маориф ва сулук мегӯянду бӯе аз маънии шафқат бар димоғи эшон навазидааст, нусхаҳо аз олами ахлоқ навиштаанду madди эҳсоне аз килки истеъдодашон наболида» [22, 324].

Абдулқодири Бедил дар таълимоти хеш оид ба сифат ва маънии карам изҳори андеша карда, таъкид менамояд, ки карам дар маҷмуъ одамонро хурсанд карда, ба дили онҳо фараҳ бахшидан мебошад. Масалан, бенавоёнро бо дирҳаму динор, беморонро бо аёдат шод намудан, заминҳои хушкро об додан, барои нобиноён асо шудан, ғоибонро бо некӣ ёд кардан, ҳозиронро бо мадоро имдод ва ғайра муносибат кардан аст.

Шоири ширинсухан дар шакли назм чунин нигоштааст:

Гар дастрасаст, зар мадоред дареғ!
Аз бесамарон самар мадоред дареғ!
То туҳмати хиссат накашад ҳимматҳо,
Ахлоқ зи якдигар мадоред дареғ! [22, 326]

Ё ин ки:

Бедил, дорад зи табъи аҳли ҳиммат
Осори сахо ҷилва ба чандин сурат:
Бар бехабарон-панду ба муҳтоҷон - сим,
Бар хурдон - лутфу бар бузургон - хидмат [22, 326].

Мутафаккири бузург дар баробари асарҳои насрии худ дар рубоиҳои хеш низ масъалаи ахлоқро васф ва ситоиш намудааст, ки бори дигар аз бузургию шаҳомат ва донишманду хирадманд будани ӯ шаҳодат медиҳад.

Шоири ширинкалом хислати ахлоқии шарму ҳаёро дар ҳар як фард ҳатмӣ ҳисобида, таъкид менамояд, ки ҳар нафаре дорои сифати ҳаё мебошад, ин ба монанди он аст, ки соҳиби чашми бино буда, дар рафти зиндагӣ метавонад ҳама камбудиву норасоиҳои дигаронро бубинад ва баҳои холисона диҳад ва рафтору кирдори хешро ба осонӣ бишносад. Дар ҳар афроде, ки сифати бухл ҷойгир аст ин аломати беҳаёист ва беҳаёиро шоир ҳамчун нишонаи нобиноӣ донистааст.

Шоир дар ин хусус, дар рубоие чунин овардааст:

Андешаи бухл аз яқин маҳҷурист,
Бо халқ ҳасад-зи файзи маънӣ дурист.
Бар хеш ситам мадор, эй ғофил!
Чашме во кун, ки тангчашмӣ кӯрист! [22, 327]

Ба андешаи шоир, агар шахсони хасис кӯр намебуданд (ҳарчанд, ки моли зиёд доранд) ба қадри эҳтиёҷмандон расида, ё ҳаё медоштанд аз рӯи шарм ба онҳо дасти ёрӣ дароз мекарданд.

Марди саховатманд баъд аз хайр ва кароматкарданаш худро масдари эҳсон ҳисобида, маънии ҳаёро мечашад:

Шахси карам азбаски ҳаёкештар аст,
З-андешаи оби рухи дарвеш тар аст.
Расвоии эҳтиёҷи кас натавон дид,
Онро, ки ҳаё беш - сахо бештар аст [23, 326].

Тибқи таълимоти Абдулқодири Бедил, дар зиндагӣ касони доранда агар сахӣ бошанду ба бечорагону бенавоён кароматашон расад, Худованд файзу баракати зиёдро ба онҳо насиб мегардонад. Шоир итминони комил ба он дошт, ки одамони соҳибкарому сахӣ аз ҷабинашон ва «шикани остинашон» маълум мебошад [23, 326].

Абдулқодири Бедил сахоро нашъае аз хумистони мурувват, карамро ниҳоле аз боғи футувват ҳисобида, мардумро даъват кардааст, ки дар давоми зиндагӣ кӯшиш намоянд, ки ҳарчӣ бештар сахӣ бошанд ва ҳамеша аз ниҳоли карам ва «баҳористони футувват» истифода намоянд, на аз бухл, ки шӯразореро мемонад. Ӯ мардумони бахил, хасис, баднафс ва амсоли онҳоро танқид карда,

таъкид кардааст, ки аз лаимон карам хостан, аз тариҳои хуш нам хостанро монандӣ дорад, яъне шахси солиму бомаърифату баркамол ҳеҷ гоҳ аз чунин шахсони лаимон умедвор намешаваду ба худ чизеро аз онҳо хоҳиш карданро раво намедонад:

Зи табъи лаимон карам хостан
Бувад чун вуҷуд аз одам хостан.
Зи оинаи абртимсоли гард
Тариҳои хуш аст нам хостан.
Зару киса ин ҷо ба ҳам дӯхтааст,
Зи моҳӣ нашояд дирам хостан [22, 329].

Шоири ширинкалом, нафаронеро, ки дорои сифатҳои бадӣ инсонӣ, ба монанди бахилӣ, хасисӣ, мардумозорӣ, золимӣ ва ғайра мебошанд, зери танқид гирифта, мардумро ба некӣ, саховатмандиву каромат, муносибату муоширати хуб ба одамон, ахлоқу тамизи намунаву ҳамида ҳидоят кардааст:

...Нест дар иқлими асрори тамиз,
Хуштар аз вазъи саховат ҳеҷ чиз.
Ҳамчунин ҷуз бухл, гоҳи имтиёз
Хиҷлатоҳангӣ надорад ҳеҷ соз.
Шаш ҷиҳат фарш аст меҳру кинаат,
То куҷо руй оварда оинаат:
Сӯи хиссат гар руҷуъ оварданаст,
Бо ҳама некӣ бадат гул карданаст;
В-ар муқобил бо каримон гаштаӣ,
То тавон аз сайри гулшан ранг бурд.
Пой дар гулхан ҷаро бояд фушурд?... [22, 331]

Таҳлил ва таҳқиқи осори Мирзо Бедил моро ба хулосае водор месозад, ки омӯзиш ва баррасӣ намудани ақидаҳои ахлоқии ӯ, маҳз дар шароити рушди ҷомеаи муосири мо аҳамияти бузурги таълимию тарбиявӣ дорад.

Ба хусус, ақидаҳои ахлоқии ӯ дар ташаккул ва рушди ҳар як фарди ҷомеа ва бой гардонидани ҷаҳони маънавии шахс, дар натиҷа, дар раванди сохтмони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ қобили қабул ва таваҷҷуҳи махсус мебошанд.

Дар охир ҳаминро бояд таъкид кард, ки дар ҳаллу фасл ва баррасии масъалаи мақому манзалат ва некиву накукорӣ Мирзо Бедил дар муқоиса бо ҳамзамононаш услуби ба худ хоссе пеша карда, кӯшидааст то ки дар тарбияи шахси баркамол саҳми арзандаи хешро гузорад. Ба андешаи Мирзо Бедил, барои ҳар як шахси солимақлу соҳибфарҳанг қиматтар аз ҳама арзишҳои зиндагӣ оромию осоиштагии руҳ мебошад. Ва ӯ ба ин ҳадаф танҳо ҳамон вақт метавонад ноил гардад, ки дар зиндагӣ ҷойгоҳ, мақому манзалат ва қадру қимати инсонии худро дарёфта, некиву накукориро пешаи худ қарор дода бошад.

Нуқтаи дигарро зикр бояд кард, ки Мирзо Бедил дар раванди тарбияи инсони комил на фақат ақидаҳои мутафаккирони бузурги гузаштагони худро рушд ва такмил додааст, балки кӯшиш кардааст, ки дар ҳамин замина фазилатҳои нек ва олии инсонро дар замири ҳар як шахс ташакккул ва рушд дода, ба талаботи ҳаёти реалӣ наздик намояд.

Ҳамин тариқ, дар раванди самаранок истифода намудан аз осори гаронбаҳои Мирзо Абдулқодири Бедил мо метавонем арзишмандтарин фазилатҳои неки инсонро тарғибу ташвиқ намуда, ба воситаи таълимоти ахлоқии ӯ шаклҳо, роҳҳо ва тарзу усули солим гардонидани ахлоқи ҷомеаи муосирро таъмин созем.

## 2.2. Масъалаи одобу ахлоқ, саховатмандиву ҳимматбаландӣ ва хоксориву фурутанӣ дар осори Мирзо Абдулқодири Бедил

Дар ҳама давру замон, рушд ва тараққиёти ҷомеа аз сатҳу сифати таълиму тарбия ва тайёрии касбии насли наврас вобастагӣ ва алоқамандии хеле назаррас дорад. Аз ин лиҳоз, таълиму тарбия дар раванди рушди ҷомеаи муосир, пеш аз ҳама, бояд ба илм, фарҳанг ва таърихи гузаштаи халқамон то андозае алоқаманд бошад, ки асоси онро фазилатҳои неки инсонӣ, ба монанди инсонпарварӣ, ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, саховатмандиву ҳимматбаландӣ, хоксориву фурутанӣ ва худшиносиву худогоҳӣ ташкил намояд.

Дар шароити кунунӣ, омӯзиш, таҳқиқ ва тарғибу ташвиқи осори гаронбаҳои мутафаккирони бузурги гузаштаи халқи тоҷику форс, таҳлили аҳвол ва эҷодиёти онҳо аз ҷумлаи он вазифаҳои умдаи илмию фарҳангӣ ва

адабию маънавӣ-ахлоқие ба шумор меравад, ки дар назди ҷомеаи ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо меистад. Ин тадбирҳо, дар тарбияи ахлоқӣ, бою ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавии насли ҷавон нақши бағоят муҳим мебозад.

Қобили зикр аст, ки яке аз чунин мутафаккирони бузурги халқи тоҷик, ки эҷодиёти ӯ дар ташаккул ва рушди ахлоқ, ҷаҳонбинӣ ва умуман, тарбияи инсони комил нақши бениҳоят бузургеро бозидааст, ин шоир, файласуф ва мутафаккири бузурги нимаи дуюми асри XVII ва ибтидои асри XVIII Мирзо Абдулқодири Бедил мебошад.

Асарҳое, ки аз Мирзо Абдулқодири Бедил то ба замони мо омада расидаанд саршори ақидаҳои панду ахлоқӣ буда, дар ташаккул ва рушди сифатҳои волои ахлоқӣ ва бою ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавӣ, ҷаҳонбинии илмии ҳар як шахс мусоидат намуда, дар тарбияи инсони комил нақши арзандаро доро мебошад.

Омӯзиш ва таҳлили осори Мирзо Абдулқодири Бедил аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ моро ба тарбияи сифатҳои ахлоқи ҳамидаи насли ҷавон ҳидоят месозад. Ӯ камолоти инсонро дар мизони ақли муаддаб санҷида, рафтору кирдор, муносибат ва ҳамоно обутоби ахлоқи ҳамида додан ба ӯро амали ҳатмӣ ва зарурӣ меҳисобад. Бинобар ин, дар ин мавзуъ, ки ба ташаккул ва рушди хислатҳои неки ахлоқии инсон вобастагӣ дорад, фикру ақидаҳои хеле ҷолиб ва андешаву суханҳои ибратбахши пандомӯзро барои хонандагон мавриди таҳлил қарор додааст. Шоири бузург, дар мавриди тарбияи ахлоқии насли ҷавон ба хислатҳои ахлоқи неки инсонӣ, аз қабили некиву накукорӣ, инсондӯстиву ватандорӣ, саховатмандиву ҳимматбаландӣ, хоксориву фурутанӣ, садоқату вафодорӣ, ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ, ростиву росткорӣ ва ғайраро афзалият дода, тамаъкорӣ, ғайбату шиквадорӣ, ҷоҳталабиву хасисӣ, булҳавасӣ ва умуман хислатҳои шарри инсониро сахт танқид менамояд.

Дар қатори дигар фазилатҳои нек Мирзо Бедил ғайр аз накукориву ҳамидахисолӣ, одобу боадабӣ, сахову кароматпешагӣ, хоксориву фурутаниро, муҳиму асоси такомули маънавию ахлоқии инсон медонад. Аз ин рӯ, назар андохтан ба ин ақидаҳои шоир дар ин марҳалаи таҳқиқ хеле шарт ва зарур аст.

Мирзо Бедил ба масъалаи боодобии шахс диққати махсус зоҳир намуда, дар такя ба таълимоти тасаввуфӣ, ки инсонро ба роҳи некию покӣ, зебоии маънавӣ- яке аз рукнҳои асосии ахлоқи ҳамида ва одоби нек маҳсуб мешавад,

ҳидоят менамояд. Аз ҷониби Мирзо Бедил ҳамчун пайрави тасаввуф, дар осораш нисбат ба ахлоқу одоби солики роҳи тариқат андешаҳо бештар мушоҳида мегардад. Ахлоқ ва одоб доштани соликро таъкид дошта, ба мақсад расиданашро нек медонад, вагарна беахлоқу беодоб аз «базми висол», аз покизагии маърифат дур хоҳад монд:

То тавонӣ аз адаб сар бар хати таслим бош,
Хома чандоне, ки бар лағзиш хиромад мистарист [2, 80].

Ба ақидаи шоир боодобӣ, чун падидаи сифати инсон, талабгори сараввал хоксорист, зеро аз ин хислат дигар ҳама хислатҳои неки инсон ғизо мегиранд ва он на ба воситаи ибодати зиёд ба даст меояд, балки дар натиҷаи парвариш дар ниҳод, танҳо бо дарки моҳияти ҳар як афкори падидоянда, ҳар як сухани гуфташаванда, ҳар як қадами гузарондашаванда беш мегардад:

Адаб на касби ибодат аст, на саъйи ҳақталабист,
Ба ғайр аз ин хок шудан ҳарчӣ ҳаст, беадабист [6, 160].

Ё худ:

Қадамат ба кунҷи адаб шикан, дари нози хирасарӣ мазан,
Ситам аст ҷуръати мову ман, чу нафас кунад бадар аз дилат [6, 160].

Мирзо Бедил маърифатнокиву сарбаландии инсонро дар ҷомеа аз одобу ахлоқи накӯ вобаста донista, гаштаю баргашта таъкид менамояд, ки инсон дар давоми зиндагӣ ҳеҷ гоҳ набояд аз боодобона рафтор ва муносибат кардан дар ғафлат монад:

Сарбаландӣ хоҳӣ аз вазъи адаб ғофил мабош,
Нашъа бармехезад аз ҷӯше, ки бар саҳбо нишаст [6, 161].

Аз диди шоир маҳз одоби нек шахсро дар ҷомеа муътабару соҳибэҳтиром мегардонад. Ҳамаи фазилатҳои неку наҷиби инсон аз одоби ҳамида сарчашма мегиранд ва инсонро хушбахту сарбаланд менамоянд:

Магзар аз вазъи адаб то обрӯ ҳосил кунӣ,
Чун ба худ печид гавҳар, дар дили дарё нишаст [6, 161].

Маҳз аз ахлоқи нек, муносибати боадабона ва хоксорию фурутанӣ инсон на танҳо маънавan, балки ҷисман солиму обрӯманду соҳибэҳтиром гашта, ба инсон оромиву осоиштагии баркамолро таъмин менамояд: «Амали нек ҳар қадар корӣ, Ҳама фирдавс бор меорӣ», мегӯяд Мирзо Бедил [6, 161].

Адаб яке аз мавзуи муҳимест дар осори Мирзо Бедил, аз он нигоҳе, ки мутасаввуфон ҳамеша баҳри ба даст овардани одоби солик кўшиш ба харҷ медоданд. Соликро фарди баркамол мешуморанд. Бо гузаштани зинаҳои душвори худтарбия солик дорои хислатҳои наҷиб мегардад, аз бадиву бадандешагӣ, бадкирдориву бадкешӣ даст мекашад, орӣ мегардад. Ва ин дастовардест дар роҳи тарбияи инсони комил, инсони накуандешу ояндасоз, инсони салоҳиятхоҳу ҷомеасоз.

Ҳамин тавр, Мирзо Бедил талош ба он кардааст, ки хонандаро бо роҳу усулҳои гуногун то ба дараҷаи худтарбиякунӣ расонад. Чунки ба ақидаи ў яке аз роҳҳои асосии ташаккул ва густариш додани фазилатҳои неки инсонӣ ин худтарбиякунӣ ба шумор меравад.

Тазаккур бояд дод, ки Мирзо Бедил, илова бар ин, тарғибу таъкид менамояд, ки агар шахс одоби хуш ва ахлоқи накуро дар худ тарбият карданӣ бошад, сабру таҳаммул ва боандешагиро бояд пеша намояд:

Ба иқболи адаб гар нисбате дорӣ, муҳайё кун
Гиребоне, ки аз сар нагзарад гарданфарозиҳо [10, 61].

Ба қавли файласуфи бузург, адаб аз худ кардан ин маънои на танҳо дилро пок доштан аст, балки ҳар қадами гузошташаванда, ҳар назари афкандашавандаро аз ғирболи адаб гузаронидан аст: «Агар мункири нубувват наӣ, бо хатарот ҷуз ба таъзим пеш маё ва агар ба таҷаллӣ имон дорӣ, ба ҳеҷ ҷониб беадаб чашм макшо:

Бар гўши ту қулқуле зи мино нахўрад,
К-андеша ба пайғоми парӣ вонахўрад.
Чашме, ки кушоӣ, ба тааммул бикшо,
То аз мижа ранги ҷилвае по нахўрад» [10, 11].

Мутафаккири бузург дар эҷодиёти худ дар баробари хислатҳои адабу адабдорӣ дигар сифатҳои ахлоқи неки инсонӣ, ба монанди саховатмандиву ҳимматбаландиро яке аз он хислатҳое ҳисобидааст, ки дар тарбияи инсони комил метавонад нақши назаррасеро касб карда бошад.

Аз ҷумла ў хислати саховатмандиро яке аз фазилати ахлоқи волои инсонӣ ҳисобида онро чунин шарҳ дода, ба таври зайл арзёбӣ медорад: «Маънии карам дар ҷамеъи аҳвол ба сурури тобойеъ кўшидан аст ва дар ҳама авқот ба ризои

дилҳо ҷӯшидан… Бенавоёнро ба дираму динор навохтан ва беморонро ба иёдату мудаво хурсанд сохтан…

Обилапоёнро таклифи рафтор намудан ва бедимоғонро ба суҳбат даъват нафармудан… Бар қубур такбир гуфтану фотиҳа хондан ва дар заминҳои хушк об пошидану ниҳол шинондан. Ғоибонро ба некӣ ёде ва ҳозиронро ба мадоре имдоде…» [10, 62].

Ё ин ки чунин овардааст:

Бедил, дорад зи табъи аҳли ҳиммат,
Осори сахо ҷилва ба чандин сурат.
Бар бехабарон панду ба муҳтоҷон сим,
Бар хурдон лутфу ба бузургон хидмат [2, 10].

Ба қавли Мирзо Бедил ҳимматбаландӣ низ яке аз он хислати неки инсон мебошад, ки на танҳо барои худи инсон лозим аст, балки ӯ ба ин васила метавонад ба дигарон ҳам некӣ намояд, дасти ёрӣ дароз кунад, дар ҳолати мушкилиҳои зиндагӣ ҳоҷатбарору чорасозӣ одамон бошад. Шоири нуктасанҷ таъкид кардааст, ки барои инсон муҳим он аст, ки ӯ, пеш аз ҳама, дар вуҷуд ва қалбаш майлу хоҳиши ба дигарон ёрӣ расониданро дошта бошад, барои дар амал татбиқ намудани ин хоҳиш бошад, дар зиндагӣ роҳҳои гуногун мавҷуд аст, аз ҳар як шахс танҳо майлу хоҳиш ва имконият талаб карда мешавад. Ҳар фарди ҳимматбаланду саховатманд дар ҳолате, ки ҳоҷати касеро мебарорад ва ё дасти ёрӣ дароз мекунад, аз кори ба анҷом расонидааш на фақат худаш руҳан орому осуда, қаноатманд аз кори неки кардааш ва хурсанду фараҳманд мегардад, балки аз кори хайри ӯ шахсони наздикашро низ хурсанду фараҳманд мегарданд:

Ҳиммат ҳар ҷо беш кунад кореро,
Душворӣ нест ҳеҷ душвореро.

Гарчанд фалохanӣ ба кӯшиш печад,
Холӣ созад зи санг кӯҳсореро [9, 10].

Чи тавре аён мегардад, ба қавли Мирзо Бедил саховатмандӣ хислате мебошад, ки хислатҳои ба монанди бухл ва кинаву адоватро рафъ карда, ботини инсонро аз ин хислатҳои бад пок сохта, дар сиришти ӯ хислатҳои ахлоқи некро, ба мисли мурувват, каромат, футувват ва соҳибкамолиро ҷой карда, эҳё

мекунад: «Сахо нашъаест аз саҳбои хумистони мурувват, муҳол аст димоғи хушкмағзони савдои хиссатро тарафи нисбат писандад ва карам ниҳолест аз ҳадиқаи баҳористони футувват, мушкил, ки дар шӯразори тинати бухл бори вуқуъ бандад» [10, 65-66].

Мутафаккир таъкид кардааст, ки шахси саховатманду карим абреро монандӣ дорад, ки дар «хору гул» якхел меборад ва мисли офтобест, ки бар «сангу гил» як хел нур мепошад. Ҳар шахсе, ки чунин хислатҳоро соҳиб аст ӯ одамонро ҳеҷ гоҳ ба баду нек ҷудо намекунад, балки онҳоро ҳамеша ба некӣ, яъне ба хайру сахо даъват менамояд: «Кайфияти сахо ба назокате сириштаанд, ки то карим соилро мамнун тасаввур намояд, ҷавҳари мурувват гудохтааст ва то бозил худро масдари гумон барад, маънии ҳаё ранг бохта. Аз ин ҷост, ки абр бар хору гул яксон меборад, то аз нахлҳои тобовар ҳиҷлати имдод бардорад ва офтоб бар сангу гил якдаст метобад, то бар лаълу ёқут миннати тарбият нагузорад.

Шахси карам азбаски вафокештар аст,
З-андешаи оби рухи дарвеш тар аст.
Равоии эҳтиёҷи кас натвон дид,
Он ҷо, ки ҳаё беш, сахо бештар аст [9, 33].

Мирзо Бедил дар осори хеш на фақат масъалаи рушд ва такомул додани фазилатҳои неки ахлоқи инсониро талқин кардааст, балки хислатҳои ғайриахлоқиро зери танқиди ҷиддӣ қарор дода, ҳазар кардан аз онро аз мардум талаб кардааст. Шоири ширинкалом, чи дар риштаи назм ва чи наср ба он кӯшиш кардааст, ки фикри хонандаро тавре ба роҳ монад, ки ӯ фикру андешаҳои шоирро дуруст дарк карда тавонад. Ҳамаи кӯшиш ва талошҳои мутафаккир ба он равона карда шудааст, ки хонанда дар раванди зиндагӣ на танҳо бо сухану гуфтор, балки бо муносибату рафтори худ роҳи дурустро пеша карда, ҳаёти орому осуда ба сар барад.

Чи тавре аз таълимоти ахлоқии мутафаккир бармеояд, ки дар давоми ҳаёт ба ҳар як нафар дӯст ва рафиқи содиқу бовафо ва боваринок хеле муҳим аст. Зеро дар рафти зиндагӣ бо мақсади бартараф намудани монеаҳо, мушкилиҳо ва хушбахт гаштан ба ӯ дар танҳоӣ бисёр гарон васангин меафтад. Ба қавли файласуф, дӯстиро бо нафароне кардан лозим аст, ки онҳо нокасу лаим ва золим набошанд. Ба андешаи ӯ, бо чунин нафарон дӯстӣ кардан ин баробар ба

он, ки дар зиндагӣ барои худ монеа месозад. Агар дар рафти зиндагӣ дӯсти ҳақиқӣ хоҳӣ, таъкид менамояд, Абдулқодири Бедил, бо шахсоне дӯстӣ ва рафоқати бикун, ки соҳиби фазилатҳои неки инсонӣ буда, аз нафарони соҳибкамол бошад.

Абдулқодири Бедил ҷонибдори чунин ақида буд, ки байни одамон бояд дӯстии самимӣ, холисона ва беғаразона пойдор бошад. Одамон фақат дар ҳамин сурат метавонанд, ки байни худ алоқа ва муносибатҳои дӯстона, одилона ва ҳурмату эҳтиромона дошта бошанд. Ҳамон нафар метавонад сазовори дӯстии пойдор, ҳақиқӣ ва холисонаю самимӣ шавад, ки ӯ худ, дар навбати аввал, дорои хулқи нек, руҳу маънавиёти бою ғанӣ ва рафтору гуфтори намунаву шоистаи таҳсин бошад. Чи тавре ки аз осори файласуфи бузург бармеояд, барои ҳар як инсон дар давоми ҳаёт, чунин дӯстӣ муҳим ва зарур аст, ки устувор, поянда ва мустаҳкаму доимӣ бошад. Ба қавли шоир, дӯсти самимӣ, беғараз ва бетамаъ он аст, ки аз паи давлату савлат ва молу ҳоли ту набошад, баръакс байни дӯстон бояд меҳрубонӣ, якдигарфаҳмӣ, ҳурмату эҳтиром ва самимияти доимӣ буда, онҳо дар рӯзҳои шодиву хурсандӣ ва беморӣ, сахтӣ ва ғаму андуҳ бо ҳам буда, дастгиру марҳами якдигар бошанд.

Шоир, ба аёдати яке аз дӯстони бемори худ рафтанашро дар шакли ғазал чунин овардааст:

> Омадам, то сад чаман бар ҷилва нозон бинамат,
> Нашъа дар сар, май бо соғар, гул бо домон бинамат.
> Ҳамчу дил умре дар оғӯши хаёлат доштам,
> Ин замон ҳамчун нигаҳ дар чашму мижгон бинамат…
> Эй масеҳонашъаи ранги дуо лам эҳтиёҷ!
> Бар нигоҳ зулм аст агар муҳтоҷи дармон бинамат!
> Дидаи хамёзасанҷе чун қадаҳ овардаам,
> То ба ранги мавҷи саҳбо масти ҷавлон бинамат.
> Оламе аз нақши поят чашм равшан мекунад,
> Андаке пеш ой, то ман ҳам хиромон биномат.
> Ҳаққи зоти туст саъи дастгириҳои халқ,
> То абад, ё раб, асои нотавонон бинамат [22, 247].

Чи тавре маълум мегардад, шоир барои дӯсти худ дилсӯзу ғамхор аст. Ӯ ба дӯсти худ муроҷиат карда, мегӯяд, ки ӯро ҳамчун дил ва қалби хеш дӯст

медораду ҳамеша дар ёди ӯст. Ва мехоҳад, ки ӯ доимо хушу хурсанд, сиҳату саломат, гул дар дасту ҳамеша дар зиндагӣ ҷилва ва ба нозу карашма бошад. Ҳар лаҳзае, ки дӯсти худро мебинад ӯ аз чунин вохӯрӣ ва дидори дӯст хурсанд мегардад, чунки ҳар як вохӯрӣ ва дидани дӯст барояш шодмониву хурсандӣ оварда ба чашмони ӯ равшанӣ мебахшад. Бинобар ин, шоир орзуи онро дорад, ки дӯсташ ҳамеша дар зиндагӣ сиҳату саломат ва хушу хурсанд бошаду ба нотавон ва дастнигарон дасти ёрӣ дароз намояд.

Ба андешаи Абдулқодири Бедил, дӯстон бояд чунон дӯстӣ намоянд, ки дар байни онҳо ягон заррае кибру ғурур ва ғараз набошад. Дӯстон бояд дар аҳду паймони худ доимо устувор бошанд ва баъди бастани аҳду паймони дӯстӣ як умр содиқ бимонанд. Чунин рафтор ва муносибати сазовору шоиста обрӯю эътибори дӯстонро дар байни дигарон зиёд карда, дӯстиву рафиқии онҳоро боз ҳам мустаҳкамтару устувор мегардонад.

Абдулқодири Бедил дар масъалаи дӯстиву рафоқатӣ, муносибати дӯстона ва дӯстӣ кардан бо нафарони лоиқу шоиста дар яке аз рубоиҳои хеш низ таъкид кардааст:

Эй ашк, ба кӯи дӯст сар кун роҳе!
Эй дида, ба ҳасраташ нигоҳе гоҳе!

Эй нола, ба ёди қомати ӯ алифе!
Эй сина, ту низ арзи мадди оҳе! [22, 233]

Мутафаккири бузург, дар баробари хонандаро ба муносибатҳои дӯстиву рафоқати содиқонаву беғаразона даъват карданаш, ҳамзамон мардумро ба он раҳнамун сохтааст, ки аз дӯстон ва рафиқони риёкор ва тамаъҷӯён дурӣ ҷӯянду даст кашанд. То ин ки дар зиндагӣ худро дар доми фиреби онҳо наандозанд. Мирзо Бедил дар ботин ва қалби инсон парваридани фазилати караму кароматро яке аз қадамҳои беҳтарин дар раванди тарбияи инсони баркамол медонист. Зеро, ба қавли ӯ, шахсе дар қалби худ имону инсоф ва адлу додро мепарварад, карам ва кароматӣ ӯ аз «ҷабинашон пайдост». Чунин шахси боимону боинсоф, маълум аст, ки дар ҳеҷ ваҷҳ меҳру шафқатро аз дигарон дареғ намедорад. Чунки қалб ва ботини чунин нафарон пур аз меҳру муҳаббат ва карам ба одамон буда, ҳеҷ гоҳ ӯ намегузорад, ки ба қалби ӯ бухлу хиссат роҳ ёбад. Ва шахсе, ки дар қалб ва вуҷудаш ба ҳақтаолло имон дорад намегузорад,

ки дар зиндагӣ нафаре аз муҳтоҷону дармондагон аз шафқату кароматӣ ӯ баҳра набаранд. Файзу карами чунин шахсони «дарёдил» чун як абрест, ки ба сари ҳама меборад: «Файзи азал шомили дарёдилоне, ки рашҳаи карам чун абр аз сафҳаи ҷабинашон пайдост ва ҷавҳари исрор чун мавҷ аз шикани остинашон ҳувайдо. Яқин шинос, ки ҳар кас ба ҳақ имон дорад, шафқат аз халқ дареғ надорад… Тахаллақу би ахлоқил-л-лоҳи (Ахлоқи Худоро ба худ гиред) дар ҷуду карам кӯшидан аст, на кисвати бухлу хиссат пӯшидан» [6, 52].

Тибқи таълимоти ахлоқии Мирзо Бедил, ба ҳиммати баланд соҳиб будани инсон дар ҷомеа ниҳоят зарур аст, чунки саховатмандӣ яке аз фазилатҳои муҳимми ахлоқии инсон ба ҳисоб рафта, дармондагону ятимон, камбизоатону камбағалонро аз тангдастиву нодорӣ раҳо медиҳад ва ба ин васила дар вуҷуди онҳо ҳисси баланди инсондӯстиро пайдо кунонда, дар ботини одамон ҳисси одаму одамгарӣ ва худшиносиву худогоҳиро ташаккул ва рушд медиҳад. Аз ин лиҳоз, саховатманду ҳимматбаланд будан, нисбат ба одамони ятим, камбизоат, дармондагон ва аз қабили инҳо меҳру муҳаббати бепоёнро ифода менамояд, ки ҷомеа дар ҳама давру замон ба онҳо ниёз дорад. Барои ҳамин ҳам Мирзо Бедил, мардумро ба саховатмандиву ҳимматбаландӣ ва каромат даъват кардааст.

Ба андешаи мутафаккир, саховатмандӣ ва ҳиммату каромат кардан ба худи инсон манфиат ва фоидаи зиёд ба саломатии ӯ меоварад. Ба роҳу равони ӯ оромӣ ва осудагӣ мебахшад, ӯро хурсанд ва қаноатманд мекунад, дар қалби ӯ раҳму шафқатро зиёд карда, қадру қимат ва обрӯи ӯро дар байни мардум баланд мебардорад, ҳар ҷо ки равад, соҳиби ҳурмату эҳтиром ва азизи дигарон мегардад. Баъди карам ба касе ва ё дигарон кардан, ки ин дар зиндагии ҳар як инсон яке аз шартҳои муҳимми ахлоқи инсонӣ ба ҳисоб меравад, бояд миннат карда нашавад. Баъди кори хайреро кардан ва сипас миннат кардан ин саховатмандиву ҳимматбаландӣ не, балки пастӣ, мумсикӣ ва аз нокас будани шахс шаҳодат медиҳад. Бо чунин рафтор ва муносибат мақсади саховатманду олиҳиммат ҳосил намешавад ва дигар ин ки кароматӣ карда қадру қимат, моҳият ва аҳамияти худро гум мекунад. Аз чунин саховату каромат кардан накардан беҳтар мешавад.

Мирзо Бедил таъкид кардааст, ки дар инсон ба вуҷуд овардани олиҳимматӣ, кушодадастӣ ва карам аҳамияти хеле калон дорад. Ба карам ва ҳиммати баланд соҳиб будани инсон мувофиқи нишондоди шоири маъруф дар

ҷомеа ниҳоят зарур аст, чунки саховатмандӣ аз хислатҳои наҷиби инсон ба ҳисоб рафта, дармондагон, камбизоатон, ятимон ва камбағалонро аз тангдастӣ раҳо медиҳад ва ба ин васила дар онҳо ҳисси баланди инсонпарварӣ пайдо кунонда, дар тинати ҳар як нафар одаму одамгариро парвариш медиҳад. Аз ин рӯ, саховатманд будан, нисбат ба инсони ятим, бечора, камбизоат ва дигар ниёзмандон муҳаббати зиёд ва бепоён доштанро ифода мекунад, ки ҷамъияти инсонӣ дар ҳама давру замон эҳтиёҷ дошт. Бинобар ин, зарур аст, ки ҷамъият чунин одамонро тарбия намуда, ба воя расонад.

Табиист, ки агар инсон хоҳишманди он бошад, ки ҳанӯз дар қайди ҳаёт буданаш ҳама ӯро ба некӣ ёд кунанд ва баъди аз қайди ҳаёт рафтанаш ҳам номашро дар саҳифаи таърих сабт намоянд, бояд, ки саховатманд бошад.

Ҳар як шахси саховатманду бокаромат бояд махсусан ба ятимону дармондагон дасти саховат дароз кунад, зеро аз диди Мирзо Бедил ин яке аз сифатҳои беҳтарини ахлоқи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Зеро чунин одамон бо ёрӣ ва дастгирӣ ниёз доранд. Ҳар вақте, ки ятим ё бечораю бенавое аз шахси боҳиммату саховатманде ёрӣ мегираду дастгирӣ меёбад, руҳан шод мегардад, дар қалби ӯ қувва ва матонати нав пайдо шуда, неруманд мегардад.

Агар дар нимаи дуюми асри XVII дар замони Мирзо Бедил шумораи муайяни шахсони бокаромату саховатманд дида мешуд, пас чунин одамон дар ибтидои асри XVIII қариб, ки аз байн рафта буданд. Чунин одамон аз бесарусомониҳо, беадолатиҳо ва ҷангу ҷидоли замона, акнун на танҳо каромат карда наметавонистанд, балки бештаре аз онҳо худ ба саховатмандӣ ва каромати дигарон муҳтоҷ гардида буданд. Ба қавли шоир, аз ин хислати наҷиби инсонӣ, махсусан давлатмандони давр маҳруманд. Модом, ки дар инсон чунин хислатҳо мавҷуд нест, пас дар онҳо аз одаму одамгарӣ ва мусулмонӣ нишоне ҳам намондааст.

Бояд ҳамин нуктаро таъкид намоем, ки агар саховатмандӣ бештар ба табиати мардуми тоҷик хос буда, ҳазорсолаҳо боз идома ёфта, баъзан ба шароитҳои мушаххаси таърихии давр коҳиш ё хароб гашта бошад, пас имрӯз дар шароити сохтмони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, пойдор намудани давлати соҳибистиқлоли тоҷикон дар ниҳоди наслҳои наврас ташаккул ва рушд додани саховатмандӣ ва каромату ҳимматбаландӣ ҳамчун хислатҳои беҳтарини ахлоқи инсон аҳамияти бениҳоят зарур дорад. Маҳз

имрӯз, ташаккули ин сифатҳои наҷиби ахлоқӣ дар замири насли оянда зарур аст, ки эшон баъд аз он ки ба воя мерасанд, ҳатман ин хислатҳои ахлоқи ҳамидаи инсониро дар вуҷудашон бояд дошта бошанд. Вагарна, баъд аз чанде ахлоқи ҷомеаи соҳибистиқлоли мо тамоман хароб гашта, аз он ахлоқи воло ва ҳамидае, ки мутафаккирони бузурги гузаштаи мо гаштаю баргашта таъкид кардаанд, нишоне намемонад.

Бояд зикр кард, ки дар шароити роҳи наве, ки ҷомеаи мо пешаи худ сохтааст, яъне иқтисоди бозоргонӣ, дар байни халқи тоҷик нафарони дармонда, ятим, бечораҳол, камбизоат ва умуман аз лиҳози иҷтимоию иқтисодӣ ниёзманд на фақат кам шудааст, балки рӯз аз рӯз шумораи чунин одамон афзоиш меёбад.

Бояд зикр намуд, ки дар даҳ соли охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки аз тамоми имкониятҳои мавҷуда баҳри ҳифзи иҷтимоии мардум, ба вижа кафолатҳои иҷтимоии давлатӣ ба ятимон, маъюбон, бепарасторон, оилаҳои камбизоат ва амсоли инҳо пурра истифода намояд. Бинобар ин, ба ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ лозим меояд, ки нисбат ба ин қабил одамон ҳарчи бештар бо раҳму шафқат ва меҳрубон буда, дастгиру мададгори эшон бошанд.

Оид ба ин масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯриҳо бо мардуми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва баромаду суханрониҳои расмиашон гаштаю баргашта ба мардум таъкид месозанд, ки ба ятимону маъюбон, дармондагону камбизоатон дасти ёрӣ дароз карда, боҳиммату босаховат бошанд. Дар Паёми навбатии худ (20.01.2016 с.) ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари дигар масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа дахл карда, ба масъалаи соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таваҷҷуҳи махсус дода, чунин изҳори андеша карданд: «Мехоҳам махсус зикр намоям, ки ҳарчанд вазъи татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бахусус таъмини кафолатҳои иҷтимоии давлатӣ ба маъюбон, кӯдакони ятиму бепарастор ва оилаҳои камбизоат дар сатҳи маҳаллӣ хеле беҳтар шудааст, лекин кӯшиш бояд кард, ки ҷиҳати мунтазам беҳтар намудани зиндагии гурӯҳҳои осебпазиру ниёзманди ҷомеа шароити боз ҳам хубтар фароҳам оварда шавад» [8, 28].

Дар шароити муосири давлати соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, чи тавре дар боло зикр рафт, бо ташаббусу ҳидоятҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳибкорон ва дигар ашхоси давлатманд ҳастанд, ки ба ятимон, дармондагон ва дигар мардуми ниёзманд дасти каромату саховати худро дароз карда, ёрии хешро аз онҳо дареғ намедоранд. Масалан, дар рӯзномаи «Садои мардум» (4.06 соли 2020) корманди «Садои мардум» Диловари Мирзо зери унвони «Ҷавонмардиву лутф аст одамият» дар бораи марди саховатманди 80-сола Муҳиб Бобоҷонов чунин навиштааст: «Дар бораи марди саховатманду ободкор Муҳиб Бобоҷонов бисёр навиштаанд ва аз тариқи телевизион оид ба рӯзгораш барномаҳо пешкаши тамошобинон шудааст… Муҳиб Бобоҷонов аз ҷумлаи онҳоест, ки 14 майи соли равон (2020) ӯ ба кормандони соҳаи тандурустии ноҳияи Рашт 200 ҳазор сомонӣ ҳадя кард.

Баъдтар аз ҷониби ин соҳибкори ватандӯст як миллион сомонӣ барои пешгирии бемории коронавирус тақдим гардид. Фарзандонаш, ки дар Федератсияи Россия ба тиҷорат машғул мебошанд, барои муҳоҷирон беш аз се миллион рубли русӣ ҷудо намуданд.

Қаҳрамони матлаб зимни суҳбат гуфт… Сарват бе ватани азизу миллати шариф қимат надорад.

Роҳбари мамлакат зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2019, корнамои ин соҳибкори ватандӯстро тавсиф намуда, аз ҷумла иброз доштанд: «Бобоҷон Муҳиб – сокини 80-солаи ноҳияи Рашт якҷо бо фарзандонаш соли гузашта 42 километр ва имсол 16 километр роҳро азнавсозӣ карда, толори варзиш, пул, чоҳҳои обкашӣ ва чор хонаи истиқоматӣ барои маъюбон ва оилаҳои камбизоат сохта, ҳоло ба масофаи 10 километр хати оби нӯшокӣ кашида истодааст…»

…Муҳиб Бобоҷонов ва фарзандонаш, ки чанд соли охир дар ободкорӣ ҳиссаи сазовор гузоштанд ва бо мардум дар мубориза ба муқобили коронавирус низ кумак хоҳанд кард.

Дар тинати қаҳрамони матлаб беҳтарин сифатҳои инсониро дарёфтам ва он лаҳза, ки бо вай хайрухуш мекардам, абёти омӯзгори ахлоқ Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ ба ёдам омад:

Ҷавонмардиву лутф аст одамият,

Ҳамин нақши ҳаюлой мапиндор.

Чу инсонро набошад фазлу эҳсон,

Чӣ фарқ аз одамӣ то нақши девор?

Ба даст овардани дунё ҳунар нест,

Якеро гар тавонӣ, дил ба даст ор [113, 3].

Хушбахтона, имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо чунин шахсони бокаромату босаховат, ба монанди Муҳиб Furthermore Бобоҷонов кам нестанд. Имрӯзҳо мо шоҳиди он мегардем, дар шаҳру ноҳияҳои кишвари азизамон аз ҷониби соҳибкорони ватандӯсту баору номус ба ятимон, маъюбон, бечорагон ва дигар нафарони ниёзманд ёрии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ расонида мешаванд. Чунин рафтори хайрхоҳонаи ашхоси саховатмандон барои дигарон ҳамчун намунаи ибрат буда, насли ояндаи ҷомеаи моро дар руҳияи инсондӯстӣ, ватандорӣ, ифтихори миллӣ ва дигар хислатҳои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ тарбия карда, то ба дараҷаи худогоҳиву худшиносии миллӣ оварда мерасонад.

Дар ин ҷо, бояд ҳамин нуктаро таъкид намуд, ки Мирзо Бедил мехоҳад даъват намояд, ки дар раванди тарбияи насли наврас бештар бояд ба истифодаи методи (роҳи) намунаи ибрат таваҷҷуҳ зоҳир кард. Чунки маҳз истифодаи босамараи роҳу усули намунаи ибрат ба дигарон бештар таъсири мусбат мерасонад.

Зикр бояд кард, ки маҳз ҳамин роҳ ва усули ҳидоят намудаи Мирзо Бедил бештар дорои характери таълиму тарбиявӣ буда, то имрӯз аҳамияти худро аз даст надодааст. Дар шароити кунунии ҷомеаи мо ниҳоят кам истифода намудани ин роҳу усули хеле муҳим яке аз нуқсонҳои раванди таълиму тарбия ба назар мерасад, яъне дар рафти тарбияи насли наврас мо педагогҳо аз ҳаёт, фаъолият ва хислатҳои хуби инсонҳои бузурги гузоштаамон ҳамчун намунаи ибрат ба таври бояду шояд истифода наменамоем. Дар натиҷа наврасону ҷавонон дар зиндагӣ бе идеал монда, ба кӣ баробар шудан, ё аз кӣ ибрат гирифтанро намедонанд. Дар ин ҳолат, онҳо дар нимароҳи зиндагӣ қарор гирифта, роҳҳо ва тарзу усули рафтор, муносибат ва ҳалли масъалаҳои бамиёномадаро сарфаҳм намераванд. Чунки онҳо аз он шахси намунаи ибрат, яъне идеале, ки метавонад онҳоро дар зиндагӣ ва раванди худомӯзию худтарбиякунӣ роҳнамою роҳбалад бошад, то андозае бехабаранд.

Ба қавли Мирзо Бедил, ҳар як шахси дорандаву бодавлат бояд ба ятимону бечорагон ва дигар одамони ниёзманд дасти ҳиммат ва саховат дароз намоянд, чунки ин тарзи муносибат ва рафтор яке аз беҳтарин рафтори ахлоқи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Чунин рафтори олиҳимматонаи дорандагони соҳибкорон, пеш аз ҳама, аз ҳисси баланди инсондӯстӣ ва меҳру муҳаббати шахс нисбат ба инсон дарак медиҳад. Ҳар вақте, ки ятиме ва бенавое аз марди босаховату боҳиммате ёрӣ мегирад, аз ҷиҳати руҳу равонӣ шод гашта, дар дили ӯ, заррае ҳам бошад, боварӣ ва умед ба зиндагӣ пайдо мешавад, дар вуҷуди ӯ неруи нав эҳё гашта, нисбат ба зиндагӣ дар қалбаш гармӣ ва умеду орзуи навро мебахшад.

Саховатмандон, ба ақидаи Мирзо Бедил, дар зиндагӣ ҳоҷатбарори ятимон, бенавоён, дармондагон ва умуман, ниёзмандони аҳли ҷомеа мебошанд. Аммо ба касе дасти ёрӣ дароз кардан бояд, пеш аз ҳама, бо дасту қалби пок ва меҳру шафқат ва муҳаббати бепоён ба инсон ба вуҷуд ояд. На барои худнамоӣ ва худпарастии шахси саховатманду ҳимматбаланд.

Аз омӯзиш ва таҳлили осори Абдулқодири Бедил аён мегардад, ки ӯ ба мардум таъкид карда, мефармояд, ки агар ҳар нафаре мехоҳад дар зиндагӣ доимо дар амон бошаду аз дигарон вобастагӣ надошта бошад, пас андеша, рафтор ва кореро ба амал бароред, ки ба ҳақиқат мувофиқ бошад. Шоири забардаст ҳамчун шахси хирадманду закӣ, инсонпарвару башардӯст, худогоҳу худшинос мехост дар ҷомеае, ки умр ба сар мебарад, шаҳрвандонеро бубинад, ки ҳақиқату ҳақиқатпарастиро шиори зиндагии хеш намуда, баҳри ободии ҷомеа ва оромию осудагии кишвар кӯшиш намоянд.

Ин ақидаи Абдулқодири Бедил, ки мардумро ба ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ ҳидоят кардааст, амалест, ки то замони мо аҳамияти худро аз даст нადодааст. Имрӯз, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун як узви баробарҳуқуқи СММ ва давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ва соҳибистиқлол ҳадафе, ки гузоштааст яке аз умдатарин вазифаи ноил гаштан ба ин ҳадаф ин тарбия намудани насли наврас дар руҳи ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ ба ҳисоб меравад. Зеро бе амалӣ намудани масъалаи мазкур барои халқи Тоҷикистон сохтмони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ амрест иҷронашаванда. Ба вижа, дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон, ки дар давраи ислоҳот қарор дорад, масъалаи мазкур нисбат ба худ муносибат ва талаботи хосеро тақозо менамояд. Ва маҳз дар даврае, ки дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа ислоҳот гузаронида шуда

истодааст яке аз омилҳои асосии ба танзим овардани ахлоқ ва маънавиёти ҷомеа ин дар роҳи ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ тарбия намудани аҳли ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар пиёда сохтани масъалаи мазкур таълимоти ахлоқӣ ва панду андарзҳои мутафаккирони бузурги гузаштаи халқамон, аз ҷумла Абдулқодири Бедил нақши беназиреро мебозад.

Абдулқодири Бедил чи дар асарҳои назмиву чи насриаш дар бораи сифати ахлоқии одамӣ ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ изҳори андеша намуда, таъкид менамояд, ки ҳар инсоне агар хоҳад, ки дар рафти зиндагии худ оромӣ ва осудагии хешро хоҳад, ба ӯ лозим меояд, ки дар давоми ҳаёт муносибат, рафтор, гуфтор ва кирдорашро бо дигарон аз рӯи ҳақиқат ба амал барорад. Чунки ба ақидаи шоир, ин роҳи ҳақиқат ва муносибату рафтори ҳақиқӣ бо атрофиён ин талаботи ақлу шуури баланди инсонист.

Нуктаи муҳимми дигареро зикр бояд кард, ки Абдулқодири Бедил дар таълимоти ахлоқии худ ҳақиқату ҳақиқатпарастиро бар нафс, макру ҳила, фиребгарӣ, дурӯғгӯӣ, чоплусӣ, кибру ғурур ва ғайра муқобил гузоштааст, зеро бо ақидаи вай ин хислатҳои шарри инсон дар ҳама маврид ва ҳолатҳои зиндагӣ ӯро ба шармандагиву расвоӣ ва беобрӯӣ оварда мерасонад. Бинобар ин, мутафаккир дар осори хеш гаштаву баргашта таъкид кардааст, ки аҳли илм, ақлу хирад ва шахсони боиззату боиффат бояд дар ҳама ҳолат худро аз дурӯғ, макру ҳила, кибру ғурур ва дигар сифатҳои шарри инсонӣ дур гиранд, то ки зиндагии худро зери зиллату хорӣ наандозанд.

Дар ин хусус, шоир дар қитъае чунин овардааст:

Агар ҳақиқати афкор бетамизиҳост,
Калиди боби маориф зи кукнор талаб!
В-агар муроқабаҳо улфати сари зонуст,
Ба чарт ғунча шаву коми интизор талаб!...
Димоғи ноз ба барқи хаёлу ваҳм масӯз!
Камол вақфи шуур аст, фаҳми кор талаб [22, 286]!

Ҳамин тариқ, Абдулқодири Бедил дар таълимоти ахлоқӣ-маънавии хеш ба он кӯшидааст, ки мардумро дар руҳи ахлоқи ҳамида тарбия намояд ва дар умум ҷомеаро аз фисқу фуҷур, зулму золимӣ, хунрезиҳои бемаънӣ, зиддиятҳои диниву мазҳабӣ, бедодгариҳову беадолатӣ ва амсоли ин пок сохта, неруи поки

халқро бедор карда, эшонро ба ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ, ваҳдату ягонагӣ ва меҳру муҳаббат ба якдигарӣ ҳидоят намояд.

Чи тавре маълум гашт, Мирзо Абдулқодири Бедил дар осори хеш мардумро ба ахлоқи нек даъват намуда, таъкид кардааст, ки ҳар як инсон бояд дар рафти ҳаёт ҳамеша ба он бикӯшад, ки аз дурӯғгӯию ваъдахилофӣ, макру ҳила, кибру ғурур, тамаъкориву баднафсӣ, шикваю хушомадгӯӣ, хуллас аз тамоми хислатҳои баду шарри одамӣ даст кашад.

Дар ин росто, ба андешаи мо ҳама ин гуфтаҳо ва таъкидҳои Абдулқодири Бедил дар шароити муосири мо низ аҳамияти таълиму тарбиявии худро аз даст надода, дар раванди ташаккул ва рушди сифатҳои ахлоқӣ ва бою ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавии ҳар як шахс нақши хеле муҳим мебозад. То ҷое мо медонем, дар ҷомеаи имрӯзаи мо низ ашхосе ёфт мешаванд, ки дурӯғгӯӣ, ваъдахилофӣ, макру ҳила, худнамоӣ, худситоӣ, хушомадгӯӣ ва амсоли ин хислатҳоро ба худ раво дониста, бо чунин рафтор ва муносибати ношоистаи худ хотири одамони гирду атроф ва ҳатто наздикони хешро мушавваш ва дили эшонро тираву ғамнок мегардонанд.

Чунончи маълум аст, имрӯзҳо дар ҷомеаи мо шумораи чунин одамон оҳиста-оҳиста афзуда истодааст. Аз ин ҷост, ки дар бораи чунин одамон ва рафтору муносибати онҳо дар саҳифаҳои маҷалла ва рӯзномаҳои даврӣ баррасӣ мегарданд. Барои мисол, мо оид ба муносибат ва рафтори яке аз чунин нафаронро мавриди таҳлил қарор медиҳем, ки чунин аст: «ман ӯро қариб 60 сол боз мешиносам. Овони кӯдакиву наврасиамон дар як деҳа гузаштааст.

Мантиқан ва амсилан ман бояд ӯро хуб шиносам. Вале намешиносамаш. Намедонам, ки дар кадом ҳолат ӯ табиӣ сухан мегӯяду рафтор мекунад ва ё нақш меофарад. Намедонам, ки ӯ воқеан ҳам механдад ва ё нақш меофарад. Намедонам, ки ӯ воқеан ҳам мегиряд ё ки ин нақши навбатии ӯ аст.

Шумо албатта, ӯро мешиносед. Зеро дар ҷомеаи мо теъдоди чунин ашхос хеле зиёд шудаасту боз ҳам шумораи онҳо рӯ ба афзоиш дорад. Албатта, шумо мешиноседаш, ӯ дар баратон аст, бо шумо кор мекунад. Бо шумо аз як чойник чой менӯшаду аз як суфра нон мехӯрад» [74, 2].

Бояд таъкид кард, ки ҳарчанд, ки мисоли овардашуда аз маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» оварда шуда бошад ҳам, аммо масъалаи баррасишаванда хеле ҷиддӣ ва барои ҷомеаи мо амиқ, дақиқ ва мубрами рӯз ба ҳисоб меравад.

Дар ин ҷо бояд зикр намоем, ки мутафаккир дар таълимоти маънавӣ-ахлоқии хеш оид ба паҳлуҳои гуногуни ахлоқи инсон андешаронӣ карда, маҳз ҳамон фазилатҳои ахлоқи неки инсониро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки ҳар як фардро ба сӯи ақл, илм, хирад, маърифат ва дар интиҳо ба худогоҳиву худшиносӣ бурда, то ба сатҳи инсони комил мерасонад. Ба ақидаи шоир, агар сарчашмаи некӣ илм, хирад, маърифат, ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ бошад, пас сарчашмаи бадӣ дурӯғ, ҳилаву найранг, кибру ғурур, фаҳш, макр, ҷаҳлу бемаърифатӣ аст. Танқид ва мазаммати дурӯғ, кибру ғурур, фаҳш ва парастишу ситоиши ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ аз ҷониби Абдулқодири Бедил ин кӯшише мебошад бо мақсади кушодани моҳият ва мафҳуми аслии некиву бадӣ ба мардум. Аз ҳамаи ин, матлаби шоир аз он иборат буд, ки мардум то ҳадди имкон пурратару осонтар сарфаҳми ин мафҳумҳо рафта, дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ аз рӯи меъёрҳои мазкур рафтор ва муносибати худро амалӣ гардонанд.

Омӯзиш ва таҳлили осори Мирзо Бедил аз он шаҳодат медиҳад, ки масъалаи тарбияи инсон дар эҷодиёти ӯ мавқеи хосеро ишғол менамояд ва оид ба хислатҳои хоксориву қаноатпешагӣ баҳс намудани ӯ нишонаи ин аст, ки шоир дар қатори хислатҳои ахлоқи нек фурӯтаниву хоксориро беҳтарин хислат, сарчашмаи ақлу заковат ва камолоти комили инсонӣ мешуморад. Осори Мирзо Бедил анқариб аз панду насиҳат, ки манзурашон тарбияи фард, инсони комил аст, иборат буда, ҳамчун тарбиятгар одамонро ба фурӯтаниву хоксорӣ даъват менамояд. Чи тавре ишора рафта буд, Мирзо Бедил тарбияро яке аз омилҳои асосии ташаккули инсони комил ҳисобидааст. Аз ин лиҳоз, ӯ гаштаю баргашта таъкид менамояд, ки ба тарбияи насли ҷавон диққати ҷиддӣ дода шавад. Ва дар баробари дигар хислатҳои неки ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ба фурутаниву хоксорӣ низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардааст.

Ғуруру фитнаҳо дар сар, суҷуди офият дар бар,
Замин то метавонӣ буд, мапсанд осмониро [4, 328].

Чи тавре маълум мегардад, Мирзо Бедил аз ҳар як инсон талаб менамояд, ки то метавонӣ хоксориро пеша намо, зеро офияту осоиштагӣ танҳо дар фурутанӣ, дар фурӯ нишондани ғуруру ҳавову ҳавас дарёфта мешавад. Новобаста аз тинату табиати инсонӣ бояд дар ҳар як фард ин хислати наҷибро омӯхт ва тарбия намуд. Чунки бе чунин хислатҳо ягон шахс ҳамчун инсони комил ташаккул намеёбад.

Ба андешаи Абдулқодири Бедил, фурутанӣ дар вуҷуди инсон дар заминаи сифати дигари ахлоқи ҳамида-ҳалимӣ ба вуҷуд меояд. Фурутанӣ худ яке аз фазилатҳои неки инсонӣ буда, мухолиф ба кибру ғурур ба ҳисоб рафта, ба ташаккул ва рушди хислатҳои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ таъсир мерасонад. Аз ҳамин лиҳоз, мутафаккир дар осори хеш ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст. Шоир ба чунин ақида буд, ки ҳар як инсон новобаста аз он ки дар рафти зиндагӣ дар кадом мансабу вазифа аст, бояд ҳамеша фурутан ва ҳалиму хоксор бошад. Фурутанӣ зиннати камолоти инсон буда, ӯро соҳиби обрӯ ва ҳурмату эҳтироми дигарон мегардонад. Зеро, ки яке аз омилҳои қадру қимат пайдо кардани инсон дар давоми ҳаёт ҳам маҳз ба ҳамин хислатҳои наҷиби одамӣ қаробат дорад.

Аз нигоҳи Абдулқодири Бедил фурӯтанӣ яке аз он фазилатҳои беҳтарини ахлоқи инсоние мебошад, ки ӯро ба сӯи камолот равона месозад. Ҳар як фарде, ки мақсади ниҳоии ӯ ба дараҷаи камолот расидан аст, дар ин роҳ ӯ бояд худро аз хислатҳои номатлубу шарри одамӣ озод сохта, баҳри ба даст овардани ҳадафи худ пайгирона пеш равад. Тибқи таълимоти Мирзо Бедил, инсони комил олитарин зинаи камолот дар раванди таълиму тарбияи шахс ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, ӯ хоксориву фурутаниро яке аз зинаҳои ба камолот расидани инсон медонад:

Дари эътиборе агар занӣ, магузар зи сози фурутанӣ,
Ки ба коми ҳосили муддао ба талоши реша расад самар [1, 117].

Ва ҳатто «Ғубори хоксорон обрӯи тӯтиё дорад» гуфтани Мирзо Бедил аз он далолат медиҳад, ки танҳо шахси шикастанафс, фурутану хоксор, соҳибмартабаву дорои фазлу дониш, ҷоҳу ҷалоли маънавию ахлоқӣ буда метавонад:

Чун осмон камоли бузургон фурутанист,
Вазъи тавозӯъ оби рухи ҷоҳ мешавад [4, 111].

Абдулқодири Бедил хоксориро муқобили ғуруру такаббур, тамаъу ҷоҳпарастӣ гузошта, талқин медорад, ки ҳама дастовардҳо аз доштани маҳз ҳамин хислат аст:

Нозро аҷз худписандӣ дод,
Осмонро замин баландӣ дод [2, 215].

Аз он нигоҳе, ки ҳатто баландии осмон зи пастии замин аст, хоксории ботинии инсон мартабаи ӯро дар ҷомеа арзишноку ҳаёташро созгор менамояд-гуфтани шоир аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ тарғибгари ҳамин гуна хислат аст.

Ҳамзамон шоир андоза нигоҳ доштанро дар хоксорӣ низ камоли муаддабӣ медонад. Дар ин масъала мисли Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ аз рӯи принсипи мувозинати ахлоқӣ амал намуданро тарафдор аст. Яъне дар хоксориву сабру таҳаммул аз ҳадди муайян нагузаштанро талқин медорад. Зеро хоксории беҳад касро метавонад дар ҷомеа беэътибору номуносиб гардонад. Чунончи:

Сабр дар саҳрои хушки санглох,
Аҳмақӣ бошад, ҷаҳони ҳақ фарох [9, 436].

Абдулқодири Бедил дар ин хусус чунин менигорад:

«Ҳарчанд хок шуда бошӣ, ғубори оинаи кас мабош ва агар ҳама бар бод равӣ, гард бар домани диле мапош. Агар пояи ифтихор андешӣ, ҷуз ба пастии аҷз масоз ва агар нақди обрӯ хоҳӣ, ғайр аз ранги эътибор мабоз» [9, 71-73].

Бурун чу гард зи домони эътибор нишин,
Сарат агар ба фалак суд, хоксор нишин.
Чу санг чанд гаронхез боядат будан?
Сабук чу ранг шаву бар рухи баҳор нишин.
Тамом хонаи чашмест ин тамошогоҳ,
Ба ҳар куҷо бинишинӣ, нигоҳвор нишин [10, 25].

Умуман, манзури Мирзо Бедил аз ин гуфтаҳо тарғибу ташвиқи ахлоқи ирфонӣ буда, ба соликони роҳи ҳақ нигаронида шудааст. Агар ба соликони роҳи тариқат тавассути хоксориву фурӯтанӣ тай намудани силсилаи мақомот ва омода шудан ба кашфи маърифати илоҳӣ муяссар гардад, пас барои ҳар як шахс хоксорӣ донистану фарқ карда тавонистани некӣ аз бадӣ, мусбӣ аз манфиро муҳаё месозад. Дар ин радиф сабру таҳаммул доштанро муҳим мешуморад:

Аҷзи тоқат ҳар куҷо гардад далели муддао,
Роҳи чандин дашт як полағз кӯтаҳ мешавад [2, 170].

Гузашта аз ин, Бедил хоксориро дар пайвастагӣ бо чунин хислатҳо чун қаноату тамкин пайваста медонист. Ба ақидаи шоир қаноатмандию қаноатпешагӣ эҷодгарӣ хислатҳои неки инсонианд, аз ин хислат дигар сифатҳо обутоб меёбанд:

Ҳар куҷо бошад қаноат обёри иттифоқ,

Паҳлӯи аз нон тиҳӣ, эҷоди гандум мекунад [2, 170].

Хислатҳои нек, аз ҷумла сабру қаноатро тараннум намуда, тамкину озодиро падидаи боз як ҷиҳати наку мепиндошт:

Хиффату тамкин ҳиҷоби нашъаи ворастагист,

Баҳр агар бошӣ, ҳубобу гавҳаре даркор нест [4, 80].

Мирзо Бедил дар ниҳоди инсон тарбия намудани фурутаниву хоксорӣ, қаноатпешагиву сабурӣ барин хислатҳоро бузургии ахлоқ ва тантанаи он дар ҷомеа мешуморид. Алалхусус, оид ба хоксорӣ, ки имрӯзҳо он дар ҷомеаи мо ҳамчун як падидаи нозеб дониста мешаваду ҷои онро ғуруру «фалаккӯбӣ» гирифтааст, хулосаи шоир чунин аст:

Фалакшукӯҳ баро, аз фурӯтанӣ магзар,

Баландии сари ин бом бар дар афтодаст [1, 199].

Бо исрор мегӯяд, ки:

Дар каманди саъйи некӣ чини кӯтоҳӣ хатост,

То ба ҳар доман, ки хоҳӣ, дасти эҳсон мерасад.

Хоксорӣ дар мазоқи ҳеҷ кас макруҳ нест,

Миннати ин вазъ бар габру мусулмон мерасад [2, 325].

Аз қадимулаём хислати ахлоқии тавозуъ дар байни халқи тоҷик яке аз хислатҳои муҳимми ахлоқи поки инсонӣ ҳисобида мешавад. Инсон, пеш аз ҳама, бо ҳамин хислати волои ахлоқияш аз дигарон фарқ карда меистад ва дар ҷомеа низ бо ҳамин хислаташ сазовори ҳурмату эҳтиром мегардад. Барои ҳамин Мирзо Бедил ба хоксорӣ ҳамчун хислати муҳимми инсон баҳои баланд дода, дуруст таъкид кардааст, ки фақат ба пеш гирифтани хоксорӣ-тавозуъ ҳар як шахс метавонад соҳиби ҳурмату эҳтироми мардум гардад.

Мусаллам аст, ки шахси хоксор сифатҳои ба худ хос дорад, мағрур ва ҳавобаланд нест, ба ягон кас зарар намерасонад, кибру ғурур надорад, ҳамеша кӯшиш менамояд, ки ба дигарон манфиате расонда, дасти ёрӣ дароз намояд. Ҳарчанд сурати зебо ҳам надошта бошад, аммо ахлоқи пок дорад, ба корҳои ғайриқонунӣ, ғайриахлоқӣ ва ношоиста даст намезанад, ба ҳама одамон як хел муносибат мекунад. Ба намуди зоҳирии худ кам аҳамият медиҳад, гарчанде, ки либосҳои қиматбаҳо ва ҷилодор надошта бошад ҳам, ба ахлоқи ҳамида, илму

дониш ва маърифат эътибори ҷиддӣ медиҳад. Худро аз мардум ҷудо намекунад, дар шодӣ ва ғами одамон ҳамеша шарик аст.

Сифати хоксориро мо бояд, пеш аз ҳама, аз мутафаккирони бузурги гузаштаи мардуми худ, ба монанди Имоми Аъзам, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва садҳо дигарон ҳамчун намунаи ибрат ёд гирему дар зиндагӣ дуруст истифода намоем. Масалан, ба чунин сифатҳои ахлоқи олӣ ҳамаи бузургони гузаштаи халқи мо соҳиб буданд. Аммо дар ин радиф, аз ҳама бештар мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар байни мардум хеле маълуму машҳур аст. Бо вуҷуди он ки Абдураҳмони Ҷомӣ шахси бузургу хирадманд буданд ва ба ҳамон андоза худро хоксор, ҳалим ва шикастанафс нигоҳ медоштанд, накукор буданд ва бо хоксориашон манфиат мерасониданд, ҳамеша ба он мекӯшиданд, ки ҳамавақт дар тавозуъ бошанд.

Мирзо Бедил хислати хоксориро тарғиб карда, таъкид менамояд, ки агар шахс хоксор бошад, бо ин хислати наҷибаш ҳатто одамони сангдилро нисбат ба худ раҳмдил ва меҳрубон мегардонад. Ба андешаи шоир, шахси хоксор дар ҳақиқат ҳам ҳурмату эътибори баланд дорад, дӯст ва рафиқони зиёд ҳам пайдо мекунад, зеро ӯ бо хоксориаш ба одамони дигар зуд маъқул мешавад, барои ҳамин ҳам, мардум ҳамеша дар ҷустуҷӯ ва суроғи ӯ мебошанд. Чунки ӯ бо ин хислати ахлоқи волояш дигаронро мафтуни худ мегардонад.

Ҳамин тавр, омӯзиш ва таҳлили осори Мирзо Абдулқодири Бедил ба он далолат мекунад, ки асоси фикру андешаҳои ахлоқии ӯро мавзӯи адабу ахлоқ, саховатмандиву ҳимматбаландӣ ва хоксориву фурутанӣ ташкил додааст. Мутафаккир ба он ақида буд, ки барои муваффақ гаштан ба мақсади ниҳоӣ, яъне тарбияи инсони комил ба мо лозим аст, ки дар замири ҳар як фард хислатҳои волои ахлоқи инсонӣ ба монанди: некиву накӯкорӣ, саховатмандию ҳимматбаландӣ, хоксориву фурутанӣ, ростиву росткорӣ, дӯстиву рафоқат, худогоҳиву худшиносӣ ва амсоли инҳоро ташаккул ва густариш диҳем.

Хулоса, осори адабию илмии Мирзо Абдулқориди Бедил дар хусуси тарбияи саховатмандиву ҳимматбаландӣ, шарму ҳаё, хоксориву фурӯтанӣ ва ғайраҳо дар раванди ташаккул ва рушди инсони комил, ба вижа дар замони муосир, дорои нақши бениҳоят бузург мебошад.

## 2.3. Мирзо Абдулқодири Бедил дар боби дўстиву рафоқат, сидқу вафо, сабру таҳаммул ва ваҳдату якдилӣ

Мусаллам аст, ки инсон ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеа буда, дар пайвастагӣ ва дар худи ҷомеа ба камол мерасад. Чун ба касе пайвастӣ, чунин ба камол хоҳӣ расид. Дар ин ҷо мақсад аз он иборат аст, ки шахс дар ҷомеа чӣ гуна рафтор намояд, ҳамон гуна муносибат хоҳад дид. Маҳз ҳамин масъаларо Мирзо Абдулқодири Бедил низ дар эҷодиёти хеш мавриди таҳлил қарор дода, мардумро дар зиндагӣ байни худ муносибати дўстона ва рафиқи содиқу бовафо доштанро талқин менамояд. Дўстиву рафоқатро яке аз роҳҳои дурусти комёбии на танҳо шахс, балки ҷомеа медонад.

Як нуктаи муҳимми дигарро оид ба масъалаи дўстию рафоқат, сидқу вафо ва ваҳдату якдилӣ олимону адибони мутақаддим ва муосир, новобаста ба дину мазҳаб ва ақидаҳояшон дар осори хеш мавриди таҳлил қарор додаанд, то наслҳои оянда огоҳ бошанд ва ҳолати зарурати зиндагии ҳаррўзаашон самаранок истифода бурда, ҳаёти орому осуда ба сар баранд.

Мирзо Абдулқодири Бедил, ба монанди гузаштагони бузурги худ дўстиву рафоқатро тараннум карда, дўстиву рафоқати ҳақиқиву самимиро гарави пойдории ҷомеа, омили бақоияти насли инсон ва умдатарин меъёри одамият медонад. Дар ин росто, мутафаккир дар бораи инсон, муносибат, муомила ва мавқеи ў дар ҳаёт ибрози ақида карда, аз диди башардўстӣ таҳким бахшидани дўстиву рафоқат, риояи садоқату вафодориро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар мавзуи дар рафти ҳаёт муайян кардани муносибат, муоширату рафтори байни одамон Абдулқодири Бедил нисбат ба ҳамасронаш на танҳо ҳамчун инсони одамдўст, омўзгор, балки ҳамчун равоншиноси машҳур шинохта мешавад. Ў кўшиш ба харҷ додааст, ки то ҳадал имкон дар осори хеле гаронбаҳояш маҳз ҳамон роҳҳо ва тарзу усулҳоеро барои хонанда пешкаш намояд, ки дар одамон парвариш намудани ҳисси дўстиву рафоқат, меҳру муҳаббат ва раҳму шафқат осон гардад. Ин масъаларо шоир дар заминаи ба эътибор гирифтани хусусиятҳои талаботи давру замон, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва руҳу равонии мардум пешниҳод намуда, дар ин замина роҳҳои ҳалли онро тавсия намудааст.

Тавсияҳои педагогие, ки Абдулқодири Бедил пешкаши мо кардааст, дар замони ҷомеаи муосир низ аҳамияти таълиму тарбиявӣ ва методии худро аз

даст надодааст. Дар давоми зиндагӣ ҳар яки мо шояд борҳо шоҳиди он гаштаем, ки аз ҳисоби надонистан, нафаҳмидан ва ё риоя накардани қоидаҳо, муносибат, муошират ва рафтор кардан бо дигарон боиси нофаҳмиҳо ва беэҳтиромӣ байни аъзои коллектив гаштааст.

Дар шароити ҷомеаи муосир, мушоҳидаҳои ҳаётӣ аз он далолат медиҳанд, ки имрӯз дар ҷомеаи мо дӯсти ҳақиқӣ, яъне самимӣ, бовафо ва ба аҳду паймон устуворро ёфтан то андозае душвор шуда истодааст. Зеро, ки дар ҷомеаи муосир вобаста ба муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ рӯз то рӯз нафарони дурӯя, риёкор, дурӯғгӯ ва ба монанди инҳо афзоиш ёфта истодаанд. Ба андешаи мо маҳз барои ҳамин ҳам дар шароити ҷомеаи муосир ва умуман гирем дар ҳар як давру замон ҳар як фард ба дӯсти ҳақиқӣ, бовафо ва самимӣ, ки барои маслиҳат ва ислоҳ намудани камбудиҳо ва хатоиҳои ӯ кӯшиш намояд, мухтоҷ ва ниёзманд мебошад. Ин аст, ки Абдулқодири Бедил аҳамият ва зарурати тарбиявии дӯстӣ ва рафоқати ҳақиқию самимиро дар ташаккул ва такомули фазилатҳои ахлоқи ҳамидаи ҳар як шахс нишон дода, дуруст ва бехато интихоб намудани дӯстиро маслиҳат додааст.

Ҳамин тариқ, Абдулқодири Бедил ба пешомадагони худ пайравӣ намуда, ба масъалаи муносибати дӯстонаву рафиқонаи байни одамон аҳамияти махсус додааст, то ин ки онҳо дар муошировту муносибати якдигар ҳурмату эҳтиром, сулҳу осоиш ва қадру қиматашонро дониста, дар ғаму шодии ҳамдигар якҷо бошанд.

Дар ин маврид, гуфтан ҷоиз аст, ки мазмуну мухтавои осори Абдулқодири Бедил аз ситоиши меҳру муҳаббат нисбат ба инсон ва барои инсон покию покизагӣ, зебоӣ, оромии руҳу равон ва осудагии рӯзгор ва бою ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавии шахс иборат мебошад. Бинобар андешаи Абдулқодири Бедил, яке аз сабабҳои касод ва хароб гаштани ахлоқ ва маънавиёти ҷомеа паст рафтани ҳисси гуманистӣ (одам, дӯстӣ, меҳру муҳаббат ба одам) дар қалби худи одамон мебошад, зеро баъзе одамон, мақсади асосии зиндагӣ ва ҳаёти инсониро ба пуррагӣ дарк накарда, сарфаҳми моҳияти аслии онро нарафтаанд. Бинобар ҳамин сабаб, мутафаккири бузург дар таълимоти ахлоқии худ мардумро ба дӯстиву рафоқати байни якдигар даъват кардааст. Шоир муътақид бар он буд, ки агар дӯстиву рафоқат, бародариву баробарии ҳақиқӣ дар муносибату муошировти байни одамон пойдору мустаҳкам бошад

чунин рафтори онҳо оҳиста-оҳиста то ба андозаи (дараҷаи) он оварда мерасонад, ки ҳисси инсондӯстии одамон рушд ёфта баланд мегирад. Аз ҳамин ҷост, ки файласуфи бузург бо мақсади муайян намудани роҳу равиши баланд бардоштани ҳисси одамдӯстии мардум кӯшишҳои зиёдеро ба амал баровардааст. Ин тарзи ҳалли масъала арзиши ахлоқӣ ва таълимиву тарбиявии ақидаҳои ӯро ба зинаҳои баланд бардошта, ҳар як фардро ба дӯстиву рафоқат ва инсонпарвариву одамдӯстӣ ҳидоят менамояд.

Нуктаи дигареро зикр бояд кард, ки Абдулқодири Бедил масъалаи инсондӯстӣ, меҳру муҳаббат ба одам, дӯстиву рафоқат, ваҳдату якдигарфаҳмӣ, муносибати бародарона, ҳурмату эҳтироми якдигарро дар раванди ташаккул ва рушди инсони комил дар madди аввал гузошта, ба он кӯшидааст, ки роҳҳо ва тарзу усули бою ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавӣ ва тариқи ба ахлоқи ҳамида соҳиб шудани инсонро тавсия дода, ба ӯ дар ин ҷода мадад расонад, ки ҳар фард масъалаҳои ҳаётиро худаш мустақилона ҳал намояд.

Абдулқодири Бедил барои инсон аз ҳама баландтар ва афзалтар ахлоқи нек, инсондӯстиву меҳрубонӣ, дӯстиву рафоқат, бовафогиро ҳисоб мекард. Ба қавли шоир, барои ҳар як фарди ҷомеа аз ҳама чизи дунё авлотару болотар хӯи нек, руҳу равони ором, муомилаю муносибати хуб ва дар зиндагӣ аз рӯи онҳо амал кардан мебошад.

Аз чунин даъвату ҳидоятҳои мутафаккир маълум мегардад, ки Абдулқодири Бедил дар ҳаллу фасли масъалаҳои тарбияи ахлоқӣ-маънавӣ дӯстиву рафоқат, сидқу вафо, сабру таҳаммул ва ваҳдату якдилӣ на фақат ақидаҳои бузургони гузашта ва дини исломро бозгӯӣ кардааст, балки кӯшиш намудааст, онҳоро рушд дода, роҳу равиши тарбияи инсони комилро дарёфт карда, барои ояндагони худ ҳамчун маводи гаронбаҳо мерос гузорад.

Файласуфи бузург муътақид бар он аст, ки ҳисси дӯстиву рафоқат на дар ботини ҳама кас ҳувайдост ва худ ба худ пайдо мегардад, зеро оини дӯстиву рафоқат самимияту садоқат, вафодорӣ, каромату шафқат ва дигар сифатҳои ахлоқи ҳамидаи инсониро талаб менамояд. Одамон бошанд, ба дараҷаи фаҳму фаросат, ақлу дониш, сатҳи огоҳӣ, тарбия, ҷаҳонбинӣ, маърифатнокӣ, ҳисси инсондӯстиву меҳру отифа гуногун буда, маънан дар як сатҳ қарор надоранд. Аз ин рӯ, на ҳама одамон дар риояи талаботи дӯстиву рафоқат устувор буда метавонанд:

Бедил, ба мизоҷе, ки вафо гавҳар нест,
Дида во дид: хушк шармовар нест!

Ҷое, ки ҳуқуқи дӯстӣ манзур аст.
Ғайр аз эсор шеваи дигар нест [9, 32].

Мирзо Бедил ҳамчун шахси рӯзгордидаву хирадманд хеле ба хубӣ дарк мекард, ки дар давоми ҳаёт ба сар бурдан ва ноил гаштан ба ҳадафҳои он ба ҳар як инсон лозим меояд, ки дӯст ва рафиқи содиқу бовафо дошта бошад. Зеро, дар давоми умр барои бартараф намудани мушкилиҳо ва монеаҳои зиндагӣ ба ӯ дар танҳоӣ хеле гарон ва сангин меафтад. Дар баробари ин, мутафаккир маслиҳат додааст, ки дар интихоби дӯст ва рафиқ ҳар як шахс бояд кӯшиш намояд, ки ба шитобкорӣ ва саҳлангорӣ роҳ надиҳад. Бинобар ин, шоир таъкид мекунад, ки дӯстиву рафиқиро ба он нафароне кардан лозим аст, ки онҳо шахсони содиқ, бовафо, ба қадри дӯстиву рафоқат бирасанд ва боҳурмату боэҳтиром бошанд. Агар хоҳӣ, ки дар зиндагӣ дӯсти ҳақиқӣ дошта бошӣ, таъкид менамояд Мирзо Бедил, бо нафароне дӯстӣ бикун, ки соҳиби хислатҳои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва аз аҳли хирадмандон, орифону зарифон ва нексириштон бошанд.

Мутафаккири бузург, мардумро ба он даъват карда аст, ки дар муносибат ва муошировати байни одамон бояд дӯстӣ ва рафоқати холисона, самимӣ ва беғаразона бошад. Инсонҳо дар ҷомеа зиндагӣ карда, танҳо дар ҳамин сурат метавонанд, ки дар муносибатҳои байни худ алоқаи ногусастанӣ, муносибат ва муошировати одилона ва эҳтироми содиқонаю софдилона дошта бошанд. Ба қавли шоир, танҳо ҳамон кас метавонад сазовори дӯсти ҳақиқӣ, содиқу вафодор гардад, ки ахлоқи ҳамида, руҳу равони устувор, маънавиёти поку беолоиш, иродаи қавӣ, сабру таҳаммул, муносибат, муошират, гуфтору рафтори намунаи ибратро дошта бошад.

Шеваи дӯстӣ аз шахс пӯшидани айби дӯст, покизагии андеша, содиқу бовафо ва маслиҳатгару роҳбаланди холис будан ба дӯст дар ҳама ҳолатҳои зиндагӣ, хусусан дар айёми сахту сангин, муносибату ногувор, садоқату бовафоиро тақозо дорад:

Дӯстон айбу ҳунар аз якдигар пинҳон кунанд,
Дидаҳо боз аст, аммо бар ҳаё пӯшидаанд [2, 241].

Аз андешаҳо ва таъкидҳои Мирзо Бедил чунин бармеояд, ки барои инсон дар давоми ҳаёт дӯсти ва рафоқати зарур ва муҳим аст, ки то охири умр поянда, устувор ва мустаҳкам бошад. Ба қавли шоир, дӯсти содиқу самимӣ, беғараз ва бетамаъ он аст, ки аз паи тамаъ, манфиат ва талабгори давлату савлати ту набошад, баръакс дар байни дӯстон меҳру муҳаббат, якдигарфаҳмӣ, ҳурмату эҳтиром, самимият ҷой дошта бошад, онҳо дар рӯзҳои шодиву хурсандӣ ва сахтиву ғаму андуҳ бо ҳам буда, дастгиру марҳами якдигар бошанд. Дӯстон бояд дар аҳду паймони худ устувор буда, баъди аҳду паймон бастан бояд, ки то ба охир ба аҳду паймони додаи худ содиқ ва устувор бошанд. Дӯст ва рафиқи ҳақиқӣ айб ва камбудиҳои дӯстӣ худро бояд бе ягон ғаразу ҳасад, макру ҳила ва дурӯягӣ, ҳамон тавре ки ҳаст, баҳо диҳад. Чунин рафтор ва муносибати сазовору шоиста обрӯю эҳтироми дӯстонро дар назди якдигар ва одамони гирду атроф афзунтар карда, дӯстӣ ва рафиқии онҳоро боз ҳам устувортару мустаҳкамтар менамояд. Мирзо Бедил мардумро таъкид кардааст, ки аз дӯстон ва рафиқони бевафо ва риёӣ, ки танҳо ба мақсади ба даст овардани фоида ва манфиати шахсӣ дӯст шудан мехоҳанд, дурӣ ҷӯянду даст кашанд.

Мирзо Бедил тарафдори чунин андеша буд, ки агар кас дар давоми ҳаёти худ дар интихоби дӯст ё рафиқ ба хатоӣ ва шитобкорӣ роҳ диҳад, дар зиндагӣ барои ӯ хеле мушкил шуда, ба хиёнати дӯстон гирифтор гашта, азобу шиканҷаҳои зиёд ба сараш омада, бадбахт мешавад. Аз ин лиҳоз, мутафаккир ҳар як нафарро ҳушдор медиҳад, ки агар хоҳӣ, ки рӯзгори нек ва осуда дошта бошӣ, пас дар зиндагӣ дӯст ё рафиқеро интихоб намо, ки нафари оқилу доно бошад, рози дилу сири туро бипӯшонад, яъне ба дигарон нагӯяд, дар ҳолатҳои даркорию зарурӣ худро дар канор нагирифта, аз ту ҷудо нашавад.

Мирзо Бедил ҷонибдори он ақида буд, ки дӯстӣ ва рафиқӣ байни одамон бояд сидқан ва холисона буда, на фақат дар рафти зиндагӣ, балки баъд аз қайди ҳаёт рафтани дӯст ё рафиқ бояд, ки дӯсту рафиқи худро фаромӯш накунад. Дӯст ва рафиқи ҳақиқӣ бояд, ки дӯстону рафиқони худро ҳамеша дар ёд дошта, хотири онҳоро пос доранд. Шоири ширинсухан дар ин мавзуъ дар яке аз қитъае, ки ба тарзи ғазал навиштааст, чунин овардааст:

Магӯ гузаштарафиқон зи дил фаромӯшанд,
Кадом нола, ки дар пардааш намеҷӯшанд.
Чароғи анҷумани ҳайрати назар буданд,

Кунун ба пардаи дил доғҳои хомӯшанд.

Нарафтаанд аз ин базм то сухан боқист,

Зи дида рафта валекин ҳанӯз дар гӯшанд [22, 252].

Дар қасидаҳояш Мирзо Бедил дар бораи дӯстӣ ва вафодорӣ сухан карда, хонандаро ба он даъват менамояд, ки оид ба дӯст ғамхору мушфиқ буда, то ҳадди имкон дастгири ӯ бошад:

Боз аз дил ба сӯи дидаи мо меоӣ,

Эй дилу дида фидоят, зи куҷо меоӣ?

Зи гудози дили ҳасратзадагонат хабарест,

К-ин қадарҳо араќолуди ҳаё меоӣ.

Абрҳо дар қадамат резиши гавҳар доранд,

Фасли найсонию сероби сахо меоӣ [22, 248-249].

Мусаллам аст, ки ҳисси меҳру вафо ва муҳаббат, дӯстиву рафоқати байни одамон, пеш аз ҳама, ба худи ҳар як инсон таъсири руҳиву равонии хеле зиёд дорад. Масалан, шахсро аз ҷиҳати маънавию ахлоқӣ комилан устувор мегардонад, дар давом ва муносибати дӯстӣ кардан бо дигарон барои ӯ имконият пайдо мешавад, ки аз бисёр хислатҳои бадӣ даст кашида, сифатҳои беҳтарини ахлоқи некӣ инсониро дар худ рушд дода, такмил ва такомул бахшад. Дар рафти интихоб ва ба даст овардани дӯст ва рафиқи ҳақиқӣ бошад, маслиҳати файласуфи бузург он аст, ки инсон дар ҳолати дӯсти асилу бовафо пайдо намудан, аз «торикии» роҳи зиндагӣ раҳо ёфта, бо «меҳри руҳи дӯст», яъне бо рӯшноӣ ва чароғи равшандиҳандаи рӯзгори хеш мепайванданд:

Эй дил, аз меҳри руҳи дӯст чароғе ба каф ор,

К-аз хами зулф ба роҳи ту шаби торе ҳаст [4, 100].

Чи тавре аз гуфтаҳои шоир маълум мегардад, ӯ дар зиндагӣ тарафдори дӯстиву рафоқати байни инсонҳо буда, дар он қувваи бузурги оромбахш руҳу равон ва пешбарандаи зиндагии орому осуда ва бахту саодати инсонро мебинад. Ба қавли мутафаккир, дар байни одамон бояд дӯстӣ ва рафоқати ҳақиқӣ ҳамеша мустаҳкаму пойдор бошад ва танҳо ҳамон нафар сазовори дӯстии ҳақиқӣ шуда метавонад, ки соҳиби хислатҳои ахлоқи нек, қалби поку беолоиш, фикру зикри тоза, ҷаҳони бои маънавӣ ва гуфтору рафтори шоиста бошад.

Маълум мегардад, ки дар замони Мирзо Бедил дӯст ё рафиқи ҳақиқию самимӣ ва боаҳду паймонро ёфтан кори хеле мушкиле будааст. Чунки мутафаккири бузурги давру замон дар ин мисраҳо на фақат дарди дили худро баён кардааст, балки дарди ҷомеаро ошкор карда роҳу равиши давои ӯро ҷустуҷӯ карда, мардумро ҳушдор намудааст, ки аз чунин дард, ки ҷомеаро фаро гирифтааст бохабар бошанд ва дар ҳалли ин масъала саҳмгузор бошанд. Ва дар ин маврид, ӯ кӯшидааст, ки ба ояндагон роҳи дурусти муолиҷаи ин иллатро пешкаш намояд.

Дар ин ҷо бояд нуктаи муҳимми дигарро зикр намоем, ки дар шароити кунунии ҷомеаи мо низ масъалаи мазкур ҷой дорад. Хусусан, баъди ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ (1992), ки дар ҷумҳурии мо ба вуқӯъ пайваст, шумораи афроди дурӯғгӯй, дурӯя, риёкор, фиребгар, нобакор, аҳдшикан ва амсоли ин рӯз аз рӯз афзуда, дар натиҷа ахлоқ ва муҳити маънавии ҷомеаро коста ва хароб кард. Имрӯз дӯст ва ё рафиқи ҳақиқӣ, самимӣ ва дар аҳду паймони худ устувору бовафоро пайдо кардан оҳиста-оҳиста душвор шуда истодааст. Мусаллам аст, ки ҳама давру замон, инсон ба дӯст ва рафиқи ҳақиқӣ ва бовафо, ки дар ҳамаи лаҳзаҳои зиндагӣ дастгир ва мададгори ӯ бошад, ниёзмандӣ дорад. Аз ҳамин лиҳоз, Мирзо Бедил оид ба нақш ва мақоми дӯстӣ ва рафоқати ҳақиқию самимӣ ба таври хоса дар эҷодиёти хеш андешаҳои худро пешниҳод намуда, аҳамияти тарбиявии онро дар раванди ташаккул ва рушди инсони комил нишон дода, дуруст ва бехато интихоб намудани дӯст ва рафиқро дар зиндагӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Мирзо Бедил як нуктаи дигареро таъкид кардааст, ки дар шароити рушди ҷомеаи муосир хеле пандомез мебошад. Ӯ таъкид месозад, ки агар дар зиндагӣ, агар дӯст ё рафиқи бовафоро ёбӣ, ба осонӣ чунин дӯстро аз даст мадеҳ, кӯшиш кун ҳурмату эҳтиром ва хизматашро, то имкон дорӣ, ба ҷой биор, ки дар давоми ҳаёти инсонӣ на ба ҳама муяссар мешавад, ки ба чунин дӯст ва рафиқи ҳақиқию самимӣ ноил гардад. Чунки дар роҳи пурпечутоб ва пастию баландии зиндагӣ дӯстӣ, рафиқӣ кардан ин кори ҳазл ва ҳар кас нест ва на ҳар кас метавонад, ки ин корро ба сомон расонад.

Мирзо Бедил панд додааст, ки дар зиндагӣ бояд ҳар як нафар кӯшиш намояд, ки аз нафарони бевафову тирадил ва ранҷовар риштаи дӯстиву

рафиқиро қатъ кунад, зеро ба қавли шоир, самари ашк ва «миҷгон ба ҷуз ҷудоӣ» чизи дигаре намеорад:

Зи дӯстони гусастапаймон ба души улфат мабанд бухтон,

Ки нахли таълифи ашку мижгон ба ҷуз ҷудоӣ самар надорад [2, 140].

Дар осори Мирзо Бедил мушоҳида карда мешавад, ки ӯ пайваста хислатҳои неки инсонӣ, ба монанди сидқу вафо, сабру таҳаммул ва умуман, покизадилиро тараннум намуда, тарбия ва парвариши ин сифатҳоро дар насли наврас гаштаю баргашта таъкид менамояд:

Мекунад як дидаи бедор кори сад чароғ,

Равзане з-ин хонаи торик бар дил во кунед [4, 44].

Шоири бузург илова бар ин, ибрози ақида кардааст, ки дили софу тоза ва тинати пок, дар вуҷуди ҳар як инсон хулқу атвори некро асос мегузорад. Аз ҷумла, сифатҳои ахлоқи ҳамидаи инсониро, ба монанди сидқу вафоро. Тибқи таъкидҳои Мирзо Бедил, ҳисси инсондӯстиву ватандорӣ дар сиришти инсон сифатҳои устувориву матонатро такмилу тақвият дода, ба ӯ рушду ривоҷ мебахшад. Вафо ва вафодорӣ эҳёгари хулқи ҳасана мебошад, аз ӯ дар вуҷуди инсон ҳам каромат, ҳам тараҳҳум ва ҳам мурувватпешагӣ ташаккул ва рушд меёбад:

Вафо сар бар хатти аҳатд, карам фармонбардори ҷаҳдат,

Тараҳҳум бандаи кешат, мурувват уммати динат [2, 256].

Мутафаккири бузург ба хубӣ дарк мекард ва ба дигарон таъкид менамуд, ки агар вуҷуд ва ҷаҳони маънавии инсон аз сифатҳои сидқу вафо ғизо гирифта бошад, пас саъю кӯшишҳои ӯ баҳри дарёфт ва рушди дигар хислатҳои неки ахлоқи инсонӣ моил аст. Аммо, ба андешаи Мирзо Бедил, на ҳар як нафар метавонад, ки дар вуҷуди хеш чунин хислатҳоро дошта бошад. Ва агар ҳар нафаре, ки ин сифатҳоро касб кардааст, дар зиндагӣ роҳу равиши ҳалли масъала ва монеаҳои зиёд барои ӯ осон мегардад. Дар ин хусус, ӯ чунин овардааст:

То мард ба ранги лаъл дилхун нашавад,

Дар мулки вафо қиматаш афзун нашавад.

Ҳар санги табиатӣ нагардад ёқут,

Ҳар қатраи обе дурри макнун нашавад [2, 16].

Маълум мегардад, ки Мирзо Бедил дар давоми иншои осори хеш ба масъалаи садоқату вафодорӣ диққати хоса зоҳир намуда, ин хислатҳои ахлоқи неки инсониро дар раванди ба сатҳи камолот расидани ҳар фарди ҷомеа муҳим ҳисобида, мардумро пайваста ба сидқу вафо даъват карда, гаштаю баргашта таъкид кардааст, ки дар дилу забон покизагиву дар сидқу вафо устувор ва пойбарҷо бошанд. Содиқу бовафо будан ба халқу миллат, ба ватан, ба ёру дӯстон ва дигар мардумон ҳар як  инсонро ба зиндагии орому осуда, бахту саодати инсонӣ, рӯзгори обод, муносибати нек ва руҳу равони мунтазам оварда мерасонад. Аз ин ҷост, ки Мирзо Бедил фармудааст:

Ҳарифи покзабони вафо бош,
Ки ҷузсарҳар чи бозӣ, бадқиморист [9, 40].

Чи тавре аз осори Мирзо Бедил бармеояд, ӯ бештар беҳтарин маданият ва фарҳанги инсониро ки дар раванди тарбияи ба камол расидани инсони комил ба даст омадааст ва дар ҷамъулҷамъи тамаддуни башарӣ аз он пойбарҷо гашта инсонро мақому манзалати хоса додааст, ташвиқу тарғиб намудааст. Файласуфи бузург бо он кӯшидааст, ки тавассути он ба поку беолоиш, тозагӣ аз ҳама гуна ғаразҳо ва умуман покизагию зебоии ҷаҳони ботинӣ-маънавии инсон назар афканад. Чунки мутафаккири бузург хуб медонист, ки ҳеҷ кас бе покиза ва зебою беолоиш будани ботинӣ-маънавӣ ҳеҷ вақт ба сатҳи инсони комил расида наметавонад. Ҳамин тавр, шоири машҳури олам, кӯшидааст андешаҳои пешқадамеро тавсия диҳад, ки дар ҳалли масъалаҳои тарбияи инсони комил барои арзиши амале мебошанд. Дар ҳаллу фасли масъалаи мазкур нисбат ба ҳамзамони хеш хеле пеш рафта, роҳҳо, тарзу усул ва воситаҳои кушодани гиреҳо дар ин ҷода на фақат дар олами гирду атроф, балки ҷаҳони ботинӣ-маънавӣ ва моҳияти иҷтимоии худи шахс ҳам ҷустуҷӯ кардааст. Ва бояд ҳамин далелро низ эътироф намуд, ки ҳалли ин муаммо то замони мо аз ҷониби олимону адибон ва пажуҳишгарон дар шакли пурра ва ҳамаҷониба омӯхта нашудааст.

Ба андешаи Мирзо Бедил, дар раванди тарбияи ахлоқии инсон ҳамон вақт мо ба муваффақиятҳои назаррас ноил гашта метавонем, ки ба шарте шаклҳо, роҳҳо, тарзу усул ва воситаҳои ҷаҳони маънавии шахс таъсир карданро муайян карда, барои ҳалли проблемаҳои мавҷудаи олами ботинӣ-маънавии инсон

шароитҳои заруриро муҳайё намуда, ҳаёт ва фаъолияти иҷтимоии ӯро дар сатҳи лозимӣ ва мувофиқ ба талаботи давру замон ташкил карда тавонем.

Омӯзиш ва таҳлили осори Мирзо Бедил аз он далол медиҳад, ки дар таълимоти ахлоқии ӯ, дар баробари дигар масъалаҳои муҳимми ахлоқии давр, масъалаи тарбияи насли наврас дар руҳияи ҳалимӣ, ботамкинӣ, босабру таҳаммул ҷойгоҳи махсусро доро буда, барои ба сатҳи инсони комил расидани ҳар як фард, дар баробари доштани дигар сифатҳои ахлоқӣ, ин сифатҳо низ эътироф гардидаанд.

Шоири бузург ба чунин андеша буд, ки ҳалимӣ, нармӣ, ботамкини ва босабру таҳаммул дар андеша, гуфтор ва рафтори инсонҳо боиси беҳтар гардидани муносибати байни шаҳрвандони ҷомеа шуда, оромию осудагӣ ва пойдории давлатро таъмин карда, ҳамзамон дар ташаккул ва рушди хислатҳои ахлоқи ҳамидаи ҳар як фард нақши назаррас ва боризро доро мебошад. Ҳар як инсони мулоимтинат, босабру таҳаммул, ҳалиму мушфиқ дар ҳеҷ ҳолат ба зулму золимӣ, дуруштиву дағалӣ ва дигар хислатҳои шарри одамӣ роҳ надода, худро аз онҳо дур мегирад:

Бе вазъи мулоим натавон баст раҳи зулм,
Девори дари хонаи занбӯр зи мум аст [3, 202].

Дар ин ҷо, бояд ҳамин нуқтаро зикр намоем, ки Мирзо Бедил ирсӣ будани хислати ҳалимию ботамкиниро эътироф карда, ба қавли шоир барои чунин хислатҳоро дар инсон парвариш кардан ҳамон вақт даст медиҳад, ки агар мо тавассути сифатҳои сабру таҳаммул, шикасти нафс, ҳавову ҳавас онро парвариш намоем. Бо дарназардошти ин, шоир таъкид кардааст, ки дар тарбияи нафарони мулоимтабиат, ҳалиму меҳрубон бо як тартиби нозукбинона муносибат кардан мувофиқ мебошад, зеро:

Машӯрон аз такаллуф он қадар табъи мулоимро,
Ки оташ мешавад обе, ки кас бисёр ҷӯшонад [2, 5].

Аз ин ҷост, ки Мирзо Бедил, ба шахсони оромтабиат, ҳалиму меҳрубон дуруштӣ, дағалӣ ва муносибати бадро раво надониста, умуман, дар раванди тарбияи насли наврас истифодаи муносибат ва муоширати ғайриахлоқиро раво надонистааст.

Барнамеояд дуруштӣ бо мулоимтинатон,
Мешикофад шӯхии мағз устухони пистаро [2, 143].

Масъалаҳое, ки Мирзо Бедил ба миён гузоштааст, дар шароити рушди ҷомеаи кунунӣ низ яке аз масъалаи умдаи муносибат ва муошырати байни шаҳрвандони ҷамъият ба ҳисоб меравад. Мо шоҳиди он мегардем, ки имрӯзҳо дар кӯчаю хиёбонҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ нафароне ёфт мешаванд, ки хусусан, ҷавонону наврасон дар муносибат, муомила ва муошырати байни якдигар хеле дағалонаву дурушт рафтор менамоянд. Дар муносибату муошырат ба пуррагӣ ҳалимию меҳрубонӣ, босабру тоқатро аз даст дода, дашному ҳақорат, дуруштию дағалиро ба кор мебаранд, ки ин ҳама аз бешармию беҳаёгии ҷавонону наврасон дарак медиҳад. Дар маҷмуъ, бо чунин муносибат ва рафтори худ мо обрӯю эътибори халқу миллати хешро коста мегардонем, ҳол он ки мутафаккирони бузурги гузаштагони мо дар ин хусус чи қадар панду андарзҳои арзишманди аҳлоқи поки инсониро ба мо мерос гузоштаанд.

Шоир ба мардум талқин мекунад, ки вақте инсон дорои сифатҳои ахлоқӣ сабру таҳаммул ва муносибати мувозиу мулоиму ҳалимӣ аст, ӯ ҳангоми сахтиҳои зиндагӣ аз зиллату сахтӣ эмин мемонад. Аз ин ҷост, ки шоир фармудааст:

Бо сахтии айём дуруштӣ мафурӯшед,

Эй бехирадон, санг ба дандон кӣ шикастааст? [1, 146].

Мирзо Бедил таъкид кардааст, ки сабр ва таҳаммул кардан ҳам яке аз сифатҳои ахлоқи инсон ба ҳисоб меравад. Инсон дар зиндагӣ бояд дар ҳама ҳолат худро ба даст гирифта, сабру тоқат намояд. Агар инсон ин хислатҳоро надошта бошад, дар байни мардум ба зудӣ қадру қимат ва эътибори худро гум мекунад.

Бояд зикр кард, ки Абдулқодири Бедил ба масъалаи муҳимми ахлоқии дигаре, ки дар муносибат, муоширот ва доду гирифти мардум дар ҷомеа нақши хеле зарур ва ҳалкунанда мебозад - ваҳдату якдилии одамон таваҷҷуҳи хеле хоса додааст. Ба ақидаи мутафаккир, одамон ба ваҳдати миллӣ ба воситаи дӯстии самимона ва бародариву баробарӣ метавонанд ноил гарданд. Яъне, ки тибқи таълимоти шоир, одамон дар аввал бояд, ки дар ҷомеа муносибати самимӣ, дӯстонаю рафоқат, ҳурмату эҳтироми якдигар, бародарию баробариро пойдору мустаҳкам намуда, сипас ба ҳаллу пойдории ваҳдату якдилӣ дар ҷомеа рӯ оваранд.

Аз ин рӯ, Мирзо Бедил кӯшидааст, ки дар эҷодиёти хеш тавассути дӯстӣ, рафоқат, инсондӯстӣ, покизагиву шафофиятии муносибат ва муоширати байни якдигар, байни қавму миллатҳо, ҳамкориву садоқатмандӣ, баробариву бародарӣ ва ҳамнафасӣ ҳидоят намуда, онҳоро ба ваҳдату якдилӣ даъват кардааст. Хусусан, дар мисоли адовати динию мазҳабии мусулмонону ҳиндуён, ки дар замони зиндагонии шоир шиддат гирифта буд, зарурати ақли солим, дӯстиву рафоқат, ҳамдигарфаҳмӣ, якдилию иттиҳод пешомад, ки ӯ ин хасоилро хулқи неки инсонӣ пиндоштааст. Ба андешаи шоири забардаст, танҳо шахси дорои сифатҳои ахлоқи воло ва наҷиби инсонӣ аз нуқтаи назари ақлу хиради солим ба зиндагӣ баҳодиҳанда, ба ваҳдату якдилӣ ва якдигарфаҳмӣ рӯ оварда метавонад. Файласуфи бузург ваҳдату якдилиро омили пояндагии некӣ, ва устуворию мустаҳкамии оромию осудагии ҳар як нафари ҷомеа шуморида, фармудааст:

Бе реша парандагии дона аён аст,
Аз сабҳа маҷӯраат, чу зуннор намонд [3, 149].

Агар дар умум гирем, файласуфи бузург дар асарҳояш оид ба масъалаи ваҳдату якдилӣ, иттифоқиву ягонагӣ, ки яке аз хислатҳои ахлоқи неки инсон ба ҳисоб меравад, таваҷҷуҳи зиёдтар додааст. Шоири маъруф, ваҳдату якдилиро барои инсон дар зиндагӣ ҳамчун ҷавҳар ва асоси озодию осоиштагӣ, рушду шукуфоӣ, пешрафту тараққиёт, ободиву пояндагии ҷомеа ҳисобидааст:

Ғарқи ваҳдат бош, агар осуда хоҳӣ зистан,
Моҳиёнро ҳар чӣ бошад ғайри дарё, оташ аст [4, 205].

Ҳамин тавр, муносибат ва даъвати Мирзо Бедил ба яке аз масъалаҳои муҳимми ахлоқӣ, ки ба ваҳдату якдилӣ омадани одамон мебошад, хеле муҳим буда, яке аз роҳу равиш ва василаи ба ин мақсад расидан мебошад, ин масъалаи дӯстиву рафоқат ва ҳурмату эҳтироми байни одамон ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, шоир ба чунин ақида аст, ки одамон, пеш аз он, ки ба ваҳдату ягонагӣ расанд, бояд ки дар навбати аввал, дӯстиву рафоқатро байни худ пойдор ва мустаҳкам намоянд, яъне ба қавли мутафаккир, дӯстиву рафоқат байни халқҳо ва одамон ин роҳест, ки ба сӯи ваҳдату ягонагӣ мебарорад.

Чи тавре аз гуфтаҳо ва таъкидҳои Мирзо Бедил бармеояд, ӯ мардумро ба ваҳдату ягонагӣ омадан даъват намуда, таъкид сохтааст, ки маҳз бо шарофати ба ваҳдат омадани мардум, дар ҷомеа оромиву осудагӣ ҳукмфармо шуда,

пешравию тараққӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа рӯ ба рушд ва такомул мениҳанд. Ба андешаи шоир, ваҳдат, ягонагӣ ва якдилӣ барои ҳар як инсон ҳамчун об барои моҳӣ муҳим ва зарур аст.

Чи хеле шоир таъкид кардааст, ки барои моҳӣ «ҳар чӣ бошад ғайри дарё», яъне моҳиро аз об берун мебарорем, ҳама чизе ки набошад барои ӯ оташ аст. Дар солҳои аввали навадуми асри XX дар Тоҷикистон ваҳдату якдилии халқи тоҷикро шикастанд, мардум ва кишвари мо ба комион  гирифтор шуд, яъне, ҳама ба коми оташ фурӯ рафта, сар то сари сарзамини Тоҷикистон ҷангу ҷидол ҳукмрон гашту мардуми тоҷик сарсону саргардон шуд.

Андешаҳое, ки Мирзо Бедил дар боби ваҳдату ягонагӣ чанд аср пештар таъкид карда буд, мо метавонем, бигӯем, ки ақидаҳои ӯ дар мисоли халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ бори дигар исбот гашта истодааст. Мусаллам аст, ки дар ҳақиқати зиндагии имрӯзаи халқи Тоҷикистон ваҳдат, якдилӣ ва ягонагӣ барои зиндагии орому осуда ва пешрафту тараққиёти тамоми соҳаҳои ҷомеаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон чун обу ҳаво зарур аст. Баъди ҷанги таҳмилии шаҳрвандии аввали солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон, вақте, ки дар кишвари мо соли 1997 Шартномаи истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қувваҳои рақобатпазир ба имзо расонида шуд, сулҳу оромӣ дар фазои сарзамини Тоҷикстон танинандоз гашт. Маҳз ҳамин пойдории ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон шароит ва имконият фароҳам овард, ки халқи тоҷик дар давоми 23 соли охир дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба дастовардҳои бузург ноил гашт.

Ҳарчанде дар осори Мирзо Бедил масъалаи ваҳдат, яъне ягонагӣ аз мавқеи таълимоти ваҳдати вуҷуд мавриди арзёбӣ қарор гирифта бошад ҳам, шоир ҳамоно мардумро ба касб кардани чунин як хислат ба мисли мусолимату муросо ва бахшишу аз гуноҳи якдигар гузашт карданро дарк карда тавонистан, моҳияти онро ба пуррагӣ сарфаҳм рафтан, ки оромию осудагӣ ва ягон хел пешрафту тараққиёт ё хушбахтии мардум бе ваҳдату ягонагӣ вуҷуд дошта наметавонад, даъват кардааст. Ҳалли масъалаи фавқ бо покӣ ва показигаии қалбу андеша вобаста буда, татбиқи он аз инсон накуандешагӣ, инсондӯстӣ, сабру таҳаммул, сулҳдӯстиву сулҳофарӣ, адолату халқпарвариро тақозо менамояд. Агар ба таври дигар гӯем Мирзо Бедил фикри Хоҷа Ҳофизро, ки фармудааст:

«Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст,

Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро» [8, 23]

тақвият бахшида, чунин панд додааст:

Улфаткадаи анҷуманорои мастон,

Дар якдилӣ аз хӯшаи ангур бубинед [3, 222].

Аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки Мирзо Бедил, масъалаи бо ҳам омадани одамон, якдигарфаҳмӣ ва якдилии онҳоро дар илму дониш, бомаърифативу бофарҳангӣ ва таълиму тарбияи солими онҳо медонад. Ба қавли шоир, дар байни одамон сар задани нифоқ, кину адоват, нобоварӣ, кибру ғурур ва тарсу ҳарос аз якдигар ва ғайра, пеш аз ҳама, аз бемаърифативу бесаводӣ, бефарҳангиву бехирадӣ сар мезанад, аз ҳамин рӯ, шоир чунин хислатҳои шарри инсониро сахт зери тозиёнаи танқид қарор додааст:

Зи беиттифоқӣ чу минову ҷом,

Сару гардан аз ҳам ҷудо медамад [3, 276].

Мирзо Бедил, масъалаи ваҳдатро аз мавқеи равияи суфия баҳо дода, ӯро дар байни Оллоҳ ва инсон ба тасвир гирифта, пайванд шудани онҳоро ба ҳамдигар таъкид мекунад ва маърифату шинохти Хуовандро дар худшиносии шахс медонад, агарчанде дар ин маврид фикру андешаҳо гуногун баён шаванд ҳам:

Ақоид гарчи бошад мухталифранг,

Зи този ваҳдат аст ин ҷумла оҳанг.

Ҳама саргаштагони роҳи ӯем,

Бо қадри фаҳми хеш агоҳи ӯем [5, 23].

Бояд ҳамин нуқтаро таъкид намоем, ки аҳамияти таълиму тарбиявии таъкидҳои Мирзо Бедил дар он аён мегардад, ки ҳарчанд нисбат ба ваҳдату якдилӣ байни мардум ақидаҳои гуногун мавҷуданд, агар мо ваҳдату якдилиро эътироф карда, тамоми талаботи онро риоя намуда, дар амал татбиқ намоем, мо ба ҳама пешравиҳои зиндагӣ муваффақ мегардем. Шоир вақте, ки «ҳама саргаштагони роҳи ӯем» мегӯяд, ӯ мардумро даъват намудааст, ки мо ҳамеша бояд ба он кӯшишу ғайрат намоем, ки дар ҷомеа ваҳдату якдилӣ пойдору устувор бошад. Зеро ҳама ободӣ, озодӣ, созандагӣ, оромиву осудагӣ аз

шарофати ба ваҳдату якдилӣ омадани мардум аст. Бинобар ин, ба мо зарур аст, ки, моҳияти ваҳдатро дарк карда, тамоми илму дониш, ақлу хирад ва фаҳму фаросати инсонии хешро ба он равона созем, ки дар ҷомеа ҳамеша ваҳдат пойдор бошад.

Ба қавли Мирзо Бедил, мардум масъалаи ваҳдату якдилӣ ва аҳамияти онро дар зиндагӣ ва пешрафту тараққиёти ҷомеа аз рӯи «қадри фаҳми хеш» мефаҳмаду амал мекунад. Бинобар ин, ба омӯзгорону донишмандон лозим меояд, ки сатҳи маърифатнокӣ ва фарҳанги ҳуқуқии мардумро баланд бардошта, дар вуҷуди онҳо моҳият ва аҳамияти ваҳдату якдилиро рушд ва такомул диҳанд. Дар ин ҷода дар ҷомеа аз ҳама дида нақши муҳим ва асосиро аҳли зиё мебозад.

Бояд зикр кард, ки инсоне, ки дар вуҷуди хеш чунин хислатро дорад, яъне ваҳдатгарову ваҳдатпарвар аст, ӯ дар баробари ин, метавонад ҳисси дӯстиву рафоқатро мустаҳкам созад. Ҳамзамон дигар сифатҳои ахлоқи неки инсониро сайқал ва ривоҷу равнақ додан муяссар мегардад.

Ҳамин тавр, таҳлили эҷодиёти адабиву педагогии Мирзо Бедил, ба чунин андеша моро водор месозад, ки тамоми паҳлуҳои тарбияро фаро мегирад. Масъалаи камолоти инсонро дар ташаккул ва рушди сифатҳои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ дида, шахси ҳаматарафа рушдёфтаро талқин менамояд.

Яке аз омилҳои асосии боадабу хушахлоқ будан ва маҳз таҳкимбахши дӯстиву ваҳдатпазириву инсондӯстиро шоири бузург дар ростиву росткорӣ ва ростгӯиву ростпазирӣ дидааст. Дар ин росто, Мирзо Бедил на фақат ақидаҳои мутафаккирони бузурги гузаштаи худро, аз ҷумла Амир Хусрави Деҳлавӣ, ки фармудааст:

Агар хоҳӣ накӯ бошӣ, накӯ бош,
Ҳамеша ростқавлу ростгӯ бош [15, 53].

инкишоф додааст, балки кӯшидааст то ба мардум аҳамияти ростиро дар тимсоли зиндагӣ дастрас намояд.

Таҳқиқ ва таҳлили осори адабиву педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил оид ба масъалаи дӯстиву рафоқат, сидқу вафо, сабру таҳаммул ва ваҳдату якдилӣ ва аҳамияти тарбиявии он моро водор месозад ба чунин хулоса биоем, ки шоир дӯстиву рафоқат, сидқу вафо, сабру таҳаммул ва ваҳдату якдилиро ҳамчун яке аз тарзу усул ва воситаи муҳимми раванди тарбияи насли наврас

ҳисобида, дар он, пеш аз ҳама, яке аз омилҳои асосии ташаккул ва рушд ёфтани хислатҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва ба дараҷаи камолот расидани онро дидааст.

## 2.4. Масъалаи ростиву росткорӣ ва ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ аз нигоҳи Мирзо Абдулқодири Бедил

Чи тавре ки маълум аст халқи тоҷику форс аз давраҳои хеле дури таърихӣ соҳибилм, соҳибфарҳанг, китобдор, бунёдкору созанда буда, дорои фалсафаи хос нисбат ба зиндагӣ мебошад. Аз давраҳои хеле қадим мактабҳои илмии халқи тоҷик дар саросари сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр ва берун аз он шуҳрат ёфта, мақому манзалати хосаро соҳиб гашта буд.

Дар ин ҷо, бояд ҳамин нуктаро махсус таъкид намоем, ки осори илмӣ, адабӣ, фарҳангӣ ва фалсафии мутафаккирони бузурги гузаштаи халқи тоҷик ин осори куҳаншудаю нолозим нест, балки он дар шароити рушди ҷомеаи муосир дар раванди қувват гирифтани ҷаҳонишавии ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонад сарчашмаҳои ҳалли проблемаҳои соҳаҳои гуногун бошад.

Мирзо Абдулқодири Бедил дар осори худ, дар баробари дигар хислатҳои ахлоқи неки инсонӣ, дар бораи тарбияи ростию росткорӣ ва ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ изҳори ақида кардааст. Ӯ мардумро ба роҳи ростиву росткорӣ ва ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ даъват намуда, таъкид карда буд, ки ҳатто осмонро шамъи бисоташ ростию озодагонро мақсадашон ростӣ мебошад. Аз андешаҳои Мирзо Бедил чунин бармеояд, ки ҳар нафаре, ки дар давоми ҳаёташ ҳамеша ростқавлу росткор ва ҳақиқату ҳақиқатпараст бошад, чи дар гуфтору чи дар рафтор доимо ҷонибдори ростиву ҳақиқат аст, дар зиндагӣ ӯ соҳиби ҳурмату эҳтиром гашта, ҳамеша ва дар ҳама ҷо дастболост.

Бояд зикр кард, ки масъалаи ростиву росткорӣ ва ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ, ки Мирзо Бедил дар эҷодиёти хеш мардумро ба он даъват намудааст ин роҳ ва амалест дар зиндагӣ, ки то замони мо аҳамияти тарбиявии худро гум накардааст, балки масъалаи мазкур дар раванди бунёд ва сохтмони давлати соҳибистиқлол яке аз проблемаҳои муҳимми иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, мақому арзиши ӯ беш аз пеш боло мегирад. Мирзо Бедил андешаи хешро дар ин маврид чунин баён доштааст:

Осмон ба он каҷӣ шамъи бисоташ ростист,

Ҳалқаи чашми камон наззора дорад тирро [1, 57].

Аз гуфтаҳои боло чунин бармеояд, ки Мирзо Бедил фикру зикр, рафтор ва муносибати ростиву ҳақиқатро аз ҳама корҳои дигар боло мемонад, яъне инсон бояд дар ин дунё ба ҷуз андешаи ба ростиву ҳақиқат расидан кори дигарро боло нагузорад. Қобили зикр аст, таъкид намоем, ки Мирзо Бедил роҳҳои ба ростиву росткорӣ ва ҳақу ҳақиқат расиданро таҳлил карда, нишон медиҳад, ки ҳар кас ростиву ҳақиқатро ба тарзи худ мефаҳмаду меҷӯяд ва бо роҳу равиш ва воситаҳои ба худ хос ба он наздик мешавад, ҳарчанд, ки ростиву ҳақиқат як буда, бе фосила мебошад. Ҳамин тавр, мо пайхас мекунем, ки Мирзо Бедил дар ҷустуҷӯи ростиву росткорӣ ва ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ роҳи махсусеро ба хонанда тавсия накардааст. Балки ба ҳар як шахс тавсия намудааст, ки ростиву ҳақиқатро аз лиҳози ақл, фаҳмиш ва хиради худ бояд ҷустуҷӯ намояд. Барои мутафаккир ба кадом роҳ, тарзу усул ва восита ба ҳақиқат расидани ҳар як инсон дар раванди зиндагӣ ҳам дар фикру зикр ва ҳам дар рафтори хеш бояд ба сӯи ростӣ ва ҳақиқат талош намуда, то ҳадди имкон ба ӯ наздик шавад, муҳим мебошад.

Ҳамчу сарв озодагонро қайди улфат ростист,
Хатти мистар дом бошад мисраи барҷастаро [1, 144].

Мирзо Бедил ростиву росткориро ҳамчун роҳи рост дар зиндагӣ ҳисобида, онро роҳнамо ва идоракунандаи рафтору амали инсон ва бамақсадрасон ифода кардааст.

Қобил ба зикр аст, ки имрӯз Тоҷикистони мо соҳибистиқлол буда, мустақилиятро ба даст овардааст. Ва дар ин замина осори гаронбаҳои Мирзо Абдулқодири Бедил дар раванди тарбияи насли ҷавон арзиши бештарро ба худ касб менамояд. Ба хусус, дар баланд бардоштани сифати ҳисси ифтихори миллӣ, худогоҳиву худшиносӣ ва маърифати инсонии мо нақши муҳиму дастурдиҳанда мебозад. Чунки аксар ақидаҳои ахлоқии осори Мирзо Абдулқодири Бедил, аз ҷумла инсонпарварӣ, ватандӯстӣ, илмомӯзӣ, ростиву росткорӣ, ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ, дӯстиву рафоқат ва амсоли ин дар ҳаллу фасли масъалаҳои муҳимми сохтмони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявию иҷтимоии мо нақши бениҳоят бузург мебозад. Дар ин росто тарбияи наслиояндаи ҷомеаи муосир, дар асоси андешаҳои панду ахлоқии Мирзо Абдулқодири Бедил барои мо бениҳоят бамаврид хоҳад буд. Зеро шоири ширинкалом дар эҷодиёти хеш насли ҷавонро ба инсондӯстӣ, башардӯстӣ,

ватандорӣ, ифтихори миллӣ, созандагиву бунёдкорӣ, озодигиву озодандешӣ, худшиносиву худогоҳӣ, ростиву росткорӣ, ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ, адлу инсоф ва дигар хислатҳои ахлоқи неки инсонӣ даъват менамояд.

Имрӯз дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати техникаву технология ва иттилооти коммуникатсионӣ халқи тоҷик танҳо тавассути илму фарҳанг ва маърифату маданияти пешқадам метавонад дар радифи халқу миллатҳои пешрафта ва давлатҳои мутараққӣ қарор гирад. Бинобар ин, ғизо гирифтан аз осори ахлоқии Мирзо Абдулқодири Бедил моро ба сӯи худшиносиву худогоҳӣ, тамаддуни башариву башардӯстӣ ва оромии руҳу равон ва зиндагии босаодат мебарад.

Бояд таъкид кард, ки мутафаккир дар асарҳои хеш гаштаву баргашта ташаккул ва рушд додани хислатҳои ахлоқӣ, хусусиятҳои руҳӣ ва бою ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавии ҳар як шахсро таъкид кардааст. Хусусан, андешаҳои ӯ оид ба ташаккули фазилатҳои ахлоқи неки инсон, тарбияи инсони комил мақоми хосеро дар бар мегирад. Дар осори шоир масъалаи ахлоқ мақоми назаррасеро касб карда, ин масъала ба мушоҳидаҳои шахсӣ ва озмоиши ҳаётии ӯ алоқаманд буда, дар якҷоягӣ ҳолатҳои психологӣ ва руҳии инсонро ифода мекунанд.

Як нуктаи дигар ин аст, ки дар замоне, ки мутафаккир умр ба сар бурдааст, асоси ғояи идеологияи давлатро дин ташкил мекард (дини ислом, будоӣ ва ғайра) ва аз ҳамин лиҳоз, ҳамаи ҳодисаҳои табиию ҷамъиятӣ ва сиёсию иҷтимоӣ, аз ҷумла масъалаҳои таълимию тарбиявӣ низ аз мавқеи динӣ шарҳ дода мешуд. Аз ин диди назар, Мирзо Абдулқодири Бедил ғояи ростиву росткорӣ ва ҳақиқату ҳақиқатпарастиро дар симои Иллоҳӣ дониста, мардумро ба сӯи Ӯ даъват мекард. Аз ин лиҳоз мутафаккир ба мардум талқин мекард, ки рафтор, муносибат ва гуфтори худро тавре амалӣ намоянд, ки то ба дараҷаи ҳақиқати воло расонанд. Ин даъвати шоир ҳар як фарди ҷомеаро водор месозад, ки дар зиндагӣ ҳамеша ба сӯи ростию росткорӣ ва ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ кӯшиш намуда, гуфтор, рафтор ва муносибати ҳаррӯзаи худро, беш аз пеш, такмил диҳад. Ба қавли ӯ, инсоне, ки амалҳои ҳаррӯзаи хешро аз рӯи ҳақиқат ба роҳ мемонад, зиндагии ӯ осудаю саодатманд мегардад. Мутафаккир итминон ба он дошт, ки дар ин роҳ ба инсон илму дониш ва таълимоти динӣ метавонад мададгор бошад. Аз ин рӯ, шоири бузург ояндагонро таъкид месозад, ки дар

гуфтор, рафтор ва муносибат бо дигарон аз рӯи нишондодҳои дин ва илм амал намуда, ҳақиқатро пайгирӣ намоянд, ростқавлу ростгӯ бошанд ва илм омӯзанд, зеро ҳамаи инҳо ниҳоди инсонро пок месозанду аз корҳои бад эмин медоранд.

Аз таҳлили осори Мирзо Бедил чунин бармеояд, ки ӯ ба мардум таъкид мекунад, ки агар кас хоҳад дар зиндагӣ орому осуда ва дар амон бошад, пас роҳи ростиву росткорӣ ва ҳақиқату ҳақиқатпарастиро пешаи худ сохта, андешаю кореро ба амал барорад, ки рост бошаду ба ҳақиқат мувофиқ.

Хидмати Мирзо Бедил дар баррасӣ ва тарғиби афкори тарбиявию равоншиносӣ дар замоне, ки ӯ умр ба сар мебурд, аҳамияти хеле назаррас дошт. Мутафаккир саъю кӯшиш намудааст, ки мардумро дар руҳи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ тарбия намуда, аҳли ҷомеаро аз фисқу фуҷур ва разолат пок сохта, эшонро ба ростиву росткорӣ ва ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ даъват намояд.

Ба андешаи мо, ин ақидаи Мирзо Бедил дар шароити рушди ҷомеаи муосир ҳам аҳамияти калони тарбиявӣ дошта, ба ташаккул ва рушди инсони комил ва бою ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавии ҳар як инсон мусоидат мекунад, зеро дар ҷомеаи кунунии мо низ нафароне ёфт мешаванд, ки дуруғгӯӣ, фиребгарӣ, аҳдшиканию ваъдахилофӣ ва амсоли онро раво дида, бо чунин рафтори ношоями хеш хотири одамонро мушавваш ва дили эшонро ғамнок ва руҳияашонро парешон месозанд.

Дар ин росто, Мирзо Бедил ба ҳар як инсони солимақл муроҷиат карда, на фақат ӯро бо роҳи ростӣ ва ҳақиқат ҳидоят мекунад, балки ба ӯ таъкид менамояд, ки дигаронро ба ин роҳ равона сохта, аз роҳи хилофи роҳи рост ва ҳақ баргардонад. Ба қавли файласуфи бузург, агар аз рафтор ва муносибати шарри инсонӣ мардумро нагардонем, пас, дар натиҷа, ахлоқи ҷомеа харобу коста мегардад.

Ақидаҳои пандомезе, ки Мирзо Бедил ба мо мерос гузоштааст таҳқиқ нашуда, кас фикр мекунад, ки ӯ маҳз барои даврони имрӯза ҳамчун пири хирадманду дурандеш дар шароити ҷомеаи муосир, дар ҳолате, ки ахлоқи як қабил одамон рӯз то рӯз хароб гашта истода, рӯ ба костагӣ ниҳодааст, насиҳатҳои хешро нигоштааст. Масалан, имрӯзҳо мо шоҳиди бисёр воқеаҳо мегардем, ки баъзе аз одамон дар ҷойҳои ҷамъиятӣ қоидаҳои рафтор ва муносибатро вайрон мекунанд, баҳудаву беҳуда алфози қабеҳро ба дигарон раво медонанд, ҳурмати пирону барҷомондагонро ба ҷо намеоранд ва бо дигар

рафторҳои ғайриахлоқиву ношоистаи худ мардумозорӣ мекунанд. Мутаассифона, нафароне, ки дар он ҷо ҳузур доранд, нисбат ба чунин амалҳои ғайриинсонӣ беэътиноиро раво дида, касе чунин «мардони майдон» ва «зӯроваронро» аз ин роҳи нодуруст кӯшиши баргардонидан намекунанд.

Дар чунин лаҳзаҳои зиндагӣ, ҳозирон лаб ба хомӯшӣ бурда, дар канор будану бетарафиро ягона роҳи ҳалли ин проблема медонанд. Табиист, ки чунин рафтори бетарафонаи моро дида, «мардони майдон» ин рафтори худро дурушттару қабеҳтар месозанд. Ва оқибат муносибатҳои канорагирии мо ба касод ва харобу коста гаштани ахлоқ ва маънавиёти халқ ва ҷомеа оварда мерасонад.

Дар хусуси барои инсон дар давоми зиндагӣ муҳим ва зарур будани ростиву росткорӣ ва ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ бошад, ақидаҳои педагогии Мирзо Бедил ҷолиби таваҷҷуҳи зиёданд. Ба ақидаи шоири маъруф, инсон бояд дар давоми зиндагии худ ҳамеша ростқавл, ростгӯ, ростпарвар ва ҳақиқатҷӯ бошад. Зеро ӯ бо ростиаш ва ҳақиқатпарастиаш дар дилу дидаи мардум ҷо мегирад, ҳеҷ як бухтон наметавонад ба чунин кас осебе расонад, ба ҳамон ростиаш устувор ва рост мемонад. Дар ҷомеа чунин одамон зиёданд, пеши роҳи ин гуна нафаронро ҳеҷ кас гирифта наметавонанд.

Дар ҳаёт, одами ростқавлу росткор ва ҳақҷӯй бо чунин хислати наҷибаш аз дигарон фарқ мекунад. Ӯ дар давоми зиндагӣ пуштибон ва ҳимоятгар меёбад, ҳама ӯро ҳурмату эҳтиром мекунанд, ҳама ба истиқболаш мебароянд. Аз ҳамин лиҳоз, ростиву ростқавлӣ дар давоми ҳаёт мададгору дастгири шахс мешавад. Хусусан, дар айёми пирӣ ӯро аз муҳтоҷӣ ва дастнигарӣ раҳоӣ мебахшад. Ҳолатҳое пеш меояд, ки аз баъзе дӯстону рафиқони нониву забонӣ дида ростиву ҳақиқатпарастӣ ба одам, дар баъзе ҳолатҳо, ёвару мададгори хубтару беҳтар мешавад.

Бояд зикр кард, ки Мирзо Бедил дар зиндагии худаш ҳақиқатҷӯю ҳақиқатпараст буд. Аз ин рӯ, ӯ дар осораш масъалаи ҳақиқату ҳақиқатпарастиро ситоиш карда, мардумро ба риояи ҳаққу ҳақиқатпарастӣ даъват кардааст. Агар барои мисол гирем, шоир дар «Руқаот» номи асари худ чунин овардааст, ки дар олами мавҷудот ҳар шакли муайян айни ҳақиқати худ аст. Шоир рубоиеро манзури хонанда карда, таъкид мекунад, ки қатраро дарё маандеш ва бар дарё

гарди қатра мапош. Бо мақсади тасдиқи фикри хеш шоир мисраъҳои зеринро меорад:

Эй оинаи муайянат сурати кор!
Таъвилу тасарруф аз табиат бардор!
Таҳқиқ ин аст, мобақӣ луъбу ҳавас,
Якро ду нишон мадеҳ, дуро як машумор! [9, 79]

Аз мисраъҳои дар боло зикргардида маълум мегардад, ки шоир то чи андоза ҳақиқатпараст будааст.

Мирзо Бедил дар таълимоти фалсафии худ дар асоси ақидаи ҳиндуҳо руҳи одами мурда агар некукор бошад, ба ҷисми одами калонсол медарояд ва агар бадкирдор бошад ба ҷисми ягон ҳайвон ё паранда медарояд. Дар ин бора мутафаккир як қатор афсонаю ҳиқояҳоро меорад. Аммо дар ҳамаи ин фикрҳои содалавҳонаи ҳиндуҳо заррае аз ҳақиқатро меёбад. Ин ҳақиқат аз моддаҳои чизҳои нестшуда, пайдо шудани чизҳои нав иборат мебошад.

Шоири бузург, ба чунин қавл боварӣ дошт, ки онҳо дар асоси таъсири ақидаашон ҳамин ҳақиқатро ба шакли даромадани руҳе аз як ҷисм ба ҷисми дигар боварӣ доштанд. Дар ин мавзуъ, шоир байтеро меорад, ки чунин аст:

…Ҳиндувонро ба олами эҷод,
Табъ мағлуби ин хаёл афтод.
Ки пас аз интиқол аз ин пайкор,
Руҳ дорад ҳулули ҷисми дигар.
Хоҳ аз ин интиқол бар ҳайвон
Моил афтод, хоҳ бар инсон,
Ҳам дар он ҷисм сурати ҳолаш.
Мерасад бар ҷазои аъмолаш [22, 90].

Чи тавре ки аз осори Мирзо Бедил бармеояд, ӯ ҳамчун шаҳрванди ватандӯст ва ҳақиқатпараст таъкид карда, мегӯяд, ки агар хоҳед, ки дар давоми ҳаёт ҳамеша орому осуда бошеду аз дигарон вобастагӣ надошта бошед, ҳақиқатҷӯю ҳақиқатпараст бошед. Шоири шаҳир дар умеду орзуи он буд, ки дар байни мардуми кишвари хеш нафаронеро бубинад, ки ҳақиқату ҳақиқатпарастиро дар рафти зиндагии хеш шиор карда, ба халқу ватани худ хизмат намояд.

Мирзо Бедил ҷонибдори чунин ақида буд, ки модоме ростиву ҳақиқатпарастӣ дар ҳаёт барои инсон чунин аҳамият дошта бошад, пас одамон бояд ба дурӯғгӯӣ, фиребгарӣ ва ҳилаву найрангбозӣ даст назананд. Зеро, ки он аз сифати ахлоқи бади инсонӣ ба ҳисоб меравад. Бо чунин хислати бади ахлоқияш одами дурӯғгӯй ба сари мардум бадбахтиҳои зиёд меорад. Аз ин рӯ, шахсе, ки ба дурӯғҳояш ба одамон зарар мерасонад, аз бадахлоқтарин аъзои ҷомеа аст. Аз дурӯғ гуфтану фиреб кардан, мегӯяд шоири маъруф, одамон дар амон нестанд, руҳан ҳеҷ вақт ором нестанд, ҳамеша дар ташвиш ҳастанд, ҳол он ки баъзеҳо мехоҳанд бо дурӯғбофиҳояшону фиребҳояшон манфиат бурда, осоиш ёбанд. Аммо ҳамин ки дурӯғашон фош гардид, дар байни омма шармандаву шармсор мегарданд.

Нисбат ба масъалаи матраҳшаванда, бояд ҳамин нуктаро таъкид намоем, ки тарғиб ва ташвиқи масъалаи ростиву росткорӣ ва ҳақиқату ҳақиқатпарастиро мо дар эҷодиёти пешгузаштагон, ҳамзамонон ва давраи баъдинаи Мирзо Бедил низ дида метавонем. Аз ҷумла, ин нуктаро дар осори Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Восифӣ, Ҳилолӣ, Биноӣ, Сайидои Насафӣ ва дигарон вохӯрдан мумкин аст.

Аз ҷумла, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар асараш «Захират-ул-мулук» дурӯғгӯиву ваъдахилофиро ба зери тозиёнаи танқид гирифта, мардумро бовар мекунонад, ки дар зиндагӣ барои мусулмонон аз ҳама роҳи беҳтарин ростӣ, ҳақиқатпарастӣ (ҳақгӯӣ), бовафоӣ ва ҳалимию меҳрубонӣ мебошад. Нисбат ба масъалаи мазкур, мутафаккир фикру андешаҳои хешро баён намуда, аз забони Расули Худо чунин ривоят овардааст: «Расул алайҳиссалом фармуд, ки нишони мунофиқ се чиз аст ва ҳар кӣ дар вай ин се нишон бувад, мунофиқ аст, агарчи рӯза дорад ва намоз гузорад ва гумон барад, ки ман мусулмонам». Онҳо чунинанд: Чун сухан гӯяд, дурӯғ гӯяд ва чун ваъда диҳад хилоф кунад ва чун вайро бар чизе амин гардонанд, хиёнат кунад» [81, 53].

Ё дар ҷои дигари ҳамин асар таъкид кардааст: «Ва сироти мустақим, (роҳи растагорӣ, ростӣ, ки дар фотиҳа (сураи фотиҳа) мехонӣ, ҳақиқати ин эътидол аст ва сирот ҷаҳаннам руҳи ин сирот аст ва ҳақиқати ин эътидол аз мӯй бориктар ва аз шамшер тезтар аст ва ҳар кӣ дар дунё бад-ин сифат истиқомат ёфт, фардо бар он сирот чун барқи ҳотиф (дурахшанда) гузарад ва ҳар кӣ имрӯз талаби истиқомат накард, он ҷо бар сирот раҳ наёбад» [81, 70].

Ё, яке аз шоирони бузурги асри XVII халқи тоҷик, яъне ҳамзамони Мирзо Бедил, Миробид Сайидои Насафиро гирем, ӯ дар сухан гуфтан ва муносибату рафтори одамон ростгӯию рострафтор буданро ҷонибдорӣ карда, таъкид намудааст: дар ҳолате, ки мо сухани ростро мегӯему дар зиндагӣ тибқи нишондоди ростӣ амал мекунем, дар ин ҳолат барои дурӯғ гуфтану фиреб кардан ҳоҷат намемонад. Бинобар ин, ҳарчанд, ки сухани рост ва ҳақ талх асту ба одамон сахт таъсир мекунад, аммо ин аз суханҳои ҳарзаю бад гуфтан беҳтар аст.

Сайидои Насафӣ фазилати ростию росткориро хеле ситоиш карда, итминони комил дошт, ки он яке аз сарчашмаҳои некиву накукорӣ мебошад. Ба андешаи шоир, дар ҳар ҷое, ки ростӣ ва росткорӣ бошад, дар он ҷо ҳатман некӣ ҳукмфармост. Мумкин аз ҳамин нуқтаи назар, Сайидои Насафӣ гуфтааст, ки ростиву росткориро дар ҷаҳон завол нест:

Ростиро набувад ҳеҷ заволе ба ҷаҳон,
Сарв агар хушк шавад, боз асо мегардад [114, 229].

Чи тавре, аз қиёси дар боло овардашуда, маълум мегардад, масъалаи ростиву росткорӣ ва ҳақиқату ҳақиқатпарвариро на фақат Мирзо Бедил дар осори хеш мавриди баррасӣ қарор додааст, балки ин мавзуро мутафаккирони бузурги гузаштагон, ҳамзамонон ва пасояндагони халқи тоҷик дар осори хеш ба риштаи таҳлилу таҳқиқ кашидаанд. Ҳама ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар ҷомеаи одамӣ, дар ҳама давру замон масъалаи ростиву росткорӣ ва ҳақиқату ҳақиқатпарварӣ арзи вуҷуд доштааст. Аммо мутафаккирони бузурги халқи тоҷик масъалаи мазкурро дар осори хеш ба таври худ ва диди давру замон мавриди таҳлил қарор дода, роҳу равиш ва тарзу усули ҳалли мавзуро ҷустуҷӯ кардаанд.

Ба қавли Мирзо Бедил, дар ниҳоди инсон тарбия намудани хислати ростӣ ва ростқавлӣ камоли дарёфти ганҷинаи ахлоқи ҳамидаву нек ба ҳисоб меравад. Ба иборае «ростӣ-растӣ» шоир низ таъкид менамояд, ки роҳи ростиву ростгӯӣ, ростқавливу ростбиниро пеша намоем, зеро дар радифи ин фазилати ахлоқи ҳамидаи инсонӣ мавҷуд будани дурӯғу фиребгарӣ, каҷандешиву ваъдахилофӣ ва дигар хислатҳои шарри одамӣ низ ногузир аст ва ҳайф аст зиндагӣ, агар ба он майл намоем:

Ростӣ то далели кор кунӣ,

Ҳайф бошад, каҷ ихтиёр кунӣ [6, 276].

Мирзо Бедил, чи тавре мебинем, моҳияти масъаларо ба хубӣ дарк карда, аз озмоиш ва мушоҳидаҳои рӯзгори шахсӣ фикру андешаҳояшро дар осори хеш мавриди баррасӣ қарор додааст ва бо мақсади пойдории ростиву ростқавлӣ ва ҳақиқату ҳақиқаткорӣ дар ҷомеа мардумро ба риояи ин хислатҳои наҷиби инсонӣ дар ҳама ҳолатҳои зиндагӣ даъват намудааст.

Ҳаминро бояд таъкид кард, ки мутафаккири бузург дар бораи ростиву росткорӣ андешаронӣ карда, ба мақому мавқеи ростӣ ва фарҳанги росткорию ростқавлӣ дар ҳаёти инсон баҳои баланд дода, таъкид кардааст, ки агар шахс ростӣ, росткорӣ ва сухани ростро дар вақт ва ҷойи зарурӣ дуруст истифода намояд, рафтори шоистаи ӯ на танҳо барои худаш, балки дар назди дигарон қимат ва аҳамияти махсусро соҳиб шуда, нишонрасу таъсирбахш мешавад. Ба ҳама ин кӯшишҳо, шоир ба он талош мекард, ки қадру қимат ва арзиши ростиву росткорӣ ва ҳақикату ҳақиқатпарастӣ дар ҷомеа баланд бардошта шавад. Яъне, ба андешаи Мирзо Бедил, вақте ки рафтор ва муносибати одамон аз диди ростӣ, ҳақиқӣ ва самимӣ мебошад, ба руҳу равон ва ҳолати (авзои) дигарон низ таъсири мусбат мерасонад.

Мирзо Бедил чунин таъкид менамояд, ки ҳар як шахс дар зиндагӣ ва рафтору муносибат бо дигарон бояд ростиро пеша гирад. Ростиву росткорӣ одамро баҳри ба мақсад ноил гаштан руҳбаланд менамояд ва ба ӯ қуввату дармон бахшида, дар ҳаёт дари оромию осудагӣ ва болидаруҳиро боз мекунад.

Сари марди ростқавлу росткор бо вуҷуди он ки дар рафти зиндагӣ ҳодисаҳои ногувор пеш меоянд, ҳамеша баланд аст. Зеро ӯ бегуноҳ ва пок аст. Ҳама ба ӯ бо чашми нек, бо эҳтиром ва боварӣ менигаранд. Одамон ба ӯ боварӣ дошта, медонанд, ки аз дасти ӯ бадкирдориҳо намеояд.

Бояд зикр намоем, ки дар доираи ташаккул ва рушди хислатҳои ахлоқӣ, ба монанди инсондӯстӣ, дӯстиву рафоқат, ваҳдату якдилӣ, ростиву ҳақиқатгаройӣ мутафаккир боз якчанд фазилатҳои некро талқин кардааст, ки ба ақидаи ӯ метавонанд дар раванди ба камол расидани инсон таъсири мусбат расонанд. Ба қавли шоири бузург, сидқу вафо, дилсофӣ, мулоимрафториву ҳалимӣ дар ҳамин радиф қарор мегиранд.

Ҳамин тариқ, Мирзо Бедил ҷонибдори ростиву росткорӣ ва ҳақиқату ҳақиқатпарварӣ буда, кӯшиш ба харҷ додааст, ки ба василаи асарҳои хеш

наслҳои ояндаро дар ин руҳия тарбия намуда, дар ташаккул ва густариши фазилатҳои ахлоқи неки инсонӣ саҳми арзандаи худро гузорад.

Саҳми осори Мирзо Бедил, роҷеъ ба масъалаи ташаккул ва рушди сифатҳои ахлоқи ҳамида ва тарбияи инсони комил беандоза буда, садсолаҳо боз дар ниҳоди наслҳои зиёди инсон сифатҳои ахлоқи беҳтаринро парвариш карда омада истодааст. Ба андешаи файласуфи бузург, агарчанде ақлу ҳиради инсон дар ташаккули камолоти ӯ асосӣ ба ҳисоб равад ҳам, аммо таъсир расонидан ва парвариши сиришти ӯ, қалби ӯ дар ин раванд боз ҳам афзалияти бештар дорад. Алоқамандии хислатҳои ахлоқии инсонро аз ниҳод, ақлу ҳирад, шуурнокӣ ва фаҳму фаросати ӯ вобаста медонад.

Мо мебинем, ки Мирзо Бедил маърифати инсониро низ аз фикру андеша ва мақсаду нияти дили ӯ ҷустуҷӯ кардааст. Шоири маъруф мегӯяд, ки покии дил чун оина аз он гувоҳӣ медиҳад, ки чунин инсон соҳиби ақлу ҳирад ва шуури баланду солим ва фазилатҳои ахлоқи неки инсонӣ мебошад.

Зи нақшаҳои баду неки ин ҷаҳон, Бедил,
Диле, ки соф шавад, дар шумори оина аст [2, 256].

Ба қавли Мирзо Бедил, ҳар нафаре, ки дили поку соф ва зебою беолоиш аст, чунин дил ӯро то ба камолот расонида, доро ва соҳиби фазилатҳои нек мегардонад. Ва ӯ дар рафти зиндагӣ бо ин хислатҳои наҷиби хеш ба атрофиён таъсир расонида, метавонад муҳит ва фазои тарбияро беҳтар ва хубтар гардонад. Ӯ бо ахлоқи ҳамида, муносибат, гуфтор ва рафтори неки худ барои дигарон намунаи ибрат шуда, ба олами маънавии эшон таъсири мусбат мерасонад. Ҳамин аст яке аз рисолатҳои инсонии ҳар як шахси боақлу хирад ва бофаҳму фаросатро ба шоири ширинкалом дар шакли назм чунин овардааст:

Дил мусафо кун, ҷаҳон-тасхири он миқдор нест,
Оина сайқал задан мулки Сикандар доштааст [2, 59].

Маълум мешавад, ки мутафаккири бузург ба он ақида будааст, ки покӣ, тозагӣ ва зебоии қалб ва сиришту ниҳоди инсониро аз молу мулк ва бойигарии Сикандар ҳам болотару авлотар медонистааст. Бо ин андешаи худ шоир таъкид карданӣ аст, ки дар ҷамъбасти зиндагӣ барои инсон танҳо корҳои неку қалби поку беолоиш, гуфтору рафтор ва муносибати ибратомӯзи ӯ дар хотира ва дили одамон мемонад, на молу мулк ва давлату савлати ӯ.

Омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи саҳеҳу дақиқи осори гаронбаҳои мутафаккирони мардуми тоҷику форс, хусусан Мирзо Бедил, имрӯз аз мо тақозои ҷиддии онро дорад, ки ҷомеаи муосир ва тамоми системаи кори таълиму тарбия бояд роҳҳои навӣ ба воя расонидани инсонеро ҷустуҷӯ намоянд, ки ӯ ба сифатҳои ахлоқии худ, аз ҷумла инсонпарварӣ, ватандӯстӣ, маърифатнокӣ, меҳнатдӯстӣ, ифтихори миллӣ, зебоипарастӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва дигар сифатҳои ахлоқи волои инсониаш намунаи фаъоли бозсозии ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа бошад ва бо ҷомеаи муосир ҳамоҳангу ҳамқадам бошад. Ҳамин нуктаро, дар радифи андешаҳои Мирзо Бедил, бояд тазаккур дод, ки дар шароити рушди ҷомеаи муосир, яъне иқтисоди бозоргонӣ рӯз то рӯз беҳурматии якдигар байни одамон, мардумозорӣ, хиёнаткорӣ, дурӯғгӯӣ, бевафоӣ, дуздӣ, мансабу ҷоҳпарастӣ, қаллобӣ ва дигар хислатҳои шарри инсонӣ, реша давонда истодааст. Агар, имрӯз мо вобаста ба ҳолати ба миён омада, низоми таълиму тарбияро аз нав таҳлил карда набароем, агар шаклҳо, роҳҳо ва тарзу усули таълиму тарбияро аз нав коркард нанамоем, агар мо бо дарназардошти дурнамо ва талаботи ҷомеаи оянда роҳҳо, тарзу усул, шаклҳо ва воситаҳои таълиму тарбияро роҳандозӣ накунем, ки медонад, ки тақдири наслҳои оянда чи мешавад?

Дар ин ҷо бояд ҳамин нуктаро таъкид намоем, ки дар шароити имрӯзаи ҷомеаи мо нафароне ҳастанд, ки муносибати онҳо нисбат ба масъалаи иқтисодӣ низ гуногун мебошад. Масалан, одамоне ҳастанд, ки тамоми даромади оилавии онҳо аз ҳисоби меҳнати ҳалолу софдилона мебошад. Чунин одамон дар зиндагӣ аз пайи пулу моли зиёдатӣ намешаванд, анҷоми хонаю дари худро эҳтиёт менамоянд; дар пеши касе сар хам намекунанд ва аҳли оила ва фарзандони худро низ дар ҳамин руҳия тарбия карда ба воя мерасонанд. Дилбохта ва ҳариси чизу чораи назаррабо нестанд, одатан чунин оилаҳо асоси пойдорӣ ва мустаҳкамии коллективи меҳнатӣ ва ҳам қавму авлодиро соҳиб мебошанд. Ин хел одамон умри худро ба меҳнати ҳалол бахшида, мехоҳанд, ки ба туфайли меҳнати хеш то қадри имкон зиндагии хешро дуруст ба роҳ монда, ӯро хушбахту зебо созанд. Чунин оилаҳо албатта, ифтихор ва асосгузору пояи мустаҳками заминаи моддиву маънавии ҳар як миллат ва халқи кишвар ба ҳисоб меравад. То даме, ки дар ҷомеа чунин оилаҳо вуҷуд доранду қонунҳо ва меъёрҳои ахлоқи ҳамидаи инсониро софдилона ва сидқан риоя менамоянд,

қатъи назар аз душвориву сахтии замона, онҳо оилаҳои хушбахт маҳсуб мешаванд, зеро хушбахтӣ аз ҳамаи неъматҳои дунёӣ авлотар аст.

Мутаассифона, дар ҷамъият одамони дигаре низ ҳастанд, ки мақсади асосии ҳаётро дар ғун доштани пулу мол ва сарват дида, барои таъмини ҳавову ҳавас ва нафси худ аз ҳисоби даромади бедардимиён, аз ҳаромкориву қаллобӣ рӯ намегардонанд, ба қадру қимати инсон аз рӯи молу мулкаш баҳо медиҳанд ва ғайраҳо.

Бо мақсади ба роҳи дуруст равона кардани рафтор ва муносибатҳои одамон дар ҷомеа, олимон, адибон ва мутафаккирони гузаштаву муосир роҳу равиш, тарзу усул ва воситаҳои дар насли наврас тарбия намудани ҳисси инсонпарварӣ, башардӯстӣ, хоксорӣ, ростиву ростқавлӣ, ҳақиқатпарастӣ, поквиҷдонӣ, ҳурмату эҳтироми якдигар, одобу ахлоқи нек ва амсоли ин барин масъалаҳои ҳалталабро ҷустуҷӯ ва дарёфт намудаанд, ки аз рӯи он амал намудан аз манфиат холӣ нест. Агар дар ҷомеа теъдоди одамоне, ки мақсади асосиашон меҳнати ҳалол ва ахлоқи неки инсонӣ аст, коҳиш ёфта, шумораи нафароне, ки ба ҳирсу тамаъ ва ҳавою ҳаваси молу чизпарастӣ дода шудаанд, афзояд, пас тамоми миллат дучори фалокати ахлоқиву маънавӣ хоҳанд гашт.

Аз ин рӯ, Мирзо Бедил ҳамчун фарзанди хирадманду пешқадами замони худ, барои солим гардонидани иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷомеа, пойдории ваҳдату якдилии мардум ва баланд бардоштани фарҳангу маданияти ахлоқии насли наврас фикру ақидаҳои хешро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Ҳамин тариқ, дар осори Мирзо Бедил, мо мушоҳида мекунем, ки ӯ пайваста хислатҳои ахлоқи неки инсониро, ба монанди покиву покизагӣ, софию зебоии қалб сиришти одамиро тараннум карда, тарбия ва парвариши сифатҳои ахлоқи ҳамидаро дар насли ҷавон таъкид кардааст:

Мекунад як дидаи бедор кори сад чароғ,
Равзане з-ин хонаи торик бар дил во кунад [4, 44].

Гуфтаҳои боло моро ба чунин хулоса водор месозад, ки фикру ақидаҳои тарбиявӣ, хусусан ростиву росткорӣ ва ҳақиқату ҳақиқатпарастии Мирзо Абдулқодири Бедил ба тақозои замони зиндагиаш мувофиқ мебошад. Консепсияи тарбиявие, ки ӯ дар осори хеш баррасӣ намудааст, дар шароити рушди ҷомеаи муосири мо низ баҳри баланд бардоштани сифати тарбияи насли наврас метавонад нақши хеле бориз дошта бошад.

## 2.5. Корҳои озмоишвӣ-санҷишӣ ва таҳқиқотӣ оид ба андешаҳои маънавӣ-ахлоқии Мирзо Абдулқодири Бедил дар шароити ҷомеаи муосир

Бо мақсади муайян намудани дараҷа ва сатҳи фаҳмиш ва маълумоти хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба масъалаи «Ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ ва озмоишвию санҷишӣ ташкил карда гузаронида шуд. Муҳаққиқ пеш аз ташкил карда гузаронидани таҳқиқот нақша ва барномаи махсус оид ба ташкил карда гузаронидани корҳои озмоишвӣ–таҳқиқотӣ дар мавзуи «Ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Абдулқодир Бедил» тартиб дода, корро роҳандозӣ кардааст.

Дар раванди таҳқиқот методҳои илмӣ–таҳқиқотии зерин истифода карда шудаанд: омӯзиш ва таҳлили асарҳои Мирзо Абдулқодири Бедил ва дигар олимони замони гузаштаю муосир; интихоб ва ба низоми муайян даровардан ва хулоса кардани ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил; омӯзиш, таҳлил ва муқоисаи озмоиши пешқадами кафедраҳои педагогика ва психологияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ; омӯзиш ва истифодаи мероси илмию педагогии мутафаккирони бузурги гузаштаи халқи тоҷику форс дар раванди таълиму тарбияи хонандагони синфҳои болоӣ; омӯзиш ва таҳлили маводи бойгонӣ; барномаҳои таълимӣ; китобҳои дарсӣ ва маҷаллаҳою рӯзномаҳои даврӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда; мушоҳидаҳои педагогӣ -психологӣ; суҳбатҳо бо омӯзгорон ва хонандагон; гузаронидани анкетаҳо, тестҳо, эссе бо хонандагон; муколамаҳо бо омӯзгорони фаннӣ, хонандагон ва падару модарони онҳо; математикӣ-симетрӣ ва ғайраҳо.

Баъд аз гузаронидани сухбат, маслиҳат ва фаҳмонидани масъалаи таҳқиқшаванда бо омӯзгорон ва хонандагони синфҳои болоии (синфи 10) муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мо тасмим гирифтем, ки дар байни хонандагони синфи 10 саволнома (анкета) оид ба мавзуи «Ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Абдулқодир Бедил» ташкил карда гузаронида шавад.

Дар асоси нақша ва барномаи таҳқиқотӣ бинобар сабаби он ки мавзуи «Ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Абдулқодир Бедил» тибқи «Барномаи таълимии адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI», ки бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия дода шудааст. (Душанбе, 2007) мавзуи

мазкур дар синфи 10-ум омӯхта мешавад, тасмим гирифтем, ки дар синфи 10 саволнома (анкета)-ро ташкил карда гузаронем.

Барои он ки кори таҳқиқотии мо саҳеҳ, дақиқ ва объективона гузарад мо муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ №18 ноҳияи Кӯшониён, синфҳои $10^{А}$,$10^{Б}$, $10^{В}$, $10^{Г}$- ҷамъ 100 хонанда) ва МТМУ-и №10 шаҳри Бохтар, синфҳои $10^{А}$, $10^{Б}$, $10^{В}$, $10^{Г}$- ҷамъ 100 хонандаро интихоб намудем.

Дар рафти таҳқиқот мо МТМУ-№10 шаҳри Бохтар ва МТМУ№ 18 ноҳияи Кӯшониён дар маҷмуъ ҳашт синфро интихоб намудем. Ин аз он хотир интихоб карда шуд, ки шумораи хонандагон (100 нафарӣ аз ҳар як мактаб) ҷамъ 200 нафаро ташкил намуд. Дар навбати аввал, мо мақсад гузоштем, ки ба пуррагӣ сатҳи дониш ва маълумоти доштаи 200 хонандаи синфҳои 10-ро муайян намоем. Бинобар ин, саволномаро ба хонандагони синфҳои 10-и ду МТМУ (МТМУ№10 ш. Бохтар ва МТМУ №18 ноҳияи Кӯшониён) пешниҳод намудем. Саволнома (анкета) ба 200 хонанда дар шакл ва мазмуни зайл пешниҳод карда шуд.

САВОЛНОМА

Мактаби №_________ Синфи_____________

Ноҳияи ________________________ Шаҳри __________________________

1) Мирзо Абдулқодири Бедил кадом сол ва дар куҷо таваллуд шудааст?

_______________________________________________________________________

2) Кадом асарҳои Мирзо Абдулқодири Бедилро номбар карда метавонед? Номбар намоед. _____________________________________________________

_______________________________________________________________________

3) Мирзо Абдулқодири Бедил дар осори худ кадом сифатҳои маънавӣ- ахлоқии инсонро таърифу тавсиф кардааст? _____________________________

_______________________________________________________________________

4) Меҳвари (асоси) таълимоти гуманистии шоирро чи ташкил медиҳад?

_______________________________________________________________________

_______________________________________________________________________

5) Шоир яке аз сабабҳои паст ва хароб гаштани маънавиёт ва ахлоқи ҷомеаро дар чӣ медонист? _____________________________________________

_______________________________________________________________________

6) Ҷавҳари (асоси) таълимоти ахлоқии Мирзо Абдулқодири Бедил аз кадом сифатҳои ахлоқӣ иборат мебошад? ____________________________________

______________________________________________________________________

Асоси ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Абдулқодири Бедилро чӣ ташкил медиҳад?_____________________________________________________________

_________________________________________________________________

8. Мирзо Абдулқодири Бедил дар ташаккул ва рушди шахси комил кадом омилҳоро асосӣ ҳисобидааст? __________________________________________

______________________________________________________________________

9. Мирзо Абдулқодири Бедил дар эҷодиёти худ кадом сифатҳои бади (шарр)-и инсонро мазаммат (танқид) кардааст?

______________________________________________________________________

________________________________________________________________

10. Ба андешаи Мирзо Абдулқодири Бедил дӯстӣ байни одамон чи тавр бояд бошад? _________________________________________________________

______________________________________________________________________

Чи тавре, ки аз мазмуни саволнома маълум мегардад, саволҳо дар доираи «Барномаи таълимии адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI» ба хонандагон пешниҳод карда шуданд. Мо кӯшиш намудем, ки саволҳо то ҳадди имкон сода, фаҳмо буда аз доираи барномаи таълимӣ берун набошад. Барои он ки хонандагон ба саволҳо кутоҳ ва мушаххас ҷавоб дода тавонанд, мо саволҳое, ки характери таҳлилӣ доштанд, пешниҳод накардем. Қисмате, ки оид ба мавзуи таҳқиқшаванда пешниҳод шудааст дар барномаи мазкур ба чунин шакл оварда шудааст: Барномаи таълимии адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI. Душанбе, 2007, 72 саҳ; Бедили деҳлавӣ (10 соат) Ҳаёт ва эҷодиёти Бедили Деҳлавӣ. Куллиёти Бедил: девон, маснавиҳо, асарҳои насрӣ, таркиби девони шоир.

Таҳлили ғазалҳои Мирзо Бедил «Ҷоҳил аз ҷамъи кутуб соҳиби маънӣ нашавад», «Ба ваҳдатхонаи дил ғайри дил чизе намеғунҷад», «Дил мечакад аз чашмам, чун абр агар гирям» ва «То дили хок аст, Бедил, ашкро ҳадди саҳар».

Таҳлили достони «Комде ва Мадан»: мазмуни достон, образҳои асосии асар, ғоя ва мақсадҳои Бедил.

Ҷаҳонбинӣ ва ақидаҳои иҷтимоию ахлоқии Бедил, намунаҳо аз ашъори пандомези шоир.

Услуб ва хусусиятҳои бадеии ашъори Бедил, таъсири эҷодиёти Бедил дар адабиёти тоҷик.

Пурсиш ва такрор

Тавзеҳот.

Баъд аз он ки мақсад, мазмун ва муҳтавои саволнома ба хонандагон фаҳмонида дода шуд, саволномаҳо ба онҳо барои ба саволҳо ҷавоб гардонидан, тақсим карда шуданд. Ҷавобҳои хонандагон ба саволҳои саволнома (анкета) мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтанд. Баъди омӯзиш ва таҳлили саволномаҳо натиҷаҳо ба таври зайл ҷамъбаст карда шуданд. Ҷавобҳо ба ҳар як савол дар алоҳидагӣ, мушаххас ва дақиқкорона омӯхта шуда, натиҷагирӣ карда шуд. Ҷавобҳо ба саволҳои саволнома дар шакли ҷадвал чунин аст.

*Ҷадвали №1. Нишондиҳандаи дониши назариявии хонандагон то гузаронидани озмоиш дар МТМУ №10 ш. Бохтар*

| № т/Р | Савоҳо | Ҷавоби дуруст | Ҷавоби нопурра | Ҷавоби нодуруст | Ҷавоб надодааст | намедонад | Шумора бо фоиз | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Мирзо Абдулқодири Бедил кадом сол ва дар куҷо таваллуд шудааст? | 40% | 42% | 8% | 6% | 4% | 100% | |
| 2 | Кадом асарҳои Мирзо Абдулқодири Бедилро номбар карда метавонед? Номбар намоед | 45% | 27% | 9% | 9% | 10% | 100% | |
| 3 | Мирзо Абдулқодири Бедил дар осори худ кадом сифатҳои маънавӣ- ахлоқии инсонро таърифу тавсиф кардааст? | 30% | 40% | 13% | 13% | 4% | 100% | |
| 4 | Меҳвари (асоси) таъли-моти гуманистии шоирро чи ташкил медиҳад? | 26% | 20% | 17% | 22% | 15% | 100% | |
| 5 | Шоир яке аз сабабҳои паст ва хароб гаштани маънавиёт ва ахлоқи ҷомеаро дар чӣ медонист? | 20% | 30% | 32% | 8% | 10% | 100% | |
| 6 | Ҷавҳари (асоси) таъли-моти ахлоқии Мирзо Абдулқодири Бедил аз кадом сифати ахлоқӣ иборат мебошад? | 32% | 26% | 10% | 21% | 11% | 100% | |
| 7 | Асоси ақидаҳои иҷтимоӣ сиёсии Абдулқодири Бедилро чӣ ташкил медиҳад? | 13% | 13% | 28% | 28% | 18% | 100% | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 8 | Мирзо Абдулқодири Бедил, дар ташаккул ва рушди шахси комил кадом омилҳоро асосӣ ҳисобидааст? | 4% | 29% | 23% | 28% | 16% | 100% | |
| 9 | Мирзо Абдулқодири Бедил дар эҷодиёти худ кадом сифатҳои бадӣ (шарр)-и инсонро мазаммат (танқид) кардааст? | 22% | 34% | 12% | 22% | 10% | 100% | |
| 10 | Ба андешаи Мирзо Абдулқодири Бедил дӯстӣ байни одамон чи тавр бояд бошад? | 30% | 42% | 0% | 18% | 10% | 100% | |




*Диаграмаи 1. Нишондиҳандаи дониши назариявии хонандагон то гузаронидани озмоиш дар МТМУ №10 ш. Бохтар*

Масалан, 100 нафар хонандагони синфҳои $10^{\text{А}}$, $10^{\text{Б}}$, $10^{\text{В}}$, $10^{\text{Г}}$-и МТМУ №10 шаҳри Бохтар ба саволҳои пешниҳодшуда дар шакли алоҳидагӣ ба таври зайл ҷавоб додаанд:

Ба саволи Мирзо Абдулқодири Бедил кадом сол ва дар куҷо таваллуд шудааст?

Хонандагон  чунин ҷавоб додаанд: ҷавоби дуруст 40%, ҷавоби нопурра 42%, ҷавоби нодуруст 8%, ҷавоб надодаанд 6%, надонистаанд 4%.

Ба саволи: Кадом  асарҳои  Мирзо Абдулқодири Бедилро  номбар  карда метавонед? Ҷавоби дуруст додаанд 45%, ҷавоби нопурра - 27%, ҷавоби нодуруст - 9%, ҷавоб надодаанд - 9%, надонистаанд - 10%.

Ба саволи Мирзо Абдулқодир Бедил дар осори худ кадом сифатҳои маънавӣ-ахлоқии инсонро  таърифу тавсиф кардааст?

Ҷавоби дуруст додаанд 30%, ҷавоби нопурра - 40%, ҷавоби нодуруст - 13%, ҷавоб надодаанд - 13%, надонистаанд - 4%.

Ба саволи: Меҳвари (асоси) таълимоти гуманистии шоирро чӣ ташкил медиҳад?

Ҷавоби дуруст додаанд 26%, ҷавоби нопурра - 20%, ҷавоби нодуруст - 17%, ҷавоб надодаанд - 22%, надонистаанд - 15%.

Ба саволи: Шоир яке аз сабабҳои  паст ва хароб гаштани маънавиёт ва ахлоқи ҷомеаро дар чӣ медонист?

Ҷавоби дуруст додаанд 20%, ҷавоби нопурра - 30%, ҷавоби нодуруст - 32%, ҷавоб надодаанд - 8%, ҷавобро надонистаанд - 10%.

Ба саволи: Ҷавҳари (асоси) таълимоти ахлоқии  Мирзо Бедил  аз кадом сифатҳои ахлоқӣ иборат  мебошад?

Ҷавоби дуруст додаанд 32%, ҷавоби нопурра - 26%, ҷавоби нодуруст - 10%, ҷавоб надодаанд - 21%, ҷавобро надонистаанд - 11%.

Ба саволи: Асоси ақидаҳои  иҷтимоӣ – сиёсии  Мирзо Абдулқодири Бедилро  чӣ ташкил медод?

Ҷавоби дуруст додаанд 13%, ҷавоби нопурра - 13%, ҷавоби нодуруст - 28%, ҷавоб надодаанд - 28%, надонистаанд - 18%.

Ба саволи: Мирзо Абдулқодири Бедил дар ташаккул  ва рушди  шахси комил кадом омилҳоро асосӣ ҳисобидааст?

Ҷавоби дуруст додаанд 4%, ҷавоби нопурра - 29%, ҷавоби нодуруст -23%, ҷавоб надодаанд - 28%, ҷавобро надонистаанд 16%.

Ба саволи: Мирзо Абдулқодири Бедил дар эҷодиёти худ кадом сифатҳои бади (шарр)-и инсонро мазаммат (танқид) кардааст?

Ҷавоби дуруст додаанд 22%, ҷавоби нопурра - 34%, ҷавоби нодуруст - 12%, ҷавоб надодаанд - 22%, ҷавобро надонистаанд - 10%.

Ба саволи: Ба андешаи Мирзо Абдулқодири Бедил дўсти байни одамон чӣ тавр бояд бошад?

Ҷавоби дуруст додаанд 30%, ҷавоби нопурра - 42%, ҷавоби нодуруст - 0%, ҷавоб надодаанд - 18%, надонистаанд - 10%.

Ҳамзамон саволномаи мазкур ба 100 нафар хонандагони синфи $10^{А}$, $10^{Б}$, $10^{В}$, $10^{Г}$-и МТМУ №18-и ноҳияи Кўшониён пешниҳод карда шуд, ки ба ҳар як савол дар шакли алоҳидагӣ ҷавобҳои зеринро пешкаш намуданд:

Ба саволи: Мирзо Абдулқодири Бедил кадом сол ва дар куҷо таваллуд шудааст?

Ба саволи гузошташуда хонандагон чунин ҷавоб додаанд:

Ҷавоби дуруст - 71%, ҷавоби нопурра - 24%, ҷавоби нодуруст - 4% ҷавоб надодаанд - 1%, ҷавобро надонистаанд - 0%.

Ба саволи: Кадом асарҳои Мирзо Абдулқодири Бедилро номбар карда метавонед? Номбар намоед.

Ҷавоби дуруст додаанд - 56%, ҷавоби нопурра - 42%, ҷавоби нодуруст - нест (0%), ҷавоб надодаанд - нест (0%), ҷавобро надонистаанд - 2%.

Ба саволи Мирзо Абдулқодири Бедил дар осори худ кадом сифатҳои маънавӣ - ахлоқии инсонро таърифу тавсиф кардааст?

Ҷавоби дуруст додаанд - 38%, ҷавоби нопурра - 45%, ҷавоби нодуруст - 14%, ҷавоб надодаанд - 2%, ҷавобро надонистаанд - 1 %.

Ба саволи: Меҳвари (асоси) таълимоти гуманистии шоирро чӣ ташкил медиҳад?

Ҷавоби дуруст додаанд - 0%, ҷавоби нопурра - 19%, ҷавоби нодуруст - 23%, ҷавоб надодаанд - 25%, ҷавобро надонистаанд 33%.

Ба саволи: Шоир яке аз сабабҳои паст ва хароб гаштани маънавиёт ва ахлоқи ҷомеаро дар чӣ медонист?

Ҷавоби дуруст додаанд - 5%, ҷавоби нопурра - 65%, ҷавоби нодуруст - 12%, ҷавоб надодаанд - 8%, ҷавобро надонистаанд - 10%.

Ба саволи: Ҷавҳари (асоси) таълимоти ахлоқии Мирзо Бедил аз кадом сифати ахлоқӣ иборат мебошад?

Ҷавоби дуруст додаанд - 21%, ҷавоби нопурра - 34%, ҷавоби нодуруст - 7%, ҷавоб надодаанд - 22%, ҷавобро надонистаанд - 16%.

Ба саволи: Асоси ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Абдулқодири Бедилро чӣ ташкил медод?

Ҷавоби дуруст додаанд - 2%, ҷавоби нопурра - 35%, ҷавоби нодуруст - 15%, ҷавоб надодаанд - 30%, ҷавобро надонистаанд - 18 %.

Ба саволи: Мирзо Абдулқодири Бедил дар ташаккул ва рушди шахси комил кадом омилҳоро асосӣ ҳисобидааст?

Ҷавоби дуруст додаанд - 7%, ҷавоби нопурра - 36%, ҷавоби нодуруст - 5%, ҷавоб надодаанд - 30%, ҷавобро надонистаанд 22%. 100

Ба саволи: Мирзо Абдулқодири Бедил дар эҷодиёти худ кадом сифатҳои бади (шарр)-и инсонро мазаммат (танқид) кардааст?

Ҷавоби дуруст додаанд - 21%, ҷавоби нопурра - 50%, ҷавоби нодуруст - 4%, ҷавоб надодаанд - 17%, ҷавобро надонистаанд - 8%.

Ба саволи: Ба андешаи Мирзо Абдулқодири Бедил дӯсти байни одамон чи хел бояд бошад?

Ҷавоби дуруст додаанд - 36%, ҷавоби нопурра - 30%, ҷавоби нодуруст - 0% (нест), ҷавоб надодаанд - 20%, ҷавобро надонистаанд - 14%.

*Ҷадвали № 2. МТМУ№ 18, ноҳияи Кушониён*
*Нишондиҳандаи донишҳои назариявии хонандагон то гузаронидани озмоиш*

| № т/ Р | Савоҳо | Ҷавоби дуруст | Ҷавоби нопурра | Ҷавоби нодуруст | Ҷавоб Надодааст | Намедонад | Шумора бо фоиз | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Мирзо Абдулқодири Бедил кадом сол ва дар куҷо таваллуд шудааст? | 71% | 24% | 4% | 1% | 0% | 100% | |
| 2 | Кадом асарҳои Мирзо Абдулқодири Бедилро номбар карда метавонед? Номбар намоед. | 56% | 42% | - | - | 2% | 100% | |
| 3 | Мирзо Абдулқодири Бедил дар осори худ кадом сифатҳои маънавӣ-ахлоқии инсонро таъ-рифу тавсиф кардааст? | 38% | 45% | 14% | 2% | 1% | 100% | |
| 4 | Меҳвари (асоси) таълимоти гуманистии шоирро чи ташкил медиҳад? | - | 19% | 23% | 25 % | 33% | 100% | |
| 5 | Шоир яке аз сабабҳои паст ва хароб гаштани маънавиёт ва ахлоқи ҷомеаро дар чӣ медонист? | 5% | 65% | 12% | 8% | 10% | 100% | |
| 6 | Ҷавҳари (асоси) таълимоти ахлоқии Мирзо Абдулқодири Бедил аз кадом сифатҳои ахлоқӣ иборат мебошад? | 21% | 34% | 7% | 22 % | 16% | 100% | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 7 | Асоси ақидаҳои иҷтимоӣ – сиёсии Абдулқодири Бедилро чӣ ташкил медод? | 2% | 35% | 15% | 30 % | 18% | 100% | |
| 8 | Мирзо Абдулқодири Бедил дар ташаккул ва рушди шахси комил кадом омилҳоро асосӣ ҳисобидааст? | 7% | 36% | 5% | 30 % | 22% | 100% | |
| 9 | Мирзо Абдулқодири Бедил дар эҷодиёти худ кадом сифатҳои бади (шарр)-и инсонро мазаммат (танқид) кардааст? | 21% | 50% | 4% | 17 % | 8% | 100% | |
| 10 | Ба андешаи Мирзо Абдулқодири Бедил дӯстӣ байни одамон чӣ тавр бояд бошад? | 36% | 30% | 0% | 20 % | 14% | 100% | |

Чи тавре, ки аз натиҷаҳои таҳқиқот аён аст, сатҳи умумии дониши хонандагони синфҳои 10-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №10-и шаҳри Бохтар ва №18-и ноҳияи Кӯшониён (ҷамъ- 200 нафар хонанда) оид ба мавзуи мазкур вобаста ба талаботи ҷомеаи муосир бо таври бояду шояд ба пуррагӣ ҷавоб дода наметавонанд.

Омӯзиши озмоиш ва таҳлили таҳқиқоти олимони ҷумҳурӣ оид ба тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ аз он далолат медиҳад, ки ин намуди тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ то ба имрӯз ба таври кофӣ омӯхта ва таҳлил нашудаанд. Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоии МТМУ нақш ва мавқеи омӯзгор ба сифати таълими аҳвол ва осори мутафаккирони тоҷику форс хеле назаррас мебошад. Бояд зикр намуд, ки маҳз омӯзгор қодир аст, ки сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоиро дар раванди таълими ҳаёт ва эҷодиёти адибону мутафаккирони халқи тоҷику форс дар ниҳоди хонандагон рушд диҳад. Омӯзгорон ва тарбиятгарон дар давоми фаъолияти педагогии худ дар асоси таълиму тарбияи ҳаёт ва эҷодиёти шоирон, нависандагон, олимону донишмандон ҷаҳони маънавии хонандагонро бою ғанӣ гардонида, сифатҳои ахлоқии аз худ намудаи онҳоро ба ҳаёти реалӣ тавъаму омезиш диҳад.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили нақшаҳо ва барномаи таълимӣ аз фанни «Адабиёти тоҷик дар синфхои V-XI муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» самтҳои зерин муайян ва мушаххас карда шудаанд:

1) ниёз ба таълим ва тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ҳамчун ҷузъи таркибии раванди тарбияи хонандагон;
2) қаноатманд будани хонандагон аз сифати таҳсилоте, ки ба василаи корбаст гардонидан оид ба тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ гузаронида мешаванд, ҷавобгӯ аст;
3) дар асос талаботи давр ба роҳ мондани тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон вобаста ба хусусияту характери мавзуъҳои таълими фанни «Адабиёти тоҷик» - манбаи асоси ташаккул ва рушди фазилатҳои хонандагон.

Омӯзиш ва таҳлили китобҳои дарсии фанни «Адабиёти точик» аз он шаҳодат медиҳад, ки барои ташаккул ва рушди хислатҳои неки маънавӣ-ахлоқӣ хонандагони синфҳои болоӣ (X-XI) имконияти бениҳоят фаровон дорад. Бояд таъкид кард, ки бо вуҷуд будани маводи фаровони тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити ҷомеаи муосир ба таври бояду шояд таваҷҷуҳи зарурӣ дода намешавад. Ҳол он ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дуруст ва тибқи талаботи рӯз ба роҳ мондани тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ дар асоси фанни «Адабиёти тоҷик» ягон мушкилиро ба бор намеорад. Хусусан дар раванди ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамадунҳо, мухолифат ва харобшавию шикастани меъёрҳои маънавиёт ва ахлоқи инсонӣ маҳз мактаб бояд диққати асосиро барои ҳалли масъалаи мазкур равона намояд.

Бояд тазаккур дод, ки дар раванди дар амал татбиқ намудани мақсади мазкур истифода намудани шаклҳо, роҳҳо, тарзу усул ва воситаҳои фаъол дорои мавқеи махсус мебошад. Барои дар амал (ҳаёт) татбиқ намудани масъалаҳои мазкур дар байни хонандагони синфҳои болоӣ ташкил ва гузаронидани суҳбатҳо, вохӯриҳо, шабҳои саволу ҷавоб (викторинаҳо), мизи муддавар, конференсияҳои назариявӣ дар синфҳои болоӣ, лексияҳои мактабӣ, озмунҳо оид ба мавзӯъ, иншо, эссе, машваратҳо, суҳбатҳои инфиродӣ, суҳбатҳо ва вохӯриҳо бо падару модар, шоирон, нависандагон, олимон, адибон ва амсоли инҳо аҳамияти бениҳоят калони маънавӣ-ахлоқиро доро мебошанд.

Бо мақсади муҳаё намудани шароити мусоид ва баҳо додани сатҳи сифати маънавӣ- ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ (синфи 10) ба мо зарурате пеш омад, ки амсилаи омода намудани хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро оид ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии онҳо тартиб диҳем. Амсилаи дар асоси сифатҳои маънавӣ-ахлоқие тартиб дода шудааст, ки хонандагон бояд аз рӯи меъёрҳои пешниҳодшуда метавонанд омодагӣ бинанд. Амсилаи мазкур барои он пешниҳод карда мешавад, ки хонандагон қабл аз гузаронидани санҷишҳо бояд тайёри дида, меъёрҳои талаботи санҷиши гузаронидашавандаро ба хубӣ дарк намуда, худро ба масъалаи мазкур омода созанд.

*Ҷадвали №3. Амсилаи омода намудани хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ*

| №т/р | Сатҳҳо | Нишондодҳои тайёрӣ |
|---|---|---|
| 1 | Сатҳи якум, омодагӣ. | - қобилияти аз бар намудани маводи таълимӣ (мавзуъ);<br>- дарк намудани моҳият ва муҳтавои асосии мавзуъ;<br>- сарфаҳм рафтани мазмуни мавзуъ;<br>- ташаккул ва рушди сифатҳои маънавӣ – ахлоқӣ. |
| 2 | Сатҳи дуюм, суст. | - надоштани маълумоти кофӣ оид ба муҳтавой тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ;<br>- надоштани дониши казои оид ба масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ;<br>- аз иҷрои вазифаҳои супоридашуда мустақилона баромада тавонистан;<br>- дурусту бехато баён карда натавонистани фикрҳои худ оид ба мавзуъ;<br>- бемасъулиятӣ намудан оид ба азхудкунии маводи таълимӣ;<br>- дониши азбарнамуда аз ҷиҳати муҳтавои асосӣ қаноаткунанда нест;<br>- дар рафти иброз намудани мазмун ва мундариҷаи мавзуъ ба яклухтӣ ифода намудани фикрҳо дуруст риоя карда намешавад. |
| 3 | Сатҳи сеюм, казои (қаноатбахш) | - нисбат ба мафҳум ва муҳтавои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ маълумоти қаноатбахш дорад;<br>- дар рафти муҳокимаронӣ бо рабт ифода гардидан қаноаткунанда аст;<br>- дар дарки (сарфаҳм)-и моҳияти масъала (мавзуъ)-и асосӣ сустӣ дорад;<br>- дар баён намудан ва хулосабароӣ мушкили дорад. |
| 4 | Сатҳи чорум, хуб | - оид ба масъалаҳои матраҳшаванда дониш ва маълумоти хуб дорад;<br>- донишҳои азбар намудаашро дар амал татбиқ карда метавонад; |

| | | |
|---|---|---|
| | | - дар рафти баён намудани фикр мустақилият дида шуда, ақидаҳо дар як низоми муайян ифода карда мешавад;<br>- дар сатҳи зарурӣ (хуб) масъаларо таҳлил намуда, хулосабарорӣ карда метавонанд;<br>- нутқи бурро, муассир, фаҳмо ва равону беғалат дорад;<br>- дар таҳлил ва хулосабарории масъалаи матраҳшаванда мустақилият дорад. |
| 5 | Сатҳи панҷум, баланд | - дониш ва маълумоте, ки дорад ба талабот ҷавобгӯ, аст;<br>- салоҳияти худро дар раванди таълиму тарбия эҷодкорона метавонад **корбандӣ** намояд;<br>- нутқи бурро, фаҳмо ва саҳеҳ дорад;<br>- мавзуро дар сатҳи баланд таҳлил намуда, хулосаҳои амиқу дақиқ мебарорад, оид ба масъалаи мазкур дониш ва фаҳмиши баландро соҳиб аст. |

Ба мо лозим омад, ки амсилаи (барнома)-и омодакунӣ, ташаккул ва рушди хонандагони синфҳои болии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро ба востаи истифодаи тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар асоси ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил таҳрезӣ намуда, ташкил карда гузаронидани озмоиши педагогӣ бо мақсади муайян намудан ва ҳалли масъалаҳои омода намудани хонандагонро ба нақша даровардем. Дар ин равнд вазифаҳои асосӣ барои муайян ва мутобиқ намудани шароити педагогӣ (тарбия) буданд, метавонад раванди тайёрӣ, пешбурду корбандии кори таълиму тарбивии омӯзгорон ва хонандагони МТМУ-ро хубтару дурусттар ба роҳ монад.

Мо дар рафти муайян намудани шароити педагогӣ ва миқдори соат (тибқи барномаи таълимӣ) ва омилҳои дигарро ба эътибор гирифтем, ки барои омода намудани хонандагони МТМУ дар раванди гузаронидани машғулиятҳо, чорабиниҳо ва амсоли он ба тарбияи хислатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон тавъам бошанд. Ин омилҳо боис гардиданд, ки заминаи таълимӣ-тарбиявӣ оид ба омодасозии омӯзгорон ва хонандагон дуруст ва ҷавобгӯ ба талаботи шароити педагогӣ бошад.

Дар марҳалаи аввали ташкил карда гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ нақшаҳои таълимро мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, барномаи таълимии «Адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI» барномаҳои корӣ аз рӯи фанни таълимӣ омӯхта шуданд. Вазъи омӯзиш ба корбурди масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ дар асоси ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ба анҷом расонида шуд. Ҳолати омӯзиш ва таҳлили

масъалаи андешаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ва татбиқи онҳо дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоии МТМУ дар марҳилаи мазкур ба пуррагӣ таҳқиқ гардида, нокифоягӣ ва ба талаботи рӯз бапуррагӣ ҷавобгӯ набудани он муайян карда шуд. Таҳқиқ ва тадқиқоти гузаронидашуда далели он шудаанд, ки омӯзиши мавзуи матраҳшаванда талаботи вазъи ба миёномадаи ҷомеаи мусирро оид ба тайёр намудани хонандагони синфҳои болоӣ МТМУ оид ба тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ пурра қаноатманд карда наметавонад. Илова бар ин, оид ба мавзуи мазкур дар барномаи таълимӣ 10 соат ҷудо карда шудааст, ки ин барои дар руҳияи баланди маънавӣ-ахлоқӣ тарбия намудани хонандагон басанда нест.

Дар давоми марҳалаи дувум вобаста ба нақша ва барномаи таълимии тартибдодашуда, ба мо лозим омад, ки корҳои зеринро ба анҷом расонем:

- муайян ва дақиқ кардани шаклҳо-роҳҳо, тарзу усул ва воситаҳои гузаронидани чорабиниҳои таълиму тарбиявӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда вобаста ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон дар асоси андешаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил;

- муайян намудан ва ба низом даровардани асарҳои насрӣ ва назмии Мирзо Абдулқодири Бедил дар боби тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон;

- бо мақсади омода намудани омӯзгори фаннӣ, роҳбари синф ва дигар омӯзгорони синфҳои озмоишвӣ ва назоратӣ дар МТМУ-и №10 шаҳри Бохтар ва МТМУ-и №18-и ноҳияи Кӯшониён машваратҳо, музокира, суҳбатҳо ва дигар чорабиниҳо ташкил карда гузаронида шуд;

- дар рафти омӯзиш ва таҳлили асарҳои Мирзо Абдулқодири Бедил, ки ба мавзуи тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ тааллуқ дошта, аз тариқи технологияи компютерӣ корбаст карда шуданд;

- дар маҳфилҳои фанни «Адабиёт» корҳои амалӣ оид ба масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон ба нақша гирифташуда, роҳандозӣ карда шуд;

- ҳамаи чорабиниҳое, ки вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда бояд гузаронида мешуданд, ба нақша гирифта шуданд.

Дар марҳалаи севуми корҳои озмоишвӣ вазифаҳои зерин ба анҷом расонида шуданд:

- қабл аз ҳама, натиҷаҳои таҳқиқот оид ба мавҷудияти соатҳои таълимӣ ва мавзуъҳои омӯхташаванда дар барномаи таълимӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудаанд;

- омодасозии хонандагон ба масъалаи маънавӣ-ахлоқӣ ва натиҷаҳои он дар гурӯҳҳои озмоишвӣ ва назоратӣ муайян карда шуданд;

- сатҳу сифати дониш, маълумот, дарк ва фаҳмиши маънавӣ-ахлоқии хонандагони гурӯҳҳои озмоишвӣ ва назоратӣ муайян карда шуданд;

- натиҷаҳои таҳлили сатҳу сифати  омодагӣ ва донишандӯзии хонандагон тибқи нишондодҳои коркарднамудани тарбияи маънавӣ- ахлоқии хонандагон дар асоси ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ба хонандагони синфҳои болии МТМУ таъсири судманд расонид;

- натиҷаҳои бадастрасида оид ба озмоиши маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ дар асоси ақидаҳои  педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ба воситаҳои машғулиятҳои назариявӣ, маҳфилҳо, машаваратҳо, чорабиниҳои тарбиявии синфӣ, беруназсинфӣ ва ба монанди инҳо санҷида шудаанд;

- омӯзиш, озмоиш, мушоҳида ва санҷишҳои ташкилкарда гузаронидашуда ошкор намудаанд, ки омӯзиш ва таълими тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ дар асоси ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил дар дараҷаи бояду шояд қарор надорад;

- муҳимият ва ҳатмию зарурӣ будани омӯзиши тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ дар асоси ақидаҳои педагогии  Мирзо Абдулқодири Бедил  ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таҳқиқот коркард карда шуд.

Баъд аз ташкил карда гузаронидани  машғулиятҳои назариявӣ –(суҳбатҳо, машваратҳо, конфиренсияҳои назариявӣ, семинари махсус, маҳфилҳо, саволу ҷавобҳо ва амсоли инҳо) ва чорабиниҳои тарбиявию беруназсинфӣ (навиштани иншо, эссе, вохӯриҳо бо шоирон, олимон, адибон, Бедилхонӣ кор бо китобҳо, маҷаллаҳо рӯзномаҳои даврӣ оид ба мавзуъ, тамошои кинофилмҳо оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил, пурсишҳо, анкетаҳо ва ғайра) дар доираи мавзуи  таҳқиқшаванда омили ташаккул ва такомули хислатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони МТМУ дар омода намудани хонандагон дар руҳияи маънавӣ-ахлоқӣ дар гуруҳҳои назоративу санҷишӣ сатҳу сифат нисбатан тағйир ёфт.

Дар рафти таҳқиқот, мо ба гурӯҳҳои озмоишвӣ ва назоратӣ аз ҳисоби хонандагони МТМУ-и №10 шаҳри Бохтар ва МТМУ-и №18 ноҳияи Кӯшониён дар маҷмуъ 100 нафарро интихоб намудем. Яъне, аз МТМУ-и №10 шаҳри Бохтар ду синф синфи 10$^{А}$ назоратӣ ва синфи 10$^{Б}$ озмоишвӣ- ҷамъ 50 нафар ва ҳамчунин ду синф аз МТМУ-и №18 ноҳияи Кӯшониён синфи 10$^{А}$ назоратӣ ва синфи 10$^{Б}$ озмоишвӣ - ҷамъ 50 нафарро интихоб намудем. Бояд таъкид кард, ки дар маҷмуъ бо мақсади ташкил карда гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ мо аз ду МТМУ - (10 ва 18) 50 нафарӣ, 100 нафарро ба ҳисоб гирифтем ва корҳои озмоишвию санҷиши дар байни 100 нафар хонандагон ташкил карда гузаронида шуд.

Пас аз он ки мақсад, мазмун, моҳият ва муҳтавои асосии саволнома ба хонандагони синфҳои 10$^{А}$ ва 10$^{Б}$-и МТМУ-и №10-и шаҳри Бохтар ва синфҳои 10$^{А}$ ва 10$^{А}$-и МТМУ-и №18 ноҳияи Кӯшониён фаҳмонида дода шуд, саволномаҳо ба хонандагон барои ҷавоб додан пешниҳод карда шуданд. Дар рафти гузаронидани озмоиш, яъне ҳангоми ҷавоб гуфтани хонандагон ба саволҳои саволнома (анкета) ба масъалаҳои барои хонандагон нофаҳмо равшанӣ андохта шуд.

Дар ин ҷо як нуқтаро таъкид кардан лозим аст, ки мо ба ҳайси мактабҳои озмоишвию назоратӣ як МТМУ аз шаҳри Бохтар ва як мактаби дигар аз ноҳияи Кӯшониён интихоб намудем. Мақсад аз чунин интихоб аз он иборат аст, ки сатҳу сифати дониш ва тарбияи маънавӣ- ахлоқии хонандагогни МТМУ-и шаҳр ва деҳотро муайян намоем. Муайян намудани сатҳу сифати дониш ва тарбияи маънавӣ-ахлоқии ин МТМУ ба мо имкон медиҳад, ки оид ба мавзуи матраҳшаванда дар ин МТМУ бештар кадом шаклҳо, роҳҳо тарзу усул ва воситаҳоеро роҳандозӣ намудан лозим аст, ки ба хонандагон таъсири бештари мусбат расонад.

Дар ин ҷо ҳамин нуқтаро бояд зикр намоем, ки саволномаҳо (анкета) ба хонандагони синфҳои 10$^{А}$ ва 10$^{Б-}$и (мутаносибан 11$^{А}$ ва 11$^{Б}$) МТМУ №10 шаҳри Бохтар ва 10 $^{А}$ ва 10 $^{Б}$ (мутаносибан 11$^{А}$ ва 11$^{Б}$) МТМУ № 18 ноҳияи Кӯшониён (10 савол) айнан ҳамон саволҳоеро дар бар мегирифтанд, ки ба хонандагони синфҳои 10$^{А}$, 10$^{Б}$, 10$^{В}$, 10$^{Г}$-и МТМУ №10-и шаҳри Бохтар ва 10$^{А}$, 10$^{Б}$, 10$^{В}$, 10$^{Г}$-и МТМУ №18 ноҳияи Кӯшониён, пеш аз гузаронидани таҷриба (ҷамъ 200 хонанда) пешниҳод карда шуда буданд.

Саволнома (анкета), ки аз 10 савол (айнан саволҳое ки дар давраи пеш аз озмоиш ҷой доштанд) ба хонандагони синфҳои $10^{А}$, $10^{Б}$ (муносибатан $11^{А}$ ва $11^{Б}$) МТМУ-и № 10 шаҳри Бохтар ва $10^{А}$ ва $10^{Б}$ (мутаносибан $11^{А}$ ва $11^{Б}$) МТМУ №18 ноҳияи Кӯшониён (ҷамъ 100 хонанда) тақсим карда шуд.

Саволнома дар шакл ва мазмуни зайл ба хонандагони синфҳои $11^{А}$ ва $11^{Б}$ МТМУ-и №10 шаҳри Бохтар ва $11^{А}$ ва $11^{Б}$ МТМУ-и №18 ноҳияи Кӯшониён (ҷамъ 100 нафар) пешниҳод карда шуд.

САВОЛНОМА

Мактаби №_________
Синфи_____________
Ноҳияи ____________________________________________
Шаҳри_____________________________________________

2) Мирзо Абдулқодири Бедил кадом сол ва дар куҷо таваллуд шудааст?
_____________________________________________________________________
_______________________________________________________________2)
Кадом асарҳои Мирзо Абдулқодири Бедилро номбар карда метавонед? Номбар намоед.
_____________________________________________________________________
_______________________________________________________________

3) Мирзо Абдулқодири Бедил дар осори худ кадом сифатҳои маънавӣ- ахлоқии инсонро таърифу тавсиф кардааст?
_____________________________________________________________________
____________________________________________________________

4) Меҳвари (асоси) таълимоти гуманистии шоирро чи ташкил медиҳад?
_____________________________________________________________________
_____________________________________________________________

5) Шоир яке аз сабабҳои паст ва хароб гаштани маънавиёт ва ахлоқи ҷомеаро дар чӣ медонист?
_____________________________________________________________________
_____________________________________________________________

6) Ҷавҳари (асоси) таълимоти ахлоқии Мирзо Абдулқодири Бедил аз кадом сифатҳои ахлоқӣ иборат мебошад?
_____________________________________________________________________
______________________________________________________________

7. Асоси ақидаҳои иҷтимоӣ – сиёсии Абдулқодири Бедилро чӣ ташкил медиҳад?___________________________________________________________
______________________________________________________________

8. Мирзо Абдулқодири Бедил, дар ташаккул ва рушди шахси комил кадом омилҳоро асосӣ ҳисобидааст?
_____________________________________________________________________
______________________________________________________________

9. Мирзо Абдулқодири Бедил дар эҷодиёти худ кадом сифатҳои бади (шарри) инсонро мазаммат (танқид) кардааст?

______________________________________________________________

______________________________________________________

10. Ба андешаи Мирзо Абдулқодири Бедил дӯстӣ байни одамон чи тавр бояд бошад?

______________________________________________________________

__________________________________________________________

---

Баъди омӯзиш таҳлил ва таҳқиқи ҷавобҳо ба саволҳои саволномаи (анкета)-и ба хонандагон пешниҳодшуда, ба ҳар як савол дар алоҳидагӣ мушаххас ва дақиққорона омӯхта, таҳлил ва натиҷагирӣ карда шуд. Ҷавобҳо ба саволҳои саволнома дар шакли ҷадвал чунин натиҷа доданд.

*Ҷадвали №4. Нишондиҳандаи донишҳои хонандагони (синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ) баъд аз гузаронидани озмоиш дар МТМУ №10 шаҳри Бохтар, синфҳои $10^А$, $10^Б$ ($11^А$, $11^Б$)*

| № | Савоҳо | Ҷавоби дуруст | Ҷавоби нопурра | Ҷавоби нодуруст | Ҷавоб надодааст | Намедонад | Шумора бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Мирзо Абдулқодири Бедил кадом сол ва дар куҷо таваллуд шудааст? | 75% | 20% | 3% | 2% | 0% | 100% |
| 2 | Кадом асарҳои Мирзо Абдулқодири Бедилро номбар карда метавонед? Номбар намоед | 85% | 15% | 0% | 0% | 0% | 100% |
| 3 | Мирзо Абдулқодири Бедил дар осори худ кадом сифатҳои маънавӣ-ахлоқии инсонро таърифу тавсиф кардааст? | 77% | 20% | 3% | 0% | 0% | 100% |
| 4 | Меҳвари (асоси) таълимоти гуманистии шоирро чи ташкил медиҳад? | 68% | 7% | 7% | 10% | 8% | 100% |
| 5 | Шоир яке аз сабабҳои паст ва хароб гаштани маънавиёт ва ахлоқи ҷомеаро дар чӣ медонист? | 80% | 8% | 10% | 2% | 0% | 100% |
| 6 | Ҷавҳари (асоси) таълимоти ахлоқии Мирзо Абдулқодири Бедил аз кадом сифати ахлоқӣ иборат мебошад? | 78% | 12% | 5% | 5% | 0% | 100% |
| 7 | Асоси ақидаҳои иҷтимоӣ сиёсии Абдулқодири Бедилро чи ташкил медиҳад? | 65% | 17% | 10% | 8% | 0% | 100% |
| 8 | Мирзо Абдулқодири Бедил, дар ташаккул ва рушди шахси комил кадом омилҳоро асосӣ ҳисобидааст? | 55% | 18% | 12% | 10% | 5% | 100% |
| 9 | Мирзо Абдулқодири Бедил дар эҷодиёти | 55% | 14% | 16% | 8% | 7% | 100% |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | худ кадом сифатҳои бади (шарри) инсонро мазаммат (танқид) кардааст? | | | | | | |
| 10 | Ба андешаи Мирзо Абдулқодири Бедил дӯстӣ байни одамон чи тавр бояд бошад? | 77% | 23% | 0% | 0% | 0% | 100% |

*Ҷадвали №5. Нишондиҳандаи донишҳои хонандагони (синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ) МТМУ №18 ноҳия Кӯшониён синфҳои 10 [А], 10[Б] (11[А], 11[Б]), баъд аз гузаронидани озмоиш.*

| № т/р | Савоҳо | Ҷавоби дуруст | Ҷавоби нопурра | Ҷавоби нодуруст | Ҷавоб надодааст | Намедонад | Шумора бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Мирзо Абдулқодири Бедил кадом сол ва дар куҷо таваллуд шудааст? | 90% | 10% | 0% | 0% | 0% | 100% |
| 2 | Кадом асарҳои Мирзо Абдулқодири Бедилро номбар карда метавонед? Номбар намоед | 86% | 14% | 0% | 0% | 0% | 100% |
| 3 | Мирзо Абдулқодири Бедил дар осори худ кадом сифатҳои маънавӣ-ахлоқии инсонро таърифу тавсиф кардааст? | 73% | 20% | 7% | 0% | 0% | 100% |
| 4 | Меҳвари (асоси) таълимоти гуманистии шоирро чи ташкил медиҳад? | 73% | 20% | 7% | 0% | 0% | 100% |
| 5 | Шоир яке аз сабабҳои паст ва хароб гаштани маънавиёт ва ахлоқи ҷомеаро дар чи медонист? | 48% | 38% | 3% | 2% | 8% | 100% |
| 6 | Ҷавҳари (асоси) таълимоти ахлоқии Мирзо Абдул-қодири Бедил аз кадом сифати ахлоқӣ иборат мебошад? | 65% | 20% | 0% | 8% | 7% | 100% |
| 7 | Асоси ақидаҳои иҷтимоӣ – сиёсии Абдулқодири Бедилро чи ташкил медиҳад? | 43% | 22% | 8% | 12% | 15% | 100% |
| 8 | Мирзо Абдулқодири Бедил дар ташаккул ва рушди шахси комил кадом омилҳоро асосӣ ҳисобидааст? | 48% | 22% | 0% | 20% | 10% | 100% |
| 9 | Мирзо Абдулқодири Бедил дар эҷодиёти худ кадом сифатҳои бади (шарри) инсонро мазаммат (танқид) кардааст? | 58% | 33% | 0% | 7% | 2% | 100% |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 10 | Ба андешаи Мирзо Абдулқодири Бедил дӯстӣ байни одамон чи тавр бояд бошад? | 65% | 15% | 0% | 12% | 8% | 100% |




*Диаграммаи 2. Нишондиҳандаи донишҳои хонандагони (синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ) МТМУ №18 ноҳия Кӯшониён синфҳои 10 $^{А}$, 10$^{Б}$ (11$^{А}$, 11$^{Б}$), баъд аз гузаронидани озмоиш.*

Бояд зикр кард, ки баъди ҷамъбаст намудани ҳар як саволи саволнома дар алоҳидагӣ маълум мегардад, ки машғулиятҳои таълимӣ ва чорабиниҳои тарбиявие, ки дар гурӯҳҳои озмоишвӣ ва назоратӣ ташкил карда гузаронида шуданд дар баланд бардоштани сатҳу сифати дониш, дарк кардани фаҳм ва сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон таъсири мусбат расонид.

Масалан, агар мо ба ҷавобҳои пешниҳоднамудаи хонандагони синфҳои $10^а$, $10^б$ ($11^а$, $11^б$) МТМУ №10-и шаҳри Бохтар таваҷҷуҳ намоем, натиҷагирӣ чунин аст:

**Ба саволи аввал: Мирзо Абдулқодири Бедил кадом сол ва дар куҷо таваллуд шудааст?** Агар ба ин савол то озмоиш ҷавоби дуруст – 40 фоизро ташкил мекард баъд аз озмоиш бошад – 75 фоизро ташкил додаст, ҷавоби нопурра то озмоиш - 42% аст баъди озмоиш - 20% ҷавоб додаанд, ҷавоби нодуруст то озмоиш - 8% бошад баъди озмоиш - 3% ҷавоб додааст, то озмоиш - 6%, баъди озмоиш – 2 фоизро ташкил кардааст, намедонанд то озмоиш - 4%, бошад, баъди озмоиш – 0 фоизро ташкил додааст.

**Ба саволи дувум: Кадом асарҳои Абдулқодири Бедилро номбар карда метавонед?** Номбар намоед. Ба саволи пешниҳодшуда то озмоиш - 45% ҷавоби дуруст дода бошанд, пас баъд аз озмоиш бошад ба ин савол - 85% ҷавоби дуруст додаанд, ҷавоби нопурра бошад то озмоиш - 27 фоизро ташкил карда бошад пас баъд аз озмоиш бошад - 15 фоизро дар бар гирифтааст, ба ҷавоби нодуруст бошад, то озмоиш - 9 фоизро ташкил кардааст, пас баъд аз гузаронидани озмоиш - 0 фоизро ташкил кардааст, яъне ба ин савол ягон нафар ҷавоби нодуруст надодаанд. Хонандагоне, ки ба саволи гузошташуда ҷавоб надодаанд агар то гузаронидани озмоиш - 9 фоизро ташкил мекарданд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш ба саволи мазкур ҳама ҷавоб навиштаанд, яъне сифр - 0 фоизро ташкил кардааст. Хонандагони ба саволи пешниҳодшуда навиштаанд, ки ҷавобро намедонанд то гузаронидани озмоиш чунин хонандагон -10 фоизро ташкил мекарданд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш ҳамаи хонандагон ҷавоб додаанд, яъне сифр - 0 фоизро ташкил кардаанд.

**Ба саволи савум: Мирозо Абдулқодири Бедил дар асарҳои худ кадом сифатҳои маънавӣ-ахлоқии инсонро таърифу тасниф кардааст?**

Ба саволи мазкур хонандагон то озмоиш - 30% ҷавоби дуруст дода бошанд, баъд аз гузаронидани озмоиш бошад ба ин савол - 77% ҷавоби дуруст додаанд, ҷавоби нопурра бошад, то озмоиш - 40 фоизро ташкил карда бошад, пас баъд аз озмоиш - 20 фоизро дар бар гирифта аст ба ҷавоби нодуруст бошад то озмоиш - 13 фоизи хонандагон ҷавоби нодуруст дода бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш бошад, - 13% ҷавоби нодуруст додаанду халос. Хонандагоне, ки ба ин савол агар то гузаронидани озмоиш - 13% ҷавоб надода бошанд, пас баъд аз

гузаронидани озмоиш бошад ба ин савол ҳама хонандагон ҷавоб гуфтаанд, яъне - 0 фоизро ташкил карда анд хонандагоне, ки ба саволи мазкур ҷавоб додаанд, ки «намедонанд», агар то гузаронидани озмоиш - 4 фоизро ташкил карда бошад пас баъд аз гузаронидани озмоиш чунин хонандагон нестанд, яъне - 0 фоизро ташкил кардаанд.

**Ба саволи чорум: Меҳвари (асоси) таълимоти гуманистии шоирро чи ташкил медиҳад?**

Ба ин саволи пешниҳодшуда то гузаронидани озмоиш ҳамаги - 26 фоизи хонандагон ҷавоби дуруст дода бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш ин рақам ба - 68% расидааст, яъне, ки ин нишондод ба - 42% баланд рафтааст, ҷавоби нопурра бошад, агар хонандагон то гузаронидани озмоиш - 20% ба савол ҷавоби ноппура дода бошанд, пас аз гузаронидани ин рақам ба - 7% омада расидааст, агар - 17 фоизи хонандагон ба саволи мазкур то озмоиш ҷавоби нодуруст дода бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш ин нишондод - 7 фоизро ташкил додаст, ки ин аз - 10 фоизи болоравӣ дарк медиҳад. Хонандагоне, ки ба савол тамоман ҷавоб надодаанд агар то гузаронидани озмоиш - 22 фоизро ташкил дода бошад, пас баъд аз гузаронидани озмоиш ин рақам ба -10% фаромада аст, яъне ки то - 12% боло рафта аст. Ба саволи гузошташуда, агар то гузаронидани озмоиш 15 фоизи хонандагон навишта бошанд, ки ҷавобро тамоман «намедонанд», пас аз гузаронидани озмоиш бошад, чунин ҷавоб то ба 8% омада расидааст, яъне донишу фаҳмиш ба маълумоти хонандагон то ба 7% боло рафта аст.

**Ба саволи панҷум: Шоир яке аз сабабҳои паст ва хароб гаштани маънавиёт ва ахлоқи ҷомеаро дар чи медонист?**

Ба саволи мазкур, агар хоандагон дар давраи то озмоиш ҳамаги 20% ҷавоби дуруст дода бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш 80% ҷавоби дуруст додаанд, яъне ин нишондод то 60% баланд рафта аст. Ҷавоби нопурра ба саволи пешниҳодшуда то озмоиш 30 фоизи хонандагон дода бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш бошад ин рақам ба 80% расидааст, ки ин нишондоди хеле баланд ба ҳисоб меравад. Ба саволи баррасишуда, то давраи гузаронидани озмоиш агар 30 фоизи хонандагон ҷавоби нодуруст пешниҳод карда бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш ин рақам то ба 8% расида аст, ки ин дастоварди хуб ба ҳисоб меравад. Хонандагоне, ки ба савол ҷавоб надодаанд то

гузаронидани озмоиш 8 фоизро ташкил дода будаанд, баъд аз озмоиш бошад ин рақам то ба 2% дакка хӯрдааст. Яъне то 6% боло рафтааст. Хонандагоне, ки ба савол тамоман ҷавобро «намедонанд» агар то гузаронидани озмоиш 10 фоизро ташкил карда бошад, пас баъд аз озмоиш ин рақам то ба сифр 0% фаромада аст, яъне ҳама хонандагон ҷавоб навиштаанд.

**Ба саволи шашум: Ҷавҳари (асоси) таълимотии ахлоқии Мирзо Абдулқодири бедилро чи ташкил медод?** Ба саволи пешниҳодшуда, то давраи гузаронидани озмоиш ҳамаги 32 фоизи хонандагон ҷавоби дуруст додаанд. Ин рақам баъд аз гузаронидани озмоиш бошад то ба дараҷаи 78% расида аст, ки ин аз баланд рафтани донишу маълумот нисбати саволи гузошташуда мебошад. Яъне, дониши хонандагон то 46% оид ба масъалаҳои таҳқиқшаванда боло рафтааст. Агар то давраи гузаронидани озмоиш ба саволи мазкур 26 фоизи хонандагон ҷавоби нопурра дода бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш ба ин савол 12 фоизи хонандагон ҷавоби нопурра додаанд, ки ин нишондод то 14% боло рафта аст. Ба саволи пешниҳодшуда, агар то гузаронидани озмоиш бошад 5 фоизи хонандагон ҷавоби нодуруст додаанд, дигарон ҳама ҷавоби дуруст додаанд. Хонандагоне, ки ба ин савол ҷавоб надодаанд чунин арзёби шудааст: яъне, то гузаронидани озмоиш 27 фоизи хонандагон ба савол ҷавоб надодаанд, баъд аз гузаронидани озмоиш бошад ин рақам то ба 5% фаромада аст, ки ин нишондод то ба 22% болоравиро нишон медиҳад. Ба саволи пешниҳодшуда ҷавобро намедонанд агар то озмоиш 11 фоизро ташкил карда бошад, пас баъд аз гузаронидани озмоиш бошад ин рақам то ба сифр 0% паст фаромада аст, яъне, хонандагоне, ки ба ин савол ҷавобро «намедонанд», умуман нест, ҳама ҷавоб навиштаанд.

**Ба саволи ҳафтум: Асоси ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ Абдулқодири Бедилро чӣ ташкил медод?** Ба саволи пешниҳодшуда агар то гузаронидани озмоиш ҳамаги 13% хонандагон ҷавоби дуруст дода бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш 65% хонандагон ҷавоби дуруст додаанд. Ба савол ҷавоби нопурра бошад, то озмоиш 13 фоизи хонандагон пешниҳод карда бошанд, ки баъд аз озмоиш ба ин савол 18% ҷавоб навиштаанд. Агар ба саволи гузошташуда то давраи озмоиш 28 фоизи хонандагон ҷавоби нодуруст дода бошанд, пас  баъди гузаронидани озмоиш 10 фоизи хонандагон ҷавоби дуруст додаанд, ки ин то ба дараҷаи 18% болорави ба назар мерасад. Хонандагоне, ки

то гузаронидани озмоиш ба саволи мазкур 28% ҷавоб дода натавонистаанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш бошад ҳамаги 8 фоизи хонандагон ҷавоб надодаанд, ки ин нишондод 20% фарқият дорад, яъне бештари онҳо ҷавоб додаанд. Хонандагоне, ки ба ин саволи матраҳшаванда ҷавоби «намедонам» навиштаанд то гузаронидани озмоиш 18 фоизро ташкил карда бошад, пас баъд аз гузаронидани озмоиш чунин хонандагон 9 фоизро ташкил кардаанд. Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки боқимондаи ҳамаи хонандагон ҷавоб додаанд.

**Ба саволи ҳаштум: Мирзо Абдулқодири Бедил, дар ташаккул ва рушди шахси комил кадом омилҳоро асоси ҳисобидааст?** Агар ба ин саволи пешниҳодшуда то гузаронидани озмоиш 4% ҷавоби дуруст дода бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш 44% хоанадагон ба ин савол ҷавоби дуруст додаанд, ки дастоварди хеле назаррас мебошад, яъне дастовард 40% боло рафтааст, ба саволи мазкур то озмоиш 29% хонандагон ҷавоби нопурра додаанд, баъд аз гузаронидани озмоиш бошад ин нишондод то 18% расида аст, ки ин нишондод то ба 11% болоравиро нишон медиҳад. Агар ба саволи баррасишаванда то гузаронидани озмоиш 23фоизи хонандагон ҷавоби нодуррust дода бошанд пас баъд аз гузаронидани озмоиш бошад, ин рақам ба 14% рафта расида аст, ки ин нишондоди хуб ба ҳисоб меравад. Хонандагоне, ки ба ин саволи пешниҳодшуда то гузаронидани озмоиш 28% ҷавоби нодуруст дода бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш шумораи чунин хонандагон ба 14% расид, ки ин нишондод пешравии назаррас ба ҳисоб меравад. Хонандагоне, ки ба саволи таҳқиқшаванда то гузаронидани озмоиш ҷавоб надодаанд 28 фоизро ташкил карда бошад, пас баъд аз гузаронидани озмоиш хонандагон чунин ҷавоб дода, ба 16% омада расидааст, ки ин 12% кам буда аз пешарвӣ ва муваффақияти кор дарак медиҳад. Ба саволи мазкур, то гузаронидани озмоиш 16 фоизи хонандагон навиштаанд, ки ҷавоби саволро «намедонанд», ки ин нишондод аз 50% муваффақияти пешравии кор дарак медиҳад.

**Ба саволи нуҳум: Мирзо Абдулқодири Бедил дар эҷодиёти худ кадом сифатҳои бадӣ (шаррӣ) инсонро мазамат (танқит) кардааст?** Агар дар саволи пешниҳодшуда то гузаронидани озмоиш 22% ҷавоби дуруст дода бошанд, пас ин рақам баъд аз гузаронидани озмоиш 55 фоизи хонандагон ҷавоби дуруст пешниҳод кардаанд, ки ин нишондоди хеле хуб ба шумор меравад. То давраи гузаронидани озмоиш ба саволи мазкур, 34 фоизи

хонандагон ҷавоби нопурра додаанд баъд аз гузаронидани озмоиш бошад шумораи чунин хонандагон ба 14% расидааст, ки ин аз 20 фоизи болоравии сифати кор дарак медиҳад. Ба саволи гузошташуда то гузаронидани озмоиш 12 фоизи хонандагон ҷавоби нодуруст додаанд, баъд аз гузаронидани озмоиш бошад ин нишондод ба 16% барорбар гаштааст. Хонандагоне, ки ба саволи мазкур то давраи гузаронидани озмоиш ҷавоб надодаанд 28 фоизро ташкил кардааст ин нишондод баъд аз гузаронидани озмоиш бошад, 8 фоизро дар бар гирифтааст, яъне озмоиши гузаронида то 20% ба хонандагон таъсири мусбат расонидааст. Хонандагоне, ки ба ҷавоби савол, то гузаронидани озмоиш, навиштаанд, ки ҷавобро «намедонам» 12 фоизро ташкил кардааст баъд аз гузаронидани озмоиш бошад ин рақам ба 7% баробар шудааст. Яъне, ки хонандагоне, ки ҷавобро «намедонам» навишта буданд, баъд аз гузаронидани озмоиш 5% кам гаштааст.

**Ба саволи даҳум: Ба андешаи Мирзо Аблулқодири Бедил дустии байни одамон чи тавр бояд бошад?** Ба ин савол, то гузаронидани озмоиш 30 фоизи хонандагон ҷавоби дуруст пешниҳод кардаанд, Баъд аз гузаронидани озмоиш бошад ин нишондод ба 77% расидааст, яъне ин масъаларо бештари хонандагон ба хуби дарк карда ҷавоби дуруст додаанд. Ҷавоби нопурра бошад, то гузаронидани озмоиш 42 фоизи хонандагонро дар бар гирифтааст, баъд аз гузаронидани озмоиш бошад ин рақам 23 фоизро ташкил кардааст. Ин аз он дарак медиҳад, ки ба ин савол хонандагоне, ки ҷавоби нопурра додаанд шумораашон хеле кам шудааст дар ҳалли ин масъала пешравии хеле хуб мушоҳида мешавад. Ҷавоби нодуруст бошад, ҷавоби хонандагон то гузаронидани озмоиш ва баъд аз он низ ба сифр 0% баробар мебошад. Яъне, хонандагон, чи то гузаронидани озмоиш ва чи баъд аз он ба саволи пешниҳодшуда ҷавоби дуруст пешниҳод накардаанд. Агар ба саволи мазкур то гузаронидани озмоиш 18 фоизи хонандагон ҷавоб надода бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш ин рақам ба сифр 0% баробар шудаанд. Ин аз он дарак медиҳад, ки ин саволро ҳамаи хонандагон ба пуррагӣ дар вақти озмоиш ба хубӣ аз худ кардаанд. Хонандагоне, ки то гузаронидани озмоиш ба саволи мазкур ҷавоби «намедонам»-ро раво дида буданд 10 фоизро ташкил карда бошад, пас ин рақам баъд аз гузаронидани озмоиш ба сифр 0% омада баробар шудааст.

Яъне хонандагон саволи пешкашударо дар раванди гузаронидани озмоиш ба пуррагӣ дарк кардаанд.

Нишондодҳои саволнома (анкета), ки дар байни хонандагони синфҳои $10^{а}$ ва $10^{б}$-и МТМУ №10-и шаҳри Бохтар гузаронида шудаанд дар шакли ҷадвали чунин аст.

*Ҷадвали №6. Нишондиҳандаи донишҳои хонандагон оид ба саволҳои саволнома баъди гузаронидани озмоиш дар синфҳои $10^{а}$ ва $10^{б}$ мутаносибан бо синфҳои $11^{а}$ ва $11^{б}$-и МТМУ №10-и шаҳри Бохтар то давраи озмоиш ва баъд аз таҷриба*

| № | Саволҳо | Ҷавоби дуруст то озмоиш / Ҷавоби дуруст баъд аз озмоиш | Ҷавоби нопурра то озмоиш / Ҷавоби нопурра баъд аз озмоиш | Ҷавоби нодуруст то озмоиш / Ҷавоби нодуруст баъд аз озмоиш | Ҷавоби надодааст то озмоиш / Ҷавоби надодааст баъд аз озмоиш | Ҷавобро намедонад то озмоиш / Ҷавоби намедо-над баъди озмоиш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Мирзо Абдулқодири Бедил кадом сол ва дар куҷо таваллуд шудааст? | 40 % / 75 % | 42 % / 20 % | 8 % / 3% | 6 % / 2 % | 4 % / 0 % |
| 2 | Кадом асарҳои Мирзо Абдулқодири Бедилро номбар карда метавонед? Номбар намоед | 45% / 85% | 27 % / 15% | 9 % / 0 % | 9 % / 0 % | 10 % / 0 % |
| 3 | Мирзо Абдулқодири Бедил дар осори худ кадом сифатҳои маънавӣ-ахлоқии инсонро таърифу тавсиф кардааст? | 30 % / 77 % | 40 % / 20 % | 13 % / 3% | 13% / 0% | 4% / 0 % |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 4 | Меҳвари (асоси) таълимоти гуманистии шоирро чи ташкил медиҳад? | 2 % / 68 % | 20% / 7% | 17% / 7 % | 22 % / 10 % | 15 % / 8 % |
| 5 | Шоир яке аз сабабҳои паст ва хароб гаштани маънавиёт ва ахлоқи ҷомеаро дар чӣ медонист? | 20 % / 80 % | 30 % / 8 % | 32 % / 10 % | 8 % / 2 % | 10% / 0% |
| 6 | Ҷавҳари (асоси) таълимоти ахлоқии Мирзо Абдулқодири Бедил аз кадом сифати ахлоқӣ иборат мебошад? | 32 % / 78 % | 26 % / 12% | 10 % / 5 % | 27 % / 5 % | 11 % / 0% |
| 7 | Асоси ақидаҳо иҷтимоӣ–сиёси Абдулқодири Бедилро чи ташкил медиҳад? | 13% / 65% | 13 % / 8 % | 28 % / 10% | 28 % / 8% | 18 % / 9 % |
| 8 | Мирзо Абдулқодири Бедил, дар ташаккул ва рушди шахси комил кадом омилҳоро асосӣ ҳисобидааст? | 4 % / 44 % | 29 % / 18 % | 23 % / 14% | 28 % / 16 % | 16 % / 8 % |
| 9 | Мирзо Абдулқодири Бедил дар эҷодиёти худ кадом сифатҳои бади (шарри) инсонро мазаммат (танқид) кардааст? | 22% / 55% | 34 % / 14 % | 12 % / 16% | 28 % / 8 % | 12 % / 7 % |
| 10 | Ба андешаи Мирзо Абдулқодири Бедил дӯстӣ байни одамон чи тавр бояд бошад? | 30% / 77 % | 42% / 23% | 0 % / 0 % | 18 % / 0 % | 10% / 0 % |

Ҳамзамон барои муайян намудани сатҳу сифати дониш, фаҳмиш ва маълумоти хонандагони гурӯҳҳои назоративу озмоишвӣ ҳамин саволномаро дар байни хонандагони синфҳои $10^{а}$ ва $10^{б}$ (мувофиқан $11^{а}$ ва $11^{б}$)-и МТМУ-и рақами 18 ноҳияи Кӯшониён барои гирифтани ҷавоб баъд аз гузаронидани озмоиш тақсим карда шуд.

Бояд ҳамин нуқтаро зикр намоем, ки дар синфҳои $10^{а}$ ва $10^{б}$ хонандагони МТМУ №18-и ноҳияи Кӯшониён кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки ҳамон машғулиятҳои таълимӣ ва чорабиниҳои тарбиявие, ки дар МТМУ-и №10-и шаҳри Бохтар гузаронида шуданд, айнан ҳамон машғулиятҳои таълимӣ ва чорабиниҳои тарбиявӣ ташкил карда гузаронида шаванд. Маълум гашт, ки баъд аз ташкил карда гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ ва чорабиниҳои тарбиявӣ оид ба мавзуи «Ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ» ба хонандагон таъсири мусбат расондааст. Ин аз ҷавобҳои хонандагон ба саволҳои саволнома хеле равшан аён мебошад.

Агар барои мисол гирем аз ҷавобҳои хонандагони синфҳои $10^{а}$ ва $10^{б}$ (мутаносибан $11^{а}$ ва $11^{б}$)-и назоратӣ ва озмоишвии МТМУ №18-и ноҳияи Кӯшониён хеле хуб маълум мегардад, ки онҳо ба таври зайл ҷавоб навиштаанд:

**Ба саволи якум: Мирзо Абдулқодири Бедил кадом сол ва дар куҷо таваллуд шудаст?** Агар ба ҷавобҳои хонандагон рӯ оварем, мебинем, ки ба саволи мазкур то гузаронидани озмоиш 71% хонандагон ҷавоби дуруст дода бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш ин нишондод ба 90% баробар шудааст, ки ин нишондоди хеле хуб аст, ҷавоби нопурра бошад то гузаронидани озмоиш 24 фоизи хонандагон ҷавоби нопурра додаанд баъд аз гузаронидани озмоиш бошад ин рақам то ба 10% поён рафта аст, яъне аз 24% то 10% кам шуда дар қиёс то 14% сифати кор баланд рафтааст. Хонандагоне, ки ба саволи гузошташуда ҷавоби нодуруст додаанд, то гузаронидани озмоиш 4 фоизро ташкил карданд. Ба ҳамин савол баъд аз гузаронидани озмоиш ҳама хонандагон ҷавоб додаанд, яъне хонандагони ҷавоби нодуруст дода тамоман нест, нишондод ба ин савол ба сифр 0% баробар аст.

Ба саволи мазкур, агар хонандагоне ки ҷавоб надодаанд то гузаронидани озмоиш ба як фоиз баробар бошад пас баъд аз гузаронидани озмоиш ин рақам ба сифр 0% баробар гашт, яъне хонандагони ба савол ҷавоб надода бошанд нест. Ба саволи мазкур хонандагоне, ки ҷавоби «намедонам» навишта бошанд, чӣ то давраи гузаронидани озмоиш ва чӣ баъд аз гузаронидани озмоиш нест, яъне ин маънои онро дорад, ки ҳама хонандагон ба саволи пешниҳодшуда ҷавоб навиштанд. Ин нишондод дар рақам 0 фоизро ташкил кардааст.

**Ба саволи дуюм: Кадом асарҳои Абдулқосими Бедилро номбар карда метавонед? Номбар намоед.** Ба саволи мазкур, то гузаронидани озмоиш 56 фоизи хонандагон ҷавоби дуруст додаанд, баъд аз гузаронидани озмоиш бошад 86 фоизи хонандагон ҷавобро дуруст навиштаанд, ба ҷавоби нопурра бошад то озмоиш 42% хонандагон ҷавобҳои нопурра навиштаанд, баъди гузаронидани озмоиш ин нишондод ба 14% расидааст, ки ин нишондоди хеле хуб ба шумор меравад ба саволи мазкур, чи то давраи гузаронидани озмоиш ва чи баъд аз гузаронидани озмоиш хонандагон ҷавоби нодуруст навишта нест, яъне ки нишондод дар ин рақам дар ҳарду ҳолат ҳам ба сифр - 0% баробар мебошад. Ба саволи пешниҳодшуда хонандагоне ки ҷавоб надода бошан нест. Чи дар давраи то гузаронидани ва чи баъд аз озмоиш ҳамаи хонандагон ба савол пурра ҷавоб навиштанд, ки ин нишондод дар ҳарду ҳолат ба сифр - 0% баробар мебошад. То давраи гузаронидани озмоиш 2% хонандагон навиштаанд ки ҷавобро «намедонанд» ин нишондод баъд аз гузаронидани озмоиш ба сифр 0% расидааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ин саволро хонандагон ҳама ба пуррагӣ медонанд, яъне ки хонандагон ҷавоби ин саволро намедонистагӣ нест.

**Ба саволи савум: Мирзо Абдулқодири Бедил дар асари худ кадом сифатҳои маънавӣ-ахлоқи инсонро таърифу тансиф кардааст?** Агар ба саволи матраҳшаванда то гузаронидани озмоиш 38 фоизи хонандагон ҷавоби дуруст пешниҳод карда бошанд пас баъд аз гузаронидани озмоиш бошад, 20 фоизи хонандагон ба савол ҷавоби нопура додаанду боқимонда ҳама ҷавоб навиштаанд. Ба ҷавоби нодуруст то гузаронидани озмоиш 15 фоизи онандагон ҷавоби нодуруст дода бошанд пас баъд аз гузаронидани озмоиш ин рақам 7 фоизро ташкил додааст, яъне нишондод аз 15% то 7% поин фаромадааст, ки ин

аз болоравии сифати кори озмоишви дарак медиҳад. Хонандагоне, ки ба саволи мазкур то гузаронидани озмоиш 2 фоизи хонандагон ҷавоб надода бошанд пас баъд аз гузаронидани озмоиш шумораи ҷунин хонандагон ба - 0%баробар шудааст. Агар то гузаронидани озмоиш шумораи хонандагоне, ки ба саволи пешниҳодшуда ҷавоби «намедонам» навишта 1 фоизро ташкил карда бошад пас ин нишондод ба аз гузаронидани озмоиш сифр - 0% баробар шудааст.

**Ба саволи чорум: меҳвари (асоси) таълимоти гуманистии шоирро чи ташкил медиҳад?** Ба саволи гузошташуда, агар то гузаронидани озмоиш ягон хонанда ҷавоби дуруст надода бошад пас баъди гузаронидани озмоиш 48 фоизи хонандагон ба саволи мазкур ҷавоби дуруст навиштаанд.

Ба саволи мазкур, агар то гузаронидани озмоиш 19 фоизи хонандагон ҷавоби нопурра пешниҳод карда бошанд, баъд аз гузаронидани озмоиш ин рақам ба 8% поин рафта аст, яъне ба саволи пешниҳодшуда ҳамагӣ 8 фоизи хонандагон ба савол ҷавоби нопурра навиштаанду боқӣ ҳама ҷавоби пурра додаанд. Агар ба саволи гузошташуда то гузаронидани озмоиш 23 фоизи хонандагон ҷавоби дуруст пешниҳод карда бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш ин рақам то ба 10% расидааст, ки ин нишондод аз 13 фоизи болоравии сифати ҷавобҳои хонандагон гувоҳӣ медиҳад. Хонандагоне, ки ба савол тамоман ҷавоб надодаанд, агар то гузаронидани озмоиш 25 фоизро ташкил карда бошад пас баъд аз гузаронидани озмоиш ин рақам ба 15% паст рафтааст, ки ин аз он гувоҳи медиҳад, ки 10 фоизи хонандагон ба ин савол ҷавоби дуруст додаанд.

Ба саволи мазкур агар то гузаронидани тоаҷриба 1 фоизи хонандагон ҷавоби саволро тамоман «намедонам» навишта бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш ягон хонанда дар ҷавоб «намедонам» нанавиштааст, яъне ин нишондод ба сифр - 0% баробар шудааст.

**Ба саволи панҷум: Шоир яке аз сабабҳои паст ва хароб гаштани маънавиёт ва ахлоқи ҷомеаро дар чи медонист?** Ба саволи пешниҳодшуда, агар то гузаронидани озмоиш ҳамагӣ 5 фоизи хонандагон ҷавоби дуруст пешниҳод карда бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш 48 фоизи онҳо ҷавоби дуруст додаанд, яъне ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ин нишондод то 43%

сифатан беҳтар шудааст. Агар ба саволи гузошташуда, то гузаронидани тачриба 65 фоизи хонандагон ҷавоби пурра дода бошанд, баъд аз гузаронидани озмоиш бошад, ин рақам то ба 38% омада расидааст, ки ин нишондоди хеле хуб ба ҳисоб рафта, гувоҳи болоравии сатҳи донишу маълумот ва дарки масъалаҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон мебошад. Хонандагоне, ки ба саволи матраҳшаванда то давраи гузаронидани озмоиш ҷавоби нодуруст пешниҳод карда буданд 12 фоизро ташкил медод, баъд аз гузаронидани озмоиш бошад ин нишондод то ба 3% расид, яъне, ки нишондоди сатҳу сифати кор то ба 9% баланд рафт. Хонандагоне, ки ба саволи баррасишуда то гузаронидани озмоиш тамоман ҷавоб надодаанд, 8 фоизро ташкил карда бошад, пас аз гузаронидани озмоиш ин рақам то ба дараҷаи 3% поин фуромадааст, яъне ба ин савол ҳамаги 2% ҷавоб надодаанд, боқӣ ҳама ба савол ҷавоб додаанд.Хонадагоне, ки дар ҷавоби саволи мазкур, то гузаронидани тоҷриба ҷавобро «намедонам» навиштаанд 11 фоизро ташкил карда бошад, баъд аз гузаронидани озмоиш чунин хонандагон 8 фоизро ташкил намудаанд. Яъне, ин аз он гувоҳи медиҳад, ки ин нишондод то ба 3% сифати кор баҳтар гаштааст.

**Ба саволи шашум: Ҷавҳари (асоси) таълимоти ахлоқии Мирзо Абдулқодири Бедилро чӣ ташкил медиҳад?** Ба саволи мазкур, то гузаронидани озмоиш 21 фоизи хонандагон ҷавоби дуруст пешниҳод кардаанд, аммо баъд аз гузаронида озмоиш ин нишондод то 65% расидааст, ин рақам аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҷавобҳои хонандагон болоравии сифати дониш ва фаҳмиши хонандагон то 44% боло рафта, бештар гаштааст. Чи тавре ки ҷавобҳои хонандагон ба саволи пешниҳодшуда, то гузаронидани озмоиш 34% ҷавоби нопураро ташкил карда бошад, баъд аз гузаронидани озмоиш ин рақам то 20% расидааст, яъне ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки 14% хонандагон ба ин савол ҷавоби дуруст додаанд, ки ин аз беҳтар шудани сифати ҷавоби хонандагон дарак медиҳад. Агар то давраи гузаронидани озмоиш 74 фоизи хонандагон ба саволи пешниҳодшуда ҷавоби нодуруст дода бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш, ин нишондод то ба сифр 0% баробар шудааст, ки ин далели он аст, ки ҳама хонандагон ба ин савол ҷавоби дуруст пешниҳод кардаанд, яъне дар ин ҷо низ беҳбудӣ ба назар мерасад, хонандагоне, ки ба

саволи гузошташуда умуман ҷавоб надодаанд ба ин рақам аст, то давраи гузаронидани озмоиш ба ин нишондод ба 22% баробар бошад, пас баъд аз гузаронидани озмоиш ин рақам то ба 8% расидааст. Ин гувоҳи он аст, ки 12 фоизи хонандагон ба ин савол ҷавоб додаанд. Яъне, шумораи хонандагоне, ки ҷавоб додаанд ба 12% афзудааст. Ба саволи мазкур хонандагоне, ки то гузаронидани озмоиш навиштиаанд, ки ҷавобро «намедонанд» 16 фоизро ташкил мекард, баъд аз гузаронидани озмоиш бошад, шумораи чунин хонандагон то 7% омада расидааст, яъне, агар дар қиёс гирем, пас маълум мегардад, ки 9 фоизи хонандагони дигар ба саволи пешниҳодшуда ҷавоб додаанд.

**Ба саволи ҳафтум: Асоси ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Абдулқодири Бедилро чӣ ташкил медод?**

Агар то давраи гузаронидани озмоиш ба саволи баррасишаванда ҳамагӣ 2 фоизи хонандагон ҷавоби дуруст дода бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш ба саволи мазкур 40 фоизи хонандагон ҷавоби дуруст навиштаанд. Ба саволи пешниҳодшуда то гузаронидани озмоиш 35 фоизи хонандагон ҷавоби нопурра додаанд, баъд аз гузаронидани озмоиш бошад ин рақам то 20% поин фаромадааст, ки ин аз болоравии ҷавобҳои хонандагон дарак медиҳад

Ба саволи таҳияшуда то гузаронидани озмоиш 15 фоизи хонандагон ҷавоби нодуруст навиштаанд. Баъд аз гузаронидани озмоиш бошад ҳамагӣ 8 фоизи онҳо ҷавобро нодуруст навиштаанду халос. Яъне, ки дар ҷавоби ин савол 7 фоизи дигари онҳо ҷавобро дуруст навиштаанд, ки ин аз беҳтар шудани сифати ҷавобҳои хонандагон далолат медиҳад. Агар то давраи гузаронидани озмоиш, ба саволи гузошташуда 30 фоизи хонандагон ҷавоб надода бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш ин рақам ба 12% расидааст. Яъне, ки дар қиёс, 18 фоизи хонандагони дигар ба ин савол ҷавоб дода тавонистаанд, ки ин дастоварди хеле хуб ба ҳисоб меравад.

Ба саволи таҳқиқшаванда агар 18 фоизи хонандагон то гузаронидани озмоиш ҷавоб навишта бошанд, ки ҷавоби саволро «намедонанд» пас баъди гузаронидани озмоиш ба 10% баробар шудааст, ки ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки нишондод ба 8% беҳтар аст, яъне ин маънои онро дорад, ки ба саволи

гузошташуда 18% нею, балки ҳамагӣ 8% «намедонам» навиштаанду боқӣ ҳамаи хонандагон ба ин савол ҷавоб навиштаанд.

**Ба саволи ҳаштум: Мирзо Абдулқодири Бедил дар ташаккул ва рушди шахси комил кадом омилҳоро асосӣ ҳисобидааст?** Ба саволи пешниҳодшуда агар то гузаронидани озмоиш 7 фоизи хонандагон ҷавоби дуруст дода бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш ин рақам то ба 38% расидааст. Яъне, ҷавоби дурусти хонандагон дар қиёс то ба 31% баланд рафтааст, ки ин нишондоди хеле назаррас мебошад. Агар ба саволи пешниҳодшуда то гузаронидани озмоиш 36 фоизи хонандагон ҷавоби нопурра дода бошанд, баъд аз гузаронидани озмоиш ин нишондод ба 22% расидааст, ки ин аз беҳтар шудани сифати ҷавобҳои хонандагон дарак медиҳад. Чи тавре аз ҷадвал аён мегардад, ба саволи мазкур то гузаронидани озмоиш, 5 фоизи хонандагон ҷавоби нодуруст додаанд, ин нишондод баъ аз гузаронидани озмоиш то ба сифр баробар шудааст. Ин ба он ишора мекунад, ки ба ин савол баъд аз озмоиш ҳама хонандагон ба пуррагӣ ҷавоб навиштаанд. Ба саволи таҳқиқшаванда то гузаронидани озмоиш 30 фоизи хонандагон ба савол ҷавоб надода бошанд, баъд аз гузаронидани озмоиш ин рақам ба 20% баробар шудааст, ки ин дар қиёс 10 фоизи хонандагон ба ин савол ҷавоб додаанд. Яъне, ин аз болоравӣ ва беҳтар шудани сифати кор дарак медиҳад. Хонандагоне, ки ба саволи гузошташуда то гузаронидани озмоиш навиштаанд, ки ҷавоби саволро «намедонанд» 21 фоизро ташкил кардааст. Баъд аз гузаронидани озмоиш бошад, ин нишондод то ба 10% омада расидааст. Яъне, ин аз баланд шудани сифати дониш, маълумот ва дарк намудани хислатҳои ахлоқии хонандагон шаҳодат медиҳад.

**Ба саволи нуҳум: Мирзо Абдулқодири Бедил дар эҷодиёти худ кадом сифатҳои бади (шарри) инсонро мазаммат танқид, кардааст?** Чи тавре ки ҷамъбасти саволнома нишон медиҳад, агар ба саволи гузошташуда то давраи гузаронидани озмоиш 21 фоизи хонандагон ҷавоби дуруст дода бошанд, баъд аз гузаронидани озмоиш 62 фоизи хонандагон ҷавоби дуруст пешниҳод кардаанд, ки ин аз дастовард ва муваффақияти хуби сифати дар амал иҷро намудани кори муҳаққиқ ба ҳисоб меравад. Агар то давраи гузаронидани озмоиш ба саволи пешниҳодшуда 50 фоизи хонандагон ҷавоби нопурра дода бошанд, баъд аз

гузаронидани озмоиш ин нишондод то ба 23% кам гаштааст, ки ин дар қиёс аз 17 фоизи баланд гаштани сифати хуби кори таҳқиқотӣ далолат медиҳад. То давраи гузаронидани озмоиш ба саволи мазкур 4 фоизи хонандагон ҷавоби нодуруст додаанд. Ин нишондод, баъд аз гузаронидани озмоиш то ба 0% баробар шудааст, яъне ҳамаи хонандагон ба пуррагӣ ҷавоби дуруст додаанд. Ба саволи мазкур агар то гузаронидани озмоиш 17 фоизи хонандагон ҷавоб дода натавониста бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш ин нишондод то ба 7% омада расидааст. Ин нишондод аз он шаҳодат медиҳад, ки сифати кори таҳқиқотӣ то 10% беҳтар шудааст. Хонандагоне, ки то давраи гузаронидани озмоиш ба саволи мазкур 8% аз онҳо ба ҷои ҷавоб навишатаанд, ки ҷавоби саволро «намедонам» ташкил карда бошад, пас баъд аз гузаронидани озмоиш ин рақам ба 2% баробар омад. Яъне, ҳамагӣ 2 фоизи хонандагон ба ин савол ҷавобро «намедонам» навиштаанду боқӣ ҳамаи хонандагони дигар ҷавоб навиштаанд.

**Ба саволи даҳум: Ба андешаи Мирзо Абдулқодири Бедил дӯстӣ байни одамон чи тавр бояд бошад?** То давраи гузаронидани озмоиш ба саволи пешниҳодшуда агар 36 фоизи хонандагон ҷавоби дуруст дода бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш бошанд ҷамъ 65 фоизи хонандагон ҷавоби дуруст пешниҳод кардаанд, ки ин аз боло рафтани сифати дониш, маълумот ва дарки хуби масъалаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии онҳо шаҳодат медиҳад. Ба саволи мазкур то гузаронидани озмоиш 30 фоизи хонандагон ҷавоби нопурра навиштаанд, баъд аз гузаронидани озмоиш бошад, ин рақам ба 15% расидааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки хонандагоне, ки ба ин савол ҷавоби нопурра додаанд аз 30 то 15% поён рафтааст, яъне агар дар давраи аввал 30 фоизи хонандагон ҷавоби нопурра дода бошанд пас бори дуюм 15% ҷавоби нопурра додаанд, боқӣ ҳамаи онҳо ҷавоби дуруст додаанд. Ба саволи пешниҳодшуда дар ҳарду ҳолат, ҳам дар давраи то гузаронидани озмоиш ва ҳам баъд аз озмоиш ҳамаи хонандагон ба савол дуруст ҷавоб додаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки нишондод дар ҷадвал ба сифр 0% баробар аст. Агар хонандагон ба саволи таҳқиқшаванда то гузаронидани озмоиш 20 фоизи онҳо ҷавоб надода бошанд, пас баъд аз гузаронидани озмоиш 12 фоизи хонандагон ба ин савол ҷавоби

нодуруст додаанд, боқи ҳамаи хонандагон ҷавоби дуруст додаанд. Хонандагон ба саволи пешниҳодшуда то давраи гузаронидани озмоиш ҷавоби саволро надониста 14% аз онҳо «намедонам» навишта бошанд, баъд аз гузаронидани озмоиш чунин хонандагон ҳамагӣ 8 фоизро ташкил кардаанд. Чи тавре ки мебинем дар ҷавоби ин савол шумораи хонандагоне, ки «намедонам» навишта бошанд тибқи нишондоди ҷадвал то 6% баланд рафтааст.

Бояд таъкид кард, ки нишондодҳои саволномае, ки дар байни хонандагони синфҳои $10^{А}$ ва $10^{Б}$-и МТМУ №18-и ноҳияи Кӯшониён гузаронида шуда дар шакли ҷадвал чунин аст:

*Ҷадвали №7. Нишондиҳандаи донишҳои хонандагон оид ба саволҳои саволнома баъди гузаронидани озмоиш дар синфҳои 10[а] ва 10[б] (мутаносибан 11[а] ва 11[б])*

| № | Саволҳо | Ҷавоби дуруст то озмоиш / Ҷавоби дуруст баъд аз озмоиш | Ҷавоби нопурра то озмоиш / Ҷавоби опурра баъд аз змоиш | Ҷавоби нодуруст то озмоиш / Ҷавоби нодуруст баъд аз озмоиш | Ҷавоб надодааст то озмоиш / Ҷавоб надода аст баъд аз озмоиш | Ҷавобро намедонад то озмоиш / Ҷавоби намедо-над баъди озмоиш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Мирзо Абдулқодири Бедил кадом сол ва дар куҷо таваллуд шудааст? | 71 % / 90 % | 29 % / 0 % | 4 % / 0 % | 1 % / 0 % | 0 % / 0 % |
| 2 | Кадом асарҳои Мирзо Абдулқодири Бедилро номбар карда метавонед? Номбар намоед | 56 % / 86 % | 42 % / 14 % | 0 % / 0 % | 0 % / 0 % | 2 % / 0 % |
| 3 | Мирзо Абдулқодири Бедил дар осори худ кадом сифатҳои маънавӣ-ахлоқии инсонро таърифу тавсиф кардааст? | 38 % / 73 % | 45 % / 20 % | 15 % / 7 % | 2 % / 0 % | 1 % / 0 % |
| 4 | Меҳвари (асоси) таълимоти гуманистии шоирро чи ташкил медиҳад? | 0 % / 48 % | 19 % / 8 % | 23 % / 10 % | 25 % / 15 % | 33 % / 19 % |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 | Шоир яке аз сабабҳои паст ва хароб гаштани маънавиёт ва ахлоқи ҷомеаро дар чӣ медонист? | 5 % / 48 % | 65 % / 38 % | 12 % / 3 % | 8 % / 3 % | 11 % / 8 % |
| 6 | Ҷавҳари (асоси) таълимоти ахлоқии Мирзо Абдулқодири Бедил аз кадом сифати ахлоқӣ иборат мебошад? | 21 % / 65 % | 34 % / 20 % | 7 % / 0 % | 22 % / 8 % | 16 % / 7 % |
| 7 | Асоси ақидаҳои иҷтимоӣ – сиёсии Абдулқодири Бедилро чӣ ташкил медиҳад? | 2 % / 40 % | 35 % / 20 % | 15 % / 8 % | 30 % / 12 % | 21 % / 10 % |
| 8 | Мирзо Абдулқодири Бедил, дар ташаккул ва рушди шахси комил кадом омилҳоро асосӣ ҳисобидааст? | 7 % / 38 % | 36 % / 22 % | 5 % / 0 % | 30 % / 20 % | 21 % / 10 % |
| 9 | Мирзо Абдулқодири Бедил дар эҷодиёти худ кадом сифатҳои бади (шарри) инсонро мазаммат (танқид) кардааст? | 21 % / 62 % | 50 % / 33 % | 4 % / 0 % | 17 % / 7 % | 8 % / 2 % |
| 10 | Ба андешаи Мирзо Абдулқодири Бедил дӯстӣ байни одамон чи тавр бояд бошад? | 36 % / 65 % | 30 % / 15 % | 0 % / 0 % | 20 % / 12 % | 14 % / 8 % |

Ҳамин тавр, корҳои озмоишвие, ки дар синфҳои 10-МТМУ№10-и шаҳри Бохтар ва МТМУ№18-и ноҳияи Кӯшониён ташкил карда гузаронида шуданд ба мо имкон додаанд, ки ба хулосаи зерин биёем:

1. Озмоиш ва машғулиятҳои таълимию чорабиниҳои тарбиявие, ки дар МТМУ№10-и шаҳри Бохтар ва МТМУ№18-и ноҳияи Кӯшониён дар синфҳои болоӣ (синфҳои 10, ҷамъ 200 нафар) ташкил карда гузаронида шуд, нишон медиҳад, ки на ҳамаи хонандагон дар омӯзиш ва аз худ намудани дониш хусусан «Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI» ба таври бояду шояд муносибат менамоянд.

2. Аз ҷамъбасти натиҷаҳои ҷавобҳои хонандагони синфҳои болоӣ (синфҳои X-XI) ба саволҳои дар саволнома пешниҳодшуда чунин бармеояд, ки онҳо дар ҷавоб додани саволҳои дорои сифати таҳлилӣ ва аналитикибуда мушкилии зиёд мекашанд. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки хонандагони синфҳои болоӣ (синфҳои X-XI ) дар андеша, фикр, таҳлил ва тафаккур кардани масъала мустақил нестанд. Ин ҳолат аз омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тақозои онро дорад, ки ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ ва бештар диҳанд.

3. Дар шароити ҷомеаи муосир омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди таълими фанни «Адабияти тоҷик» хусусан мавзуъҳои аҳвол ва осори мутафаккирони форсу тоҷик, ки сарупо аз панду ахлоқ ва адаб бою ғанӣ аст, барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи хонандагон, ба вижа хислатҳои маънавию ахлоқии онҳо пурсамар истифода намекунанд. Ҳол он ки барои дар сифати баланд ва дар амал татбиқ намудани ин масъала барои ин тамоми шароитҳо ва имкониятҳо муҳайё сохта шудаанд.

4. Таҳлилҳо ва озмоиш шаҳодат аз он медиҳад, ки дар шароити ҷомеаи муосир нисбат масъалаи таълиму тарбияи насли ҷавон, аз ҷумла тарбияи маънавӣ-ахлоқии онҳо зимни омӯзиши аҳвол ва осори мутафаккирони бузурги гузаштаи тоҷику форс ба таври зарурӣ дар амал татбиқ намудани он таваҷҷуҳ зоҳир карда нашуда истодааст. Бинобар ин, ба омӯзгорон, роҳбарони синф, падару модарон ва аҳли ҷомеа лозим аст, ки тамоми кӯшиши худро барои

баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбияи хонандагон, хусусан ташаккул ва рушди фазилатҳои маънавӣ ва ахлоқи неки инсонӣ равона созанд.

5. Озмоиш ва таҳлилҳо нишон додаанд, ки агар омӯзгорон ва роҳбарони синфи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ машғулиятҳои таълимӣ ва чорабиниҳои тарбиявиро дар сатҳи баланд ташкил карда гузаронанд, бо итминони комил гуфтан мумкин аст, ки раванди таълиму тарбия, аз ҷумла тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон сифатан ранги дигар гирифта, ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ мешавад.

## Хулосаи боби дуввум

Аз андешаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил, ки дар боби дувум ишора шуданд, ба чунин хулоса омадан мумкин аст.

Мирзо Абдулқодири Бедил ба ҳар як инсон муроҷиат карда, таъкид кардааст, ки ҳар як шахс бояд ба халқу миллат, ватан, ба ёру дӯстон ва дигар мардумон босидку бовафо бошад. Чунки чунин хислатҳои ахлоқи нек ҳар як инсонро ба зиндагии орому осуда, бахту саодати инсонӣ рӯзгори обод, муносибати нек ва руҳу равони осоишта оварда мерасонад.

Дар раванди ҳалли масъалаи мақому манзалат ва фазилатҳои некиву накукории инсон нисбат ба ҳамзамонони хеш хеле пеш рафта, роҳу равиш, тарзу усул ва воситаҳои кушодани гиреҳҳо дар ин раванд на фақат ҷойгоҳи одамро ба гирду атроф ва ҷомеа, балки ҷаҳони ботинӣ-маънавӣ ва моҳияти иҷтимоии шахсро низ ҷустуҷӯ кардааст.

Аз таълимоти педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил чунин бармеояд, ки ботамкинӣ, ҳалимӣ, босабру таҳаммул ва нарму мушфиқ дар пиндор, гуфтор ва рафтори одамон сабабгори беҳтар гардидани муносибатҳои байни шаҳрвандони ҷомеа шуда,метавонад .

Файласуфи бузург, дар осори хеш ба яке аз масъалаҳои муҳимми ахлоқи неки инсонӣ ваҳдату якдилӣ, тифоқиву ягонагӣ дар ҷомеа мебошад, таваҷҷуҳи махсус додааст.

Ҳамин тавр, аз таъкидҳои Мирзо Абдулқодири Бедил чунин бармеояд, ки ӯ мардумро ба ваҳдату ягонагӣ даъват намуда, итминон ба он дорад, ки маҳз ба шарофати ба ваҳдат ва ягонагӣ омадани мардум, дар ҷомеа оромиву осудагӣ ҳукмфармо шуда, пешравию тараққӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа рӯ ба рушд ва такоммул мениҳад. Ба андешаи шоир, ваҳдат, ягонагӣ ва якдилӣ барои ҳар як инсон ҳамчун об барои моҳӣ муҳим ва зарур аст.

Шоири ширинкалом, дар мавриди тарбияи ахлоқии насли ҷавон ба хислатҳои ахлоқи неки инсонӣ, аз қабили некиву накукорӣ, инсондӯстиву ватандӯстӣ, саховатмандиву ҳимматбаландӣ, хоксориву фурутанӣ, садоқату вафодорӣ, ростиву росткорӣ, ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ ва ғайра таваҷҷуҳи махсус дода, тамаъкорӣ, ғайбату шиквакорӣ, ҷоҳталабиву хасисӣ, зулму золимӣ, бадкинагӣ ва умуман хислатҳои шарри инсониро сахт зери танқид гирифтааст.

Мирзо Абдулқодири Бедил ҳамчун пайрави равияи тасаввуф ба масъалаи ахлоқу одоби солики тариқат андешаҳои худро баррасӣ карда, ба он итминон дошт, ки боодобӣ ҳамчун сифати ахлоқии инсон ба дигар хислатҳои неки инсон таъсири мусбат мерасонад.

Шоири ширинкалом, дар эҷодиёти худ хислати саховатмандиву ҳимматбаландиро яке аз фазилатҳои ахлоқи волои инсонӣ ҳисобида, хислатҳои ба монанди бухл ва кинаву адоватро рафъ карда, ниҳоди инсонро аз хислатҳои шарри одамӣ пок сохта, ба он кӯшидааст, ки дар вуҷуди ӯ хислатҳои ахлоқи нек, ба монанди мурувват, каромат, футувват ва соҳибкамолиро ҷой намуда, эҳё кунад.

Дар сиришти инсон, таъкид намудааст Мирзо Абдулқодири Бедил, ташаккул ва рушд додани сифати олиҳимматӣ, кушодадастӣ ва карам аҳамияти хеле калон дорад. Тибқи нишондоди шоир, ба карам ва ҳиммати баланд соҳиб будани инсон дар ҷомеа бениҳоят зарур ва муҳим мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки осори Мирзо Абдулқодири Бедил аз оғоз то анҷом аз панду ҳикмат ва насиҳат, ки манзурашон тарбияи фард, инсони комил аст, иборат буда, ҳамчун тарбиятгар одамонро ба фурутаниву хоксорӣ даъват

менамояд. Аз ин ҷост, ки масъалаи тарбияи инсони комил дар эҷодиёти ӯ мавқеи хосеро ишғол намуда, хислатҳои хоксориву қаноатпешагиро сарчашмаи ақлу заковат ва камолоти комили инсонӣ ҳисобидааст.

Зарурат ба таъкид аст, ки мутафаккири бузург хоксориро бо чунин хислатҳо ба монанди қаноату тамкин ва сабру таҳаммул дар пайвастагӣ ва алоқамандӣ медонист. Аз ҳамин лиҳоз, шоир дар ниҳоди инсон тарбия намудани фурутаниву хоксорӣ, қаноатпешагиву сабурӣ барин хислатҳоро бузургии ахлоқ ва тантанаи он дар ҷомеаи одамӣ медонист.

Абдулқодири Бедил кӯшиш ба харҷ додааст, ки то ҳадал имкон дар осори хеш маҳз ҳамон роҳҳо ва тарзу усулҳоеро барои хонанда пешкаш намояд, ки дар одамон тарбия намудани ҳисси дӯстиву рафоқат, меҳру муҳаббат ва раҳму шафқат нисбат ба якдигар осон гардад.

Бояд ҳамин нуктаро зикр намуд, ки шоири шаҳири давру замон масъалаи меҳру муҳаббат ба инсон, дӯстиву рафоқат, садоқату вафодорӣ, муносибати бародарона, ҳурмату эҳтироми якдигар дар байни одамонро дар раванди ташаккул ва рушди инсони комил дар мадди аввал гузошта, ба он кӯшидааст, ки роҳҳо ва тарзу усули бою ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавӣ-ахлоқии инсонро тавсия дода, ба ӯ дар ин раванд мадад расонад, ки ҳар як фард масъалаҳои ахлоқиву иҷтимоиро мустақилона ҳаллу фасл намояд.

Ба андешаи мутафаккири бузург дар муносибат ва муошират бо мардум бояд дӯстӣ ва рафоқат холисона, самимӣ ва беғаразона бошад. Инсонҳо, тибқи нишондоди шоир, дар ҷомеа ҳаёт ба сар бурда, танҳо дар ҳамин сурат метавонанд, ки дар муносибатҳои байни худ алоқаи ногусастанӣ, муносибат ва муошırати одилона ва эҳтироми содиқонаю софдилона дошта бошанд.

Аз таълимоти Мирзо Абдулқодири Бедил маълум мегардад, ки ӯ дар осори хеш ба масъалаи садоқату вафодорӣ диққати махсус дода, ин хислатҳои ахлоқи неки инсониро дар раванди дар сатҳи камолот расидани ҳар як фарди ҷомеа муҳим ҳисобидааст. Содиқу бовафо будан ба халқу миллат, ба ватан, ба ёру дӯстон ва дигарон ҳар як инсонро ба зиндагии орому осуда, бахту саодати

инсонӣ, рӯзгори обод, муносибати нек ва руҳу равони орому муътадил оварда мерасонад.

Аз таълимоти педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил чунин бармеояд, ки дар баробари дигар масъалаҳои муҳимми ахлоқии давр, масъалаи тарбияи насли наврас дар руҳияи ҳалимӣ, ботамкинӣ, босабру таҳаммул ҷойгоҳи махсусро доро буда, барои ба сатҳи комил расидани ҳар як фард, дар баробари доштани дигар сифатҳои ахлоқӣ, ин сифатҳо низ эътироф гардидаанд.

Мутафаккир дар боби масъалаи мазкур ҷонибдори чунин андеша буд, ки ҳалимӣ, нармӣ, ботамкинӣ ва сабру таҳаммул дар андеша, гуфтор ва рафтори инсонҳо боиси беҳтар гардидани муносибати байни шаҳрвандони ҷомеа шуда, оромию осудагӣ ва пойдории давлатро таъмин карда, ҳамзамон дар ташаккул ва рушди хислатҳои ахлоқи ҳамидаи ҳар як фард нақши назаррас ва боризро доро мебошад.

Масъалаи муҳимми ахлоқие, ки шоири забардаст дар осори хеш мавриди баррасӣ қарор додааст, ин ваҳдат, тифоқӣ ва якдилии мардуми ҷомеа мебошад. Мутафаккир ба он кӯшидааст, ки дар эҷодиёти хеш тавассути дӯстӣ, рафоқат, инсондӯстӣ, покизагиву шафофиятии муносибат ва муоширати байни одамон, байни қавму миллатҳо, ҳамкориву садоқатмандӣ, баробариву бародарӣ ва ҳамнафасиро ҳидоят намуда, онҳоро ба ваҳдату якдилӣ даъват кардааст.

Мирзо Абдулқодири Бедил, мардумро ба роҳи росту росткорӣ ва ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ даъват намуда, таъкид кардааст, ки ҳатто осмонро шамъи бисоташ ростию озодагонро мақсадаш ростӣ мебошад. Ба қавли шоир, ҳар як нафаре, ки дар давоми ҳаёташ ҳамеша ростқавлу росткор ва ҳақиқату ҳақиқатпараст буда, чӣ дар гуфтор ва чи дар рафтор доимӣ ҷонибдори ростиву ҳақиқат аст, дар зиндагӣ ӯ соҳиби ҳурмату эҳтиром гашта, ҳамеша ва дар ҳама ҷо дастболост.

Аз қиёси андешаҳои Абдулқодири Бедил бо ақидаҳои мутафаккирони бузурги пешиниён ва пасиниёни халқи тоҷик маълум мегардад, ки масъалаи ростиву росткорӣ ва ҳақиқату ҳақиқатпарвариро на фақат Мирзо Бедил дар осори хеш мавриди баррасӣ қарор додааст, балки мавзуи мазкурро

мутафаккирони бузурги гузаштагон, ҳамзамонон ва пасояндагони мардуми тоҷик дар осори худ ба риштаи таҳлилу таҳқиқ кашидаанд. Аммо Мирзо Бедил масъалаи мазкурро дар эҷодиёти худ ба таври хосса ва аз диди давру замон мавриди таҳлил қарор дода, роҳу равиш ва тарзу усули ҳалли мавзуро ҷустуҷу кардааст.

Ҳамин тавр, таҳлил, таҳқиқ ва озмоишҳои гузаронида оида ба эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил, дар шароити рушди ҷомеаи муосир тақозои онро мекунад, ки кулли низоми таълиму тарбия бояд роҳу равиш, тарзу усул ва воситаҳои нави ба воя расонидани инсонеро ҷустуҷӯ намояд, ки ӯ бо хислатҳои ахлоқии худ, аз ҷумла инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, ифтихори миллӣ, зебоипарастӣ, ростию росткорӣ, ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ, худшиносию худогоҳӣ ва дигар сифатҳои ахлоқи волои инсониаш намунаи фаъоли бозсозии ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангии ҷомеа бошад ва ба талаботи замон ҷавобгӯ буда, ҳамқадаму ҳамоҳанги ҷомеаи муосир бошад.

Хулласи калом, Мирзо Абдулқодири Бедил ҳамчун фарзанди хирадманду пешқадами давру замон, ба он кӯшиш кардааст, ки пайваста фазилатҳои ахлоқи неки инсониро дар эҷодиёти хеш мавриди таҳлил қарор дода, тарбияи сифатҳои ахлоқи ҳамидаи инсониро дар насли ҷавон таъкид кардааст.

## ХУЛОСА

**1. Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот:**

Омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи осори илмӣ, адабӣ ва педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ба мо имкон дод, ки хулосаи зеринро пешниҳод намоем:

1. Таҳлил ва таҳқиқи осори илмӣ, адабӣ ва педагогию психологии мутафаккирони бузурги гузаштаи халқи тоҷик дар ташаккул ва рушди фазилатҳои ахлоқи неки инсонӣ ва бою ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавии наслҳои ояндаи ҷомеа шароити мусоид ва имкониятҳои зарурири фароҳам овардаанд [4-М].

2. Дар нимаи дуюми асри XVII ва ибтидои асри XVIII дар Ҳиндустон вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ тезу тунд ва муташанниҷ гашта, халқи оддӣ дар зери зулму золимӣ ва қатлу ғорат қарор гирифта буд [7-М].

3. Дар бораи мутафаккирони Ҳиндустони тоисломӣ то замони мо маълумоти хеле кам омада расида бошад ҳам, аммо онҳо ба мушаххас ва дақиқ будани афкори худ, гуногунии ғояву андешаҳояшон моро дар ҳайрат мегузоранд. Зеро ҳамаи ин, дар ташаккул ва рушди афкори педагогӣ нақши назарраси худро боқи мондааст. Кишвари Ҳиндустон яке аз он давлатҳои муқаддами Шарқ ба ҳисоб меравад, ки маданият ва фарҳанги худро бо тамоюлҳои муосир нигоҳ доштааст [4-М], [7-М], [10-М].

4. Дини ислом ба рушди маънавиёт ва фарҳангу маданияти ҷомеаи Ҳиндустон таъсири хеле калон расонида, ба эҳёи ҷараёнҳои гуногун, аз ҷумла тасаввуфӣ мусоидат кардааст. Дар рушди фарҳанг ва маданият таъсири байниҳамдигарии ҳиндия ва ислом яке аз омилҳои асосӣ ба ҳисоб мерафт. Дар кӯшишҳои якҷоя кардан ва синтези маданияти ҳиндӣ-мусулмонӣ «Ибодатхона» ва «Мактабхона»-и мусулмонӣ нақши бениҳоят муҳим бозидаанд. Муассисаҳои номбурда, дар оштидиҳии пайравони динҳои ҳиндия ва ислом, дар рушди афкори ҷомеа, илму адабиёт ва фарҳангу маданияти халқҳое, ки дар ин кишвар умр ба сар мебурданд, мақом ва нақши бузург бозидаанд [3-М], [4-М], [10-М].

5. Муҳити илмӣ, адабӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ-ахлоқии нимаи дуюми асри XVII ва ибтидои асри XVIII дар Ҳиндустон, дар умум, ба ҳаёти халқи ин

кишвар таъсири калон расонида, ба ҳамаи монеаҳою нобасомониҳо нигоҳ накарда, барои ташаккул ва рушди илм, адаб, фарҳанг ва маънавиёту ахлоқи ҷомеа имконият ва шароитҳои мусоид фароҳам овардааст [4-М], [7-М], [8-М].

6. Вазъи илмӣ, адабӣ, фарҳангӣ ва маънавию ахлоқие, ки дар давраи нимаи дуюми асри XVII ва ибтидои асри XVIII дар ҳаёти Ҳиндустон ба вуқӯъ пайваста буд ба ҷаҳонбинӣ ва фикру андешаҳои Мирзо Бедил бетаъсир намонд. Дар ин давра, як қатор асарҳои илмию адабӣ ва ҳаммосии ҳиндӣ, ба монанди эпоси ҳиндии «Махабхарата» ба забони форсӣ ва баръакс асарҳои форсӣ ба забони ҳиндӣ тарҷума карда шуданд, ки дар тарбияи насли ҷавон аҳамияти бузург дошта, мардумро ба ваҳдат, якдигарфаҳмӣ ва ягонагӣ даъват мекард [4-М], [7-М], [8-М].

7. Абдулқодири Бедил дар таълимоти маънавӣ-ахлоқии худ ҳамон фазилатҳои ахлоқи неки инсониеро мавриди таҳлил қарор додааст, ки ба андешаи ӯ, маҳз ҳамин хислатҳои ахлоқӣ инсонро метавонад то ба дараҷаи камолот парвариш карда, ба воя расонад. Ба андешаи шоир, ҳар як инсон, дар навбати аввал, бояд моҳияти ахлоқи ҳамидаро ба хубӣ дарк карда, тибқи талаботи он муносибат, гуфтор ва рафтори худро дар зиндагии ҳаррӯзааш ба роҳ монад [1-М], [2-М], [3-М], [5-М], [6-М], [9-М], [10-М].

8. Бояд тазаккур дод, ки ба масъалаи аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил солиёни зиёд олимон ва адибони кишварҳои хориҷи дуру наздик, ба монанди мамлакатҳои Осиёи Миёна, Ғарб, Афғонистон, Ҳиндустон, Эрон ва ғайра таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Дар ин кишварҳо мактабҳо ва марказҳои махсуси «Бедилхонӣ», «Бедилшиносӣ» ва дигар доираҳои адабӣ, фалсафӣ ва фарҳангӣ фаъолият менамоянд [4-М], [7-М], [8-М].

9. Мирзо Абдулқодири Бедил дар эҷодиёти худ аз диди замона вазъияти тезутунд ва зиддиятҳои динию мазҳабиро дар муносибатҳои байни табақаҳои ҷомеаи Ҳиндустон мавриди таҳлил қарор дода, мардумро ба некиву накукорӣ ва эҳтироми мақому манзалати инсон даъват кардааст. Аҳамият ва зарурати андешаҳои маънавӣ-ахлоқии шоири бузург бевосита дар он аён мегардад, ки ба

хонанда роҳу равиш ва тарзу усули нисбат ба инсон некхоҳ будану ба қадру қимати ӯ расиданро муайян намояд [4-М], [7-М], [8-М].

10. Мирзо Абдулқодири Бедил фазилатҳои ахлоқи волои инсонӣ, ба монанди инсондӯстӣ, ватандорӣ, дӯстиву рафоқат, сидқу вафо, сабру таҳаммул, саховатмандиву ҳимматбаландӣ, ваҳдату якдилӣ ва ғайраро дар асарҳои худ мавриди баррасӣ қарор дода, ин сифатҳоро гарави пойдорӣ, сулҳу оромии ҷомеа, яке аз омилҳои бақоияти насли инсон ва умдатарин меъёрҳои одаму одамият ҳисобидааст [5-М], [9-М].

11. Абдулқодири Бедил фикру зикр, гуфтору рафтор ва муносибати ростиву росткорӣ ва ҳақиқатҷӯию ҳақиқатпарастиро аз ҳама дигар корҳои дар зиндагии инсон буда, боло ва муҳим донистааст. Ӯ роҳҳо ва тарзу усули ба ростиву росткорӣ ва ҳақиқатҷӯию ҳақиқатпарастиро таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки ҳар як нафар дар давоми зиндагӣ ростиву ҳақиқатро ба таври худ мефаҳмаду меҷӯяд ва ба роҳу равиш ва тарзу усули ба худ хос ба он наздик мешавад. Бинобар ин, ӯ ба ҳар як шахс тавсия медиҳад, ки ростиву ҳақиқатро аз лиҳози ақлу хирад, фаҳму фаросат ва илму дониши худ бояд ҷустуҷӯ намояд [3-М], [6-М].

12. Дар шароити рушди ҷомеаи муосир, хусусан дар раванди ҷаҳонишавии соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ-ахлоқӣ, ҷомеаи башарӣ ба монеаҳое рӯ ба рӯ гаштааст, ки андешаҳои педагогии мутафаккирони бузурги гузаштаи халқи тоҷик, аз ҷумла Мирзо Абдулқодири Бедил, метавонад дар тарбияи насли наврас ва умуман бою ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавӣ, ташаккул ва рушди фазилатҳои ахлоқи неки халқҳои гуногуни кишварҳои Шарқ ҳамчун махзани панду ахлоқ ва сарчашмаи илму маърифат хидмат намояд [1-М], [2-М], [10-М].

13. Ҷамъбасти натиҷаҳои ҷавобҳои хонандагони синфҳои болои (синфҳои X-XI) ба саволҳои дар саволнома пешниҳодшуда аз он шаҳодат медиҳад, ки хонандагон дар андеша, фикр, таҳлил ва тафаккур кардани масъала дар шакли пурра мустақил нестанд. Бинобар ин, ин ҳолат аз омӯзгорони муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи умумӣ тақозои онро дорад, ки ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ ва бештар диҳанд [8-М], [9-М].

14. Аз таҳлилҳо ва озмоишҳои гузаронидашуда чунин бармеояд, ки дар шароити ҷомеаи муосир нисбати масъалаи таълиму тарбияи насли ҷавон, аз ҷумла тарбияи маънавӣ-ахлоқии онҳо зимни омӯзиши аҳвол ва осори мутафаккирони бузурги гузаштаи тоҷику форс ба таври зарурӣ дар амал татбиқ намудани он таваҷҷуҳ зоҳир карда нашуда истодааст. Аз ин рӯ, ба омӯзгорон роҳбарони синф, падару модарон ва аҳли ҷомеа лозим аст, ки тамоми кӯшишу ғайрати худро баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбияи хонандагон, бавижа ташаккул ва рушди фазилатҳои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва бою ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавии онҳо равона созанд [1-М], [3-М], [5-М], [9-М].

15. Чи тавре аз озмоиш аён мегардад, агар омӯзгорон ва роҳбарони синфи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ машғулиятҳои таълимӣ ва чорабиниҳои тарбиявиро дар сатҳи баланд ташкил карда гузарониданд, бо итминони комил гуфтан мумкин аст, ки раванди таълиму тарбия аз ҷумла тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болои сифатан ранги дигар гирифта, ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ мешавад [2-М], [8-М], [10-М].

**2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

Бо мақсади беҳтар намудани сифати раванди тарбияи насли наврас амалӣ намудани тавсияҳои зеринро муҳим мешуморем:

1. Бо мақсади тарғибу ташвиқ намудани аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил филми бадеӣ ва ҳуҷҷати ба навор гирифта шавад [4-М], [7-М].

2. Дар фанни «Педагогика», қисматҳои «Назария ва мундариҷаи тарбия», «Методикаи корҳои тарбиявӣ дар мактаб» масъалаи омӯзиши осори Мирзо Абдулқодири Бедилро, вобаста ба мавзӯи тарбияи ахлоқӣ-маънавии хонандагон ҷой додан ба манфиати кор мебошад [1-М], [2-М], [3-М], [4-М], [6-М], [8-М], [9-М], [10-М].

3. Дар донишгоҳҳо, донишкадаҳо, коллеҷҳои омӯзгорӣ, донишкадаҳои такмили ихтисос оид ба афкори тарбиявӣ, ба вежа оид ба тарбияи ахлоқӣ-маънавӣ аз нигоҳи Мирзо Абдулқодири Бедил ташкил карда гузаронидани курсҳо ва семинарҳои махсус ба мақсад хеле мувофиқ мебуд [4-М], [7-М].

4. Барои баланд бардоштани сифати соатҳои тарбиявӣ ва дигар чорабиниҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба андешаҳои тарбиявии Мирзо Абдулқодири Бедил дастурҳои методӣ тартиб дода, нисбат ба мазмуни ҳар як соати тарбиявӣ ва чорабиниҳо коркард кардан ба пешравии кори тарбиявӣ мусоидат мекунанд [9-М], [10-М].

5. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷҳои омӯзгорӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ташкил карда гузаронидани семинарҳо, мизҳои мудаввар, шабнишиниҳо, маҳфилҳо, конференсияи илмӣ-назариявӣ, хонишҳои педагогӣ ва ғайра оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил дар амалӣ намудани мақсаду вазифаҳои раванди тарбияи насли наврас ва баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии онҳо мусоидат менамуд [1-М], [2-М], [3-М].

6. Айни мудао ва қобили қабул мебуд, агар дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ихтисосҳои филологияи тоҷик, шарқшиносӣ, рӯзноманигори дошта марказҳо ё маҳфилҳои «Бедилшиносӣ», «Бедилхонӣ» ташкил карда мешуданд [9-М], [10-М].

7. Бамаврид ва қобили қабули мардум мебуд, агар кӯчаҳо, муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ ва ғайраҳо бо номи мутафаккири бузурги халқи форсу тоҷик Мирзо Абдулқодири Бедил номгузорӣ карда мешуд [4-М], [7-М].

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Абдулқодири Бедил. Осор: иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷ.1. - Ғазалиёт, Душанбе: «Адиб», 1989. - 704 с.

2. Абдулқодири Бедил. Осор: иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷ.2. - Ғазалиёт, Душанбе: «Адиб», 1990. - 352 с.

3. Абдулқодири Бедил. Осор: иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷ.3. - Ғазалиёт, Душанбе: «Адиб», 1991. - 432 с.

4. Абдулқодири Бедил. Осор: иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷ.4. - Душанбе: «Адиб», 2004. - 438 с.

5. Абдулқодири Бедил. Осор: иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷ.5. Маснавиҳо. - Душанбе: «Адиб», 1993. - 672 с.

6. Абдулқодири Бедил. Осор: иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷ.6. Маснавиҳо. - Душанбе: «Адиб», 2005. - 1052 с.

7. Абдулқодири Бедил. Осор: иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷ.7. Девони рубоиёт. - Душанбе: «Адиб», 2007. - 848 с.

8. Абдулқодири Бедил. Осор: иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷ.8. - Душанбе: «Адиб», 2016. - 480 с.

9. Абдулқодири Бедил. Рубоиёт. - Сталинобод, 1961. - 348 с.

10. Абдулқодири Бедил. Таҳияи Раҳим Бобобек. - Душанбе: «Фуруғи дониш», 2002.

11. Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. / А. Ҷомӣ. - Душанбе, 1997.

12. Абдураҳимов, Қ.С. Ақидаҳои ахлоқӣ дар осори Шоҳи Ҳамадон. / Қ.С. Абдураҳимов. - Қӯрғонтеппа, 1996. - 126 с.

13. Абдураҳимов, Қ.С. Афкори педагогии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. / Қ.С. Абдураҳимов. - Душанбе: Ирфон, 2003. - 265 с.

14. Абдураҳимов, Қ.С. Афкори педагогии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: Автореф. дис. докт. пед. наук. / Қ.С. Абдураҳимов. - Душанбе, 2006. - 42 с.

15. Абдураҳимов, Қ.С., Сидиқова, З.Қ. Ахлоқи Хусравӣ. / Қ.С Абдураҳимов, З.Қ. Сидиқова. - Душанбе, 2014. - 152 с.

16. Абӣ Ҳамид Муҳаммад Ғаззолӣ. Кимиёи Саодат. Нусхаи китобхонаи Фирдавсӣ. - 865.

17. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Султони шоирон. - Душанбе, 2007. - 220 с.

18. Абӯалӣ ибни Сино. Пирӯзинома. - Душанбе: Маориф, 1980. - 102 с.

19. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. - Москва, 1926. - 626 с.

20. Айнӣ С. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ». - Душанбе: Ирфон, 1985. - 325 с.

21. Айнӣ С. Куллиёт.Ҷилди 6. - Душанбе: Нашр. дав. тоҷик, 1962. - 414 с.

22. Айнӣ С. Мирзо Абдулқодири Бедил. Сталинобод: Нашр. Давлат. Тоҷикистон, 1954. - 335 с.

23. Айнӣ Х.С. Бедил ва достони ӯ «Ирфон» (ба забони русӣ). - Сталинобод, 1940.

24. Афзалов, Х., Раҳимов, Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. / Х. Афзалов, Б. Раҳимов. - Душанбе: Маориф, 1994. - 190 с.

25. Алаев Л.Б. Темп и ритм индийской цивилизации // Цивилизация. - М., 1992. – С. 23

26. Алимардонов А. «Ибодат-хона» и «Мактаб-хона» и их роль во взаимодействии и синтезе культур народов индийского субконтинента (вторая половина XVI и начало XVII в.) // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Серия востоковедение, история, филология. - №4., 1992 г. – С. 12.

27. Алии Муҷтабавӣ. Ахлоқ - беҳтарин роҳи зистан. (Тағйиру иловаҳо ва баргардони Абдураҳимов Қ.С., Ватанов Ш.). - Қӯрғонтеппа, 2014. - 170 с.

28. Ашрафӣ, М.М. Персидско-таджикская поэзия в миниатюрах XIV-XVII вв. / М.М. Ашрафӣ - Душанбе: Дониш, 1978. - 185 с.

29. Ашурова Б. Формирование общечеловеческих ценностей учащихся общеобразовательных школ: дис. канд. пед. наукн: 13.00.01/Б. Ашуров. – Душанбе, 2006. – 147 с.

30. Бадриддин Ҳилолӣ. Куллиёт. - Сталинобод, 1958.

31. Бедил А. Чаҳор унсур. -292 с.

32. Бертельс А.Е. История персидско-таджикской литературы. / А.Е. Бертельс - М.: Изд. Вост. Лит., 1960. - 556 с.

33. Бертельс А.Е. История литературы и культуры Ирана. / А.Е. Бертельс - М.: Наука, 1988. - 558 с.

34. Богоутддинов А.М. Очерки по истории таджикской философии. / Богоутддинов А.М. - Сталинобад: Таджикгосиздат, 1961. - 332 с.

35. Богоутддинов А.М. Избранные произведения. / А.М. Богоутдинов - Душанбе: Дониш, 1980. - 415 с.

36. Брагинский И.С. Очерки из истории таджикской литературы. / И.С. Бригинский- Сталинобод: Таджикгосиздат, 1961. - 332 ср.

37. Брагинский И.С. Из истории персидской и таджикской литературы. / И.С. Брагинский - Москва: Наука, 1972. - 524 с.

38. Буйдақов Х. Асосҳои дидактика. / Х. Буйдақов - Душанбе, 1995. -180 с.

39. Ваниева С.Г. Система нравственно-эстетического воспитания учащиейся молодёжи /С.Г. Ваниева. – Владикавказ: Изд-во СОГУ, 2001. – 133с.

40. Восифӣ З.М. Ҳикоёти латиф аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ». / З.М. Восифӣ - Душанбе: Маориф, 1967. - 90 с.

41. Восифӣ З.М. Удивительные события. / З.М. Восифӣ - Душанбе: Ирфон, 1984. - 160 с.

42. Выготский Л.С. Психолоия искусства / Л.С. Выготский. 3-е изд.-М.: Искусство, 1986. – 514 с.

43. Гершунский Б.С. Философия образования для XXI века (в поисках практической ориентации образовательной конпетенции) // Рос. академия образования; Институт теории образования и педагогики. / Б.С. Гершунский - М.: ИнтерДиалект, 1997. - 697 с.

44. Григорян С.Н. Сренедневековая философия народов Ближнего и Среднего Востока. / Григорян С.Н. - М.: Наука, 1966. - 352 с.

45. Гулшани адаб. Намунаи назми тоҷик. Асри XVI-XVII. Ҷилди IV. - Душанбе: Ирфон, 1977. - 383 с.

46. Гулмадов Ф. Теоретические основы формирования духовно-нравственных убеждений учащихся начальных классов: автореф. дис….д-ра пед. наук: 13.00.01 / Гулмадов Ф. – Душанбе, 2016. – 45 с.

47. Гуманизация и демократизация учебно-воспитательного процесса. – Омск, 1990. – 179 с.

48. Даврон Шеров. Тарбияи меҳнатии мактаббачагон. / Ш. Даврон - Душанбе: Маориф, 1988. - 20 с.

49. Додихудоев Х. Философия крестьянского бунта. / Х. Додихудоев - Душанбе: Ирфон, 1987. - 428 с.

50. Ғафуров Б. Тоҷикон, таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Ҷ. 1, 2. / Б. Ғафуров - Душанбе: Ирфон, 1998, 1120 с.

51. Иванов П.П. Очерки по истории Средней Азии (XVI и второй половине XIX вв.). / П.П. Иванов - Москва, 1958. - 265 с.

52. Ислам. Энцикл. словарь. - М.: Наука, 1991. 321 с.

53. Кадыров К.Б., Халимов А. Педагогические и гуманистические идеи Фирдавси. / К.Б. Кадыров, А. Халимов - Куляб, 1991.

54. Кадыров К.Б. История педагогической мысли таджикского народа. С древности до возникновения ислама. / К.Б. Кадыров - Душанбе: Ирфон, 1988. - 230 с.

55. Кадыров С. Труд - основа гражданского воспитания молодёжи. / С. Кадыров - Душанбе: Сино, 1995. - 165 с.

56. Каримова И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикской школы: дис. … д-ра пед. наук: 13.00.01 / Каримова И.Х. – Душанбе, 2000. – 332 с.

57. Кирабаев Н.С. Социальная философия мусульманского Востока. / Н.С. Кирабаев - М., Изд-во Ун-та дружбы народов, 1987. - 173 с.

58. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Паёми Сомониён, 2003. - 85 с.

59. Консепсияи мактаби миллии тоҷик. - Душанбе, 1995. - 31 с.

60. Консепсияи миллии тарбияи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2006. - 24 с.

61. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». -Душанбе, 2013.-35с.

62. Коран. Перевод с арабского И.Ю. Крачковского. - М., Изд-во Раритет, 1990. - 528 с.

63. Кошифӣ Ҳусайн Воиз. Футтуватномаи султонӣ. Ахлоқи муҳсинӣ. Рисолаи ҳотамия. / Кошифӣ Ҳ.С. - Душанбе: Адиб, 1991. - 320 с.

64. Культура мира, права человека, толерантность и миролюбие. – М.: Изд-во АПК и ПРО, 2002. – 186 с.

65. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи аҷам. / М. Лутфуллоев - Душанбе, 1997. - 148 с.

66. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогика ва мактаби миллӣ. / М. Лутфуллоев - Душанбе, 1991. - 168 с.

67. Лутфуллоев М. Тоҷикистон - Ватанам, ифтихорам. / М. Лутфуллоев - Душанбе, 1999. - 174 с.

68. Лутфуллоев М. Шарафномаи миллат. / М. Лутфуллоев - Душанбе, 2003. - 140 с.

69. Лутфуллоев М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин. / М. Лутфуллоев - Душанбе, 2006. - 227 с.

70. Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика. -Душанбе: Маориф, 1988.-304с.

71. Мазмуни тарбияи ҷавонон. - Душанбе: Ирфон. 2000. - 40 с.

72. Маджидова Б. Народные традиции и обыча и как средство формирования нравственных качеств детей в семье: дис … д-ра пед. наук: 13.00.01 / Маджидова Б. – Душанбе, 2004. – 298 с.

73. Марьенко И.С. Основы процесса нравственного воспитания школьников: учеб. пособие для студентов пед. ин-тов / И.С. Маренько. – М.: Просвещение, 1980. – 183 с.

74. Маҷалаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Хорпуштак. №11 (1059) 2020. -С.2.

75. Мирзо Абдулқодири Бедил. Куллиёт. Кобул, 1342. Ҷ. 3.

76. Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. / А. Мирзоев - Нашриёти Давлатии Тоҷикистон: Сталинобод, 1977. – 198 с.

77. Мирзоев А. Муҳимтарин сарчашмаи таърихи адабиёти асри XVII/ А. Мирзоев // Шарқи Сурх. - 1940, №5. - с. 21-40.

78. Мирзоев А. Замони Сайидо. / А. Мирзоев // Шарқи Сурх. - 1946. - №4-5. - С.19-29.

79. Мирзоев А. Сайидо и его место в истории таджикской литературы. А. Мирзоев - Сталинобод: Таджгосиздат, 1954. - 207 с.

80. Мирзоев А. Из истории литературных связей Мовароуннахра и Индии во второй полавине XV начале XVII вв. / А. Мирзоев - Москва, 1963.

81. Насиҳатномаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Мураттиб Ҳ. Асозода. - Кӯлоб, 1993. - 160 с.

82. Неру Джавахарлал. Открытие Индии. Книга первая. М., 1989. С. - 384

83. Неру Джавахарлал. Открытие Индии. Философские и эстетические воззрение в Индии XX века. М., 1987.

84. Носири Хусрав. Девони ашъор бо инзомами маснавиҳои «Рушноинома» ва «Саодатнома» (Бо сарсухани Насруллоҳи Тақвӣ). - Гелон, 1961. - 694 с.

85. Низомии Ганҷавӣ. Куллиёт. - Душанбе: Ирфон, 1982. - 368 с.

86. Нуров Н. Аз Бедил то имрӯз [матн] / Н. Нуров. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2023. – 368 с.

87. Нуриддинов Ғ. Саъдӣ дар бораи ташаккулёбии шахсияти инсон ва тараққиёти ҳаматарафаи он. / Ғ. Нуриддинов // Мактаби советӣ. - 1974. - №1. - с. 34-37.

88. Нуриддинов Ғ. Ақидаҳои педагогии Саъдии Шерозӣ. / Ғ. Нуриддинов - Душанбе, 1974. - 53 с.

89. Нуриддинов Г. Проблемы воспитания и обучения в творчестве Саъди и его современников. Автореф. дисс. на соиск. учен. степ. канд. пед. наук. / Нуриддинов Г. - Душанбе, 1981. - 19 с.В нагзаг.: Душанбинс. госпедин-т. им. Г.Г. Шевченко.

90. Нуров А. Национальные и общечеловеческие ценности и их роль в нравственном воспитании подрастающего поколения / А. Нуров. – Душанбе, 2004. – 230 с.

91. Олимов К. Хоросанский суфизм. Душанбе., 1994.

92. Орифӣ М. Баъзе масъалаҳои тарбия дар эҷодиёти А. Рӯдакӣ. / М. Орифӣ // Мактаби советӣ. 1956. - №9. с. - 30-36.

93. Орифӣ М. Баъзе идеяҳои тарбия дар эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик. / М. Орифӣ // Мактаби советӣ. - 1957. - №10. - с. 41-48.

94. Орифӣ М. Конспекти мухтасар аз курси таърихи педагогика. / М. Орифӣ - Сталинобод, 1950. - 30 с.

95. Орифӣ М. Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик. / М. Орифӣ - Душанбе: Нашр. дав. тоҷик, адабиёти таълимӣ педагогии Тоҷикистон, 1962. - 143 с.

96. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, 20 январи соли 2016. - 39 с.

97. Паҳлавонов А. Афкори педагогии халқи тоҷик дар асрҳои XVI ва XVII. / А. Паҳлавонов - Душанбе: Дониш, 1994. - 241 с.

98. Паҳлавонов А. Баъзе ақидаҳои педагогии Сайидои Насафӣ. / А. Паҳлавонов. Тезисҳои баромад ва маърӯзаҳои конфронсҳои илмӣ-назариявии устодон ва донишҷӯён. - Кӯлоб. 1992. - 128 с.

99. Панҷсад ҳадис. Ҳадисҳои пайғамбар Муҳаммад. (Мураттиб Рустам Ваҳҳоб). - Душанбе, 1991. - 60 с.

100. Петрякова Т.И. Гуманистические ценности образования в процессе духовно-нравственного воспитания подростков автореф. …дис…. д-ра пед. наук: 13.00.01 / Т.И. Петракова– М.: 1992. – 27 с.

101. Пудинаев А. Нравственное воспитание молодёжи / А. Пудинаев. – Душанбе, 1996. – 60 с.(на тадж. яз).

102. Пудинаев А. Формирование нравственных качеств личности у студентской молодёжи: (Средствами таджикской художественной литературы): дис. … канд. пед. наук: 13.00.01 / Пудинов Азам – Душанбе, 1992. – 168 с.

103. Пулодов Т. Прошлое и будущее народного образования в Таджикистане. / Т. Пулодов - Сталинобод, 196. - 84 с.

104. Раджабов М.Г. Формирование нравственных качеств личности и в Шахнаме Фирдоуси: автореф. дис. … канд. пед. наук. 13.00.01 / Раджабов Махмадулло Гурезович. – Душанбе, 2004. – 25 с.

105. Радхакришнан С. Индийская философия. Москва, 1956

106. Рахмонов Э.Ш. Республика Таджикистан на пороге XXI века / Э.Ш. Рахмонов. – Душанбе, 2001. – 62 с.

107. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикистон: чор соли истиқлолият ва худшиносӣ. Душанбе: «Ирфон», 1995. - 105 с.

108. Рахимов А.З. Роль нравственного воспитания в формировании личности / А.З. Рахимов // Классный руководитель. – 2001.-№6. – с. 14-18

109. Раҳими Бобобек. Азизмуродзода, Шарҳи шаст ғазали Бедил. – Душанбе, 2004.

110. Раҳимов Б. Нуров А. Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик. / А. Нуров, Б. Раҳим - Душанбе: Шарқи озод, 2008. - 295 с.

111. Рипка Я., Клима О., Бечка И. История персидской и таджикской литературы. Я. Рипка, О. Клима - М.: Прогресс, 1970. - 440 с.

112. Рувинский Л.И. Психолого-педагогические проблемы нравственного воспитания школьников. Л.И. Рувинский - М.: Педагогика, 1981. - 128 с.

113. «Садои мардум». Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 апрели 2020. - №499. - с. 3.

114. Сайидои Насафӣ. Асарҳои мунтахаб. - Душанбе: Ирфон. 1977, - 707 с.

115. Саъдиев С. Адабиёти тоҷик дар асри XVII. / С. Саъдиев - Душанбе, 1985, 268 с.

116. «Садои мардум». 4 июни соли 2020 №66 (4172), с. 3.

117. Сайфиев Н. Таърихи адабиёти тоҷик. (асри XVI-XIX ва ибтидои асри XX). –Н. Сайфиев. Душанбе: Бухоро, 2012. - 660 с.

118. Содиқов А. Моральные идеи мыслителей Востока. / А. Содиқов - Душанбе, 1982. - 144 с.

119. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Душанбе. - 2010, с. 10-12.

120. Сухомлинский А.В. Избранные педагогические сочинения. / А.В. Сухомлинский - Душанбе: Маориф, 1980. В 3-х томах. Т. 2. - 425 с.

121. Таъкидҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов дар бораи мактабу маориф. / Э.Ш. Раҳмонов - Душанбе, 2005. - 105 с.

122. Таърихи педагогика. (коллектив). - Душанбе: Маориф, 1982. - 502 с.

123. Темур Атахонов, Маҳмадулло Лутфуллоев, Файзулло Шарифов. Очеркҳои афкори педагогӣ. / Темур Атахонов, Маҳмадулло Лутфуллоев, Файзулло Шарифов - Душанбе, 2005. - 225 с.

124. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. - Душанбе: Адиб, 1990. - 155 с.

125. Ушинский К.Д. Педагогические сочинения. В шести томах. / К.Д. Ушинский - М.: Педагогика, 1990.

126. Ушинский К.Д. О нравственном элементе в руском воспитании: избр. пед. произведения / К.Д. Ушинский. – М.: Просвещение, 1968. – 247 с.

127. Ушинский К.Д. Человек как предмет воспитания опыт педагогической антропологии / К.Д. Ушинский. – М.: ФАИР. – Пресс, 2004. – 576 с.

128. Убайди Зоконӣ. Осори мунтахаб. - Душанбе: Нашр. давлатии Тоҷикистон, 1963. - 275 с.

129. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷилди 1. - Москва: Советская энциклопедия, 1969. - 961 с.

130. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷилди 2. - Москва: Советская энциклопедия, 1969. - 947 с.

131. Фельдштейн Д.И. Развитие толерантности как личностного качества ростущего человека / Д.И. Фельдштейн. Отношение толерантности в современном обществе. – М., 1995. – 332 с.

132. Ҳилоли Б. Осори мунтахаб. - / Б. Ҳилоли. Сталинобод: Нашр. дав. тоҷик, 1958. - 367 с.

133. Ҳусейнзода Ш. Дар бораи баъзе лаҳзаҳои асосии таърихи халқи тоҷик / Ш. Ҳусейнзода // Шарқи Сурх. – 1946. - №3. – С. 30-37.

134. Хрестоматияи адабиёт барои синфи IX мактабҳои миёна. - Сталинобод: Нашр. дав. тоҷик, 1951. - 418 с.

135. Хрестоматияи адабиёт барои синфи IX. - Душанбе: Маориф, 1985. - 335 с.

136. Хамидов Р.А. Развитие народного образования в Таджикистане. / Р.А. Хамидов - Душанбе, 1957. - 184 с.

137. Халилов А., Николаев И. Айни-педагог. / А. Халилов, И. Николаев. - Душанбе, 1974. - 118 с.

138. Хисрав Н. Гулчине аз девони ашъор. / Н. Хисрав. - Сталинобод: Нашр. дав. тоҷик, 1957. - 179 с.

139. Шишкин А.Ф. Социализм и моральные ценности человечества. / А.Ф. Шишкин. Вопросы философии, 1967. - №10. с. 54-75.

140. Штольц Х., Рудольф Р. Как воспитывать нравственное воспитание: Книга для учителя. (Перевод с немецкого). - М., 1986 г.

141. Шохумаров А. Концепция познания Носира Хусрава: Автореф. дисс. канд. филос. наук. / А. Шохумаров. - Душанбе, 1990. - 19 с.

142. Шукуров М.Р. Мактаби миллӣ ва инсонӣ шудани таълим / М.Р. Шукуров // Омӯзгор, 1993. - 14 март.

143. Шукуров М.Р. Мактаби одамият. / М.Р. Шукуров - Душанбе: Адиб, 1991. - 225 с.

144. Эмомалӣ Раҳмон.Чеҳраҳои мондагор.-Душанбе: ЭР-граф, 2016. -364с.

145. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих (Аз Ориён то Сомониён) - Душанбе: «ЭР-граф», 2016.-704 с.

# МУҲТАВОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТИ ДИССЕРТАТСИОНӢ ДАР ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ЗЕРИНИ ДОВТАЛАБ – ХОЛБОЙЗОДА Ф.Х. ИНЪИКОСИ ХУДРО ЁФТААНД


[1-М]. **Қурбонов Ф.Х.** Мавзуи тарбияи зебоӣ ва зебоипарастии инсон дар осори Мирзо Абдулқодири Бедил / Ф.Х. Қурбонов, Қ.С. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. - Қӯрғонтеппа, 2017. - №1/3 (47). - С. 98-102. (ISSN:2663-5534)

[2-М]. **Қурбонов Ф.Х.** Масъалаи тарбияи меҳнатӣ ва омӯзиши касбу ҳунар дар осори Мирзо Абдулқодири Бедил / Ф.Х. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. - Бохтар, 2018. - №1/1 (51). - С. 119-124. (ISSN:2663-5534)

[3-М]. **Қурбонов Ф.Х.** Масъалаи некиву накӯкорӣ, саховатмандиву ҳимматбаландӣ ва хоксориву фурӯтанӣ дар осори Мирзо Абдулқодири Бедил / Ф.Х. Қурбонов, Қ.С. Абдураҳимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. - Бохтар, 2019. - №1/2 (62). - С. 60-69. (ISSN:2663-5534)

[4-М]. **Қурбонов Ф.Х.** Масъалаи омӯзиши аҳвол, осор ва андешаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил дар асарҳои илмӣ ва таърихӣ / Ф.Х. Қурбонов, Қ.С. Абдураҳимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. - Бохтар, 2020. - №1/1 (71). - С. 79-84. (ISSN:2663-5534)

[5-М]. **Қурбонов Ф.Х.** Масъалаи адабу ахлоқ, саховатмандиву ҳимматбаландӣ ва хоксориву фурӯтанӣ дар осори Мирзо Абдулқодири Бедил / Ф.Х. Қурбонов, М. Лутфуллозода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. - Бохтар, 2020. - №1/2 (74). - С. 50-58. (ISSN:2663-5534)

[6-М]. **Қурбонов Ф.Х.** Масъалаи ростиву росткорӣ ва ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ аз нигоҳи Мирзо Абдулқодири Бедил / Қ.С. Абдураҳимзода,

Ф.Х. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Бохтар, 2020. - №1/3 (77). - С. 59-64. (ISSN:2663-5534)

[7-М]. **Қурбонов Ф.Х.** Муҳити илмӣ фарҳангӣ  ва маънавӣ ахлоқии замони Мирзо Абдулқодири Бедил  ва таъсири  он  ба ҷаҳонбинӣ  ва афкори педагогии мутафаккир / Ф.Х. Қурбонов, Қ.С. Абдураҳимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. - Бохтар, 2020. - №1/4. - С. 79-86. (ISSN:2663-5534)

[8-М]. **Қурбонов Ф.Х.** Масъалаҳои педагогию иҷтимоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил / Ф.Х. Қурбонов, Қ.С. Абдураҳимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. - Бохтар, 2021. - №1/2 (86). - С. 48-51(ISSN:2663-5534).

[9-М]. **Қурбонов Ф.Х.** Мирзо Абдулқодири Бедил дар боби дӯстиву рафоқат, сидқу вафо, сабру таҳаммул ва ваҳдату якдилӣ / М. Лутфуллозода Ф.Х. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои педагогӣ. Душанбе 2022. №3. С 289-294. (ISSN: 2474-6847)

[10-М]. **Қурбонов Ф.Х.** Абдулқодири Бедил ва Ҳиндустони асри XVII ва XVIII / Ф.Х. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ, Бохтар, 2023. - №1/3, қисми 2 (113). - С. 89-92. (ISSN:2663-5534).

**б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:**

[11-М] **Қурбонов Ф.Х.** Мирзо Абдулқодири Бедил дар боби мақому манзалати инсон ва фазилатҳои некиву накукории он / Ф.Х. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Силсилаи илмҳои педагогӣ. Душанбе- 2021.№3-4 (7-8).-С 66-74.

[12-М] Қурбонов, Ф.Х. Масъалаи тарбияи ахлоқии инсон адр асарҳои манзуми Мирзо Абдулқодири Бедил [Матн]/ Ф.Х. Қурбонов, Қ.С. Абдураҳимзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ *дар мавзуи* «Рушду таҳаввули

жанри қасида дар адабиёти форсу тоҷик» бахшида ба бузургдошти ҳаким Носири Хусрав ва 80-солагии доктори илмҳои филологӣ, профессор Икромов Искандар (Бохтар, 21-уми декабри соли 2023) – Бохтар, 2023. – С. 341-345/

[13-М] Қурбонов, Ф.Х. Проблема воспитания человечества и человечности в творчестве Мирзо Абдулкадыра Бедила [Текст] / Ф.Х. Қурбонов, Материалы международной научно-практической конференции «Актуальные проблемы современного образования» (Часть 2). - Душанбе, 2022. - С. 87.